**Солеҳмуҳаммади Регистонӣ**

# МАСЪУД ВА ОЗОДӢ

*(Нашри дувум)*



Душанбе
«Адиб»
2012

ББК 84 Тоҷик 7-4
Р-43

**Нашри дувуми кириллӣ бо тасҳеҳ ва кӯшиши
Дорои Дӯст ва Фарҳоди Карим.**

Муҳаррир *М.Хоҷаев*

Р-43 **Солеҳмуҳаммади Регистонӣ. Масъуд ва озодӣ.**
Ёддошт аз зиндагию набарди Аҳмадшоҳи Масъуд.
– Душанбе, «Адиб», 2012, 216 саҳ. матн, 32 саҳ. акс.

Китоби «Масъуд ва озодӣ» достони зиндагии сипаҳсолори бузург Аҳмадшоҳи Масъудро – ҳамтабори номвари моро ҳикоят мекунад, достони марде, ки дар ӯ шуҷоати аъло ва хиради амалӣ сахт омезиш ёфта буд.

Аҳмадшоҳи Масъуд дар набард бо лашкари сурху лашкари сиёҳ шӯҳрати ҷаҳонӣ касб кард ва рамзи озодӣ гардид.

Ӯ ба дурустии роҳе, ки баргузида буд, бовар дошт ва савганд хӯрда буд, ки агар дар корзор як тан ҳам бимонад, хоҳад размид.

Аҳмадшоҳи Масъуд бештар аз сӣ соли умри азизи худро барои ормонҳои баланд сарф кард ва ранҷи ҳастигудози як миллатро ба танҳоӣ ва бе ҳеҷ дудилӣ ё пушаймонӣ кашид. Ӯ ба такрор мегуфт: «Ҳама кас зиндагӣ мекунад. Муҳим ин аст, ки чӣ гуна зиндагӣ мекунӣ!»

Корномаи Аҳмадшоҳи Масъуд бузургтарин дарсномаи озодагони ҳамаи рӯзгорон аст.

ISBN 978-99947-2-188-7

© Солеҳмуҳаммади Регистонӣ, 2012

## ТАСВИРИ БУЗУРГ ДАР ОЙИНАҲОИ КӮЧАК
## (Муқаддима барои чопи дувуми кириллӣ)

Аҳмадшоҳи Масъуд тасвири бузургест, ки дар оинаҳои кӯчак намегунҷад. Китобе, ки дар даст доред, ба монанди ойинаи кӯчакест, ки наметавонад тамоми гӯшаҳои шахсияти он марди бузург ва озодихоҳро муаррифӣ кунад.

Барои шинохт ва дарки Аҳмадшоҳи Масъуд ба умқи таърихи муосири Афғонистон бояд рафт. Он ҷо ки истибдоди хонаводагӣ ва қавмӣ дар паси шиорҳои мардумфиреб пинҳон шуда буданд; он ҷо ки зулм ҳар рӯз бар рӯйи адолат силӣ мезад; он ҷо ки ҳар таҷовузе бо номи кӯмак ба мардуми Афғонистон сурат мегирифт, Аҳмадшоҳи Масъуд аксуламале буд дар баробари таҷовуз ва ситамгарӣ. Ӯ ниёзи таърихи мо буд, аммо дар замоне ба шаҳодат расид, ки таърихи мо бештар аз ҳар вақте ба ӯ ниёз дошт.

Ӯ дар нӯҳуми сентябри соли 2001, яъне ду рӯз қабл аз ҳодисаи ёздаҳуми сентябр дар Ню-Йорки Амрико, ба воситаи ду террористи арабтабор, ки худро дар либоси хабарнигор ҷо зада буданд, ба шаҳодат расид.

Ҳангоми навиштани ин муқаддима даҳ сол аз ҳузури низомии Амрико ва НАТО дар Афғонистон мегузарад, аммо онҳо бо яксаду шаст ҳазор нерӯйи низомӣ танҳо тавонистаанд Бин Лодинро бикушанд ва ҳол бидуни ин ки муваффақ шуда бошанд, Толибон ва Алқоидаро шикаст диҳанд, қасди хориҷ шудан аз Афғонистонро доранд.

Бузургии шахсияти Аҳмадшоҳи Масъудро метавонед аз ҳамин муқойиса дарёбед: ӯ даҳ сол қабл аз имрӯз ба танҳоӣ дар баробари он нерӯҳое меҷангид, ки ҳоло чиҳилу шаш кишвари қудратманди ҷаҳон меҷанганд ва замингир шуданд.

Ва аммо дар мавриди ин китоб.

Ман аз соли 1997 то соли 2000 дар Тоҷикистон ба ҳайси намояндаи Аҳмадшоҳи Масъуд кор мекардам. Ӯ маро

мустақиман аз ҷабҳаи ҷанг ба Душанбе фиристод. Бовар намекардам, ки чунин вазифаеро ба дӯши ман бигзорад, зеро ман таҷрибаи кор дар берун аз кишварро надоштам. Тоҷикистон ҳам дар он солҳо рӯзҳои душвореро мегузаронд. Ба ҳар ҳол он рӯзҳо гузаштанд ва Тоҷикистон ҳам ором–ором тарафи субот ҳаракат кард.

Дар поёни соли 2000 Аҳмадшоҳи Масъуд тасмим гирифт маро ба ҳайси намояндаи худ ба Ҷумҳурии Федератсияи Русия бифиристад. Ин тасмими худро дар Душанбе бароям иттилоъ дод. Гуфтам: бисёр орзу доштам афсонаеро, ки дар замони Шӯравӣ дар баробари мо меҷангиданд, аз наздик бибинам ва китобе бинависам. Шояд бо рафтан ба Маскав ин фурсат муҳайё шавад.

Масъуд дар ин ҷо сухани ҳакимонае гуфт: «Мехоҳӣ бидонӣ, ки дастури ҳамла бар Афғонистонро кадом роҳбари Шӯравӣ дода буд? Ҳеҷ вақт муваффақ нахоҳӣ шуд, зеро роҳбарони зиндаи замони Шӯравӣ одат доранд гуноҳи ҳар кореро ба гардани мурдаҳояшон бияндозанд».

Сипас Масъуд пишниҳод кард, то дар бораи оташбас бо шӯравиҳо китобе бинависам. Ин оташбасе буд, ки дар соли 1983 байни нерӯҳои Шӯравӣ ва ҷабҳаи Панҷшер сурат гирифт. Иҷоза бидиҳед дар ин бора каме рӯшанӣ биандозам. Нерӯҳои Шӯравӣ ҳангоми ҳузурашон дар Афғонистон ёздаҳ бор бар Панҷшер ҳуҷум карданд ва ҳеҷ гоҳ пирӯз нашуданд. Аммо он чӣ дар ҳуҷуми шашум барои мо тозагӣ дошт, тӯлонӣ шудани ҷанг буд. Агарчӣ Шӯравиҳо дар ҳар ҳуҷумашон равишҳои ҷадид ва сарбозони бештареро дар ҷанг ба кор мебурданд, аммо муддати ҳуҷумашон камтар аз як моҳ давом мекард. Дар ҳуҷуми шашум ҷанг тӯлонӣ шуд ва нӯҳ моҳ давом кард. Дар ин муддат ҳар ду тараф талафоти зиёде доданд ва ҷанг ба бунбаст кашид. Дар авҷи ҷанг, ки ҳар ду тараф талош дошт тарафи дигарро шикаст диҳад, воқеаи аҷибе рух дод ва он ин ки нерӯҳои Шӯравӣ ба Масъуд пешниҳоди музокираро доданд. Масъуд дар аввал инро бовар намекард, аммо замоне ки номаи расмии онҳоро ба даст овард, ба ин натиҷа расид, ки мавзӯъ ҷиддӣ аст. Масъуд шӯрои худро, ки муташаккил аз олимон, фармондеҳон ва

мушовирон буд, даъват кард ва мавзӯъро бо онҳо ба машвара гузошт. Баъд аз баҳсу ғавр рӯйи пешниҳоди онҳо шӯро ба Масъуд иҷоза дод, то ба онҳо музокира кунад. Масъуд музокира бо онҳоро оғоз кард, ки дар натиҷаи он байни ҷабҳаи Панҷшер ва нерӯҳойи Шӯравии мустақар дар Афғонистон оташбасе сурат гирифт, ки як сол давом кард. Ин оташбас сабаб шуд, то як ғавғои таблиғотӣ дар расонаҳои вақт ба роҳ афтод. Гулбиддини Ҳикматёр, ки рақиби сарсахти Масъуд буд, бо роҳ андохтани таблиғоти васеъе талош кард, то шахсият ва маҳбубияти Масъудро дар миёни муҷоҳидон садама бизанад. Аммо Масъуд беэътино ба ин сарусадоҳо кӯшиш мекард аз ҳар соати он фурсати тилоӣ истифода намуда, барои як ҷанги дигар омодагӣ бигирад. Нерӯҳои Шӯравӣ ҳам аз ин фурсат барои бузургтарин ҳуҷумашон, ки ҳуҷуми ҳафтум буд, истифода карданд, аммо боз ҳам шикаст хӯрданд.

Пас бахши аввали ин китоб ба мавзӯи оташбас ихтисос дорад ва Масъуд баъд аз ҳафтдаҳ сол дар ин бора сухан гуфт ва ман онро сабт кардам ва он наворҳо то ҳол назди банда мавҷуд ҳастанд. Дар ин наворҳо Масъуд дуним соат дар бораи ин ки «Чаро нерӯҳои Шӯравӣ пешниҳоди оташбасро доданд ва чаро Масъуд онро пазируфт», сухан гуфтааст ва ин аз таърихе бисёр боаҳамият аст.

Аҳамияти дувуми ин бахш дар ин аст, ки вақте суханони ӯро дар қолиб навишта овардам, Масъуд онҳоро хонд ва таъйид кард. Ин замоне буд, ки чаҳор моҳ аз ҳузури ман дар Маскав нагузашта, аммо муваффақ нашуда будам сарҳанг Анатолийро, ки масъули музокира аз ҷониби нерӯҳои Шӯравӣ буд, дар Русия пайдо кунам.

Вақте Масъуд бахши аввали китобро, ки оташбас аз забони худаш буд, хонд, аз ман пурсид, ки «Анатолийро наёфтӣ, то аз забони ӯ ҳам менавиштӣ, ки ҳадафи онҳо аз оташбас чӣ буд?», дар ҷавоб гуфтам: «Русия кишвари бузургест ва пайдо кардани шахсе, ки номи хонаводагӣ ва адреси ӯро намедонам, кори душворест!»

Масъуд хандид ва байте аз шеъри Ҳофизро гуфт: «Ки ишқ осон намуд аввал, вале уфтод мушкилҳо!»

Хонандаи гиромӣ! Ман баъд аз ду сол талош дар Маскав муваффақ шудам сарҳанг Анатолий Ткачёвро пайдо кунам ва супориши Масъудро ба анҷом бирасонам, аммо батаассуф ки ҳангоми такмили ин китоб Масъуд зинда набуд, то онро бихонад. Шаҳодати ӯ дар нӯҳуми сентябри соли 2001 сабаб шуд, ки ман бахши дувуми китобро, ки «Масъудшиносӣ» ном дорад, бинависам. Дар ин бахш кӯшиш кардам, то гӯшаҳое аз шахсияти он марди бузургро муаррифӣ кунам ва қисмате аз дайн (қарз)-и ӯро бар худ адо кунам. Ман аз ҳафтдаҳсолагӣ то сисолагӣ, яъне бисту як сол хидмати ҳамкорӣ бо ӯро доштам ва дар ин муддат зери роҳбарии ӯ аз як афсари камрутба то ба рутбаи ҷенеролӣ расидам. Вале, чунончи дар оғози ин навишта тазаккур додам, боз ҳам таъкид мекунам, ки «Масъуд тасвире бузургест, ки дар ойинаҳои кӯчак намегунҷад».

Умедворам, бо пахши наворҳо, тасвирҳо ва ба вежа ёддоштҳои ӯ, ки ба қалами худаш навишта шуда ва аз ҷумлаи ганҷинаҳои таърихи мо ба ҳисоб меоянд, гӯшаҳои дигари шахсияти он марди бузург ва озодихоҳ муаррифӣ гардад.

Дар охир аз ҳамаи ҳамзабонони тоҷик, ки дар чопи дувум ва чопҳои баъдии ин китоб ҳиммат ба харҷ медиҳанд, сипогузорӣ мекунам.

***Солеҳмуҳаммади Регистонӣ,***
*бистуми июни соли 2011.*
*Панҷшер, Афғонистон.*

# МУҚАДДИМА

Хонандаи гиромӣ ва ҳамзабони тоҷик! Аҳмадшоҳи Масъуд барои тоҷикҳо номи ошност. Аммо он чӣ барои муаррифии шахсияти ӯ то ҳол анҷом гирифта бисёр андак аст. Ӯ ҳудуди 30 соли умри хешро сарфи он ормонҳои бузург кард. Аз бисту яксолагӣ ба мубориза оғоз кард ва дар чилу нӯҳсолагӣ тавассути 2 араб террор шуд. Зиндагии ӯ бисёр омӯзанда аст. Чи шикастҳояш, чи пирӯзиҳояш. Чунон чи худаш дар дафтари хотироти худ навиштааст, пирӯзиҳои ӯ ҳамеша баъд аз шикаст будааст. Ӯ барои кадом пирӯзиҳо мубориза кард ва аз чиҳо шикаст хӯрд, қобили мутолиа аст. Ман ба ин боварам, ки наслҳои баъдӣ ӯро беҳтар аз имрӯз хоҳанд шинохт. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки гуфтаанд: «Зиндагии мардони бузург баъди марги онҳо оғоз мегардад».

Дар ин китоб ва бештар дар бахши дувуми он ки «Масъудшиносӣ» ном дорад, кӯшиш кардам, гӯшаҳое аз шахсияти он марди бузург ва озодихоҳро муаррифӣ намоям. Бояд ёдоварӣ кунам, ки навиштан ва сухан гуфтан дар бораи Аҳмадшоҳи Масъуд душвор аст, ҳатто барои ман, ки 21 сол аз наздик бо ӯ кор кардам. Иллати аслии онро ман дар унвони китоби дувумӣ, ки дар бораи Аҳмадшоҳи Масъуд дар даст навишта дорам, гунҷонидаам. Дар ин китоб хотираҳоям аз Масъудро навишта кардам, аммо китобро хотираҳо дар бораи Масъуд номгузорӣ накардаам, балки номи китобро чунин гузоштаам: «Масъуд--тасвири бузург дар оинаи кӯчак».

Оре, хонандаи тоҷик!

Ӯ тасвири бузург дар оинаи кӯчаки мо буд. Пас ҳар кӣ оинаи дилу ақлаш бузургтар аст, Масъудро беҳтар хоҳад шинохт. Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон оқои Эмомалӣ Раҳмонов яке аз шахсиятҳое аст, ки ӯро шинохт ва бо вуҷуди душвориҳое, ки кишвари худаш дошт, ба танҳоӣ аз

муборизаи ӯ пуштибонӣ кард. Ҷо дорад, ки аз ҷониби Аҳмадшоҳи Масъуд ва ҳамразмонаш аз миллати тоҷик ва Ҳукумати Тоҷикистон сипосгузорӣ намоям.

Аҳмадшоҳи Масъуд дар 9-уми сентябри соли 2001 мусодиф бо ҷашни истиқлоли Тоҷикистон террор шуд. Шояд ин мутобиқат як амри тасодуфӣ бошад, аммо шаҳодати ӯ барои тоҷикон ин паёми рамзиро дошт, ки миллати тоҷик бояд «боҳушёрӣ ва эҳтиёт» по гузоранд.

*Солеҳмуҳаммади Регистонӣ,*
*ш.Душанбе, 22 июли соли 2004.*

# ПЕШГУФТОР БАРОИ ЧОПИ ДУВУМ

Баъд аз чопи аввали китоб теъдоде аз дӯстони фозил ва донишманд бо ибрози назарот, пешниҳодҳо ва интиқодҳояшон дар ислоҳи ин навиштаҳо ёрӣ расониданд. Диққат ва тавач҇ӯҳи онҳо болотар аз таваққӯи (чашмдошти) нигоранда буд. Ва аз лутфашон ниҳоят сипосгузорам. Банда бо бархе мулоҳизоти эшон дар мавриди норасоиҳои чопи аввали ин китоб мувофиқам ва албатта, пораи дигарро иҷоза диҳанд бо онҳо ҳамназар набошам.

Бо дар назардошти ҳамон фармоишот баъзе матолиберо бояд дар муқаддима ба арз бирасонам:

1. Дар авохири соли 2000 буд, Масъуд тасмим гирифт маро, ки то он вақт ба ҳайси Атташеи низомӣ ва намояндаи хоси ӯ дар Тоҷикистон кор мекардам, дар соли 2001 ба Русия бифиристад, то ҳамон вазифаро дар Маскав анҷом диҳам. Аввалин бор, ки дар ин бора сухан гуфт, орзуямро мабнӣ бар навиштани китобе дар бораи ҷанги шӯравиҳо бо муҷоҳидин бо ӯ дар миён гузоштам. Гуфт: «Кори осоне нахоҳад буд, гуноҳи ҳамла бар Афғонистонро раҳбарони Шӯравӣ яке бар гардани дигар меандозанд, хусусан зиндаҳо бар гардани мурдаҳо». Гуфтам: «Хайр, ҳадафи ман сирф як китоби тактикӣ аст ва масоили сиёсиро дар бар намегирад». Гуфт: «Ба назари ман, аз оташбас оғоз кун. Зеро касе дар ин бора то ҳол сухан нагуфтааст». Қабул кардам ва хоҳиш кардам, овози ӯро сабт кунам, ки пазируфт. Аммо гуфт: «Аввал бо раис Мирдод сӯҳбат кунам, ки аз муқаддимаи мавзӯъ огоҳ аст. Мирдод дар он вақт раиси умури бозсозии ҷабҳа буд ва хонаводааш дар Тоҷикистон зиндагӣ мекард. Ӯро дар хонааш мулоқот кардам ва суханонашро ҳам сабт намудам. Ба рӯйи кассета ин таърих навишта шуда аст: 27.11.2000.

Баъд аз он Масъудро дар хонааш дар шаҳри Душанбе дидам. Муддате хонаводааш дар он шаҳр буд. Ва иллати он дар матни китоб омадааст. Масъуд дар бораи иллати оташбас ва натоиҷи он баъд аз ҳафтдаҳ сол сухан гуфт ва нигоранда суханонашро сабт кард. Бар рӯи кассета ин таърих навишта шуда аст: 12.12.2000.

Аммо мулоқот бо афсари Шӯравӣ, Анатолий се солро дар бар гирифт. Зеро номи мукаммали ӯро намедонистам ва ӯ ҳам солҳост, ки бознишаста шудааст. Ба ҳар ҳол бо заҳмати зиёд тавонистам ӯро пайдо кунам ва мулоқоти мо дар хонаи нигоранда дар Маскав сурат гирифт. Суханони ӯро ҳам сабт намудам ва албатта, тибқи ваъда кассетаҳоро ба худаш баргардондам. Мулоқоти мо дар ин таърих сурат гирифт: 26.4.2003.

Қобили ёдоварист, ки теъдоде аз тарҷумонҳои оташбасро ҳам дидам, ки дар идома хоҳад омад. Аммо муваффақ ба ёфтани Амир Муҳаммади Самарқандӣ, тарҷумони даври аввали музокироти оташбас нашудам. Ҳанӯз дар ҷустуҷӯи ӯ ҳастам.

Инак, каме дар бораи оташбас ба касоне, ки аввалин бор аст дар бораи он мешунаванд, тавзеҳ медиҳам: соли 1982 шӯравиҳо барои панҷумин ва шашумин бор ба дараи Панҷшер ҳамла карданд. Ҷанг дар он сол хилофи ҳуҷумҳои қаблӣ тулонӣ шуд ва нӯҳ моҳ бо шиддат идома ёфт. Дар ҳоле ки ҳеҷ гуна нишонае аз поёни ҷанг ба назар намерасид, шӯравиҳо ба сурати ғайримунтазира пешниҳоди музокира бо ҷабҳаро намуданд. Масъуд, ки дар ибтидо онро бовар намекард, уламо ва фармондеҳонро фаро хонд ва мавзӯъро ба машварат гузошт. Пешниҳоди шӯравиҳо аз тарафи шӯрои уламо ва фармондеҳон пазируфта шуд ва ба Масъуд салоҳият дода шуд, бо онҳо музокира кунад. Дар натиҷаи музокира оташбасе аз соли 1983 то 1984 барқарор гардид. Ин оташбас сабаби эҷоди саволҳои зиёде шуд, ки баъзан то ҳол вуҷуд доранд.

Талоши ҳозир ба ин савол посух медиҳад, ки чаро шӯравиҳо ба Масъуд оташбасро пешниҳод намуданд ва чаро ӯ онро пазируфт?

Пас бахши аввали китоб ба мавзӯи оташбас ихтисос дорад.

2. Бахши дувуми китоб «Масъудшиносӣ» ном дорад ва нигоранда дар ин бахш ба унвони як ҳамкори Масъуд, ки бисту як сол ифтихори хидмат барои дин ва Ватан зери қиёдати ӯро дорам, талош карда, то рафтор ва афкори

Масъудро муаррифӣ намоям. Ангезаи навиштани бахши дувум баъд аз шаҳодати Масъуд барои банда пайдо шуд. Зеро банда бад-ин боварам, ки Масъуд, чунон ки лозим аст, муаррифӣ нагардида ва орзумандам дар ин қисмат гоме бардошта бошам. Возеҳ аст, ки нигоранда бардоштҳои худ аз Масъудро баён мекунад, на назариёти дигаронро ва зикри ин нукта хеле муҳим аст, ки Масъуд бо кадом меъёрҳо ба қазоват гирифта мешавад.

Масъуд як мусалмони мубориз буд ва дини ислом бар тамоми ҷанбаҳои шахсияти ӯ соя андохта буд. Дин, ақлоният ва эътидол намоҳои аслии амалкардҳои ӯ буданд ва пешниҳоди нигоранда ин аст, ки дар баррасии шахсияти ӯ бояд бо ин меъёрҳо ворид шуд. Манзур ин нест, ки нигоранда ба дигарон чӣ гуна андешиданро биёмӯзонад, зеро арсаи тафаккури инсон васеъ аст, бал мурод ин аст, ки нигоранда мехоҳад ба як ҷанбаи муҳимми шахсияти ӯ ишора кунад.

Орзумандам дастнавиштаҳои гаронбаҳои ӯ ба зудӣ ба нашр расад ва бар таҳлилҳои мо аз он марди бузург ва озодихоҳ нуктаи атф гузорад.

3. Дар чопи дувум кӯшиш намудам дар повараќихо ашхос ва манотиқро бо тавзеҳот ва тасовир муаррифӣ намоям. Зимнан савонеҳи (тарҷумаи ҳоли) иддае аз шахсияҳои китобро дар ахири китоб дарҷ намудаам.

Аз оқои Аҳмадвалии Масъуд – раиси Бунёди «Шаҳид Масъуд» ва сафири кабири Афғонистон дар Британия – ҷаноби Саидаҳмади Ҳошимӣ ва дигар касоне, ки маро дар таҳияи ин китоб ёрӣ расонидаанд, ташаккур мекунам.

Дар поёни ин муқаддима мехоҳам амиқтарин ҷумлаеро, ки ман аз Масъуд ёд гирифтам, ба шумо бигӯям:

«Барномаро бузург бисозед, аммо корро аз кӯчак оғоз кунед».

*Солеҳмуҳаммади Регистонӣ,*
*шаҳри Маскав, 8/10/2003.*

## АЗ ЁДДОШТҲОИ МАСЪУД БА ҚАЛАМИ ХУДАШ

Шояд афроде, ки исми маро аз дур шунидаанд ва ё зоҳири маро мебинанд ва аз мушкилоту хусусиётам хабар нестанд, ба вазъ ва мавқеъиятам ғибта (ҳасад) бихӯранд, ҳасад бибаранд ва орзу кунанд, ки кош ҷойи ман буданд, то аз ин ҳама шӯҳрат ва ихтиёрот бархурдор мебуданд. Аммо касоне, ки наздик бо ман ошноӣ доранд ва аз ранҷу таклифам огоҳанд, мефаҳманд, ки масъулиятам чӣ қадр сангин ва мушкилотам дар корҳо то чӣ ҳад зиёд аст ва шабу рӯзам ба чӣ минвол мегузарад. Аммо ҳамин дӯстони наздик ҳам аз ҳама мушкилот ва таколифам огоҳӣ надоранд ва ман одат надорам розҳои дарунии худро ба касе, ҳатто барои наздиктарин дӯст ва бародар бигӯям.

Дар туфулият (кӯдакӣ) аз замоне, ки ба мактаб рафтам, то авосити (миёнаҳои) синфи дувоздаҳум ҳамеша дар ранҷ будам, дурус (дарсҳо)-ро намефаҳмидам ва аз ин ноҳия ҳамеша руҳан ранҷ мебурдам. Гоҳ-гоҳ талош мекардам, вале чун мураббии хуб надоштам, талошам натиҷа намедод. Бадбахтона, танбалӣ, ки яке аз сифоти хеле бад дар вуҷудам аст, сабаб шуд то дар корҳо мусаммам (исрору қотеъият) набошам ва ҳар бор баъди талоши кӯтоҳе аз кор даст бикашам.

Дар синфи дувоздаҳум буд, ки каме ба худ муттакӣ (устувор) шудам ва аз лутфи илоҳӣ талошҳоям натиҷа дод ва ба якбора инсони дигаре шудам.

# ОТАШБАС (1983-1984)
# ОШНОӢ БО АНАТОЛИЙ

## Аз забони Мирдод[1]

Дар тобистони соли 1982 Шӯрои инқилобии давлати Кормал маро муваззаф кард, то дар раъси (сарварии) як гурӯҳи дусаду чанднафарӣ, ки аз кормандони панҷшери-табори ҳукумат ташкил шуда буд, ба Панҷшер биравам.

Дар он замон қувои Шӯравӣ машғули як амалиёти ҳуҷумӣ дар дараи Панҷшер буд ва ҷанги шадиде ҷараён дошт (ҳамлаи панҷуми шӯравиҳо дар соли 1982). Вазифаи додашуда ба мо ин буд, ки мардуми дараро ба тарафдории давлат ташвиқ карда, кӯмакҳоеро барояшон тақсим кунем.

Бо шунидани ин хабар нигаронии зиёде барои ман рӯй дод, зеро ҳаргиз интизори таъин шудан ба чунин масъулия-теро надоштам, ба хусус ки ҷанг дар дара ба шиддат ҷараён дошт ва ман ҷуз маслаки (касбу кори) худам аз ибтидоиёти ҷанг ва туфанг чизе намедонистам, ночор ҷиҳати тавзеҳи бештар назди Дастагири Панҷшерӣ[2] рафта ва аз вай ҷӯёи иллат шудам. Ӯ гуфт: «Шумо одами мусин (калонсол) ва мардумдор ҳастед ва метавонед ба мардум кӯмак кунед. Чо-рае ҷуз рафтан надоред, зеро ин файсалаи (қарори) Шӯрои инқилобӣ аст».

Ночор ба тарафи Кумитаи шаҳрии ҳизб, ки маҳалли ҷамъомади ин афрод таъйин шуда буд, рафтам. Дар он ҷо бо дидани саҳнаи тақсими аслиҳа ба он идда кормандони кам-бахте, ки монанди ман ба дарди низомигарӣ намехӯрданд, парешониам чанд баробар шуд. Ҷамъан 260 нафар буданд. Ба мушкил тавонистам 160 нафари онҳоро ба баҳонаи ин ки аз саломати лозим барои иҷрои ин вазифа бархурдор не-станд, кам кунам. Рӯзе баъд тавассути чанд чархбол ба минтақа гусел гардидем ва дар он ҷо ба чаҳор қисмат

---

1 Мирдоди Панҷшерӣ – раиси ширкати тухмиҳои ислоҳшуда дар он вақт.

2 Вазири маориф дар оғози ҳукумати коммунистӣ.

тақсим шудем. Ман дар минтақаи Аъноба[1] ҷо гирифтам. Дар минтақаи Аъноба як гарнизони қувои шӯравӣ вуҷуд дошт. Зимнан, иддайе аз мардуми минтақа ҳам бар хилофи дигар нуқоти Панҷшер ба кӯҳҳо мутаворӣ (фирорӣ) нашуда ва дар ҳамон ҷо боқӣ монда буданд. Сару кори ман бештар бо ҳамонҳо буд.

Ман чаҳору ним моҳ дар он ҷо мондам, дар ҳамин вақт шӯравиҳо ҷиҳати ҳамоҳангии умури мулкӣ ё низомӣ гоҳ-гоҳе маро ба дохили гарнизонашон даъват мекарданд. Фикр мекунам, фармондеҳи гарнизон каси дигаре буд, аммо шахсе, ки бо мо сӯҳбат мекард, касе бо номи Анатолий буд, ки эҳтимолан раиси кашф[2] буд ё дар ҳамин бахш кор мекард. Ман ҳеҷ гоҳ ӯро на он вақт ва на баъд аз он дар либоси низомӣ надидам.

Дар ҷараёни ҳамин рафту омадҳо буд, ки ман бо ҷенерол Анатолий[3] ошно шудам. Намедонам дар чандумин мулоқот буд, ки ҳар ду ҳис кардем бо забони инглисӣ метавонем тафоҳум намоем. Ин буд оғози ошноии ман бо ҷенерол Анатолий.

Анатолий шахси қадбаланд, хушмашраб ва ботамкин буд. Хеле зуд бо ҳам дӯст шудем ва ағлаб бо ҳам нишасту сӯҳбат доштем. Ӯ ҳатто вориди сӯҳбатҳои сиёсӣ ҳам мешуд, аммо ман ҳамеша муҳтот (боэҳтиёт) будам ва аз ворид шудан дар баҳсҳои сиёсии хатарнок канораҷӯӣ мекардам. Бисёри авқот ҳар ду шоҳиди интиқоли маҷрӯҳин ва кушташудагони неруҳои шӯравӣ будем, ки аз қисмати болоии дара меоварданд.

Яке аз рӯзҳо, ки бо ҳам гарми сӯҳбат будем, як неруи зиреҳии бузурге вориди дара шуд, ки мехост ба тарафи болои дара ҷиҳати муқобила бо муҷоҳидин биравад. Анатолий рӯ ба ман кард ва бо ханда гуфт: «Мирдодхон, мебинӣ Шӯравӣ чӣ қудрате дорад?» Ман бар хилофи одат ба эҳтиёткорӣ гуфтам: «Агар ин неру ҳазор баробар ҳам ша-

---

[1] Аввалин қаряи бузурги Панҷшер вақте вориди дара шавед.
[2] Хуфиякорон.
[3] Анатолий Иванович Ткачёв – афсари ситоди кулли кашфи Иттиҳоди Шӯравӣ мувазззаф дар Афғонистон (1982-1983).

вад, наметавонад як сантиметр аз қуллаи кӯҳҳоро кам кунад» Ӯ хандид, вале ҳеҷ чизе нагуфт.

Рӯзе баъд, ки бо ҳам рӯ ба рӯ шудем, гуфт: «Мирдодхон, гуфтаи дирӯзатон маро ба тафаккур андохт, манзуратон аз он чӣ буд?» Ман дар ҷавоб гуфтам: «Манзури ман ин буд, ки муқовимат дар баробари нерӯҳои шумо муқовимати мардум аст. Ва мардум чун кӯҳанд. Роҳи ҳалли дигаре бояд пайдо кард». Ӯ чизе нагуфт. Аммо гуфтаи ман баъдҳо барои вай зарбулмасал шуда буд. Ҳар гоҳ ҳодисае рух медод ва ё ҷанг ва муқовимате аз тарафи муҷоҳидин сурат мегирифт, ба ман мегуфт: «Ту рост мегӯӣ, қуллаи кӯҳ мушкил аст». Он рӯз, ки он ҷумларо гуфтам, ҳаргиз роҳи ҳалле назири он чӣ баъдан иттифоқ уфтод, дар хаёлам ҳам намегузашт. Он ҷумла ошкоркунандаи орзуи дарунии ман буд, ки аз дидани ҷанг ва куштор амиқан ғамгин мешуд.

Рӯзҳо мегузашт ва ҷанг ҳамчунон дар дара идома дошт. Яке аз рӯзҳо Анатолий назди ман омада, маро ба сарфи чойи субҳ даъват кард. Аз симояш пайдо буд, ки гапи муҳиме барои гуфтан дорад. Ҳангоми сарфи чой рӯ ба ман карда гуфт: «Калони мо мурд». Ман гуфтам: «Манзуратро нафаҳмидам». Гуфт: «Манзури ман Брежнев аст». Ман, ки аз хурсандии вай ба тааҷҷуб афтода будам ва ин суханро бовар ҳам намекардам, саросема гуфтам: хуб нашуд, ки як раҳбари коммунизми ҷаҳонӣ мурд. Кори хубе нашуд... ва суханоне аз ин қабил. Ӯ, ки мутаваҷҷеҳи нигаронии ман шуда буд, хандид ва гуфт: «Натарс, ба ман эътимод кун, баръакс, кори бисёр хубе шуд. Зеро ҳоло дӯстони мо, ки дар раъси он оғои Андропов қарор дорад, ба қудрат хоҳанд расид». Ин хабарро вақте ба ман гуфт, ки ҳеҷ иттилоъе дар расонаҳо дар мавриди марги Брежнев вуҷуд надошт. Ҳатто фардои он рӯз, ки ман ба Кобул рафта, мавзӯъро аз Дастагири Панҷшерӣ пурсидам, ӯ низ ҳеҷ иттилоъе надошт.

Бо рӯи кор омадани Андропов вазифаи Анатолий дар Афғонистон тамом шуд. Ӯ ба Маскав баргашт ва ман қабл аз он ба вазифаи аслиам яъне ширкати тухмиҳои ислоҳшуда дар Кобул баргашта будам.

# БОЗГАШТИ АНАТОЛИЙ БА АФҒОНИСТОН

Дар авохири хазони ҳамон сол (1982) буд, ки чаҳор мушовири русӣ ва як мутарҷим ба дафтари ман омада, худашонро аз дӯстони Анатолий муаррифӣ карда, хабари омадани ӯро ба ман доданд. Гуфтанд: «Тоза аз Маскав омадаанд ва дар фурӯдгоҳи Багром мебошанд». Соате нишастанд ва бидуни ин ки тавзеҳи бештаре бидиҳанд, баргаштанд ва гуфтанд, фардо бозхоҳанд гашт. Рӯзе баъд омаданд ва монанди рӯзи қабл ба сӯҳбатҳои умумӣ пардохтанд. Монанди вазъи амниятӣ, вазъи ҷабаҳоти ҷанг, ҳукумат ва ғайра. Ман, ки васвосам ҳар чӣ бештар мешуд, то иллати омадани онҳоро бидонам, билохира тоқат наоварда, аз онҳо пурсидам: иллати омадани онҳо ба дафтари ман чист? Онҳо гуфтанд: «Мо ҳамкорони Анатолий ҳастем ва аз дафтари сиёсии оқои Андропов омадаем, то омадани Анатолий ба шумо чизе нахоҳем гуфт. Ӯ ба зудӣ мерасад ва ҳама чизро ба Шумо худ хоҳад гуфт».

Рӯзи дигар буд, ки бо Анатолий омаданд. Як мошини сафорати Шӯравӣ онҳоро овард. Ҳар ду аз дидани якдигар хушҳол шуда ва аҳволпурсӣ кардем. Сипас чанд лаҳзае дар мавриди зиндагии шахсӣ, вазъи хонавода, кор ва масруфияти якдигар пурсидем. Он гоҳ Анатолий гуфт: «Медонам бисёр аҷала дорӣ, ки бидони чӣ хабар аст ва мо барои чӣ омадаем ва ҳоло бароят мегӯям». Ва чунин ба сухан оғоз кард:

«Ман шахсан аз тарафи Юрий Андропов намояндагӣ дорам. Ҳамроҳони ман аъзои дафтари Андропованд. Бо омадани оқои Андропов дар Шӯравӣ тағйироте дар ҳоли омадан аст, то роҳи ҳалле барои берун шудани қувои Шӯравӣ аз Афғонистон пайдо шавад, ки мову шумо дар ҳамин бахш кор хоҳем кард. Ман гуфтаҳои худатро ба ёд дорам, ки мегуфтӣ: бо зӯр мушкил аст. Инак, фурсати он расида, ки барои сулҳ талош кунем». Сипас тавзеҳ дод, ки тасмими Шӯравӣ бар он аст, то нахуст бо фармондеҳони муҳим дар дохили Афғонистон музокироти сулҳро оғоз кунад. Сипас дар манотиқи таҳти сайтараи (фармонравоии) онҳо оташбас карда ва ба сурати тадриҷӣ қувои худро аз Афғонистон

хориҷ намояд. Аммо дар зеҳни ман суолоти зиёде эҷод шуда буд, Анатолий ба баъзеи онҳо қисман ҷавоб дод. Масалан, вақте аз ӯ пурсидам: чаро ин раванд аз Панҷшер оғоз мешавад? Гуфт: «Панҷшер ва Соланг маҳалли бештарини даргириҳо ва талафоти мо дар Афғонистон аст. Ҳамчунон Панҷшер дар сари шоҳроҳи умдаи (муҳим) рафту омади мо қарор дорад. Аз тарафи дигар нерӯҳои мустақар (мавҷуд) дар ин навоҳӣ ба раҳбарии Аҳмадшоҳи Масъуд дорои созмондиҳии беҳтар ва раҳбарии воҳиданд, ки дар сурати тавофуқ бо онҳо метавон ба амалӣ шудани тавофуқнома эътимод кард. Дар ҳоле ки дар дигар нуқоти Афғонистон ба ин теъдод ҷангҷӯ таҳти як фармон қарор надошта ва ин навъ таркиб метавонад пурусаро (раванд, ҷараён) ба далели мувофиқати яке ва мухолифати дигар ба бунбаст мувоҷеҳ (рӯ ба рӯ) кунад. Аммо дар мавриди интихоби худат, чун барнома қарор аст аз Панҷшер оғоз шавад ва худат ҳам аз ҳамон минтақа ҳастӣ ва муҳимтар ин ки ман дӯсте дар он минтақа ғайр аз худат надорам, ки бар ӯ эътимод кунам, бинобар ин, хостам бо мо ҳамкорӣ кунӣ».

Ин баҳс миёни мо чандин рӯз идома дошт ва зеҳни ман даргири саволҳои зиёде буд: воқеъан шӯравиҳо тасмим гирифтаанд, аз Афғонистон хориҷ шаванд? Чӣ гуна мехоҳанд хориҷ шаванд? Неруҳои давлатӣ куҷо хоҳанд рафт? Муҷоҳидин чӣ хоҳанд кард? Давлати оянда чӣ гуна давлате хоҳад буд? Чӣ касе онро раҳбарӣ хоҳад кард? Ва даҳҳо саволи дигар.

Анатолий, ки дар ин муддат мутаваҷҷеҳи нигаронии ман шуда буд, гуфт: «Вазифаи худат мушкил нест. Худат фақат шахсеро пайдо кун, то паёми моро ба Масъуд бирасонад. Ба маҳзи пайдо кардани чунин шахсе вазифаи ту хотима меёбад».

Итминонҳои зиёде, ки Анатолий ба ман дод, нимабоваре бароям пайдо шуд, ки шояд шӯравиҳо мехоҳанд аз Афғонистон хориҷ шаванд. Бинобар ин, аз онҳо ду ҳафта вақт хоста, даст ба кор шудам. Аввалин мушкили сари роҳи ман ин буд, ки бо Аҳмадшоҳи Масъуд ҳеҷ гуна иртибот ва шинохте надоштам, ҷуз ин ки падарашро мешинохтам ва

гоҳ-гоҳе ба хонаи онҳо мерафтам. Аммо Масъуд он вақт кӯчак буд ва ман ҳатто чеҳраи ӯро ба хотир надоштам.

Баъд аз чанд рӯз фикр дар бораи интихоби шахсе, ки назди Аҳмадшоҳ биравад, қазияро бо Довуд[1], ки аз дӯстони наздики ман буд, дар миён гузоштам. Аммо қабл аз он вайро савганд додам, то мавзӯъ байни мо махфӣ бимонад. Ӯ бо хурсандӣ гуфт: «Ин як кори бисёр осон аст. Ман метавонам онро анҷом диҳам. Рафту омад ба Панҷшер вуҷуд дорад, нигарон набош». Ба Анатолий телефон кардам, ки бо ҳайат ба дафтар (ҷойи кор) омаданд. Довудро ба онҳо муаррифӣ кардам. Анатолий аҳамияти вазифаро ба Довуд фаҳмонд ва бисёр таъкид кард, ки нома ба дасти касе наафтад, махсусан ба дасти касоне аз аъзои ҳукумати Кормал. Баъд аз зуҳр (пешин) Анатолий номаро овард ва онро ба ман дод. Ӯ як бори дигар дар мавриди махфикорӣ таъкид кард ва рафт. Баъд аз рафтани Анатолий ман аз Довуд пурсидам: чӣ барномае барои шурӯъи кор дорад? Мисли ин ки Довуд ҳассосияти мавзӯъро баъд аз сӯҳбатҳои Анатолий бештар дарк карда буд. Зеро ба ман гуфт: «Дар назар дорам як бор бидуни нома то он ҷо, ки муҷоҳидин аст, сафар карда, вазъияти роҳҳоро мутолиа намоям. Дар марҳилаи баъдӣ номаро мебарам». Ман тарҳи эҳтиёткоронаи ӯро пазируфтам ва фардои он рӯз Довуд ҳаракат кард.

То ҳангоми баргашти Довуд дилвопасӣ ва нигаронӣ маро раҳо намекард. Мутаваҷҷеҳи нуктаи тозае шудам ва он ин ки накунад дар даруни покат (лифофа) чизе ҷо ба ҷо шуда бошад, ки ба Масъуд садама бирасонад.

Лиҳозо ба Анатолий гуфтам: «Довуд рафт, то як бор вазъи роҳҳоро бубинад. Ман пешниҳоде дорам, ки умедворам сабаби озурдагии шумо нашавад». Ӯ гуфт: «Чӣ пешниҳоде дорӣ?» Гуфтам: «Мумкин аст номаро қабл аз ин ки ба Довуд бидиҳам, як бор дар ҳузури ману ӯ боз кунед?

[1] Довуд аз ақорибиМасъуд, ки дар давлати коммунистии вақт афсар буд. Дар авоили оташбас нақши робитро дошт. Баъд аз инъиқоди оташбас бо тавофуқи дуҷониб вулусволи (бахшдор) Аъноба шуд. Ӯ дар соли 1381 (1992) даргузашт.

Албатта, ман ба мазмуни нома коре надорам, аммо мехоҳам мутмаъин шавам, ки ин фақат як номае аст». Ӯ, ки фаврӣ мутаваҷҷеҳи эҳтиёткории ман шуда буд, гуфт: «Комилан мувофиқ ҳастам». Номаро дубора ба ӯ додам ва мунтазири омадани Довуд мондем. Билохира Довуд баргашт ва итминон дод, ки барои иҷрои кор омодааст. Мавзӯъро ба Анатолий хабар додам ва ӯ ҳам тибқи ваъда номаро дар ҳузури мо боз карда, баъд аз ҳосил шудани итминони мо дубора дохили покат гузошт.

Афкори парешон боз бар ман ҳамла оварданд. Гӯйӣ номаро ман худ мебурдам. Таъкиди муҷаддади Анатолий бар ин ки набояд дастгоҳи ХОД (Хадамоти амнияти давлатӣ) ва органҳои дигар, ғайр аз ҳамин чанд кас, аз роз огоҳ шавад ва нома ба дасти онҳо афтад, сангинии ин вазифаро бар дӯши ман бештар мекард. Нигаронии ман беҷо набуд. Баъдҳо, ки дастгоҳи ХОД-и ҳукумат маро ба зиндон андохт, аз як-яки ин маворид борҳо пурсид.[1]

Баргардем ба дунболи моҷаро. Бо Анатолий худоҳофизӣ мекардем, ки чизи тозае ба фикрам расид – масъалаи амнияти Довуд. Ман медонистам, ки вай раҳсипори дараи марг аст. Ба Анатолий гуфтам: «Ман ба хотири амнияти Довуд пешниҳоде дорам. Дар тӯли айёми вазифа тавассути Довуд шумо бояд аз иҷрои амалиёти ҷангӣ дар Панҷшер худдорӣ намоед. Вагарна чӣ замонате вуҷуд дорад, ки вай ба саломат назди Аҳмадшоҳи Масъуд бирасад ва ё баргардад». Ӯ лаҳзае фикр карду гуфт: «Мувофиқам, мутмаин бошед». Бо Анатолий худоҳофизӣ карда, ҳамроҳ бо Довуд ба идора баргашта, як бори дигар рӯи ҷанбаҳои мухталифи иҷрои кор сӯҳбат кардем. Руҳияи Довуд ба маротиб беҳтар аз ман буд.

Гӯйи солҳост, ки ба чунин моҷароҷӯиҳо машғул аст. Рӯзи баъд Довуд ба тарафи Панҷшер ҳаракат кард ва мо мунтазир мондем. Чунон ки чанд бор тазаккур додам, аз замоне, ки ин пуруса оғоз шуд, нигаронии озордиҳандае низ

---

[1] Раис Мирдод дар соли 1363 (1984) тавассути ҳукумати Кормал бо тамоми аъзои хонаводааш ба зиндон афтод. Баъдҳо хонаводааш раҳо гардид, аммо худаш 7 сол дар зиндон боқӣ монд.

ҳамроҳи он маро фаро гирифта буд. Он гоҳ ки ҳафтаи севум ба охири худ наздик мешуд ва ҳанӯз аз Довуд хабар набуд, як бори дигар лашкари дилҳура ва ташвиш бар ман ҳуҷум оварданд. Агар дар масири роҳ Довуд тавассути неруҳои давлатӣ ва ё гурӯҳҳои дигари муҷоҳидин дастгир шавад чӣ? Ё бадтар аз он, агар кушта шавад, ман ба хонаводааш чӣ бигӯям? Инҳо ҳама маро сахт озор медоданд.

Дар бисту ҳаштумин рӯз буд, ки Довуд зинда ва саломат бозгашт. Бе таваҷҷӯҳ ба ин ки чӣ ҷавобе овардааст, бо дидани ӯ нафаси роҳате кашида, худро микдоре сабук эҳсос кардам. Нишастем ва аз ӯ дунболаи моҷароро пурсидам. Гуфт: «Бо ҷавоби мусбат омадаам». Сипас ҷараёни рафтанаш назди Аҳмадшоҳи Масъуд аз тариқи кӯҳҳоро таъриф кард. Ва ин ки аз шахсе ба номи Гулдод ҷиҳати расидан назди Аҳмадшоҳи Масъуд истифода кардааст. Ин кораш маро асабонӣ сохт. Ва гуфтам: «Магар ман туро савганд надодам, ки каси дигаре аз ҷараён нафаҳмад». Ӯ гуфт: «Асабонӣ нашав, Гулдод[1] ҳеҷ чизе намефаҳмад. Ӯ дӯсти собиқи ман аст. Ва бидуни ӯ расидан назди Аҳмадшоҳи Масъуд аз тариқи роҳҳои пурпечу хами кӯҳистонӣ бисёр мушкил ва ҳатто ғайри мумкин буд». Бо ироаи (баёни) ин далел аз идомаи баҳс гузаштам ва ба ҷенерол Анатолий аз омадани Довуд хабар додам. Онҳо ба зудӣ омаданд ва бо Довуд мулоқот карданд. Анатолий аз ин ки Масъуд ба паёми онҳо ҷавоби мусбат дода, хурсанд ба назар мерасид. Ва гуфт: «Ҳоло бояд қадами дувумро бардошт. Қадами дувум интихоби маҳалли музокира аст». Сипас рӯ ба ман карда гуфт: «Дӯсти шумо Довуд ҳоло бояд паёми дувуми маро бибарад». Дар ин ҷо ваъдаи Анатолийро, ки ба ман дода буд, ба ёдаш оварда гуфтам: «Тибқи ваъдаи шумо вазифаи ман тамом шуд. Ин шумо ва ин ҳам Довудхон. Бақияи пурусаро худатон пеш бибаред». Гарчи Анатолий алоқа надошт ман аз онҳо ҷудо шавам, аммо ба ваъда эҳтиром гузошта, розӣ шуд, ки ман худро канор бикашам.

---

[1] Гулдод – дӯсти Довуд аз қаряи Ҳисораки Панҷшер, ки дар соли 2002 гузашт.

## КАШОНДА ШУДАНИ ДУБОРАИ МАН БА МОҶАРО

Чанд рӯзе нагузашта буд, ки ҷенерол Анатолий[1] ба хонаи ман омад, бо дидани ӯ хурсандии ҳамроҳ бо изтироб маро фаро гирифт. Нишаст ва баъд аз таъоруфи маъмул билофосила гуфт: «Хабари хуше бароят дорам. Аҳмадшоҳи Масъуд туро назди худ хоста аст. Бояд омодаи рафтан шавӣ!» Бо шунидани ин сухан ҳолати сустие ба аъзои баданам даст дод. Чаро маро хоста аст? Магар бо ман чӣ кор дорад? Анатолий, ки мутаваҷҷеҳи нигаронии ман шуда буд, маро бештар дар интизор нагузошт ва гуфт: «Ҳатман мепурсӣ, ки чаро? Ман дақиқ намедонам, аммо фикр мекунам, мехоҳад қабл аз мулоқот бо мо дар бораи мо бештар бифаҳмад. Ҳамчунон дар мавриди маҳалли мулоқот низ ба тавофуқ нарасидем, умедворам тақозои ӯ ва маро рад накунед». Бо вуҷуди ташвиш ва камалоқагӣ ба дохил шудани дубора дар ин моҷаро дар асари исрори Анатолий рафтан назди Аҳмадшоҳи Масъудро пазируфта, омодаи сафар шудам.

Дақиқ ба ёд надорам, фардо ё рӯзе баъд тавассути як чархбол бо Анатолий ба Панҷшер парвоз кардем. Довуд ва Гулдод дар он ҷо мунтазири мо буданд. Дар минтақаи Руха, яъне ҷойе, ки бо хатти аввали муҷоҳидин фосилаи зиёде надошт, ба Довуд ва Гулдод мулҳақ (ҳамроҳ) шудем. Як бори дигар рӯи ҷузъиёти гузаштан ба тарафи онҳо баҳс карда, баъд аз хӯрдани шом ба тарафи минтақаи ҳойил (ҷудокунанда) байни ду ҷабҳа ҳаракат кардем. То он ҷо пиёда ҳудуди ним соат ё каму беш роҳе буд. Дар торикии шаб аз ҷониби муқобил аломате тавассути чароғи дастӣ ба мо дода шуд. Аз тарафи мо ҳам аломатҳое дода шуд. Дубора ба роҳ рафтан идома додем. Ҳанӯз чизе намедидем, каме дигар, ки пеш рафтем, дар торикии шаб шахсеро дидам, ки ба мо наздик мешуд. Билохира ба ҳам расидем ва салому алейк кардем ва дар торикии нимаравшан ӯро шинохтам.

---

[1] Анатолий дар он ҳангом дагарман (подполковник) ва ба рутбаи дагарволӣ (сарҳангӣ, полковник) бознишаста шуд.

Коко (амак) Тоҷиддинхон аз наздикони Аҳмадшоҳи Масъуд, ки аз маҳаллаи мо буданд ва ӯро аз қабл ҳам мешинохтам, баъд аз мусофаҳа (даст додан), ки аз тарафи вай бо кушодарӯӣ сурат гирифт, ба роҳи худ идома додем. Маҳалли вохӯрии мо минтақаи Порох буд. То маҳалли мулоқот, ки қишлоқи Баландӣ дар Бозорак интихоб шуда буд, беш аз панҷ километр фосила доштем ва ин масофатро пиёда рафтем. Дар масири роҳ мутаваҷҷеҳ шудам, ки гурӯҳе аз муҷоҳидин аз пеш ва ақаб моро муҳофизат мекунанд. Дар тӯли роҳ бо коко Тоҷиддин зиёд сухан нагуфтем ва бештар сукут ҳукмфармо буд. Дар роҳ ҳамчунон мутафаккир ва нигарон будам. Росташ, каме метарсидам. Охир мо ба сафи душман мерафтем. Агар ман онҳоро душман намедонистам, онҳо ба қадри кофӣ моро душман мепиндоштанд. Дар фазои мамлув (пур) аз хун ва борут ва душманӣ ва кина, инак, бо пойи худ наздашон мерафтам, чӣ касе метавонист нигарон набошад?

Билохира ба хонаи Муҳаммади Ғавс (баъдҳо ронандаи Аҳмадшоҳи Масъуд) расидем. Хона ва қария барои ман комилан ошно буд, зеро ба қишлоқи мо пайваст буд. Қарор буд шаб бо Аҳмадшоҳи Масъуд мулоқот карда ва қабл аз равшании субҳ баргардам. Аммо Масъуд он шаб ва фардои он рӯз ҳам наёмад. Ва коко Тоҷиддин гуфт: «Ба иллати масруфият (серкорӣ) шаби дигар хоҳад омад». Рӯз бо дилвопасӣ ва интизор ба поён расид. Ва авойили шаб буд, ки Аҳмадшоҳи Масъуд ба утоқ дохил шуд. Қиёфа ва бархурди ӯ комилан хилофи тасаввури ман буд. Аҷаб он ки фурсат наёфта будам, то аз Довуд ва Гулдод ҳам дар бораи қиёфа ва ахлоқи ӯ чизе бипурсам. Дар тасаввури ман, ӯ дорои қади баланд, риши анбӯҳ, пӯсти сӯхта, қиёфаи ҷиддӣ ва хашин (дурушт) мусаввар буд. Магар дар воқеъ чизи дигаре медидам. Қади мутавассит, риши мутавассит, сари каме бузургтар аз маъмул, пешонии уфтода бар сари чашмҳо ва гушода, рӯи тақрибан устухонӣ ва пӯсти сафед. Боз ӯ самимӣ бархурд кард. Чунон ки дар аввалин бархурд барои ман итминони комил ҳосил шуд.

Аввалин калимоташ маъзарати муаддабона буд, ки аз ман

ба хотири ба интизор мондан хост. Зимнан, пурсид, ки аз пиёдаравӣ хаста шудам ё на. Гуфтам: «Хайр, он қадар мушкил набуд».

Баъд аз сарфи ғизо ӯ ба сухан оғоз кард ва аввал аз иллати пешниҳоди шӯравиҳо барои музокира пурсид. Ҳамчунон дар мавриди ҳайати Шӯравӣ, таркиб, теъдод ва ин ки аз кадом тараф фиристода шудаанд, маълумот хост. Ман он чӣ медонистам, барояш гуфтам. Аз собиқаи ман, чигунагии ошноии ман бо ҳайати музокиракунанда, бардошти шахсии ман нисбат ба ниятҳои онҳо ва ғайра масоили марбут ба он низ суолоте кард, ки ман то ҳадди мумкин ҷавоб додам. Дар охир гуфт: «Ман бо пешниҳоди онҳо дар мавриди маҳалли музокирот, ки гуфтаанд дар соҳаи контроли онҳо ва ё минтақаи мобайн сурат гирад, мувофиқ нестам. Ва пешниҳоди музокира ҳам аз тарафи мо набудааст. Ба онҳо бигӯед, бо итминони хотир ба ҷое, ки мо таъйин мекунем, биёянд. Ҳеҷ хатаре мутаваҷҷеҳи онҳо нахоҳад буд. Ҳарфи мо амали мост».

Баъд аз поёни сӯҳбат бо гармӣ худоҳофизӣ карда, ба тарафи Руха, ки дар он ҷо Анатолий ва дигарон мунтазирам буданд, баргаштам ва онҳоро дар ҷараёни муфассали сӯҳбатам бо Аҳмадшоҳи Масъуд гузоштам. Анатолий ба ваъдаи Аҳмадшоҳи Масъуд итминон дошт ва мегуфт: «Ба ҷойе, ки ӯ таъйин мекунад, бояд рафт ва дар аввалин қадам набояд беэътимодӣ нишон дод». Ӯ мегуфт: «Ин пурусае аст, ки бояд бо эътимод оғоз шавад». Магар дигар аъзои ҳайати ҷониб эҳтиётро дар назар дошта, мегуфтанд: «Маҳалли мулоқот бояд ҷойе бошад, ки дар васати ду ҷабҳа қарор дошта бошад». Мавзӯи ин ихтилофи назар сабаби сафари дубораи ман назди Аҳмадшоҳи Масъуд шуд. Вале Масъуд боз ҳам дар мавзеи қаблии хеш таъкид кард ва изофа кард: «Дар сурате ки онҳо ин шартро напазиранд, мо ба музокира эҳтиёҷе надорем».

Ба Руха баргашта, мавзӯъро ба ҳайат гуфтам ва изофа кардам, ки вай пешниҳоди дувум барои маҳалли музокира надорад. Билохира ҳайат баъд аз баҳси зиёд пазируфт ва қарор шуд: ҷенерол Анатолий, ман, Довуд ва як мутарҷим бо номи Амир Муҳаммади Самарқандӣ ба мулоқот назди Аҳмадшоҳи Масъуд биравем.

Шаби баъд мо дар маҳалли муайяншуда будем ва ҷараёни тамос монанди дафъаҳои пеш буд. Боз ҳамон ишора бо чароғ, наздик шудани ин бор ду кас, яъне коко Тоҷиддин ва Ҳоҷӣ Азмуддин ва пиёдаравӣ. Маҳалли мулоқот ҳам ҳамон маҳалли қаблӣ буд: хонаи Муҳаммад Ғавс дар қишлоқи Баландии Бозораки Панҷшер. Баъди ду соати интизор ва сарфи ғизо дар маҳалли ёдшуда Аҳмадшоҳи Масъуд омад. Мутобиқи одат боз самимӣ ва бо табассум бо мо мусофаҳа ва аҳволпурсӣ кард. Сипас ҷенерол Анатолий ба сухан оғоз кард. Бояд гуфт, ки дар мулоқот чаҳор нафар ҳузур доштанд: Аҳмадшоҳи Масъуд, ҷенерол Анатолий, мутарҷим Амир Муҳаммади Самарқандӣ ва ман. Бад-ин тартиб музокирот оғоз гардид, ки дар натиҷаи он мунҷар (саранҷом) ба оташбас ба муддти як сол гардид.

## РАФТАНИ ДОВТАЛАБОНА БА АФҒОНИСТОН

### Аз забони Анатолий

Соли 1981 довталаби рафтан ба Афғонистон шудам. Иллати он фақат ба маслаки ман иртибот мегирифт. Васвоси як журналист ва як афсари кашф, барои фаҳмидан!

Дар он ҳангом манобеъи Шӯравӣ чунон нишон медоданд, ки дар Афғонистон зиндагии ором ва сулҳомез ҷараён дорад ва низомиёни Шӯравӣ ба машқу тамрини низомӣ машғуланд. Дар муқобил манобеи дигар аз як ҷанги воқеъӣ ва комил дар Афғонистон хабар медоданд. Аммо мардуми мо ҳеҷ иттилоъе дар бораи он надоштанд.

Довталабии ман ба хотири ҷанг набуд. Ман ҳеҷ гоҳ аслиҳа ба даст нагирифтам ва дар ҷанг ширкат накардам. Ҳатто бо мутарҷимҳоям иҷоза надодам аслиҳа дошта бошанд. Ман ба унвони як журналист ва як афсари кашф мехостам бидонам дар он ҷо чӣ мегузарад?

Вақте ба Афғонистон рафтам, тайи се моҳ бо чашми худ дидам, дар он ҷо чӣ мегузашт. Ҷасадҳои мардуми ғайринизомиро, ки боре дар асари бомбаборони ҳавопаймоҳои мо дар Кундуз кушта шуда буданд, фаромӯш намекунам.

Инро аз хушбахтиҳоям медонам, ки маро ба Панҷшер фиристоданд. Дар ғайри он агар ба таври мисол дар Кундуз ё ҷои дигар мемондам, шояд ба кори дигаре машғул мешудам.

Вақте ба Панҷшер рафтам, моҳи майи соли 1982 буд. Дар Аънобa як хонаи солим вуҷуд надошт. Мардумонро, ки бигзор, ҳатто як сагро ҳам надидам. Низомиёни мо мегуфтанд: «Панҷшерро озод кардаанд ва бигзор пас аз ин мардум зиндагии оромашонро аз сар гиранд». Аммо вақте ман Панҷшерро дидам, вазъият чизе дигаре буд. Панҷшерро аз мардуми он озод карда буданд, на аз муҷоҳидин. «Ҳокимияти мардумӣ» фақат дар дохили гарнизонҳо вуҷуд дошту бас. Пешравии неруҳои мо то Бозорак (30 километрии дара) дар се рӯз сурат гирифт, аммо бозгашт дар 25 рӯз. Он ҳам бо гузоштани фақат ду гарнизон дар Руха (маркази ноҳия) ва Аънобa ва ин ки аз гузоштани ин ду гарнизон чӣ аҳдоферо мехостанд дунбол кунанд, ман намедонам, ман вазифаи худамро анҷом медодам. Чунин буд шароите, ки ман ба кор оғоз кардам. Дар ибтидо чунон ки гуфтам, ҳеҷ кас дар минтақа вуҷуд надошт. Аммо оҳиста-оҳиста мардум аз шаҳр ва кӯҳҳо баргаштанд.

Дар ҳамин айём буд, ки бо Мирдод ошно шудам ва бо ҳам дӯст шудем. Ағлаб бо ҳам менишастем, чой менӯшидем ва дар бораи Афғонистон сӯҳбат мекардем. Сӯҳбат дар бораи Афғонистон барои ман ҷолиб буд, зеро назди ман суолоти зиёде вуҷуд дошт, ки мехостам ҷавоби онро бидонам.

Бозгашти мардум ба Аънобa маро ба ин фикр андохт, ки бо ин мардум чӣ бояд кард? Мехостам дар намунаи Панҷшер нишон бидиҳам, ки имкони барқарор кардани тамос ва сӯҳбат бо тарафи муқобил барои таъмини зиндагии сулҳомез вуҷуд дорад. Аммо чаро Панҷшер? Ба хотири ин ки Панҷшер доғтарин нуқтаи Афғонистон буд.

Ҳангоми айёми истироҳат дар Маскав буд, ки фикри худро ба раисам Пётр Ивашутин[1] матраҳ кардам. Албатта, қабл аз пардохтан ба қаноати ӯ барои қаноат додани худам

[1] Петр Ивашутин – раиси ситоди кулли кашфи Вазорати дифои Шӯравӣ 1965-1983.

бо иддае аз аҳолии Панҷшер дар Кобул мулоқот карда, ба сурати кулли̅, на мушаххас, фикри худро ба машварат гузошта будам.

Билохира, ман муваффақ шудам, то аз раисам иҷозаи татбиқи тарҳи худро бигирам. Албатта, ин ки дар сатҳи болотар ӯ мавзӯъро бо ки̅ матраҳ кард, намедонам. Аммо баъдҳо фаҳмидам, ки Огарков-раиси Ситоди кулл ва Устинов – Вазири дифоъ аз мавзӯъ бохабар буданд ва ҷараёнро бо алоқаманди пайгири̅ мекарданд. Аммо дар сатҳи Бюрои (дафтари) Сиёси̅ чи̅ қадр медонистанд, ман чизе намедонам. Ин нуктаро ҳам бояд бигӯям, ки тақрибан тамоми соли 1982 сарфи омодагии ин барнома шуд.

Барои шурӯъи кор ибтидо ҳамкорони худро назди Мирдод фиристодам, то бо ӯ тамос барқарор намоянд ва баъд худам роҳии Кобул шудам. 10-уми ноябри соли 1982 буд, ки машғул ба кор шудем. Баъд аз машварат бо Мирдод, Довудро барои ин кор интихоб кардем. Номае барои Масъуд навиштам, ки онро худам имзо кардам. Нома мухтасар буд: «Мулоқот ба хотири табодули назар рӯи мавзӯъоти мавриди алоқа». Номаро ба Довуд дода, ӯро ба тарафи мақсад фиристодем. Албатта, мо иқдомоти лозимро барои таъмини амнияти Довуд то ҳадде, ки марбут ба мо мешуд, карда будем. Мисли қатъи оташи неруҳои мо бар Панҷшер дар тӯли замони рафту баргашти Довуд, махфикори̅ ва ғайра. Аммо қазия ба ҳамин соддаги̅ набуд. Мутобиқи дастур бояд ҳеҷ кас аз неруҳои мо ба шумули артиши чиҳилум ва КГБ ва органҳои афғони̅ намедонистанд, ки чи̅ коре дар ҷараён аст. Бинобар ин, кӯчактарин иштибоҳ метавонист тамоми заҳамотро барбод диҳад. Бояд дардмандона бигӯям, буданд касоне, ки бо сулҳ мухолифат доштанд ва арзиш надорад, ки имрӯз аз онҳо ном бибарам.

Билахира Довуд баъд аз даҳ рӯз баргашт[1] ва мо, ба рости̅, то омаданаш нигарон будем. Масъуд дар номае, ки намедо-

[1] Мирдод муддати рафту баргашти Довудро 28 ва Анатолий 10 рӯз мегӯянд. Шояд ин таноқуз ба иллати гузашти замони зиёд ва фаромӯши̅ бошад.

нам ба хатти худаш буд ё ба дастури ӯ каси дигаре навишта буд, ба пешниҳоди мо ҷавоби мусбат дода ва моро ҷиҳати мулоқот ба Панҷшер даъват карда буд. Муҳимтар он ки амнияти моро тазмин (замонат) карда буд. Қабл аз рафтани ман ба мулоқоти Масъуд, Мирдод ва Довуд наздаш рафта буданд, то маҳалли мулоқотро таъйин намоянд. Дар миёни мо ин назар вуҷуд дошт, ки маҳалли мулоқот дар наздикии гарнизони мо дар Руха ё дар минтақаи ҳеҷ кас сурат гирад (минтақаи мобайни ду ҷабҳа). Албатта, дар наздикии гарнизон мумкин набуд ва минтақаи ҳеҷ кас дар он ҷо вуҷуд надошт. Зеро чанд метр дуртар аз гарнизон таҳти кантроли муҷоҳиддин буд. Масъуд ҳам ин пешниҳодро рад кард ва тасмим гирифтем ба маҳалле, ки Масъуд таъйин карда буд, ки намедонистем куҷост, биравем. Қарор шуд шабҳангом дар минтақаи ғайримаскунӣ бо намояндагони Масъуд ҳамроҳ шуда, сипас ба ҷое, ки барои мулоқот таъйин шуда буд, биравем.

## МУЛОҚОТ БО МАСЪУД

Он шабро дақиқ ба ёд дорам. 31 декабри соли 1982, шаби Соли Нав – соли 1983 ба неруҳои мо дастур дода шуда буд, тирандозӣ накунанд. Он чӣ дар ҳамчу айём дар ҷабаҳот маъмул буд.

Бо як зиреҳпӯш (БТР) ба тарафи маҳалле, ки таъйин шуда буд, ҳаракат кардем. Махфикорӣ маҳдудияте буд, ки дар ҳар қадам бо мо буд. Инак, убур аз миёни неруҳои афғонӣ, ки дар канори неруҳои мо дар Руха қарор доштанд. Аз он ҷо ҳам бо эҳтиёт гузаштем. Дар дохили БТР чаҳор нафар будем. Ман, Мирдод, мутарҷим ва ронанда. Билохира ба маҳалли мулоқоти аввалӣ расидем. Ҳатман мехоҳед бидонед, чӣ эҳсосе доштам, инро баъдҳо Соколов-Вазири дифоъ ва Огарков – раиси Ситоди кулл низ аз ман пурсиданд: ваҳшатнок буд? Гуфтам: «Ба ҳеҷ сурат, фақат як нигаронӣ доштам ва он ин ки накунад Масъуд дар охирин лаҳза аз мулоқот сарфи назар кунад ва каси дигареро бифиристад. Ҷолиб ин ки то он замон на Масъудро дида будам, на тасви-

ри ӯро. Ва агар каси дигареро ба ҷойи ӯ нишонам медоданд чӣ? Ман фақат ҳамин нигарониро доштам».

Ба маҳалли тамос расидем. Дар торикии шаб намояндаи Масъудро бароям муаррифӣ карданд: Тоҷиддин. Баъд аз аҳволпурсӣ пиёда ба тарафи маҳалли мулоқот ҳаракат кардем. Фикр мекунам, пиёдаравӣ чанд соат ба тӯл анҷомид. Тоҷиддин мутаваҷҷеҳи ман буд. Ва ман фаҳмидам вай дастур дорад аз ман муҳофизат намояд. Вай роҳро дар торикӣ ба ман нишон медод ва ҳам дар ҳар фурсат таваққуф мекард, то каме истироҳат кунем. Гурӯҳи амниятӣ низ бо мо буд. Чизе аз нимаҳои шаб гузашта буд, ки ба маҳалли мулоқот расидем. Дар миёни харобаҳои ҷанг чӣ тур хонае солим монда буд, намедонам. Дохили хона ҳам бароям тааҷҷубовар буд. Ҳама чиз пок ва назиф. Фаршҳо, зарфҳо, лиҳофҳо ва душакҳо (болиштҳо). Каме нишастем, чой нӯшидем. Тоҷиддин аз таъхири мулоқот хабар дод. Ӯ гуфт: «Масъуд мегӯяд, агар меҳмонон мувофиқ бошанд, фардо 9-30 мулоқот намоем. Зеро вақт кам монда аст». Тибқи барнома, мехостем мулоқот шаб анҷом ёбад ва то равшании субҳ дар қароргоҳи худ бошем. Аммо, инак, тағйири барнома маъқул ба назар мерасид, зеро то равшании субҳ замони зиёде намонда буд. Лиҳозо мувофиқат кардам ва, рост бигӯям, роҳат хоб рафтам.

Фардо қабл аз омадани вай ба ин фикр будам, ки чӣ гуна бо ӯ аҳволпурсӣ кунам. Монанди ду шахси аз ду ҷониб мухолиф? Ба таври хушк ва расмӣ? Ё афғонӣ? Ман охириро интихоб кардам.

Дуруст 9.30 буд, ки Масъуд ворид шуд. Хилофи интизори ман, ҷавоне зебо, бо қади мутавассит, пӯсти рӯшан ва муаддаб. Ба расми афғонӣ аҳволпурсӣ кардем ва нишастем. Аввалин саволаш дар бораи ҳадафи сафари ман набуд. Ӯ аз ҳолам пурсид, ки баъд аз роҳпаймоии тӯлонӣ чӣ тур аст? Хаста нестам ва аз ин қабил ҳарфҳо, ки фазоро барои шурӯъи гуфтугӯҳо мусоъид кард ва ман инро аз Масъуд омӯхтам. Баъд аз ҳадафи сафарам пурсид. Гуфтам: «Мо пешниҳод мекунем, оташбас барқарор шавад». Ба ин тартиб музокира оғоз гардид ва мунҷар (анҷом) ба як оташбаси шашмоҳа шуд.

Тавофуқ рӯи оташбас ба сурати шифоҳӣ сурат гирифт ва кадом санаде байни мо табодула нагардид. Дар муддати тавофуқшуда оташбас аз тарафи неруҳои Масъуд муроъот (риоя) гардид. Аммо аз тарафи неруҳои мо чанд бор нақз (вайрон) гардид. Аз ҷумла як бор ман назди Масъуд будам, ки ҳавопаймоҳои мо маҳалле дар Панҷшерро бамборон карданд. Ва ин сахт боъиси асабонияти Масъуд гардид. Ӯ ба ман гуфт: «Агар бовар надоред, метавонед биравед ва аз наздик он ҷойро бубинед». Албатта, ман бовар доштам, ки Масъуд рост мегӯяд. Масъулини неруҳои мо гуфтанд: «Бамборон саҳван сурат гирифтааст». Аммо баъдҳо кантроли бештаре бар Артиши чиҳилум муқаррар гардид.

Ман ҷамъан панҷ-шаш бор Масъудро мулоқот кардам, то тавофуқ дар мавриди ҷузъиёти оташбас сурат гирифт. Медонед, дар миёни мо пешниҳодҳо ва назариёт ва суолоти аҷибе матраҳ мешуданд, ки маншаи он аз шинохти нодурусти мо аз Масъуд ва авзоъ буд. Масалан, мегуфтанд: ба Масъуд бояд пешниҳод гардад, то мансаберо дар давлати Кормал бипазирад. Ман дар ҷавоб гуфтам: «Ман ҳатто матраҳ кардани онро нодуруст медонам». Ё ин ки «Аз вай тақозо гардад, то силоҳи худро бар замин бигузорад». Ман дар ҷавоб барояшон мегуфтам: «Шумо чӣ тур аз душмане, ки мағлуб нашудааст, мехоҳед то силоҳи худро бар замин бигузорад». Ва ё мепурсиданд: «Магар онҳо ин асли содаро ҳам намедонанд, ки мо омадаем, то ҳокимияти мардумиро дар ин ҷо таъмин кунем?» Ба ёд дорам як бор Павел Грачёв (баъдҳо Вазири дифоъ) дар иҷтимоъи мардумӣ дар ҳамин Аъноба хитоб ба онон гуфт: «Мо ба шумо замин медиҳем!» Ва ман аз нигоҳҳои мардум хадс мезадам (тахмин мекардам), ки аз худ мепурсиданд: «Яъне чӣ? Замини худамонро ба худамон медиҳанд?» Ва суолоте аз ин қабил, ки бисёриро ман худ ҷавоб медодам.

Оқибат марҳалаи татбиқи оташбас фаро расид ва неруҳои мо шурӯъ ба ақабнишинӣ аз Руха карданд. Сирф бахше аз неруҳо дар Аъноба боқӣ монд, чунон ки тавофуқ сурат гирифта буд. Ҳамчунон сойири манотиқе, ки шомили оташбас мешуданд, рӯи нақша нишонӣ шуданд. Ҳангоми хурӯҷ ба

Масъуд пешниҳод кардем: барои пок кардани майнҳо, агар ба майнполхо (ҷӯяндагони мина) зарурат дошта бошад, метавонем онҳоро дар дастрасаш бигузорем. Ва ӯ дар посух гуфт: «Ташаккур, мо беҳтар аз шумо медонем, майнҳо дар куҷо ҳастанд».

Намедонам чӣ қадр вақт аз оташбас гузашта буд, ки вазифаи ман дар Афғонистон ба поён расид. Масъуд аз ин хабар хурсанд нашуд ва мехост бимонам. Худам ҳам мехостам бимонам. Ба раисам инро пешниҳод кардам, аммо пазируфта нашуд. Чӣ метавонистам кард, ин ҷо дар Русия мегӯянд: «Аз боло беҳтар маълум мешавад».

Оташбас барқарор шуд, фикри ман амалӣ шуд. Орзуи ман баровaward гардид ва ман ба Маскав баргаштам. Аммо ин суоли низомиёни мо бепосух монд, ки баъд чӣ? Баъдашро гузашти замон посух дод. Амалиёти машҳури соли 84, боз ҳам талафот ва боз ҳам бенатиҷа. Ҷолиб он ки ин амалиёт ҳатто бар ман дар Маскав ҳам таъсир гузошт. Афроди КГБ аз ман шурӯъ ба таҳқиқ карданд. Ба ин тавофут, ки на дар идораи КГБ, балки дар дафтари худам ва на ба номи таҳқиқ, балки ба номи «як гуфтугӯ». Аммо дӯстон ва ҳамкоронам сарнавиште бадтар аз ман дар интизорашон буд: тарҷумонам Амир Муҳаммади Самарқандӣ (Макс) низ мавриди бозпурсӣ қарор гирифта, хонаашро ба манзури пайдо кардани ханҷари ҷавоҳирнишон, ки гӯё аз Масъуд ба ҳадя гирифта буд, бозрасӣ карданд. Ва Мирдодро ба зиндон андохтанд. Ӯ ҳафт солро дар он ҷо гузаронд.

## ИЛЛАТИ ОТАШБАС

### Аз забони Аҳмадшоҳи Масъуд

Барои фаҳмидани иллати оташбас бояд каме ба ақаб баргардем:

Шӯравиҳо дар соли 1982 ду ҳамлаи васеъ ба Панҷшер карданд, ки байни ду ҳамла фосилаи замонии чандоне вуҷуд надошт. Метавон гуфт, ҳамлаи дувумӣ ба идомаи ҳамон ҳамлаи аввалӣ, ки дастоварде надошт, сурат гирифт.

Мо аз ҳамлаи душман хабар доштем ва бинобар таҷриба аз ҳамалоти қаблии онҳо ман бахши бузурге аз қувои худро дар қисмати пойини дара ҷо ба ҷо карда будам ва мехостам ҷанг дар ҳамон қисмат маҳдуд монда, ба қисматҳои болои дара кашонда нашавад. Роҳи тангеро, ки дар мадхали (даромадгоҳи) дара қарор дошт, қатъ карда, мехостем бо неруи пиёдаи душман рӯ ба рӯ шавем, вале душман хилофи пешбинии мо баъд аз заработи ҳавоӣ дар қисмати болои дара (Руха ва Остона[1]) неруҳои худро аз тариқи ҳаво десант кард. Ҳарчанд манобеъи мо ду рӯз қабл аз ҳамла аз чигунагии тактики душман маро мутталеъ карда буданд, аммо қосид ба гумони ин ки аз ҳамла қаблан моро хабар дода, дар расонидани номаи дувумӣ камтаваҷҷуҳӣ карда буд. Бинобар ин, мо қисман ғофилгир шудем.

Бо вуҷуди он ки омодагии комил дар поёнии дара гирифта шуда буд, қувои десантшудаи душман дар Руха ва Остона ба муқовимати ҷиддӣ мувоҷеҳ шуд. Ва дар Руха даҳҳо тани онҳо кушта шуданд. Зимнан, се чархболи онҳо суқут дода шуд ва беш аз чиҳил мил (дона) аслиҳаи сабуки мухталифуннавъ (гуногун) ба ғанимат гирифта шуд. Ду дастгоҳи ракети сабуки «Замин ба ҳаво» низ дар ҷумлаи амволи ғаниматӣ буд, ки маълум мешуд, ҷузъи ташкили қитаъоти (воҳидҳо) муҳоҷим буда ва бе ҳеҷ ниёзе оварда шуда буд. Зеро мо дар он вақт тайёра надоштем.

Он чи дар он ҳамла барои мо тозагӣ дошт, чаҳор чиз буд:

1. Истифодаи васеъ аз чархболҳо.
2. Десант аз тариқи ҳаво.
3. Заработи васеъи ҳавоӣ.
4. Тӯлонӣ шудани ҷанг.

Ҳамалоти гузаштаи онҳо ҳеҷ гоҳ ба як моҳ нарасид, вале дар он сол ҷанг дар тӯли баҳору тобистон идома дошт.

Дар авосит (миёна)-и тобистон қувои душман ҳолати дифоъӣ ихтиёр карда, сарбозони афғониро дар се минтақаи

[1] Ба тартиб маҳаллоте дар 25 ва 35 километрии дара. Руха маркази вулусволӣ (бахшдорӣ) дар он вақт.

болои дара (Бозорак, Баҳорак ва Бирчаман)[1] ҷо ба ҷо карда, худ дар қисмати Руха ва Аъноба марказ гирифтанд. Асокири (сарбозони) дохилӣ таҳти фармондеҳии Шаҳнавози Танай қарор доштанд, ки баъдҳо вазири дифоъ шуд.

Бо вуқуф (огоҳӣ) бар ин ки душман ҳолати дифоъӣ ихтиёр карда, мо амалиёти ҳуҷумиро оғоз кардем. Қувои асокири дохилии мустақари (ҷойгиршуда) Барчаман аввалин ҳадаф буд. Ин қуво ба сахтӣ талафот дид. Метавонам бигӯям, навад дарсади он талаф шуд. Садҳо нафар асир гардиданд. Иддае аз асокир ҷиҳати наҷот худро ба дарёи Панҷшер андохтад, аммо ҳама дар дарё ғарқ шуданд.

Барои аввалин бор теъдоди аслиҳаи сангин ва зиреҳпӯш ба дасти мо уфтод. Амалиёти Барчаман бар рӯҳияи неруҳои душман ба вижа (ба хусус) асокири дохилӣ сахт садама расонд. Ҷолиб он ки шӯравиҳо ҳеҷ кӯмаке ба онҳо накарданд ё натавонистанд. Ҳоло навбати ду гарнизони дигари дохилиҳо дар Баҳорак ва Бозорак расида буд. Онҳо дарёфта буданд, ки муқовимат чӣ натоиҷе ба бор меоварад. То замони ҳуҷум бар ин ду гарнизон хутути тадорукотии (роҳҳои таъминотии) ҳавоии онҳо қатъ шуда буданд ва хатти заминӣ пай дар пай зери зарбаи амалиётҳо буд.

Дар масири ҷодаи Панҷшер байни Руха ва пойинтар аз он низ амалиёт бар қаторҳои таъминотӣ, посгоҳҳо ва гарнизонҳои шӯравӣ идома дошт.

Ду гарнизони асокири дохилӣ дар Баҳорак ва Бозорак ночор ба ақабнишинӣ шуда, бо қабули талафот Баҳорак ва Бозоракро монда ва ба Руха ва Аъноба ақабнишинӣ карданд. Бад-ин тартиб сулси (як севуми) дара баъд аз як ҷанги шашмоҳа озод гардид ва барои мо фурсати он ба даст омад, то фишорро бар ду маркази шӯравиҳо мутамаркиз намоем.

Дар чунин авзоъ ахторияе (огоҳнома) аз Бабрак Кормал (Раиси Ҷумҳурии Коммунистии Афғонистон) ба ман расид, ки ҳанӯз наздам мавҷуд аст. Ӯ зарбулаҷале (ултиматум)-ро таъйин карда буд, ки агар то фалон вақт таслим нашавем ва

[1] Бозорак, Баҳорак ва Бирчаман маҳаллоте ба пойин ва болои дара ба тартиб 30, 35 ва 45 км. дара.

аслиҳаи худро ба замин нагузорем, чунин ва чунон хоҳад кард. Возеҳ буд, ки як бори дигар Кормал бар тавонмандии артиши Шӯравӣ такя карда, итминоне аз ҷониби онҳо барои ҷуброни шикасти асокири дохилӣ дарёфт карда буд. Дар ғайри он барои асокири дохилӣ чунон руҳияе намонда буд, ки кори муҳимеро ба анҷом расонад.

Ба номаи Бабрак Кормал ҷавоби лозим дода, ба фикри омодагӣ ҷиҳати дифоъ дар муқобили ҳамлаи баъдии онҳо шудем. Ҳамлае, ки Кормал аз он ёд карда буд.

Ҳамла тавассути неруҳои Шӯравӣ анҷом ёфт ва бо амалиёти аввали онҳо тафовути чандоне надошт. Сирф талафоти мардумӣ бештар ва сӯхтондани хонаҳо дар паймонаи васеътар ба он изофа шуд. Заработи шадиди ҳавоӣ, десант аз тариқи ҳаво, ҳамлаи зиреҳӣ аз тариқи замин нишонаҳои муҳими амалиётро ташкил медоданд. Албатта, дастгирии ман низ шомили ин барнома буд. Аммо онҳо ба ҳеҷ як аз аҳдоф нарасиданд. Қувои Шӯравӣ бо таҷриба аз дафъаи қаблӣ баъд аз хатми амалиёт дар ҷойе мустақар нашуда, дубора ба ду минтақаи қаблӣ: Руха ва Аъноба ақабнишинӣ карда, ҳолати дифоъӣ интихоб карданд.

Шикасти аввалин ҳамлаи васеъи шӯравиҳо дар қисматҳои болои дара ва ақабнишинии онҳо ба ду минтақаи Руха ва Аъноба зарурати тасфия (тоза кардан)-и онҳо аз Панҷшерро барои мо дучандон кард. Зеро давоми онҳо дар дара барои мо зиёнбор буд, ки баъдан ба он хоҳам пардохт. Ҳоло бубинем, корро аз куҷо оғоз кардем.

Гарнизони шӯравиҳо дар Руха қисмате аз қувои дохилиро низ дар канори худ дошт. Аммо дар Аъноба аксар асокири Шӯравӣ буд.

Гарнизони Руха дар заминҳои ҳамвори мардум, ки қисман аз шимол ва ҷануб тавассути кӯҳҳо иҳота шуда буд, қарор дошт. Душман барои дифоъ ду то се пости камарбанди амниятӣ баландиҳои шимол ва ҷануб ҷо ба ҷо карда буд. Ва барои дифои ҳамалоти наздик дар атрофи Руха мавозеъи сарпӯшида ва киштзорҳои мина эҷод карда буд. Мо се ҳадафро ҷиҳати ҳамла интихоб кардем: ҳамла бар пустаҳо ва ишғоли муваққатӣ ё доимии онҳо; ҳамла бар хутути

таъминоти заминӣ ва ҳавоии онҳо; ҳамла тавассути силоҳҳои сабуки дурбурд, ки дар он ҳангом мо дар ихтиёр доштем. Монанди ҳовони (миномёт) 82 миллиметрӣ ва мошиндори (автомат) ДШК-и 12,7 миллиметрӣ ва ғайра.

Ҷиҳати иҷрои ин тактик ду тан аз фармондеҳони хуб, яъне қумондон Гадо ва қумондон Паноҳро дар Руха мувазаф кардам. Ҳар ду ибтикороти хубе карданд. Қумондон Гадо бо оташи давомдор аз дур асокири душманро ба додани талафот ва адами таҳаррук (наҷунбидан) дар соҳаи гарнизон маҷбур карда буд, чунон ки тирандозии пуртаъсири силоҳҳои дурбурд онҳоро чунон замингир карда буд, ки ҳатто гашту гузор аз тариқи хандақҳо низ барояшон беазият ва талафот набуд. Ва қумондон Паноҳ ҳам дар гирифтани постҳо, ҳамла бар қаторҳо ва амалиёти нуфузӣ дар дохили гарнизони душман корҳои таҳсинбарангезро анҷом дод[1]. Ҳамла бар постҳо ба иллати мавҷудияти киштзорҳои майн барои мо холӣ аз талафот набуд. Фикр мекунам, беш аз сад нафар аз афроди мо пойҳои худро дар асари инфиҷори майнҳо аз даст доданд ва иддае ҳам ба шаҳодат расиданд. Зеро доктарони ботаҷриба ва доруҳои лозим дар ҷабҳа ба нудрат (андаке) дар дастрас буданд.

Иртиботи заминӣ байни гарнизони Руха дар қисмати болои дара ва Аъноба дар қисмати поёни дара пай дар пай тавассути ҳамалоти мо қатъ мешуд ва қаторҳои таъминотӣ баъд аз ҳафтаҳо талош ба мушкил метавонистанд ба Руха чизе бирасонанд. Ҳатто дар мавориде тағйир низ доданд, магар фоидаи чандоне барои онҳо надошт.

---

[1] Сӯфӣ Ғуломмуҳаммад машҳур ба Сӯфӣ ДШК дар ҳамин давра буд, ки ба як афсона дар миёни асокири Шӯравӣ ва афғонӣ табдил шуд. Он чиро Масъуд силоҳҳои дурбурд мегӯяд, тавассути муҷоҳидини бисёр фидокор ва шуҷоъ иҷро мегардид, ки ҳама босадоқат ва ихлос кор мекарданд. Шумо инро вақте бовар мекунед, ки ҳамон Сӯфӣ ДШК-ро, ки он ҳама шӯҳрати афсонавӣ дар миёни душманони худ дорад, аз наздик бубинед. Қомати каме хамида, мӯйҳо ва маҳосини сафед, либосҳои кухна, фақир ва тангдаст, аммо қонеъ ва сабур. Ҳеҷ имтиёзе барояш надодаанд. Бовар мекунед? Ӯ ҳам барои имтиёз гирифтан наҷангида аст. Ӯ аз табори муҷоҳидини воқеӣ аст, ки барои ормонҳои бузург мубориза кардааст ва бо ҳамон ифтихорот зиндагӣ мекунад.

Бо оғози барфбориҳо ва сафед шудани кӯҳҳо ҳамла бар пустаҳо ба мушкил рӯ ба рӯ мешуд, зеро имкони дидани майнҳо ва хунсо (безарар) кардани онҳоро аз байн мебурд. Ман ба фикри тактики ҷадиде аз ҳамалот будам, ки шароити обу ҳаво барои мо иҷоза медод. Бо қумондон Паноҳ имкони як ҳамлаи нуфузӣ ба гарнизони Рухаро арзёбӣ кардам. Маълум шуд, ки имкони он вуҷуд дорад, ин ҳамла дар замоне созмондеҳӣ шуд, ки оташи хумпораандоз ва мошиндорҳои 12,7 миллиметрӣ ва 14,5 миллиметрӣ афроди душманро дар гарнизон ба шиддат хаста карда буд.

Қарор шуд қумондон Паноҳ чиҳил тан афроди довталабро, ки муҷаррад бошанд, ҷамъ карда, як ҳамлаи ниҳоят ғофилгирро анҷом диҳад. Чун соири муҷоҳидини қумондон Паноҳ иттилоъ ёфтанд, теъдоди довталабон ба як саду панҷоҳ нафар расид. Биноан ба хотири эҳтиёт дар ғофилгирӣ муваққатан аз иҷрои он сарфи назар кардем.

Билохира фурсати лозим фаро расид ва дастур додам амал намоянд. Дар байни гарнизони Руха дарёчаи кӯчаке аз дараи Карбошӣ мегузарад, ки қувои шӯравиҳо ва асокири дохилиро аз ҳам ҷудо мекард. Душман аз майнгузории ин дарёчаи кӯчак, ки як зону бештар об надошт, ғофил монда буд. Қумондон Паноҳ дар торикии шаб аз масири дарёча истифода кард ва дохили гарнизони Руха гардид. Дар он ҷо бар мавозеъи душман оташ кушуд. Маркази савқу идораи (фармондеҳӣ) онҳо низ ҳадаф қарор гирифт. Шӯравиҳо, ки ғофилгир шуда буданд, ба гумони ин ки неруҳои афғонӣ бар онҳо оташ кардаанд, қувои афғониро зери оташ гирифтанд. Билмуқобил неруҳои давлатии афғонӣ низ ба оташбории шӯравиҳо посух доданд. Ин оташборӣ беш аз як соат идома ёфт. Гурӯҳи нуфузии мо бо додани як нафар талаф муваффақона аз соҳа хориҷ шуд. Дар ҳоле ки душман то лаҳзае, ки садои такбири муҷоҳидинро нашунида буд, намефаҳмид, ҳамла аз тарафи мо сурат гирифтааст. Ду рӯз қабл аз амалиёт барои тарсондани маркази онҳо дар Кобул низ даст ба як бозии иттилоотӣ задам.

Ба яке аз афроди иттилоотии мо, ки Ғуломсахӣ ном дошт, номае додам, то зоҳиран ба яке аз қумондонҳои мо ба номи

Сӯфӣ Расул дар Фарза[1] бирасонад. Ғуломсахӣ аз тарафи мо дар дастгоҳи КГБ-и шӯравиҳо нуфуз карда буд. Тавре ки тавониста буд, назди онҳо эътибор касб кунад. Ман гоҳ-гоҳ ба хотири ин ки назди шӯравиҳо эътибораш зиёд гардад, иттилооти дурустеро, ки зараре ба мо надоштанд, ба ӯ медодам. Ва ин кор дарвоқеъ эътибори ӯро назди шахсе ба номи Озодхон, ки дар дастгоҳи КГБ-и Шӯравӣ дар Кобул кор мекард, баланд бурда буд. Ман Озодхонро намешинохтам. Ва шояд ин номи мустаъораш (лақаб) буда бошад. Ин Ғуломсахӣ буд, ки ба ман мегуфт, иттилоотро ба Озодхон мебарад.

Дар нома ба Сӯфӣ Расул навишта будам, ки мо фасли тозае аз ҳамалоти файсалакунро оғоз хоҳем кард. Ин ҳамалотро садҳо нафар довталабони марг анҷом хоҳанд дод. Муҳиммот ва аслиҳаи кофӣ ҳам расида ва гарнизонҳои душман дар Панҷшер ва сойири нуқот аҳдофи умдаи мо ҳастанд. Номаро ҳангоме ба Ғуломсахӣ додам, ки пеш аз оғози амалиёт ба дасти онҳо нарасад.

Ба ӯ гуфтам: ба маъмури КГБ бигӯяд, номаро баъд аз мутолиа қисме баста намояд, ки вақте ба Сӯфӣ Расул мерасад, бар вай бадгумон нашавад. Вале ба Ғуломсахӣ аз мӯҳтавои нома қаблан чизе нагуфтам ва нома ҳангоме ба дасти онҳо расид, ки амалиёт сурат гирифта буд. Баъд аз фароғат аз амалиёти нуфузии Руха гарнизони Аънобаро зери кор гирифтем.

Дар Аъноба қувои душман бар хилофи Руха бештар дар хаймаҳо қарор доштанд. Зимнан, тартиботи дифоъии он нисбат ба Руха заъифтар ва киштзорҳои майн камтар буд. Баъд аз машварат бо муҷоҳидин маҳалли як захираи муҳиммотро, ки дар он авохир дар қалъае қарор дошт, бо теъдоде аз хаймаҳои иқомати онҳо ҳадаф таъйин кардем. Барои нуфуз боз ҳам афроди довталаб ва масири дарёро интихоб кардем. Дарёи Панҷшер дар ҷануби гарнизони Аъноба нуқтаи хубе барои нуфуз ва иҷрои амалиёт ташхис гардид.

Бо фаро расидани шаб муҷоҳидин дарёро убур карданд ва аз тарафи ҷануб вориди Аъноба шуданд. Сипас ба ду

---

[1] Фарза минтақае дар шимоли Кобул ва Сӯфӣ Расул масъули он.

қисмат тақсим шуда, аксарият ба тарафи хаймаҳо рафтанд ва як гурӯҳ бо як тӯпи сабуки 82 миллиметрӣ, ки тоза ба мо расида буд, ба тарафи захираи муҳиммот рафт. Бо баланд шудани фишанг (тирҳои равшанкунанда), ки нишонаи оғози амалиёт буд, ба тарафи аҳдоф оташ кушуданд. Ҷолиб он ки ҳангоми нуфуз ба дохили гарнизон ҳатто бо посбонон низ барнахурданд, ки маълум мешуд ҳама хоб буданд. Ин амалиёт ҳам бомуваффақият анҷом шуд ва бар хилофи амалиёти Руха як нафар ҳам талафот надоштем (Фармондеҳи ин амалиёт Ҳоҷӣ Баҳлул буд).

Барои иҷрои амалиёти дувум боз ҳам бозии иттилоотиро фаромӯш накардам. Номае аз тариқи Ғуломсахӣ унвонии касе фиристодам ва дар он аз амалиёти дувум ва хусусан амалиёти севум, ки онро хатарнок тавсиф намуда будам, ёд кардам. Ин нома низ ба мавқеъ расид ва яқин дорам, ки масъулини умурро ба шиддат нигарон сохт.

Фикр мекунам, талафоти онҳо дар Аъноба бештар аз Руха буд. Бад-ин тартиб фишори давомдор бар душман идома дошт ва мо мекӯшидем ҳар рӯз ба наҳве ба душман талафот ворид намоем.

## ВАЗЪИ ХУДИ МО

Аз назари аслиҳа камбуди муҳимме надоштем. Зеро ба қадри лозим ба ғанимат гирифта будем. Аммо аз назари мармӣ (тир) ба чунон камбуд мувоҷеҳ (рӯ ба рӯ) будем, ки масалан, барои ду ҳовон (миномёт), ки Рухаро ҳадаф қарор медод, дар захираи худ мармӣ надоштем. Ва мармиҳои боқимондаи шӯравиҳоро, ки аксаран занг зада буданд, ҷамъ мекардем ва баъд аз поккорӣ ба он ҷо мефиристодем.

Аз назари либос авзоъ беҳтар аз муҳиммот набуд. Дақиқ ба ёд дорам, ки афроди андохткунандаи аслиҳаи дурбурд бар гарнизони Руха ҳангоми табдил кафшҳояшонро кашида ба онҳое, ки ба ҷояшон мерафтанд, медоданд.

Вазъияти ғизоӣ бадтар аз он буд. Дар авоили зимистон ба онҳое, ки дар сангарҳо буданд, рӯзона сирф муште тут ва миқдоре качолу (картошка), яъне ҳамон маҳсулоти

минтақаро медодем. Аз равғану шакар ва гандум, ки аслан хабаре набуд.

Вазъи иқтисодӣ, ки қобили васф набуд, бо пули қарза, ки он ҳам ба такрор гирифтанаш аз баъзеҳо дигар мумкин набуд, ҷангро ба пеш мебурдем.

Дар чунин ҳолат ҳайате аз тарафи Иттиҳоди исломии муҷоҳидин ба раҳбарии устод Сайёф, ки тоза дар Пешовар ташкил шуда буд, ба Панҷшер расид. Иттиҳоди исломии муҷоҳидини Афғонистон аввалин иттиҳоди умумии ҳизбҳои чандгонаи муҷоҳидин буд, ки дар Покистон ташкил шуда буд.

Ҳайат бо худ як микдор пули накд барои кӯмак ба мо оварда буд. Масрафи мо дар он рӯзгор дар як рӯз як саду панҷоҳ ҳазор афғонӣ буд. Яъне дар як сол болотар аз 60 миллион афғонӣ. Ҳайат бо худ як миллиону дусад ҳазор афғонӣ оварда буд. Онҳо баъд аз дидани вазъияти мо аз супурдани он ба ман хиҷолат мекашиданд.

Ин ягона кӯмаки накдӣ буд, ки фақат як бор дар ҷараёни он ҷанги тӯлонӣ тавассути Иттиҳоди исломии навпо барои мо фиристода шуд. Дар ҳоле ки иттиҳоди ҷадид аз ин нуктаи назар бисёр ғанӣ буд. Гузашта аз инҳо, дар авосити ҷанг буд, ки Ҳизби исломӣ низ аз ҷабҳаи дигаре бо мо вориди ҷанг шуд. Аввал бар марокизи мо дар Парвон ва Кописо[1] ҳамла кард. Сипас тамоми роҳҳои таъминотии моро қатъ кард. Дар он замон роҳҳои икмолотии (таъминотии) муҷоҳидин аз Покистон то ба вилоёт аз масири сайтараи (зери назари) ҳизбҳои мухталиф мегузашт ва дар масири роҳҳои мо Ҳизби исломӣ қарор дошт.

Ҳизби исломӣ машғулияти мо дар ҷанг бо асокири шӯравиро ғанимат шумурда, ибтидо хутути тадорукотии моро зери зарба қарор дод. Таври мисол, дар ҳамон ҳангом, ки ҷанги шадиде дар Панҷшер ҷараён дошт, як корвони аслиҳа ва муҳиммоти моро, ки иборат аз сад асп буд, устод Фарид[2] дар Кӯҳистон (минтақае дар ҷавори Панҷшер) ғорат

[1] Вилояте дар шимоли Кобул.
[2] Волии (ҳоким, губернатор) Кописо аз тарафи Ҳизби исломӣ дар он вақт.

кард. Ҳамчунон роҳи Наҷроб-Панҷшер (дар ҷануб) ва Андароб-Панҷшер (дар шимол) низ тавассути Ҳизби исломӣ бар рӯи мо қатъ гардид.

Роҳи икмолотии мо аз тарафи Бадахшон низ чанде қабл аз он бо эҷоди як гарнизони давлатӣ дар Кирон масдуд шуда буд. Вазъияти бади иқтисодӣ оҳиста сабаби кӯчидани мардуми дара шуд. Ва табъан хурӯҷи мардум аз дара, ки муҷоҳидини мо ба он вобастагии мустақим доштанд, ба руҳияи афрод ва набзи иқтисодии ҷабҳа таъсири манфӣ мерасонд. Зеро бо хурӯҷи мардум мо маҷбур будем он идда муҷоҳидинеро, ки дар сангари ҷанг ҳам набуданд, иъоша (бо ғизо) таъмин намоем.

Бо вуҷуди ҳамаи ин мушкилот аз фишор болои душман намекостем ва бисёр таваҷҷуҳ доштем, ки шӯравиҳо ва дастгоҳи иттилоотии душман аз вазъияти мо чизе нафаҳманд.

Агар душман дар он айём ҳамлаи дигареро бар мо иҷро мекард, аз назари муҳиммот ҳатто тавони дифоъ аз худро ҳам надоштем.

Ҷанги соли 1982-и шӯравиҳо дар Панҷшерро метавон тӯлонитаррин амалиёти қувои Шӯравӣ дар Афғонистон то он сол номид.

Ҷанги тӯлонӣ, вазъияти бади иқтисодӣ, бетаваҷҷуҳии раҳбарони муқим дар Пешовар ба вазъи мо, нарасидани муҳиммот ва сойири заруриёти ҷабҳа, камбуди шадиди пул, қатъи роҳҳои икмолотӣ тавассути Ҳизби исломӣ, кӯчидани мардум аз дара ва идомаи ҷанг масоиле буданд, ки фикри маро ҳамеша машғул медоштанд ва ман доим ба фикри роҳи бурунрафт аз ин мушкилот будам.

Дар чунин авзоъ ва аҳволе як рӯз Довуд, баъдан раиси ноҳияи Аъноба, ки аз ақорибi мо буд, наздам омад. Аз диданаш тааҷҷуб кардам, зеро солҳо буд, ӯро надида будам. Фикр кардам, ҳатман кори муҳимме дорад. Аз симояш ҳам пайдо буд. Баъд аз салом гуфт: «Кори муҳим ва оҷиле бо Шумо дорам». Ман гуфтам: «Хуб аст, шаб бо ҳам мебинем». Дар он ҳангом нисбати бомбаборони шадиди ҳавоӣ дар тӯли рӯз имкони мулоқот дар хонаҳо набуд. Ба ҳамин

далел ба муҷарради равшании субҳ мардум ва муҷоҳидин хонаҳоро тарк мекарданд ва бо вуҷуди сардӣ рӯзро то шом дар паноҳгоҳҳои сард мегузаштонданд. Ба ёдам ҳаст, шаб дар қаряи Навалич Довудро дидам. Пурсидам: «Барои чӣ коре омадааст». Бидуни тавзеҳи қаблӣ номаи сарбастаеро аз ҷайбаш берун овард ва ба ман дод. Номаро кушудам. Паёми маҳрамонае аз тарафи фармондеҳии неруи чиҳилуми Шӯравӣ ба имзо ва мӯҳри шахсе буд, ки инак ба ёдам нест. Дар паём омада буд: «Ҷанг дар Панҷшер на ба нафъи шумост ва на нафъи мо. Мо ҳозирем ҷиҳати ҷилавгирӣ аз хунрезии бештар бо Шумо музокира кунем...» Хат ба забони русӣ навишта шуда буд ва дар канори он тарҷумааш ба забони форсӣ ҳам буд. Баъд аз каме фикр ба Довуд гуфтам: «Бирав, ба онҳо бигӯ, ман бояд дар ин маврид бо мардум ва фармондеҳонам машварат кунам. Як ҳафта баъд ҷавоби онро хоҳам дод».

Довуд баргашт ва ман ба фикри машварат бо уламо, мардум ва фармондеҳон шудам. Аммо қабл аз инҳо тавзеҳи нукотеро зарурӣ медонам.

Ман аз муддатҳо пеш мутаваҷҷеҳи ин нукта шуда будам, ки ҷабҳаи Панҷшер аз назари рушди низомӣ аз ҷабаҳоти атрофи он пеш уфтода ва шӯҳрат пайдо карда ва ҳамин рушди зудҳангом, шӯҳрат ва наздикӣ ба Соланг ва Багром ҷабҳаро дар маркази таваҷҷуҳи шуравиҳо қарор дода ва онҳоро беш аз ҳад ба тарафи худ ҷалб мекунад. Дар натиҷа онҳо ҳар сол чандин ҳамларо бар дара тадорук мебинанд (таҳия мебинанд) ва ин дар дарозмуддат аз назари ман зиёнбор буд. Аз нуқтаи назари стратегияи ҷанги партизанӣ ҳам мо дар марҳилае будем, ки бояд манотиқи пойгоҳиро инкишоф медодем, яъне монанди Панҷшер ҷабаҳоти дигаре эҷод мекардем.

Боре дар ин маврид бо Исмоил Ториқ[1] аз Лағмон ва Забеҳуллоҳ[2] аз Мазор[3] машварат кардам ва бо онҳо ба ин

[1] Муҳаммад Исмоили Ториқ – масъули вилояти Лағмон дар соли 1359, баъдҳо террор шуд.
[2] Устод Забеҳуллоҳ – масъули вилояти Балх дар соли 1359. Ӯ низ баъдҳо террор шуд.
[3] Мазор (манзур ш.Мазори Шариф).

тавофуқ расидем, ки манотиқи кӯҳистонии мушриф бар шоҳроҳи Тирмиз-Тӯрхамро (аз шимол то ҷануб) бояд созмондеҳӣ карда, пойгоҳсозӣ намоем.

Барои иҷрои ин кор Забеҳуллоҳхон вазифа гирифт аз Мазор то Соланги Шимолиро кор кунад, Исмоили Ториқ аз Тӯрхам то Кобул ва ман аз Соланги Ҷанубӣ то Кобул ба иловаи ҷабаҳоти атрофи Панҷшер, ки рушди онҳо оҳиста буд.

Ман дақиқан мутаваҷҷеҳ будам, ки шӯравиҳо доим маро дар Панҷшер масруфи ҷанг сохтаанд ва фурсате намедиҳанд, то он барномаҳоро амалӣ кунам. Усулан кашидани ҷабҳаи Панҷшер аз буҳроне, ки гуфтам, мавзӯи муҳим, аммо дар қадами аввал, ҷонибӣ барои ман ба ҳисоб меомад. Бештарин таваҷҷӯҳи ман ба тавсеъаи (инкишоф) манотиқи пойгоҳии наздик ва ҳоким бар шоҳроҳи умдаи Тирмиз ва Тӯрхам буд.

Номаи шӯравиҳоро ба фоли нек гирифтам ва орзу кардам, то як бор чунин фурсати тилоӣ бароям даст диҳад. Ба зудӣ теъдоде аз уламо, аҳли машварат ва қумондонҳоро дар маҷлисе фаро хондам ва мавзӯъро бо онҳо матраҳ кардам.[1]

Билохира ҷаласаро доир кардам ва аъзои ҷаласаро дар ҷараёни пешниҳоди музокираи шӯравиҳо қарор додам. Дар қадами аввал аз уламо назар хостам. Дуруст ба ёд дорам, ки аввалин сухангӯ аз миёни уламо Мавлавӣ Муҳаммадвазир буд. Ӯ гуфт: «Ҳама зарурат ба як омодагии қавитар барои идомаи ҷиҳодро дарк мекунем. Ва ин пешниҳод фурсати хубе аст, то бори дигар бо як омодагии беҳтар бо душман муқобил шавем. Биноан аз назари шаръӣ на танҳо монеъае

---

[1] Нигоранда ба ёд дорад. Рӯзе дар минтақаи Маласпа истода будам, ки Аҳмадшоҳи Масъуд савор ба мутаре мегузашт. Ба муҷарраде, ки чашмаш ба ман уфтод, аз мутар пойин шуд ва маро ба каноре бурд ва оҳиста гуфт: «Шӯравиҳо пешниҳоди музокира кардаанд, намедонам содиқанд ё не. Мавзӯъ назди худат бимонад. Аммо фурсати хубе аст, ки як теъдод афродро дар риштаи аслиҳаи сақил (вазнин, манзур хумпораандоз, тӯпҳои сабук ва ғайра буд) тарбия кунӣ, ки дар ин ҷанг бисёр камбуд доштем. Аз ҳар қароргоҳ ду-ду нафар ҷамъ карда, онҳоро таълим бидеҳ. Ман кӯшиш мекунам музокира тӯлонӣ шавад, аҷала кун».

вуҷуд надорад, балки ман онро монанди сулҳи Худайбия (сулҳе, ки Паёмбар бо душманони худ кард ва дар натиҷа ду сол баъд тавонист Маккаро фатҳ кунад ва Худованд онро «Фатҳи мубин» хонд), мебинам. Уламои дигар чун Мавлавӣ Фазлулваҳҳоб, Мавлавӣ Мудассир, Мавлавӣ Ҷайлон, Мавлавӣ Абдулраб ва дигарон низ суханони ӯро таъйид карданд. Пас аз он аз фармондеҳон ва аъзои дигари ҷаласа назархоҳӣ кардам. Ҳеҷ кас мухолиф набуд. Ҳама яксадо мувофиқ буданд, то бо онҳо музокира сурат гирад ва бо истифода аз таҷрибаи ҷанги нӯҳмоҳаи ҷорӣ омодагии бештаре барои ҷанги оянда гирифта шавад.

Магар ман ҳамчунон ба тавсеъаи (инкишоф) манотиқи пойгоҳӣ[1] меандешидам.

Ба ёд дорам, дар яке аз рӯзҳо дар баландии наздикии хонаи мо дар Панҷшер нишаста будам ва саҳнаи ҷангро дар дохили дара мушоҳида мекардам. Ҷанги шадиде дар дара идома дошт ва аз ҳар тараф дуд ва оташ ба ҳаво баланд буд. Садҳо хонаро медидам, ки тӯъмаи оташ шудаанд. Ҳамон лаҳза бисёр мутаассиф будам, ки фурсате наёфтам, то чанд Панҷшери дигар бисозам, то душманро дар як соҳаи васеъ ба ҷанг бикашонам ва ё дар сурати фишор бар яке аз пойгоҳҳо мардум ва неруҳоям битавонанд ба манотиқи дигар биравaнд.

Инак, дар поёни ҷаласа ва мувофиқати ҳама ба умеди амалӣ шудани он орзуи хеш будам.

Баъд аз гузашти муддати мавъуд (ваъдакардашуда) ба онҳо паём додам, ки мо ҳозир ба музокира ҳастем. Аввалин ихтилоф бар сари маҳалли музокира пеш омад. Онҳо маҳалли музокираро дар соҳаи тахти контроли худ дар назар доштанд. Тавре ки мо чанд намояндаи худро ба он ҷо бифиристем. Ман онро қотеъона рад кардам. Бори дигар

[1] Манотиқи пойгоҳӣ манотиқи озодшудаеро гӯянд, ки партизанҳо онро пойгоҳ ва мақарри (қароргоҳ) аслии неруҳои хеш қарор медиҳанд. Манотиқи кӯҳистонӣ ва ноҳамвор, ки имкони манёври танкҳо ва ҳавопаймоҳои душман дар он камтар бошад, пойгоҳҳои хубе барои партизанҳо ба ҳисоб меравад.

гуфтанд: «Минтақаи байналбайн[1] бошад». Онро низ рад кардам. Гуфтанд: «Чӣ замонате ба хотири ҷони ҳайати мо вуҷуд дорад?» Гуфтам: «Гуфтори мо, ҷабҳаи мо ва эътибори ин ҷабҳа зомини ҷони ҳайати шумо аст». Ва низ изофа кардам: «Аз ҷониби шумо фақат як нафар он ҳам бидуни силоҳ биёяд». Шуравиҳо билохира пазируфтанд, аммо гуфтанд: «Як нафар тарҷумон ҳам бо ӯ хоҳад буд», ки ман пазируфтам. Аз ҷониби онҳо шахсе ба номи Анатолийро муаррифӣ карданд, бо як тарҷумон, ки форсӣ медонист. Аз тарафи ҷабҳа ба ман салоҳияти музокира кардан дода шуда буд. Баъд аз мувофиқа рӯи ин мавзуъот ҳайати онҳо омад.

Анатолий одами борикандом, қадбаланд ва хушбархурд буд. Вақте вориди хона шудам, баъд аз салом ва аҳволпурсӣ ман ба онҳо «Хуш омадед» гуфтам ва баъд аз таъоруфоти маъмул гуфтам: «Чунон ки медонем, мо барои музокира ҳозирем. Инак, мехоҳам аз шумо бишнавам». Бояд бигӯям, дар ин замон Андропов ба қудрат расида буд.

Анатолий ба сухан оғоз кард: «Ин ҷанг як ҷанги одилона нест. Ин ҷанг на ба нафъи Шӯравист, на ба нафъи Афғонистон. Ин ҷанг ғалат шурӯъ шуда, мо фикр мекардем, ки дар ин ҷо ғарбиҳо ва амрикоиҳо ҳастанд. Дар ҳоле ки ҳеҷ кадоми онҳо нестанд. Дар баробари мо мардуми Афғонистон қарор доранд. Мо дар муқобили деҳқон ва коргар меҷангем. Ин ҷанг бояд хотима ёбад. Мо аз як теъдод унсурҳои ватанфурӯш дифоъ кардаем. Касоне, ки дар байни мардум ҷо надоранд. Чунон ки ман мебинам, агар касе мусалмон набошад, дар Афғонистон кор карда наметавонад. Ба фикри ман, Бабрак ва ҳамроҳонаш аслан дар байни мардум ҷой надоранд. Инҳо хоин ва ватанфурӯшанд».

Анатолий вақте ин ҷумлаҳоро мегуфт, Мирдод ҳам ҳузур дошт.

Баъд аз ин муқаддима рӯи ҷанг дар Панҷшер сӯҳбат кард ва гуфт: «Ҷанги зиёде дар Панҷшер сурат гирифт. Шумо ҳам талафот додаед, мо ҳам талафот додаем, бояд коре бикунем, ки ҷилави ин хунрезӣ гирифта шавад». Нигоранда

[1] Мобайни ду ҷабҳа.

дар ҳамин қисмат чанд суол аз оқои Аҳмадшоҳи Масъуд кард. Аз ҷумла пурсидам: «Ба назари Шумо, шӯравиҳо, чунон ки ба раис Мирдод гуфта буданд, воқеъан мехостанд аз саросари Афғонистон хориҷ шаванд? Оё онҳо рӯи барномаи умумии хурӯҷи неруҳояшон аз Афғонистон тамос гирифтанд ё сӯҳбат танҳо ба Панҷшер маҳдуд мешуд? Шумо ҳаракати онҳоро як ҳаракати стратегии саросарӣ дар Афғонистон медонистед ё як ҳаракати тактикии маҳдуд ба Панҷшер?» Аҳмадшоҳи Масъуд дар посух чунин идома дод:

«Ман аз Анатолий ҳеҷ гоҳ нашунидам, ки гуфта бошад: Шӯравӣ қасди хурӯҷи неруҳояш аз Афғонистонро дорад. Ӯ фақат дар мавриди Панҷшер сӯҳбат мекард. Ба назари ман, ҳаракати онҳо сирфан тактикӣ буд. Ман дар аввалин нишаст аз суханони онҳо дарёфтам, ки талафоти онҳо дар Панҷшер зиёд аст ва таҳти фишори шадид қарор доранд. Неруҳои онҳо аз рӯҳияи хуб бархурдор нестанд ва барои як ҳамлаи дигар ба фурсати бештаре ниёз доранд. Масалан, Анатолий гуфт: «Дар Руха баъзе латифаҳо дар байни асокири Шӯравӣ мураввaҷ шудааст, аз ҷумла мегӯянд: «Як рӯз сесад нафар аскар бо шитоб ба тарафи пойин фирор мекарданд. Як мушовири Шӯравӣ аз онҳо мепурсад: чӣ шудааст? Хайрият аст? Чаро мегурезед? Онҳо дар ҷавоб мегӯянд: намебинед, ду муҷоҳид аз ақиби мо аст! Мушовир мегӯяд: хуб, онҳо ду нафаранд ва шумо сесад нафар, чаро мегурезед? Онҳо посух медиҳанд: хуб, мо намедонем, онҳо кадом яке аз моро дунбол мекунанд!» Латифаи мазкур ба рӯшанӣ вазъи рӯҳии онҳоро нишон медод.

Ман комилан дарк кардам, ки талафоти онҳо беш аз тахмини мост ва зери фишори шадиде қарор доранд. Бояд бигӯям, дар аввалин мулоқот бо Анатолий ман фақат аз омодагии тарафи худ ба музокира итминон додам. Ҷузъиёти музокира ва оташбас аслан матраҳ набуд.

Қарор ба ин шуд, ки онҳо бираванд, дар бораи мавзӯъи музокира фикр кунанд ва мо ҳам. Сипас дар давраи дувуми музокира бар рӯи он баҳс сурат гирад. Бардошти ман вақте ба исбот расид, ки Анатолий қабл аз худоҳофизӣ гуфт: «Ҳоло, ки қарор аст, ман биравам, чӣ мешавад аз ҳамин ҳоло

Шумо оташатонро ба рӯи гарнизони Руха қатъ кунед ва ҳам аз амалиётҳои бештар сарфи назар кунед, зеро ҳам сабаби талафоти шумо ва ҳам мо мешавад». Ман гуфтам: «Хуб аст, мувофиқ ҳастам. Шумо ҳам бомбаборон ва амалиётҳоятонро қатъ кунед, – ва изофа кардам, – ин як оташбаси расмӣ нест. То вақте бубинем, ба чӣ натиҷа мерасем».

Анатолий худоҳофизӣ карду баргашт.

Ман ба ҳама неруҳо дастур додам, то ҳидояти баъдӣ бар онҳо андохт (тирандозӣ) накунанд. То замони имзои қарордоди оташбас, хатти тирандозӣ бо вуҷуди ғайрирасмӣ будан аз тарафи мо муроъот шуд. Аммо онҳо мушкил доштанд. Зеро қувои дохилӣ дар ҷараён набуд ва наменонист чаро якбора вазъият дигаргун шуда. Биноан оташбас гоҳгоҳе аз тарафи асокири дохилӣ нақз (вайрон) мешуд. Чунон ки яке – ду бор Панҷшерро бомбаборон карданд ва шӯравиҳо аз мо маъзаратхоҳӣ карданд ва гуфтанд, ки онҳо плони бомбарони ҷои дигарро ба мо доданд, аммо шуморо бомбаборон карданд. Воқеъият ин буд, ки Кормал ва Наҷиб ба шиддат норозӣ буданд. Онҳо тарафдори давоми ҷанг ва зарба задани мо буданд. Онҳо ба талафоти асокири Шӯравӣ эътиное надоштанд ва сирфан (танҳо) ба нобудии мо меандешиданд.

То баргашти ҳайати Шӯравӣ мо даст ба кор шудем. Дар аввалин иқдом афроди Ҳизби исломиро дар Пишғур (маҳалле дар дохили Панҷшер) халъи силоҳ кардем[1]. Афроди Ҳизби исломӣ дар он минтақа барои мо ҳайсияти як дона саратонро доштанд. Аз онҳо ҷуз зарар нафъе ғайричашмдошт буд. Ҳар гунаҳгоре, ки аз ҷанги мо фирор мекард, назди онҳо паноҳгоҳ меёфт. Онҳо дар масири роҳ посгоҳҳои талошӣ (кофтукоб) эҷод карда буданд ва аз ҳама бадтар ҳангоме ки Ҳизби исломӣ роҳҳои икмолотии моро аз ҳар тараф масдуд кард ва мардум ба таври пинҳонӣ аз

[1] Албатта манзури Аҳмадшоҳи Масъуд он идда аз афроди Ҳизби исломӣ буд, ки халъи силоҳ шудаанд. Аммо теъдоди зиёде аз онҳо аз беҳтарин размандагоне буданд, ки то навиштани ин китоб ҳам дар сангари муқовимат боқӣ мондаанд.

Андароб[1] маводи ғизоӣ меоварданд. Инҳо он мардуми бечораро шиносоӣ мекарданд ва ба қумондонони маҳал хабар медоданд, то аз убури пинҳонии мавод ба Панҷшер ҷилавгарӣ кунанд.

Вақте бо Анатолий баъд аз он мулоқот кардем, вай ба икдом дар Пишғур ишораи мухтасаре кард ва гуфт: «Шумо аз ин фурсатҳо барои тасфияи ҳарифонатон истифода мекунед», ман дар ҷавоб гуфтам, ки ин мавзӯи дохилии худи мост. Ва ӯ ҳам бештар чизе нагуфт.

Баъд аз чанде ҳайат баргашт ва даври дувуми музокира бо чона задан[2] оғоз гардид. Ман гуфтам: «Ҳоло ки мақсади ҳар ду тарафи мо ҷилавгарӣ аз хунрезӣ ва талафот аст, беҳтарин роҳ барои ин кор ҳамон аст, ки Шумо аз Панҷшер хориҷ шавед». Онҳо напазируфтанд ва гуфтанд: «Мо аз Панҷшер хориҷ намешавем. Мо метавонем қадам ба қадам неруҳои худро кам кунем. Дар гоми аввал теъдоди неруҳои худро дар Руха коҳиш медиҳем. Шумо ба аҳолӣ дастур диҳед, то ба хонаҳои худ баргарданд ва ба кишту кори худ машғул шаванд».

Ман гуфтам: «Дар замин ва хонаҳои онҳо, ки шумо мустақар (ҷойгир) шудаед, онҳо ба куҷо баргарданд?» Ин баҳс соатҳо идома ёфт ва ман ба хурӯҷи онҳо аз Панҷшер таъкид доштам ва онҳо хурӯҷи қадам ба қадам, коҳиши нерӯҳо ва аз ҳамин қабил масоилро матраҳ мекарданд.

Бояд гуфт, ки яке аз афроди иттилоотии мо дар байни шӯравиҳо, ки мо онро Оғосоҳиб мегуфтем (ӯ баъдҳо ифшо шуд ва аз тарафи онҳо ба қатл расид), дақиқан маро аз барномаи онҳо огоҳ мекард. Қабл аз даври дувуми музокирот ӯ ба ман иттилоъ дод, ки шӯравиҳо дар Руха таҳти фишори зиёд қарор доранд. Шумо бар рӯи хурӯҷашон аз Руха исрор кунед. Онҳо ақибнишинӣ мекунанд, аммо аз Аънoба ба ҳеҷ сурат қасди хурӯҷ надоранд ва пофишории зиёд накунед. Ҳайат бо салоҳиятҳои аз қабл таъйиншуда бо Шумо музокира мекунад. Дарвоқеъ ҳамон тавр, ки Оғосоҳиб иттилоъ

[1] Андароб дарае марбути вилояти Бағлон ва дар шимоли Панҷшер.
[2] Каму зиёд кардани нарх.

дода буд, ҳам шуд. Анатолий гуфт: «Хуб, мо аз Руха ба хотири ин ки мардум ба хонаҳояшон баргарданд, ақибнишинӣ мекунем. Аммо дар Аъноба, ки мо дар хонаҳои мардум нестем ва мардум ҳам дар хонаҳои худашон зиндагӣ мекунанд, мо аз Аъноба ақибнишинӣ наметавонем». Анатолий рост мегуфт. Мардуми Аъноба хилофи сойири мардуми Панҷшер дар хонаҳои худ боқӣ монда буданд ва қувои Шӯравӣ ҳам хориҷи манотиқи маскунӣ (аҳолинишин) дар доманаҳои кӯҳ мустақар буданд. Билохира баъд аз ҷарру баҳси тӯлонӣ бо Анатолий мусаввадае (пешнавис) ба шарҳи зер тартиб шуд:

1. Қувои Шӯравӣ аз Руха ба Аъноба ақибнишинӣ намояд.

2. Дар Аъноба сирф як ғунд (полк) асокири афғонӣ ва як ғунд асокири Шӯравӣ боқӣ бимонад.

3. Теъдоди аслиҳа ва васоити ин ду ғунд ба андозаи теъдоди аслиҳае бошад, ки дар ташкили як ғунд дар назар аст.

4. Посгоҳҳои амниятиашон дар баландии кӯҳҳо қарор надошта бошанд.

5. Асокири Шӯравӣ ва афғонӣ ҳаққи омадан ба манотиқи маскунӣ ва бозорро надоранд.

Дар ин маврид эътироз карданд, гуфтанд: «Ҳадди ақал ба раиси ноҳияи Аъноба, ки аз ҷониби тарафайн ҳамон Довуд ба унвони робит (шахси иртиботӣ) интихоб шуда буд, иҷоза диҳед дар бозори Аъноба макон гирад. Мо мувофиқат кардем.

6. Қаторҳои икмолотии (таъминотии) онҳо фақат бо иҷозаи мо ҳаққи омадан ба Панҷшерро доранд. Аммо аслиҳа ва тир оварда наметавонанд ва афроди мо ҳаққи талошии қаторҳоро доранд.

7. Икмолоти ҳавоӣ ҳам бо дарёфти иҷозаи қаблии мо сурат мегирад. Аммо ҳаққи овардани аслиҳа ва муҳиммотро надоранд. Афроди мо онро дар Аъноба кантрол мекунанд.

Қадами дигар тарсими (нишонагузории) соҳаи оташбас бар рӯи харита буд. Дар ин қисмат ман бисёр диққат кардам, то соҳаи оташбасро қисме мушаххас кунам, ки соҳаи лозим барои ҷанг боқӣ бимонад.

Ман Панҷшер, Санҷа, Булғайнро[1] шомили соҳаи оташбас кардам. Тавре ки иртифоъоти Панҷшер мушриф (наздик) бар дараи шимолӣ шомили соҳаи оташбас нашаванд. Ҳамин корро дар қисмати Соланг[2] низ кардам. Тавре ки кӯҳҳои ҳоким бар ҷодаи Солангро шомил насохтам. Аммо сойири манотиқи Соланг ҷузъи минтақаи оташбас гардид. Фикр мекунам, онҳо ба иллати саросемагӣ, ки дар имзои оташбас доштанд, дар ин қисмат диққати лозим ба харҷ надоданд. Чунон ки баъдҳо дар ҷангҳое, ки дар Шимолӣ ва Соланг ва ғайра манотиқ сурат гирифт, борҳо эътироз карданд. Ба вижа ба ҳайати баъдӣ, ки пас аз марги Андропов ҷиҳати тамдиди оташбас омад, музокираи мо ба мушоҷироти тунд кашонда шуд.

Дар ҷараёни чона задан рӯи маводи тавофуқнома, ки ҳафтаҳо ба тӯл анҷомид, ман барои иқдоми дувум, яъне тасфияи (поксозии) Андароб омодагӣ гирифтам. Бояд гуфт: Андароб аз ду нигоҳ барои мо аҳамияти ҳаётӣ дошт, аввал ин ки бо доштани кӯтали камиртифоъи Ховок роҳи тадоруки маводди ғизоии мо буд; дувум ин ки роҳи иртиботии мо ба шимоли Афғонистон аз Андароб мегузашт. Роҳе, ки дар тӯли зимистон ҳам метавонистем аз он истифода кунем. Дар ҳоле ки роҳҳои дигари Панҷшер ба вилояти Лағмон, Нуристон, Бадахшон ва Тахор[3] дар зимистон барои панҷ моҳ масдуд мебошад.

Андаробро дар як рӯзи сарди пурбарф бо як ҳамлаи ғофилгирона зарфи 48 соат тасфия кардем. Теъдоди зиёде аз афроди Ҳизби исломӣ халъи силоҳ гардиданд ва Ҷумъахон – қумондони Ҳизби исломӣ бо теъдоде аз афродаш фирорӣ шуд.

Ба муҷарраде, ки шӯравиҳо иттилоъ ёфтанд, тақозои мулоқоти оҷил карданд. Ҳангоме ки рӯ ба рӯ шудем, бо аса-

---

[1] Манотиқи маскунӣ дар вилояти Каписо воқеъ дар доманаҳои кӯҳҳои Панҷшер.

[2] Иртифоъе, ки Афғонистонро ба Шимол ва Ҷануб тақсим мекунад. Туннели он машҳур аст.

[3] Лағмон ва Нуристон вилоёте дар шарқ ва Тахор ва Бадахшон дар шимолу шарқи Афғонистон.

бонияти бисёр гуфтанд: «Шумо аз ҳар мавқеъ барои тақвияти худатон ва тасфияи мухолифинатон истифода мекунед ва ин мухолифи рӯҳияи музокирот аст».

Ман гуфтам: «Ҷумъахон[1] роҳи икмолотии моро масдуд карда буд. Ӯро халъи слоҳ кардем. Мо ба неруҳои шумо ҳамла накардаем. Кадом тавофуқи расмӣ ҳам то ҳол сурат нагирифтааст, ки мо мулзим (маҷбур) ба иҷрои он бошем. Ҳамчунон ихтилофот байни гурӯҳҳои муҷоҳидин вуҷуд дорад. Ин мавзуъ чӣ робитае ба шумо ва раванди музокирот дорад?» Гуфтанд: «Ҷумъахон нафари мост ва муддати зиёде шуда бо мо иртибот дорад». Ман гуфтам: «Мо ӯро ба унвони қумондони Ҳизби исломӣ мешиносем». Гуфтанд: «Руфақои мо дар ҳукумат (ҳукумати Кормал) шадидан аз мо озурда шудаанд». Маълум мешуд, бар онҳо фишор оварда буданд. Тақозои онҳо ин буд, ки мо неруҳои худро ҳарчи зудтар аз Андароб ақиб бикашем, то Ҷумъахон баргардад. Ман напазируфтам ва ҷарру баҳси мо чанд соат давом ёфт. Чун диданд, исрор натиҷае намедиҳад, бо икроҳи (дили нохоҳам) зиёд аз мавзӯъ гузаштанд.

Воқеъият ин буд, ки тасфияи Андароб маро дар музокирот дар мавқеъияти беҳтаре қарор дод. Дигар аз ин ки музокира ба бунбаст ва ҷанги дубора кашад, ташвиш надоштам. Душмане, ки то дирӯз моро ба ҳеҷ ҳисоб мекард, инак, пушти мизи музокирот бо мо нишаста буд. Ва имкони як ҳамлаи дигарро дар кӯтоҳмуддат надошт ва ҷабҳа аз муҳосира наҷот ёфта буд. Бад-ин тартиб бо тасфияи Андароб роҳи мо ба шимоли Афғонистон боз гардид. Ва ғайр аз назари таъмнотӣ ба ман фурсат дод, то барномаи кор ва тавсеъаи

---

[1] Нигоранда афсари робит (алоқачӣ) бо Ҷумъахонро дар Тоҷикистон дар 1.1.2001 мулоқот кард. Ӯ Муҳаммадалӣ Ҳаитов ном дорад ва дар он вақт дар Раёсати кашф (разведка) кор мекард. Ӯ ҷараёни муфассали тамосҳояшон бо Ҷумъахонро бароям нақл кард. Ҷумъахон ҳангоми оташбас хатм шуд ва амалиёти машҳури соли 1984 шӯравиҳо бар Панҷшер сурат гирифт, бо қувои якҷо ба Андароб ҳамла кард ва дубора дар он ҷо мустақар шуд. Аммо бори дувум роҳи Панҷшерро ҷавонмардона қатъ накард. Ҳарчанд ба шӯравиҳо гузориш медод, ки дастури онҳоро иҷро кардааст. Ин мавридро Муҳаммадалӣ Ҳаитов ҳам таъйид мекунад.

манотиқи пойгоҳии хешро дар шимоли Афғонистон пиёда кунам.

Дар ниҳояти амр рӯи маводи зикршуда ба тавофуқ расидем ва ба муддати шаш моҳ оташбас кардем. Қувои Шӯравӣ шурӯъ ба ақабнишинӣ аз Руха кард. Рӯзе, ки қувои онҳо аз Руха ақибнишинӣ мекард, як ҳайат аз афсарони олирутбаи Шӯравӣ ба Руха омаданд ва мехостанд андозаи фишори мавҷуд бар асокири худро арзёбӣ кунанд. Ҳоҷӣ Азмуддин ҳам он ҷо буд, қумондони гарнизони шӯравиҳо дар Руха кӯҳҳои ҷануби наздик бар Рухаро ба ҳайат нишон дода мегуфт: «Аз он ҷо бо даҳҳо аслиҳаи гуногун, монанди ДШК-и 12,7 миллиметрӣ, ҳовони 82 миллиметрӣ ва фулон ва фулон ҳамарӯза болои мо оташ мекушуданд. Ҳар рӯз талафот медодем, чунин буду чунон буд...»

Дар ин ҳангом ҳайат рӯ ба Азмуддин карда мепурсад: «Ин дуруст аст?» Азмуддин дар ҷавоб мегӯяд: «Не, иттилоъи шумо дақиқ нест. Теъдоди аслиҳаи мо дар он ҷо ба маротиб аз чизе, ки ӯ мегӯяд зиёдтар буд».[1]

Ҳақиқатан, дар ҷануби Руха беш аз се ДШК ва ду ҳовон ва чанд силоҳи дигар чизи бештаре набуд. Хатарнок будани онҳо барои шӯравиҳо марбут буд ба истифода бурдани пуртаъсирии онҳо.

Бо имзои қарордоди оташбас, ки ба муддати шаш моҳ буд, шӯроро доир кардам ва мақсадамро ҷиҳати эҷод ва инкишофи манотиқи пойгоҳӣ дар шимоли Афғонистон матраҳ кардам. Ҳама мувофиқ буданд, ки бояд аз фурсат бештарин истифодаро кард.

Рафтани ман ба шимол дар замоне сурат мегирифт, ки шинохти бисёр каме аз фармондеҳон, мардум ва вазъияти он ҷо доштам.

Биноан муовинам дар он вақт доктор Абдулҳайи Илоҳӣ пешниҳод кард: аввалан ҳайатҳое ба он ҷо фиристода шаванд, то заминаи сафар ва барномаро муҳайё созанд. Ва ман пас аз он сафар кунам. Ҳарчанд пешниҳоди ӯ маъқул буд, аммо фурсати шашмоҳа барои анҷоми барномаҳои ман би-

---

[1] Ҳоҷӣ Азмуддин масъули бахше аз умури иттилоотӣ ва нуфузӣ.

сёр кам буд. Бинобар ин, тасмим гирифтам ба он тараф ҳаракат намоям. Қабл аз ҳаракат ҷиҳати танзими манотиқи Кӯҳдоман ва Шимолӣ дар шимоли Кобул ҳайатҳоеро таъйин кардам. Ҳамчунон ҳидоят додам, то ҷангҳо аз Соланги ҷанубӣ то Кобулро ташдид намоянд. Барои ин манзур теъдоде аз қитаъоти мутаҳаррик[1] ва зарбатиро ба Соланг ва шимоли Кобул фиристодам ва худам ба шимоли Афғонистон ҳаракат кардам.[2]

Дар шимоли Афғонистон аввалин ҷаласаи шӯрои фармондеҳон марбут ба Ҷамъияти исломии Афғонистон (ки баъдан ба Шӯрои наззор номгузорӣ шуд) доир гардид. Пас аз шарҳи вазъияти умумии Афғонистон рӯи аҳамияти эҷод ва тавсеъаи манотиқи пойгоҳӣ бо онҳо машварат кардам. Ба ғайр аз марҳум Абдулҳайхон – масъули Бағлон, ки мулоҳизоте дошт ва Орифхон – қумондони Кундуз, ки бо сукут онро истиқбол кард, сойирин (дигарон) аз барнома истиқбол карданд.

Қарор шуд: чаҳор дара – Андароб, Хустферинг, Хелоб (ҳоло гузаргоҳи Нур) ва Фархорро мо кор кунем. Ибтидои ду дараи аввалӣ ба вилояти Бағлон ва аз ду дараи баъдӣ ба вилояти Тахор мерасад. Интиҳои ҳар ду дара ба Панҷшер меанҷомад.

Дар ҳамин шӯро манотиқро ба навъи кӯҳистонӣ, нимакӯҳистонӣ ва ҳамвор тақсим кардем. Файсала шуд, ки кор дар манотиқи кӯҳистониро ман мустақиман ба дӯш бигирам. Сойири аъзо ба танзими манотиқи нимакӯҳистонӣ ва ҳамвор машғул шаванд ва ҷиҳати баррасии пешрафти кор ҷаласот дар мавқеъи лозим идома ёбанд.

Дар ҳамин муддате, ки ман дар шимоли Афғонистон бу-

---

[1] Воҳидҳои низомии зудҳаракат.

[2] Нигоранда ҷузъи яке аз ҳамин қитъаҳо буд, ки ба Истолиф ва Фарза ҷиҳати танзим ва таълими қитаъот рафт. Дар Истолиф дар саратони соли 1362 қувои шӯравӣ бар мо ҳамла кард. Ин аввалин ҳамлаи шӯравиҳо бар Истилоф буд, ки дар он теъдоди зиёде аз аҳолӣ кушта шуданд ва садҳо хона тӯъмаи ҳариқ гардиданд. Ҷанг 5 рӯз идома ёфт. Шӯравиҳо Истолифро муҳосира карда буданд. Нигоранда дар он ҷанг бо теъдоди дигар аз муҷоҳидин захмӣ шуд. Иддае ҳам шаҳид шуданд. Тафсили ин ҷангҳо дар ҷилдҳои баъдӣ хоҳад омад.

дам, қитаъоти мо бо сойири муҷоҳидин аз Соланг ило Коризмир дар панҷкилометрии Кобул даргири ҷанг буданд. Ҳамалоти бештар аз ҷониби мо анҷом мегирифт ва қаторҳои икмолотӣ, ки аз Тирмиз[1] ба Кобул дар рафту омад буданд, умдатарин аҳдоф буданд. Роҳи икмолотии мо бо корвонҳои аслиҳа ва муҳиммоте, ки аз Покистон меомаданд, аз пеши чашми асокири Шӯравӣ дар Аъноба мегузашт ва онҳо ба чашми сар медиданд, ки аслиҳа ва муҳиммот начандон дур аз онҳо дар Соланг, Гулбаҳор, Шимолӣ ва Кӯҳдоман барои куштани ҳамразмони онҳо истифода мешаванд.

Он чӣ аз ин ҳам сахттар бар онҳо мегузашт, убури такбиргӯёни муҷоҳидин аз муқобили гарнизони Аъноба буд, ки ҷиҳати муқобила бо неруҳои Шӯравӣ ба тарафи Соланг ва Шимолӣ мерафтанд.

Дар маврид чанд бор ба намояндаи мо шикоят карданд ва гуфтанд: «Такбиргӯии афроди шумо бар рӯҳияи афроди мо таъсири манфӣ дорад. Хоҳиш мекунем, аз он ҷилавгирӣ намоед». Аммо ман муҷоҳидинро аз он манъ накардам.

Дар ҳамин айём шӯравиҳо даст ба як таҳоҷуми васеъ ба Шимолӣ заданд ва онро муҳосира карданд.

Чун тарафи шимол-шарқии ҷилгаи (водӣ) шимолӣ ба дараи Панҷшер пайваст аст ва дар Панҷшер ҳам оташбас нофиз (барқарор) буд, биноан, ҳазорҳо нафар аҳолӣ ва садҳо нафар неруҳои мусаллаҳи муҷоҳид, ки бояд дар муҳосира қарор мегирифтанд, ба тарафи Панҷшер ақибнишинӣ карданд.

Дар миёни афроди мусаллаҳ ҳатто онҳое буданд, ки чанде қабл роҳҳоро бар мо масдуд карда буданд. Аммо дар Панҷшер бо ҷабини кушода истиқбол гардиданд.

Ба ин тартиб, асокири Шӯравӣ муваффақ ба такмили муҳосираи Шимолӣ нагардиданд ва пас аз ду ҳафта амалиёташонро хотима доданд. Мардум ва неруҳои мусаллаҳ ҳам дубора ба манотиқашон баргаштанд. Метавон гуфт: ин яго-

[1] Тирмиз шаҳре дар ҷануби Ӯзбакистон – канори дарёи Ому, ҳаммарз бо Афғонистон. Яке аз пойгоҳҳои муҳими низомӣ ва тадорукотии Шӯравӣ дар он вақт, зодгоҳи Имом Тирмизии машҳур.

на истифодае буд, ки шӯравиҳо аз оташбас дар Панҷшер мехостанд бикунанд, аммо он ҳам ба нафъи мо тамом шуд.

Нафъе, ки мо аз оташбас бурдем, танҳо ҳамин набуд. Умдатарин орзуи ман сохтани чанд Панҷшери дигар буд (Эҷод ва тавсеъаи манотиқи пойгоҳӣ). Инак, ман фосилаи каме то расидан ба он доштам.

Шинохти нисбии беҳтар аз душман, боз кардани роҳи икмолот, захира кардани муҳиммот барои як ҷанги тӯлонии дигар, фурсат додани як танаффус ба мардум ва муҷоҳидин баъд аз он ҷанги нӯҳмоҳаи гузашта, ошноӣ бо шимоли Афғонистон, мардум ва фармондеҳони он ҷо аз ҷумлаи фоидаҳои оташбас буд, ки фақат ба мо ихтисос дошт. Бар иловаи ин ки душман бо нишастан пушти мизи музокира моро ба унвони соҳибон ва сокинони аслии ин сарзамин ба расмият шинохта буд.

Беҷиҳат набуд, ки бо даргузашти Андропов ва ба сари қудрат омадани Черненко дар Шӯравӣ Анатолий ва ҳамкоронаш табдил шуданд. Ҳайати дигаре муаррифӣ гардид, ки аз натоиҷи оташбас ба шиддат норозӣ буд.

Масруфи кори пойгоҳсозӣ дар шимол будам, ки Азмуддин – масъули тамос бо шӯравиҳо паём фиристод, ки ҳайати ҷадиде муаррифӣ гардида ва пай дар пай тақозои мулоқот доранд.

Бо Оғосоҳиб ва сойири шабакаҳои иттилоотии мо дар даруни душман тамос гирифтам ва толиби маълумот шудам, ки ҷараён аз чӣ қарор аст. Ҳанӯз, ки аз оташбас яке – ду моҳ монда, онҳо чӣ мехоҳанд? Оғо дар ҷавоб гуфт: «Ҳайати ҷадид бо рӯҳияи ҷадид омадааст. Инҳо аз натоиҷи оташбас бисёр норозӣ ва асабонӣ ҳастанд. Кӯмаки Шумо дар муҳосираи Шимолӣ, ҳамла бар қаторҳо ва марокизи онҳо дар Соланг ва Шимолӣ инҳоро асабонӣ сохта. Хусусан кор ва фаъолияти Шумо дар шимол косаи сабрашонро лабрез кардааст. Агар барои ҷанг омодагӣ медоштанд, як лаҳза баъд аз хатми оташбас мунтазир намешуданд. Аммо ҳанӯз барои як амалиёти васеъ омода нестанд ва ба чанд моҳ вақт ниёз доранд. Зимнан, вақте мехоҳанд амалиётро оғоз намоянд, ки доманаҳои дара сабз ва нуқоти болоии дара дар чам-

баре аз барф қарор дошта бошад (дақиқан ҳамон тавр ҳам шуд. – Н.).

Бо вуҷуди тақозои мукаррари (батакрор) онҳо ҷиҳати мулоқот муддати дигаре низ ба кор дар шимол машғул шудам ва ду-се ҳафта монда ба поёни оташбас озими Панҷшер шудам.

Рӯзи мулоқот фаро расид ва ҳайати ҷадид, ки мураккаб аз чаҳор ё панҷ нафар буд, омаданд. Раиси ҳайат бо асабоният ба сухан оғоз кард. Дар қадами аввал ҳайати қаблиро муттаҳам ба хиёнат кард ва гуфт: «Онҳо як қарордоди хоинонаро имзо карданд, ки фақат ба нафъи шумост. Мо қатъан онро қабул надорем». Сипас, аз ҳамлаи қитаъоти мо бар онҳо дар Соланг ва Шимолӣ, паноҳ додан ба мардум ва неруҳои мусаллаҳ ҳангоми гузаронидани амалиёти муҳосиравиашон дар Шимолӣ, тасфияи Андароб, пойгоҳсозӣ дар шимол ва ғайра ёд кард. Сипас, матни пешниҳодҳои ҷадидро барои ман доданд ва гуфтанд: «Мо ҳозирем тахти ин шароит оташбасро бо ҷониби Шумо тамдид намоем». Онҳо илова карданд, ки «дар ғайри он ногузир аз ҷанганд».

Ман гуфтам: «Шумо бар ман миннат нагузоред. Шумо фаромӯш накунед, ки ҷони асокиратонро аз марги ҳатмӣ наҷот додаед. Мо ҳеҷ гуна тахаллуф (хилофкорӣ) аз он чӣ дар ин қарордод омада, накардаем. Пешниҳоди ҷадиди шуморо ба сойири дӯстонам ба машварат мегузорам. Ва ҷавоби онро даҳ рӯз баъд хоҳем дод. Ногуфта намонад, аз таҳдидҳои шумо ҳам ҳаросе надорем ва ҳар лаҳза барои ҷанг омодаем».

Пешниҳоди ҷадиди онҳо шомили маводи таҳқиромез буд, ки ман лозим надидам онро дар шӯро матраҳ намоям. Масалан, аз ҷумла:

1. Кор дар шимолро мутавaққиф созед.
2. Ба корвонҳои аслиҳа ва муҳимоти дигар иҷозаи вуруд ба Панҷшер намедиҳем.
3. Афроди мусаллаҳи шумо аз пеши гарнизони мо дар Аъноба нагузаранд.
4. Ҷангро дар ҳар ҷо бар зидди қувватҳои мо мутавaққиф созед.

5. Шумораҳои аслиҳа ва адреси захираҳои муҳиматонро ба мо бидиҳед.
6. Мавзеъсозӣ дар Панҷшерро мутаваққиф созед.
7. Иҷозаи вуруди семент ба Панҷшерро намедиҳем.

Гӯё манобеъи дохилӣ, ки мухолифи оташбас буданд, ба онҳо иттилоъ дода буданд: сементе, ки ба Панҷшер ворид мешавад, ҷиҳати сохтмони сангарҳои бетонӣ ба масраф мерасад. Дар ҳоле ки сементро мардум ҷиҳати эъмори сохтмонҳо ворид мекарданд ва мо чунин барномае надоштем.

Пешниҳодҳои ҷадидашон ба вазоҳат (равшан) нишон медоданд, ки онҳо аз оташбас сахт норозианд ва фикри як ҳамлаи васеътар аз гузашта ҳастанд ва фақат мунтазири фурсатанд. Бо баргашти ҳайат фавран дастур додам: ҳамаи неруҳо барои ҷанг омодагӣ бигиранд. Ба мардум ҳам дастур додам, ҳар чӣ зудтар гандумҳояшонро дарав ва ҷамъоварӣ кунанд.

Дар муддати даҳ рӯз ҳамаи неруҳо омодагии лозим бар ҷангро гирифтанд. Аммо ҷамъоварии гандум ҳанӯз ба поён нарасида буд. Лиҳозо мулоқотро ду ҳафтаи дигар ба таъхир андохтам. Табъан, онҳо аз ин омодагӣ муталлеъ мешуданд.

Ҳангоми мулоқот фаро расид. Ва ҳайати ҷадид бори дувум омад. Ин бор ман хилофи дафъаҳои қаблӣ бо либоси низомӣ, дар ҳоле ки туфангам ба дастам буд, бо онҳо мусофаҳа кардам. Сипас коғазеро, ки шомили пешниҳодҳои онҳо буд ва бар рӯи он як чалипои (салиб) бузург кашида будам, барояшон додам ва гуфтам: «Ҷавоби мо ин аст. Дар муқобил мо пешниҳодҳое дорем». Бо гуфтани ин ҷумла коғази худро муқобили онҳо гузоштам. Пешниҳодҳои ман чизе мушобеҳи пешниҳодҳои онҳо буданд. Монанди: теъдоди ҳамаи неруҳои Шӯравӣ дар Афғонистон чанд нафар аст? Теъдоди аслиҳа ва шумораи онҳо, теъдоди тайёрот ва танкҳо, теъдоди қувватҳояшон дар Аъноба, шумораҳои аслиҳаи онҳо ва чизҳое аз ҳамин қабил.

Ҳангоме ки тарҷумон шурӯъ ба тарҷумаи ҳар як аз моводи пешниҳодии мо мекард, чеҳраи ҳар як аз аъзои ҳайат ҳар лаҳза сурх ва сурхтар мешуд. Баъд аз қироати моводи

пешниҳодии мо мушоҷараи (баҳсу гуфтугӯ) тунде байни ду тараф оғоз шуд. Дар ҳамин лаҳза яке аз аъзои ҳайати онҳо, ки каме аз дигарон асабонитар буд, рӯ ба ман кард ва гуфт: «Шумо моро тавҳин мекунед? Шумо моро чӣ фикр кардед? Мо чунин ва чунон мекунем». Он гоҳ ман ҳам асабонӣ шудам. Коғази чалипошударо мучола (ғиҷим) карда, ба тарафи вай партоб кардам ва аз ҳайат хостам, ки ӯ аз музокира хориҷ шавад.

Асабоният бар фазои маҷлис ҳукмфармо шуд ва раиси ҳайат хост ду тараф аъсоби худро кантрол намоянд. Ман гуфтам: «То вақте ин шахс дар ин ҷо ҳузур дошта бошад, музокирае нахоҳад буд. Ӯ бояд хориҷ шавад». Раиси ҳайати шӯравиҳо, ки дар ҳолати билотаклифӣ (ночорӣ) қарор гирифта буд, гуфт: «Чунин чизе мумкин нест, зеро мо ҳама як ҳайат ҳастем». Ман гуфтам: «Дар он сурат музокирае вуҷуд нахоҳад дошт». Онҳо розӣ нашуданд ва аз утоқ берун рафтанд.

Дар беруни хона чанд лаҳза бо ҳам ҷарру баҳс карданд ва ночор аз мизбон (Ҷонмуҳаммад) хоҳиш карданд миёнравӣ кунад. Ман бо хашм ба Ҷонмуҳаммад гуфтам: «Дар ин масоил мудохила накунад ва ба кори худаш машғул бошад». Чун исрори онҳо ба натиҷа нарасид, ночор он шахсро беруни утоқ монданд ва бақия дубора сари мизи музокира ҳозир шуданд. Касе, ки берун монда буд, аз нороҳатӣ пайи ҳам сигарет равшан мекард ва мекашид. Мо дар дохил дубора ба музокира оғоз кардем. Билохира баъд аз ҷарру баҳси тӯлонӣ ба тамдиди дубораи оташбас то соли 1984 (яъне шаш моҳи дигар) мувофиқат кардем. Замоне, ки аз назари амалиёт барои онҳо мусоид буд. Албатта, ман инро медонистам. Аммо онҳо ҳозир набуданд шароити дигареро бипазиранд. Ман ҳам аз ногузирӣ розӣ шудам, зеро ки кори пойгоҳсозии ман ба шимол ниматамом монда буд ва барои такмили орзуҳои худ ба шаш моҳи дигар эҳтиёҷ доштам. Қарордод имзо шуд ва ҳайат баргашт.

Фардои он Азмуддин назди ман омад ва гуфт: «Онҳо мегӯянд, шумо бо таҳдид моро водор ба имзои ин қарордод кардаед. Мо онро қабул надорем. Бояд аз сар музокира су-

рат бигирад. Зимнан, барои даври дигари музокира мо ҳозир нестем ба қисмати болои дара биёем. Маҳал бояд наздик ба маркази гарнизони мо дар Аъноба бошад».

Охирин мулоқоти ман бо онҳо дар наздики дарёчаи Тавоҳ, дар секилометрии Аъноба сурат гирифт. Ин мулоқот комилан бо мулоқотҳои гузашта тафовут дошт: дар торикии шаб – дар дохили як мутари ҷип[1*]. Баъд аз як ҷарру баҳси кӯтоҳ бо илова кардани чанд тағйир дар матни қарордоди ҷадид ду тараф онро имзо кардем. Дар воқеъ кадом тағйири муҳимме нисбат ба қарордодҳои гузашта ворид нашуда буд. Он чӣ буд, тағйире буд, ки дар сатҳи раҳбарии ҷадиди Шӯравӣ баъд аз Андропов омада буд, ки рӯҳияи ташаннуҷзудоии[1] нисбии давраи Андроповро канор мегузошт ва бар равиши брежневӣ таъкид мекард.

Дар маҷмӯъ дар як соли оташбас мо дастовардҳои хубе доштем:

- эҷоди чаҳор пойгоҳи муҳим дар атрофи Панҷшер, Андароб ва Хустферинги тобеи вилояти Бағлон; дараи Хелоб ва Фархор аз ноҳияҳои вилояти Тахор. Ин пойгоҳҳо то имрӯз ба дарди мо хӯрдаанд;
- тасфияи Андароб ва боз кардани роҳи икмолотӣ ва роҳи шимоли Афғонистон;
- таъсиси Шӯрои наззор;
- таъсиси қитаъоти (воҳидҳои) марказӣ ба унвони асоси артишиояндаи Афғонистон;
- шинохт аз шӯравиҳо, ниёти онҳо, бардошти онҳо аз мо ва қазоё;
- ошноӣ бо шимоли Афғонистон, ки корҳои баъдии мо дар он ҷо тавсеъа ёфтанд;

---

[1] Мошини ГАЗ-69, УАЗ-469.

[*] Нигоранда бо Шукур – тарҷумони тоҷикии ин мулоқот дар Тоҷикистон феврали соли 2001 дидор дошт. Ӯ мағозае дар маркази шаҳр дорад ва ҷуз тасдиқи ин ки тарҷумоне буда ва дуруст аст, ки қарордод дар дохили мутар наздики дарёчаи Тавоҳ имзо шуд, чизи бештаре нагуфт. Ва далелаш ин ки то вақте ки онҳо, яъне шӯравиҳо лаб ба сухан накушудаанд, ӯ намехоҳад барои худ дарди сар бихарад.

[1] Дурӣ гузидан аз бархӯрдҳои лафзӣ.

– ба расмият шинохтани ғайрирасмии муҷоҳидин тавассути шӯравиҳо. Дар ҳоле ки қабл аз он моро гурӯҳи табаҳкор, ашрор, босмачӣ ва ғайра меномиданд.

Инсофан оташбас гарчи дар сатҳи маҳдуде аз Афғонистон сурат гирифт, аммо мо дар ҳамин сатҳи маҳдуд ҳам аз ҳама муҷоҳидин, аҳдоф ва ормонҳо ва хислатҳои онҳо намояндагӣ кардем.

Шӯравиҳо моро ҳангоми музокирот чизе алоҳида бо хусусиёти комилан ҷудо аз сойири муҷоҳидин намедонистанд. Онҳо бо тарафи муқобил ошно мешуданд ва ошкоро медиданд, ки бо миллати Афғонистон тарафанд[1], чунон ки Анатолий онро бор-бор такрор мекард.

Ман дар ҳар фурсат мехостам ба онҳо тафҳим кунам, ки онҳо иштибоҳи бузургеро муртакиб шудаанд (содир кардаанд), ки ҷангро дар сарҳадоти худашон муштаъил кардаанд (дар додаанд). Онҳо дар ин ҷанг баранда нахоҳанд шуд.

## ТАВЗЕҲИ БЕШТАР ДАР БОРАИ ОТАШБАС

Хонандаи муҳтарам!

Нигоранда шоҳиди бисёре аз воқоеъе ҳаст, ки Масъуд аз он ёд мекунад. Мехоҳам ҷараёни вақоеъро ба тартиби дигар тавзеҳ диҳам. Аз Панҷшер оғоз мекунем.

Панҷшер дараест дар садкилометрии шимоли Кобул, ки саду чанд километр тӯл дорад. Ин дара дар ҷануби кӯҳи Ҳиндукуш, ки Афғонистонро ба шимол ва ҷануб тақсим мекунад, қарор дорад. Ибтидои дара ба вилояти Парвон ва Кописо, ки дар шимоли Кобуланд, васл аст ва интиҳои он ба вилоёти Нуристон, Бадахшон, Тахор ва Бағлон.

Мегӯянд: номи ин дара дар қадим Кичкин ва дар замони салтанати султон Маҳмуди Ғазнавӣ ба ин ном мусаммо гардидааст.

---

[1] Дар муқобила.

Панҷшер мавқеъияти сахт муносиб барои ҷанг дорад. Як дараи аслӣ аст, ки бист дараи фаръӣ аз чапу рост бар дараи аслӣ фуруд омада аст. Дар васати дара дарёи аслӣ қарор дорад ва бист дарёи фаръӣ аз дараҳои фаръӣ ба дарёи аслӣ мерезад. Дар канори дарё ва фақат дар як канори он ҷодаи мошинрав қарор дорад. Ҷода дар доманаи шебдори кӯҳ қарор гирифта ва фақат ду мошин метавонанд аз канори ҳам рад шаванд, он ҳам на дар ҳама ҷо.

Аз назари ҷангӣ монанди долонест тӯлонӣ ва камиртифоъ, ки барои дохил шудан ба он гоҳ бояд синахез шавӣ ва гоҳ қомат рост кунӣ. Чун ба мақсади ҷанг он ҷо дохил шавӣ, дар баробарат чизе намебинӣ. Хатар зоҳиран аз ту мегурезад ва ту ҳамчунон ба пеш меравӣ. Ин ҳолат туро мағрур мекунад ё ҳайрон. Ва дарвоқеъ ҳар се ҳолат душмани туст, зеро ногаҳон ханҷарҳои тез аз бист ҷаноҳ бар гӯшу гардан, шонаву қабурға ва рону соқат фуруд меоянд: тез, хашмгин ва сареъ. Мехоҳӣ баргардӣ, ки дармеёбӣ имкони он вуҷуд надорад, зеро он ҷо саҳрое нест ва ту масҳурӣ (дар муҳосирай).

Ҷенеролони Шӯравӣ чандин бор ҳамин тавр ба дом афтоданд. Дар ҳақиқат онҳо то соли 1982, ки панҷумин ҳамлаашонро бар Панҷшер анҷом доданд, гирифтори такрори тактика буданд. Фақат дар соли 1982 буд, ки навовариҳое дар шеваи ҷангашон ворид карданд.

Яке аз ҳамин навовариҳо тӯлонӣ сохтани ҷанг буд, ки он ҳам ба ҷои ин ки ба натиҷае ба нафъи Шӯравӣ мунҷар шавад, ба оташбас анҷомид.

Бузургтарин заъфи шӯравиҳо дар ҷанги Афғонистон камбуди иттилоот буд. Додани омор маразе дигаре буд, ки шӯравиҳо ба он гирифтор буданд. Дар ҳар гузориш бояд омор дода мешуд. Хуб агар омор надоштӣ чӣ? Маҷбур ҳастӣ аз худ бисозӣ. Агар ҳамин алон ба омори талафоти муҷоҳидин дар архивҳои Шӯравӣ мурочиа кунед, онҳо даҳ бор маҷмӯъи муҷоҳидини Афғонистонро аз байн бурдаанд.

Аҳмадшоҳи Масъуд як мисоли бисёр хуб аст. То ҳол дар архивҳои Шӯравӣ як маълумоти дақиқ дар мавриди таҳсилоти Масъуд вуҷуд надорад. Чизе, ки аз матбуот ҳам

метавонистанд ба даст биёваранд, дар ҳоле ки нӯҳ сол дар Афғонистон буданд.

Ҳамин заъф дар амалиётҳои онҳо дар Панҷшер вуҷуд дошт. Шуравиҳо намедонистанд, ки мо дар вазъияти бисёр баде қарор доштем. Ҷараён аз ин қарор буд, ки қувои Шӯравӣ қабл аз соли 1982 чаҳор ҳамлаи дигар дар солҳои 1980 ва 1981 бар Панҷшер карданд. Амалиётҳои қаблӣ ҳеҷ кадом беш аз се ҳафтаро дар бар нагирифтанд. Аммо амалиёти соли 1982 ҳам аз назари тактика тозагие дошт ва ҳам аз назари замон. Мо ҳеҷ навъ омодагии зеҳнӣ ва амалӣ барои як ҷанги чандинмоҳа надоштем. Чун чанд ҳафта аз ҷанг гузашт, фикр мекардем: ба зудӣ тамом хоҳад шуд. Аммо рӯзҳо ва ҳафтаҳо ва моҳҳо мегузаштанд ва аз поёни ҷанг хабаре набуд. Аз поён ёфтани танҳо чизе, ки хабаре мерасид, захоир буд, ки ба тадриҷ таҳ мекашид. Аммо мо ҳанӯз ҳам фикр мекардем: амалиёт имрӯз ё фардо ба поён мерасад ва онҳо меравaнд, то чанд моҳ баъд баргарданд.

Мо медонистем, ки омодагии як ҳамла бар Панҷшер барои онҳо дар чанд ҳафта мақдур имконпазир нест. Ва ин табъан ба мо ҳам фурсат медод, омодагӣ бигирем. Бардошти мо ин буд, ки ин бор душман як ҷанги фарсоиширо алайҳи мо оғоз карда ва то охир идома хоҳад дод. Аз назари низомӣ ҳам яке аз усули таъарруз (ҳамла) идомаи фишор бар душман аст. Чизе, ки шӯравиҳо дар соли 1982 ба пиндошти мо анҷом медоданд.

Тактикаи мо, чунон ки Масъуд мегӯяд, айни тактикаи онҳо буд, яъне ҷанги фарсоишӣ, қатъи роҳи тадорукотии душман. Онҳо ҳам чунин карда буданд ва роҳҳои моро қатъ карда буданд. Ҷойҳоеро ки худашон наметавонистанд, Ҳизби исломии Ҳикматёр фисабилиллоҳ[1] қатъ мекард. Дар мавриди Ҳизби исломии Ҳикматёр бояд ба ин нукта ишора кунам, то аз инсоф хориҷ нашуда бошам. Равиши фармондеҳони Ҳизби исломӣ бо мо ҳамеша ва дар ҳама ҷо душманона набуд. Ва ин бастагӣ ба он дошт, ки фармондеҳ чӣ навъ шахсияте дорад ва то кадом ҳад гӯш ба Пешовар

[1] Дар роҳи Худо.

дорад. Аммо ба сурати умум муносибот дар сатҳи табодули оташ буд.

Захоири мо дар шаш моҳи ҷанг ба охир расида буд. Мардум ҳам, ки пуштибони муҳимме барои мо буданд, аз шиддати тангдастӣ оҳиста-оҳиста ба хориҷ шудан аз дара шурӯъ карданд. Ва ранҷу азоби дараи Андаробро, ки онро фармондеҳи зоҳиран Ҳизби исломӣ ва ботинан давлатӣ идора мекард, ба гардан гирифта буданд. Чунон ки дар муаррафии Панҷшер гуфтем, интиҳои дараи Панҷшер ба чаҳор вилояти дигар, аз ҷумла ба вилояти Бағлон васл мешавад. Аммо ин иттисол аз тариқи кӯҳҳо аст ва роҳи мутаррав (мошинрав) вуҷуд надорад. Баъдҳо роҳҳое сохта шуданд. Дар тӯли айёми зимистон роҳҳо масдуд мегарданд. Фақат роҳ ба вилояти Бағлон дар шимол, ки аз тариқи кӯтали камиртифоъи Ховок мегузарад ва ин камиртифоътарин кӯтал байни Панҷшер ва шимол аст, боз мебошад. Аммо убур аз Ховок дар зимистон, он ҳам бо зану кӯдак, бурдани онҳо ба истиқболи марг аст. Чи ин кӯтал соле нест, ки чанд нафарро зери садҳо тонна барф дафн накунад. Дар зимистон убур аз Ховок, яъне аз як ободӣ то ободии дигар, барои мардон панҷ соатро дар бар мегирад ва барои занон аз ин ҳам бештар. Ва ин дар сурате ки тӯфон нашавад ва агар тӯфон оғоз шавад, азоби ҷонканданро дер намебинӣ.

Инак, ҷанг вориди моҳҳои ҳафтум ва ҳаштум мешуд ва қуллаҳои кӯҳҳо хабар аз омадани зимистон медоданд ва аз поёни ҷанг ҳанӯз хабаре набуд. Мардум он сол натавониста буданд ҳосилоташонро бардоранд. Зеро ҳангоми пухта шудани ҳосилот тайёроти душман бомбаҳои ҷадиди оташзо партоб мекарданд. Аз миёни ин бомбаҳо маводе шӯълавар, ки дар пилтаҳои пахтаӣ печонда шуда буданд, пароканда мешуданд ва киштзорҳоро месӯзонданд. Панҷшер дараи танг ва бисёр камзамин аст. Ба ҳамин хотир ҳам ҳаст, ки аксари мардуми он дар Кобул ва шаҳрҳои дигар зиндагӣ мекунанд. Ҳоло ки кишт дар пеши чашми деҳқонон ба дудҳои сиёҳ табдил шуда, ба ҳаво мерафт, марди хонавода дар баробари ин суол қарор мегирифт, ки куҷо биравад? Ба Покистон? Сарзамини таҳқир ба муҳоҷир! Ба ӯ достонҳои

бархӯрди пулиси покистониро кам нагуфтаанд. Ба Кобул? ХОД![1] Таҳқиқ ва барқ додан ва чӯб задану нохун кашидан ва ба Наҷиб (раиси ХОД) ва даст баста бурдан ва дар торикии шаб тирборон кардан! Он ҳам ба ҷурми таслим нашудан ба Шӯравӣ!

Кадом марди оқиле мехост бо пойи худ ба қатлгоҳи Наҷиб биравад ва зану фарзанди худро бадбахт кунад? Медонед, дар кишвари мо занон бисёр бадбахтанд. Бадбахтии аввал ба хотире, ки аз ҳуқуқи худ чизе намедонанд. Ва дуввум ин ки ҳуқуқе барояшон қоил нестанд. Дар ватани мо занҳо истиқлоли иқтисодӣ надоранд ва комилан вобаста ба мардонанд. Ва чун шавҳаре бимирад, зан илова бар ин ки бадбахт аст, рӯзҳои шуму сиёҳ бар ӯ фаро мерасанд. Хоса замоне, ки ворисини шавҳар мехоҳанд ӯро ба бародари шавҳараш ба занӣ бидиҳанд. Ва ӯ чизе гуфта наметавонад. Ман аз тасаввури ин ки зани маро баъд аз ман ба бародарам бидиҳанд ва ё зани бародарамро барои ман заҳраам метарқад.

Орзу дорам битавонам рӯзе чунон баъзе аз ин расмҳои ҷоҳилонаро барандозам, ки касе номи онро дигар надонад.

Ва инак, марди хонавода, ки ягона такягоҳи хонавода аст, бо вуқуф (бо огоҳӣ) бар ин пасманзараҳо бо суоли рафтани иҷборӣ рӯ ба рӯ аст. Пас ба куҷо? Ба манотиқи озодшудаи дигар? Магар он ҷо ки метавонист як хонаводаро то муддати номаълум кӯмак кунад? Шӯравиҳо, ки нагуфта буданд, кай бармегарданд. Онҳо қитаъоти худро маҳдуд мегуфтанд, на муддати иқоматашонро.

Шумо метавонед ҳолати як марди хонаводаро ҳис кунед, марде, ки танҳо нест ва чандин кӯдак дорад. Ва душвортар аз он ки хонаводаи бародараш, ки дар сангар меҷангад, низ бо ӯст.

Чунон ки гуфтем, барфборӣ, ки аз иртифоъоти баланди кӯҳ оғоз шуда буд, оҳиста-оҳиста мардумро, ки дар дараҳои фаръӣ зиндагӣ мекарданд, ба тарафи пойин мекашонд. Ҷойе, ки ҷанг идома дошт ва аз хонаҳои онҳо чизе намонда

[1] Хадамоти амнияти давлатӣ.

буд. Пас ҷабран ба тарафи кӯтали Ховок ҳаракат мекарданд, то роҳи шимол дар пеш гиранд, то чӣ пеш ояд. Дар зиндагӣ одам баъзан ба чунин ҳолате рӯ ба рӯ мешавад, ки ақл аз ҳар кумаке оҷиз мемонад ва фақат таваккул ба Худо метавонад туро аз фурӯ рехтани комил наҷот диҳад ва дар даруни ту умед эҷод кунад. Асли таваккул, ки дар ислом ва, фикр мекунам, дар адёни дигари осмонӣ чун яҳуд ва масеҳият низ ҳаст, дар ин ҷо мафҳуми худро барои касоне, ки ҳамаи чизро бо риёзӣ ҳисоб мекунанд, нишон медиҳад. Вақте азм кардӣ, пас ба Худо таваккул кун.

Мардум бо зану фарзандон ва мавошӣ (чорво) ба тарафи кӯтали Ховок ҳаракат карданд. Онҳо медонистанд, ҳар қадар зимистон наздик шавад, хатари Ховок бештар мегардад. Вақте аввалин хонаводаҳо аз Ховок убур карданд, хабари баде дар сартосари ҷабҳа танин андохт.

Ҷумъахон – фармондеҳи Ҳизби исломӣ дастур дода буд, ки бар иловаи роҳе, ки қаблан масдуд карда буд, инак, ин хонаводаҳоро ҳам баргардонанд. Барои ин кор яке аз фармондеҳони худ ба номи Қорӣ Гулобро муваззаф карда буд. Қорӣ Гулоб дар аввалин ободии зери кӯтали Ховок ба тарафи Андароб мунтазир мебуд, то ин хонаводаҳои монда ва кӯфта ба он ҷо бирасанд. Он гоҳ онҳоро мутаваққиф месохт ва чунин истиқбол мекард: аввалан, марди хонаводаро дар баробари занаш ҳар чӣ аз дашномҳои ракик (баду зишт) ёд дошт, нисор мекард. Сипас, ӯро бо қамчини асп дар пеши чашми зану фарзандонаш, ки аз тарс чун бед меларзиданд, кӯтак (шаллоқу шатта) мезад ва он гоҳ хонаводаро пас мегардонд.

Хуб ба ёд дорам, ки дар қаряи Сафедчеҳри Панҷшер будем. Ҳангоме ки ду нафар аз ин мардони хонаводаро назди Масъуд оварданд, осори қамчин бар сару суратошон ошкор буд. Ва шарҳ доданд, ки бар сари онҳо чӣ гузашт ва бо чӣ сахтӣ бо зану фарзандонашон аз кӯтали Ховок баргаштанд. Сипас, ба осори қамчин бар рӯи худ ишора карданд ва гуфтанд: Қорӣ Гулоб гуфт: «Бар рӯятон мезанам, то ҳама бубинанд».

Масъуд, чунон ки одаташ буд, ба диққат гӯш медод ва чеҳрааш ранг ба ранг мешуд. Монанди ҳамеша сар ба зер андохт ва дар худ фурӯ рафт. Ман шакке надоштам, ки Ҷумъахон, Гулоб ва Андароб дар пеши чашмони ӯ давр мезананд ва ӯ рӯзе ба ҳисоби онҳо хоҳад расид.

Фаромӯш накунед, ки мо дар бораи вазъияти ҷабҳа сӯҳбат доштем ва ин ки ҷанг дар соли 1982 тӯлонӣ шуд ва мо омодагӣ барои як ҷанги тӯлонӣ надоштем. Аз мушкилоти мардум сӯҳбат кардем ва аз мушкилоти муҷоҳидин, аслиҳа, либос ва маводи ғизоӣ ҳам, ки аз забони худи Масъуд шунидед ва такрори он лузуме надорад. Ду нуктаи дигар ҳаст, ки ман ба он ишора мекунам ва баъд меравем рӯи оташбас.

Нуктаи аввал ин ки ҷанги мардуми Афғонистон бар зидди Шӯравӣ дар шароити байналмилалии ҷанги сард сурат мегирифт, ки дар он ғарбиҳо шӯравиҳоро ба дом андохта буданд. Биноан, садои ҳар туфанге бар зидди Шӯравӣ чунон инъикосе дар матбуоти Ғарб меёфт, ки баъзан худи моро ҳам мутаъаҷҷиб мекард.

Вақте аввалин ҳамлаи шӯравиҳо бар Панҷшер шикаст хӯрд, расонаҳои гурӯҳӣ дар бораи он табсира карданд, аммо на бисёр. Вақте ҳамлаи дувуми онҳо дар соли 1981 ба шикаст анҷомид, дар матбуоти Ғарб инъикоси васеъе ёфт. Ва чун ҳамлаи севуми онҳо, ки он ҳам дар ҳамон сол сурат гирифт, бенатиҷа монд, Масъуд ва Панҷшер шӯҳрати ҷаҳонӣ ёфт. Таври мисол, дар Фаронса филме сохта шуд ба номи «Як дара дар баробари як империотурӣ». Дигар матбуоти ғарбӣ аз ҷониби дараи Панҷшер ба шӯравиҳо пайғоми «ҳал ман мубориз» медоданд ва онҳоро таҳрик мекарданд ва асабонӣ месохтанд. «Ҳал ман мубориз» ибораи истилоҳи арабист, ки дар ҷангҳои қадим ривоҷ дошт. Ҳангоме ки ду лашкар бо ҳам рӯ ба рӯ мешуданд, ҳар ду дар баробари якдигар саф мекашиданд ва аввал як нафари шӯҷоъ чанд қадам по ба берун мениҳод ва мегуфт: «Ҳал ман мубориз?» – Касе аст, ки бо ман мубориза (тан ба тан) кунад? Ва он гоҳ аз сафи муқобил яке мебаромад ва ҷанги як ба як мешуд, то

яке мағлуб шавад. Дигарон дар ин мубориза ширкат намекарданд ва фақат тамошо мекарданд.

Масъуд ин таблиғотро ба нафъи ҷабҳа намепиндошт ва ба ёд дорам, ки дар иҷтимои фармондеҳон рӯзе гуфт: «Матбуот дониста ё надониста бо мо душманӣ мекунанд».

Нуктаи дувум ин ки Панҷшер аз нигоҳи мавқеъияти ҷуғрофиёӣ мушриф бар шоҳроҳи Соланг қарор гирифта буд, ки шоҳраги Кобул ба ҳисоб мерафт ва ин ҳам таваҷҷӯҳи шӯравиҳоро бештар ҷалб мекард.

Дар маҷмӯъ, чунон ки Масъуд худ ҳам мегӯяд, вазъ дар дарозмуддат ба нафъи мо набуд. Ва Масъуд ба фикри роҳи берунрафт аз ин тангно буд. Инак, ки ҷанг ба тарафи тӯлонӣ шудан мерафт, Масъуд тасаввур мекард, ки душман достонашро хонда аст ва ӯро дар тангное қарор дода ва бо фишори давомдор мехоҳад корашро яксара кунад. Он чӣ бисёр аҳамият дошт ва Масъуд аз он дар боло ёд карда, «тавсеъаи манотиқи пойгоҳӣ» буд. Дар ин замина мехоҳам ба таври хулоса ишорае дошта бошам. Масъуд барои ҷанг дар баробари Шӯравӣ ба мақсади озодсозии кишвар як стратегияи чаҳормарҳилаиро тарроҳӣ карда буд. Ин стратегия бар асоси шароити кишвар аз нуқтаи назарҳои мухталифи ҷуғрофиёӣ, сиёсӣ, таърихӣ, иҷтимоъӣ, фарҳангӣ ва низомӣ тарроҳӣ шуда буд, ки дар навъи худ дар кишвари мо нав аст. Ин стратегия барои шикасти неруҳои мутаҷовиз ва озодии кишвар тай кардани чаҳор марҳиларо таҷвиз (тавсия) мекард.

### Марҳилаи аввал: Нутфагузорӣ

Ин марҳилаест, ки партизанҳо тоза ба ҷанг бар зидди душман оғоз мекунанд. Дар ин марҳила партизанҳо гурӯҳҳои кӯчакеанд, ки тавоноии рӯёрӯйи мустақим бо душманро надоранд. Ва аз ифшо шудани хеш парҳез карда, бештар зеризаминӣ кор мекунанд. Афғонистон ин марҳиларо боширтоб гузаронида буд ва табаддулоти коммунистҳо ба ҳаракатҳои худҷӯши мардумӣ рӯ ба рӯ шуд.

## Марҳилаи дувум: Пойгоҳсозӣ

Марҳилаи пойгоҳсозӣ аз муҳимтарин мароҳили ҷанги партизанӣ аст. Пойгоҳ минтақаест озод барои иқомат ва созмондиҳии партизанҳо. Умуман манотиқи кӯҳистонӣ ва душворгузар чунин зарфиятеро доро ҳастанд.

Дараи Нур дар Нангарҳор, Алишинг ва Алингор дар Лағмон, Жавар дар Пактиё, Арғандоб дар Қандаҳор, Зиндаҷон дар Ҳирот, Гурзевон дар Форёб, Сангчорак дар Ҷузҷон, Сарипул, Шулгар дар Балх, Яковланг дар Бомиён, Фархор дар Тахор ва тақрибан ҳамаи Бадахшон ва Вокҷон дар Лугар ва Ҷигдалак ва Шакардара дар Кобул ва Панҷшер дар Парвон мисолҳое аз манотиқи пойгоҳӣ ҳастанд.

Бояд ёдовар кард: пойгоҳҳо баъд аз таъсис мавриди ҳуҷуми душман қарор мегиранд ва дифои муваффақона аз онҳост, ки роҳро барои марҳилаи баъдӣ, яъне ҳуҷуми стратегӣ омода мекунанд. Хонандагон ҳатман ҳамалотеро, ки шӯравиҳо ва неруҳои давлати он замон бар пойгоҳҳои умдаи муҷоҳидин, ки теъдоде аз онҳоро дар боло ном бурдем, ба ёд доранд.

## Марҳилаи севум: Таъарруз (ҳуҷум)-и стратегӣ

Ин марҳила замоне ба вуҷуд меояд, ки партизанҳо тавонистаанд аз пойгоҳҳои хеш дар баробари ҳуҷуми душман ба хубӣ дифоъ кунанд. Дар ин марҳила партизанҳо аз ҳолати дифоӣ берун омада, ба ҳуҷум мепардозанд ва душман, ки дар аз байн бурдани тараф ноком мондааст, ба таври табии ҳолати дифоӣ ва ё чизе муъодили он ихтиёр мекунад.

## Марҳилаи чаҳорум: Басиҷи умумӣ[1]

Марҳилаи таъаррузи стратегӣ, ки аз манотиқи пойгоҳии партизанҳо оғоз мегардад, наметавонад режимро сарнагун кунад. Далели онро набояд фаромӯш кунем ва он ин ки

[1] Сафарбарсозии умумӣ, мобилизатсия.

ҷанги партизанӣ асосан замоне оғоз мегардад, ки ду неруи нобаробар дар муқобили ҳам қарор мегиранд.

Пас барои сарнагунии режим бояд тамоми неруҳо басиҷ гардида, таҳти як фармон дароянд. Масъуд дар марҳилаи пойгоҳсозӣ, яъне марҳилаи дувум, он ҳам дар сатҳи як пойгоҳ буд, ки ба ҳамалоти пай дар пай мувоҷеҳ шуд. Як пойгоҳ монанди Панҷшер ба ҳеҷ сурат наметавонист таҳти фишори пай дар пайи душман давом биёварад. Худи стратегияи Масъуд ҳукм мекард, ки бояд чанд пойгоҳи дигар таъсис шавад. Аммо ҷанги 1982 нишон медод, ки ҳариф дасти Масъудро хонда ва бо огоҳӣ бар илми ҷанги партизанӣ ва доштани иттилоъ аз вазъи дохилии ҷабҳа ҷангро тӯлонӣ сохта, то аз дардисарҳои оянда худро беғам кунад.

Дар чунин вазъе буд, ки шӯравиҳо пешниҳоди оташбасро карданд. Масъуд ҳеҷ бовар намекард, ки шӯравиҳо қасди оташбасро доранд. Ин дуруст аст, ки неруҳои онҳо дар вазъияти баде қарор доштанд ва ҳамчунон барои як ҷанги дигар ба фурсат эҳтиёҷ доштанд. Аммо мисли ин ки бардоштҳои афсарони Шӯравӣ аз Масъуд бисёр содаандешона буд, ки ба ӯ фурсати паридан аз домро доданд. Дарвоқеъ шӯравиҳо, ки ҳадафашон аз байн бурдани ҷабҳа буд, бо бастани қарордоди оташбас бузургтарин иштибоҳро дар мавриди Масъуд муртакиб шуданд. Масъуд дар як соли оташбас чаҳор Панҷшери дигар сохт.

Андароб, Хустферинг, Хелобу Фархор. Ӯ чунонки мехост, шӯравиҳоро дар ҷангҳои баъдӣ дар соҳаи васеъе ба ҷанг кашонд. Ӯ дигар ҳаргиз дар Панҷшер бо шӯравиҳо муқобил нашуд. Балки дар як соҳаи бузурге аз шимоли Афғонистон, ки даҳҳо мартаба бузургтар аз Панҷшер буд, ба фаъолият пардохт. Ҷолиб он ки шӯравиҳо ҳанӯз ба фикри зарба задани ӯ дар Панҷшер буданд. Чунон ки баъд аз хатми оташбас ҳамлаи бисёр васеъро тадорук диданд (ҳамлаи ҳафтуми соли 1984). Дар ин ҳамла онҳо аз тайёроти бамафкани стратегии TU-16 истифода карданд. Ҳазорҳо нафар аскару садҳо дастгоҳи танк ва таҷҳизоти низомӣ ба кор бурда шуданд. Аммо Масъуд бо мардум ва неруҳояшон 48 соат

қабл дараро тахлия карда буд. Ва шӯравиҳо бар дараи холӣ ҳамла карданд. Чи амалиёте! Он ҳама таҷҳизоти барои кашф ва одаму дастгоҳ ва масраф ва худро ба рухи дунё кашидан ва надонистан ин ки ҳазорҳо нафар ба шумули занҳову атфол ва мавошӣ дар ҳоли тарки дараанд. Пас ин ҳама тайёра, ки чанд рӯз қабл аз хатми оташбас бар сари мо давр мезаданд, масруфи (машғули) чӣ коре буданд?

Масъуд аз ҳар дақиқаи оташбас, ҳатто аз замоне ки музокира тоза шурӯъ шуд, ба нафъи худ ва татбиқи марҳилаи дувуми стартегии худ истифода кард.

Аввалин кораш халъи силоҳи афроди Ҳизби исломӣ дар худи Панҷшер буд. Зеро аз ҳаракоти онҳо бӯи хун меомад. Қаблан ҳам гуфтам, ки ҳадаф аз ин амалиёт тасфияи (тоза кардани) он афроди Ҳизби исломӣ буд, ки барои Ҳикматёр ҷиҳод мекарданд. Ва илло (вагарна) онҳое, ки барои Худо ҷиҳод мекарданд, то ҳол ҳам ҳастанд. Ва аз муҷоҳидини бисёр хуб ҳам ҳастанд мисли қумондон Торик.

Иқдоми дувуми Масъуд тасфияи Андароб буд.

Андароб дар як ҳамлаи ғофилгирона, дар як шаби сарди зимистон ва убури душвор аз кӯтали Ховок тасфия шуд ва Ҷумъахон – фармондеҳи Андароб, ки Ҳизби исломӣ ӯро аз худ медонист ва шӯравиҳо аз худ – фирор кард. Қарор буд ман ҳам дар амалиёт ширкат кунам. Аммо кафшҳоям бисёр кӯҳна буданд ва ҳар қадар талош карданд, як ҷуфт кафш наёфтанд. Масъуд мехост кафшҳои худро ба ман бидиҳад, ман розӣ нашудам, ночор мондам ва дар амалиёт иштирок карда натавонистам. Лобуд (ҳатман) мехоҳед бидонед, ки Қорӣ Гулоб ба куҷо фирор кард? Хайр… мехост фирор кунад, аммо дер шуда буд. То либосҳои зимистониашро пӯшид, бачаҳо ақиби хонааш истода буданд.

Шояд бовар накунед, ки ӯро бо эҳтиром назди Масъуд оварданд. Фармондеҳи он соҳаи амалиёт қумондон Мирзо буд, ки дар соли 1996 дар ҷанге дар баробари толибон шаҳид шуд. Ман баъд аз амалиёт вақте ӯро дидам, пурсидам: «Чаро ӯро ҷазо надодӣ?» Гуфт: «Як силлии (шаппотӣ) маҳкам ба рӯяш задам». Гуфтам: «Чаро зиёдтар назадӣ?»

Гуфт: «Дилам барояш сӯхт. Охир ӯ асир буд».

Худо раҳмат кунад қумондон Мирзоро! Чӣ бузургворе буд.

Дар мавриди сарнавишти Қорӣ Гулоб баъдан таъриф мекунам. Ҳоло бубинем Масъуд аз оташбас ба чӣ суде ба нафъи худ бурд. Масъуд, чунон ки дар боло омад, муваффақ шуд неруҳои Ҷамъият дар шимол ва шимолу шарқро дар як шӯро, ки онро Шӯрои наззор номиданд, ҷамъ кунад ва бар фаъолтар шудани онҳо биафзояд. Заминасозӣ барои ташкили қитаъоти марказӣ иқдоми дигар дар фурсати оташбас буд. Қитаъоти марказӣ неруҳои муназзами Масъуд буд, ки мехост асоси урдуи ояндаи Афғонистон бошад. Ҳамин неруҳо пештози кулли амалиётҳое буданд, ки Масъуд тарроҳӣ мекард ва ин ҳам аз баракоти оташбас буд.

Аз ҳамин сабаб буд, ки Масъуд оташбасро фурсати тилоӣ гуфт. Фармондеҳон онро маъқул пиндоштанд ва уламо онро фатҳи мубин орзу карданд.

Аммо шӯравиҳо аз оташбас чӣ ҳадаферо дунбол мекарданд?

Масъуд дар ҳамон вақт ба ҷавоби фармондеҳонаш, ки аз ӯ пурсиданд: «Ба назари шумо, ҳадафи онҳо аз оташбас чист?» Чаҳор чизро пешбинӣ кард: «Нуфуз дар байни мардум, бадном сохтани ҷабҳа, террори ман ва омодагӣ барои як ҷанги дигар».

Ин пешбинии Масъуд дуруст буд. Аммо онҳо ба ҳеҷ кадом муваффақ нашуданд. Аввалан дар байни мардум натавонистанд кори муҳимме анҷом бидиҳанд. Ва илло як нафар пайдо мешуд, ки ба онҳо дар ҳамлаи соли 1984-ашон хабар диҳад, ки дар дара касе нест ва тиратонро ба санг назанед. Дар қисмати бадном сохтани ҷабҳа бояд гуфт: ҳарифони Масъуд, аз ҷумла Ҳикматёр таблиғоти васеъеро ба роҳ андохт. Ва ҳар он чиро аз Мавлавӣ Тарахел дар дарси тафсир хонда буд, ба аҷала (саросема) таҳти унвони маволот (дӯстӣ) бо куффор ба табъ расонда ва Масъудро

ғайримустақим такфир[1] кард ва ҷосуси русҳо хонд.

Таблиғоти Ҳикматёр ва баъзеи дигар аз мусалмонони ихвонӣ ба чеҳраи исломии Масъуд назди мусалмонони араб садамаи қобили таваҷҷӯҳе расонд ва ин ҷои гилоя надошт. Ихвон-ул-муслимин дар Афғонистон аз ҳамон оғоз теғи дусара буд, ки ҳам ба дӯст зада мешуд ва ҳам ба душман.

Ва аммо ҳадафи севум, яъне террор, ки низ шомили барнома буд. Дар ҷараёни оташбас ду бор ҷосусҳои дастгоҳи ХОД-и афғонӣ иқдом ба террори Масъуд карданд. Ва ҳар ду бор сӯиқасд ба нокомӣ анҷомид. Чӣ қадар дастгоҳи амниятии Шӯравӣ – КГБ дар ин кор нақш дошт, ман намедонам. Аммо туфангча ва заҳре, ки барои қатли Масъуд таҳия шуда буд, то ҳол мавҷуд аст, ки иштироки КГБ-ро аз он метавон ҳадси (тахмини) қариб ба яқин зад. КГБ-ро набояд маломат кард, зеро то ҷое, ки медонам, бисёр кам аст теъдоди созмонҳои иттилоотӣ, ки аз ин навъ иқдомот барӣ (дур, барканор) бошад.

Шояд роҳҳои кӯтоҳи расидан ба ҳадафро ҷустуҷӯ мекунанд!

Ва ҳадафи чаҳоруми оташбас, ки метавон онро ҳадафи асосии онҳо номид, яъне омодагӣ барои як ҷанги дигар, ба хубӣ гирифта шуд. Ва чунон ки зикри он дар боло омад, ба шикаст анҷомид.

Масъуд пирӯзии худро дар амалиёти соли 1984-и шӯравиҳоро пирӯзии иттилоотӣ ва шикасти онҳоро шикасти иттилоотӣ арзёбӣ кард.

Иҷозат диҳед, дар ин ҷо чанд нуктаи дигарро, ки ба назарам ҷолиб мерасанд, бигӯям. Ман то вақте Анатолийро надида будам, фикр мекардам, ӯ аз тамоми далойили ин оташбас огоҳ аст. Аммо дар воқеъ он чи ӯ аз ин масъала баён кард, комилан хилофи тасаввури ман буд. Мухтасар изҳороташ ин аст, ки ӯ ба ҳайси як афсари кашф ба Панҷшер меравад ва шахсан алоқа доштааст, то ҳақоиқро дарёбад. Вазъият дар дара ӯро мутаассир мекунад ва мехоҳад ба наҳве аз куштор ҷилавгирӣ кунад. Фикри худро дар Маскав ба раисаш Ива-

[1] Ба куфр муттаҳам кардан.

шутин, ки он вақт раиси кашф буда, мегӯяд. Ва ӯ баъд аз ғавр (баррасӣ) онро мепазирад. Боқии моҷароро аз забони худи Анатолий хондед.

Ман вақте Анатолийро дар Маскав дидам, бовар кардам, ки ҳадафи ӯ ҷилавгирӣ аз кушта шудани асокиронаш буд. Ба иборати дигар, ангезаи ӯ отифӣ (некхоҳӣ) будааст. Аммо ҳадафи болотарҳо ҳам ҳамин буд? Шак дорам, чунин буда бошад.

Аммо чаро дастгоҳи кашф як афсари худро, ки вазифаи худро ба дурустӣ анҷом дода, на танҳо ҳеҷ мукофоте намедиҳад, балки навъе муҷозот ҳам мекунад? Аз ишораи Анатолий чунин маълум мешавад, ки тарафдорони ҷанг аз кори ӯ розӣ набуданд. Аз ин бармеояд, ки дар он замон бо вуҷуди контроли шадид бар афкор касоне буданд, ки воқеъӣ меандешиданд ва гузашти замон ҳам нишон дод, ки воқеъбинон ҷойи яккаандешонро гирифтанд.

Агар ба ёдатон бошад, баъд аз даври аввали оташбас, ки шаш моҳ буд, ҳайати дигаре омад ва ҷараёни мушоҷара ва пархоши (дағалӣ) онро аз забони Масъуд хондед. Ин шахс полковник, Андреев Юрий Петрович ном дорад ва раиси ҳайати дувум буд ва дар ҳоли ҳозир бознишаста аст. Ман бо ӯ ҳам дар Маскав дар дафтараш дар моҳи июли 2003 мулоқот доштам ва дар аввал аз ӯ пурсидам: дуруст аст, ки Шумо вазифаи Анатолийро идома додед? Гуфт: дуруст аст. Пурсидам: «Масъуд дар бораи аввалин мулоқот бо Шумо бароям муфассал қисса кард. Ҳоло мехоҳам аз забони шумо бишнавам». Дар ибтидо як ташреҳи мукаммал аз кӯмакҳое, ки ба мардуми Аъноба карда буд, ироа намуд. Ва ман пушаймон шудам. Чаро аз мардуми Аъноба ташаккурномае барояш наовардаам. Охир, ин ҳама лутфу карам, эҳсону саховат ва таваҷҷӯҳ ва орду равған ва куди (нурии) кимиёи барои деҳқонон ва ба гуфтаи худаш, таъмини зиндагии сулҳомез… Ва чи мардуми фаромӯшкоре! Баъд гуфт, ки то охири оташбас ба ҳамон вазифа дар Аъноба идома додааст. Ва як бор рафта, ки ҷанги зану шавҳарро каме дуртар аз соҳаашон миёнҷигарӣ кунад, ки ба доми муҷоҳидин меаф-

тад. Ва тарҷумонро садо мезанад, ки тасодуфан дар ҳамон лаҳзаи ҳассос ғайбаш зада аст, ки муҷоҳидин ҳам дар рус буданаш мутараддид (шубҳанок) мешаванд! Ки яке аз онҳо мармии ракети РПГ[1]-ро ба ӯ медиҳад, ки хутути русиашро бихонад, ки худро ба кӯчаи ҳасани чап мезанад ва онро ба англисӣ мехонад, то онҳо надонанд, ки рус аст. Ва мегӯяд, ки югославӣ аст! Дар замон тарҷумон меояд ва ӯро наҷот медиҳад. Ва охираш ин ки ҳеҷ гоҳ Масъудро надида ва бо ӯ мулоқот накардааст.

Ҳамин...

Аммо ба ин суолам, ки ба ту ҳам монанди Анатолий кадом подош ва мукофот надоданд, то аз талошатон барои сулҳ қадрдонӣ шуда бошад, ҷавоби бисёр хуб дод: «Барои низомиён дар ҷанг медал медиҳанд, на дар сулҳ!»

Бад-ин тартиб, мунтазир мемонем, то мақомоти болотар аз Анатолий ва Юрий Андреев лаб ба сухан бикушоянд ва бигӯянд: ҳадафи онҳо аз ин оташбас чӣ будааст.

Нуктаи дигаре, ки дар миёни гуфтаҳои Масъуд ва Анатолий бо ҳам фарқ доранд, ин аст, ки ба гуфтаи Анатолий: қарордоди оташбас шифоҳӣ буд ва ҳеҷ санади расмӣ табодула нагардид. Дар ҳоле ки Масъуд аз ҷузъиёти ин қарордод ёд мекунад, чунон ки дар боло гузашт.

Нигоранда ба нисбати маҳдудияти замонӣ, ки барои чопи ин китоб дошт, натавонист санади оташбасро биёбад ва умед аст ба зудӣ битавонем ин санади таърихиро ба чоп бирасонем...

Ва ҳоло бубинем, ки Қорӣ Гулоби золим ба чӣ сарнавиште дучор шуд!

Қорӣ Гулоб фақат чанд ҳафтае дар зиндон буд ва Масъуд ӯро мавриди афв қарор дод ва фармоне барояш навишт, ки ҳеҷ кас ҳаққи азият ва озори ӯро надорад. Мо дар ҷабҳа бозрасе (муфаттиш) доштем ба номи Муштоқ. Ҳам ӯ буд, ки ларза бар андоми ҷосусҳо андохта буд. Ӯ нақши муҳимме дар тасфияи ҷосусҳо дар ҷабҳа бозӣ кард ва ба ёд доред, ки дар боло аз нокомии шӯравиҳо дар корҳои нуфузӣ дар до-

---

[1] Гранатамёт.

хили ҷабҳа ёд кардем. Шӯравиҳо шикасташонро дар амалиёти нуфузӣ мадюни (қарздор) Муштоқ ҳастанд. Бархурди ӯ бо ҷосусҳо хеле хашин ва қотеъ буд. Рӯзе ду ҷосусро назди ӯ мебурданд. Онҳо ба муҷарраде, ки фаҳмиданд назди Муштоқ онҳоро мебаранд, ҳангоми убур аз пул худро ба дарё андохтанд. Шояд тасвири як одами бисёр сангдил ва бераҳм дар зеҳнатон омада бошад. Вале, баръакс, Муштоқ-оғо шоири хушқариҳа ва одами зариф аст, ки ҳеҷ ба ҳирфааш (касбаш) намехӯрад. Дар китоби дигар намунае аз ашъори зебояшро хоҳам овард. Аммо Муштоқ ва Қорӣ Гулоб! Аз забони худи Муштоқ бишнавед:

«Дар беруни идораам, ки наздики ҷода буд, қадам мезадам (қаряи Дашти Ревати Панҷшер). Яке аз маъмуринам омада гуфт: «Муштоқ-оғо! Он шахсро, ки дар ҳоли рафтан мебинед, Қорӣ Гулоб аст!» Пурсидам: «Кадом Қорӣ Гулоб?» Гуфт: «Ҳамин Қорӣ Гулоби машҳур, ки мардумро азият мекард». Дастур додам, ки бидаванд ва ӯро наздам биёваранд. Рафтанд ва ӯро оварданд.

Каме ворхато (тарсон) ба назар мерасид.

Пурсидам: «Номат чист?»

– Гулобиддин!

– Қорӣ Гулоб ту ҳастӣ?

– Бале, ман ҳастам.

– Чаро мардумро бо қамчин мезадӣ ва занону атфолро аз кӯтали Ховок бармегардондӣ?

Даст ба ҷайб бурд ва коғазеро берун овард. Онро боз кардам, дидам фармони Масъуд аст, ки ҳеҷ кас ӯро азият накунад! Чанд бор ба фармон ва ба ӯ нигоҳ кардам ва он гоҳ фармонро чанд бор бӯсида, дар ҷайб гузоштам ва бар сараш паридам. Чунон ӯро бо мушт ва лагад мезадам, ки чанд лаҳза худам хаста шудам ва маъмуринам маро боздоштанд. Аз ҷо баланд шуд ва чун бед меларзид. Ҳанӯз нафасаш рост нашуда буд, ки ба ёдам омад, чӣ коре кардам? Агар Масъуд хабар шавад? Ба аҷала даст ба кор шудам. Дастур додам оҷил аспе биёваранд. Сипас, Қорӣ Гулобро бар асп нишондам ва се муҳофизро ҳамроҳаш кардам ва гуфтам, ки як лаҳза дар роҳ таваққуф накарда, шаб ӯро аз кӯтали Ховок

бигузаронанд.

Қорӣ Гулоб пиёда равон буд, аз баракати хашми ман соҳиби асп шуд. Аммо ман мондам ва як ҳазор ташвиш аз бозпурсии Масъуд. Ман медонистам, ки шабакаҳои иттилоотии ӯ ба кадом суръат ин хабарро ба ӯ мерасонанд. Тамоми шаб нахобидам ва ҳай фикр мекардам, ки ба Масъуд чӣ бигӯям. Роҳи ҳалҳои мухталифе дар зеҳнам мегузашт. Ногаҳон садои мутареро шунидам. Аз панҷара нигоҳ кардам, мутари Масъуд буд. Ба муҳофизон гуфтам: «Бигӯед, ман нестам». Аз даруни утоқ махфиёна нигоҳ мекардам, дидам коко Шаҳобиддин – ронандаи ӯст. Пурсид: «Муштоқ куҷост?» Гуфтанд: «Ҷое рафтааст». Гуфт: «Куҷо рафта?» Гуфтанд: «Намедонем». Гуфт: «Ки омад, барояш бигӯед, ҳар чӣ зудтар назди Омир Соҳиб[1] биёяд!» Аз лаҳнаш маълум буд, ки аз ҳодиса хабар дорад. Дигар муаттал нашуда, либосҳоямро ҷамъ карда, аз идора фирор кардам. Чанд ҳафта аз ин қаря ба он қаря дар ҳаракат будам. Ва рӯз худро ба касе нишон намедодам.

Масъуд дар ин муддат маро меполид (ҷустуҷӯ мекард) ва ман ҳанӯз рам мекардам. Як рӯзе, ки дилам аз ин ҳолат гирифта буд, дар канори ҷода аз қаряи Бозорак мегузаштам. Ногаҳон мутари Масъуд сари роҳам сабз шуд. Имкони фирор вуҷуд надошт. Дилам ба тундӣ ба таппиш оғоз кард. Ва ба тарафи шишаи мутар нигоҳ кардам. Масъуд нишаста буд. Медонистам, ин қадар толеъ надорам, ки маро набинад. Мутар таваққуф кард ва ишора кард, ки ба наздаш биравам. Пойҳоям дуруст ёрӣ намедоданд. Наздик рафтам, дидам: мехоҳад табассумашро бо қаҳр пинҳон кунад. Каме хун дар рагҳоям ҷорӣ шуд. Гуфт: «Ӯ одам, куҷостӣ?» Ва бидуни ин ки мунтазири ҷавоб бимонад, дастур дод, ки зуд биравам ва фалон корҳоро анҷом диҳам!

Алҳамду лиллоҳ, ки ба хайр гузашт».

Ман ҳангоме дар бораи оташбас бо Масъуд сӯҳбат мекардам, чанд суол аз Масъуд кардам. Яке ин ки: Шумо гуфтед, шунидаед, ки Анатолийро баъдан дар Шӯравӣ

[1] Манзур Аҳмадшоҳи Масъуд.

муттаҳам карданд, ки дар бадали ришват як қарордодро ба нафъи шумо имзо карда? Ин дуруст аст? Масъуд гуфт: хайр, ин дуруст нест. Анатолий як афсари бавиҷдон ва вазифашинос буд. Ӯ вазифаи худро анҷом медод. Мо фақат як корд барои тарҷумонаш Амир Муҳаммади Самарқандӣ ҳадя додем, ки чизе қимматбаҳое набуд.

Коре, ки ман барои Анатолий кардам, ин буд, ки як бор мулоқоти мо мусодиф (ҳамзамон) ба рӯзи таваллуди ӯ буд. Анатолий гуфт: «Агарчи имрӯз рӯзи таваллуди ман аст ва ман бояд бо хонаводаам мебудам, аммо ба хотири сулҳ тарҷеҳ додам, бо шумо бошам». Ман гуфтам: «Мушкил нест. Рӯзи таваллуди шуморо ҳамин ҷо ҷашн мегирем». Дастур додам гӯсфанде биёваранд, ки оварданд. Ба Анатолий гуфтам: «Ин ҳам гӯсфанд». Анатолий гуфт: «Инро чӣ кунам?» Гуфтам: «Ҳоло кордро мегиред ва гӯсфандро бо дасти худатон мекушед. Баъд онро кабоб мекунем ва мехӯрем». Анатолий гуфт: «На, на. Ман наметавонам гӯсфандро бикушам». Ман гуфтам: «Яъне чӣ. Одамро кушта метавонед, гӯсфандро не?» Ҳама хандиданд. Баъд гӯсфандро бачаҳо куштанд ва кабоб кардем.

Ин достонро Анатолий ҳам дар мулоқот бо ман дар Маскав тасдиқ кард.

Аз Анатолий пурсидам: «Масъудро чанд бор мулоқот кардӣ? Чӣ чизе аз ӯ ба хотиратон монда аст?» Анатолий дар ҷавоб гуфт:

«Ду чизаш бештар: адаб ва хирадмандӣ».

Хонандаи мӯҳтарам!

Дар асотир чунон омадааст, ки аждаҳои ҷаҳонхор ба қасди тасхири дараи Кичкин (номи қадимии Панҷшер) озими он ҷо гардид. Яли (паҳлавони) Кичкин шамшер ва дуъои модар баргирифт ва ба пешвози аждаҳо рафт, то аз дара ва мардумаш дифоъ кунад. Чун нигоҳи аждаҳо ба чашмони ғавғоии Ял афтид, ба тардид дучор шуд ва бимнок гардид. Пас макру ҳиял оғоз кард ва таҳдиду татмиъ[1] намуд. Аммо

[1] Ба подош ваъда додан.

Ял шамшер аз ниём баровард ва бар фарқи он аждаҳои ҷаҳаннамӣ кӯфт ва дара ва мардумашро наҷот дод.

Абдулқаҳҳори Осӣ – шоири фақид ва ҷавонмарги забони порсии дарӣ он воқеаи дирӯзро бо ҳодисаи имрӯз дар назми «Шоҳнома»-ӣ ва дар камоли зебоӣ ва зарофат ба тасвир кашидааст, ки гувоҳи такрори таърих аст ё ҳақиқат шудани асотир.

## ЯЛИ КИЧКИН ВА АЖДАҲОИ ҶАҲАННАМ

Яке дарра аз дарраҳои биҳишт,
Ба бар сахра, бар сар ҳавои биҳишт –
Зи Ҳиндукуш оғоз мешуд ҳаме,

Ба Кӯҳдоманон[1] боз мешуд ҳаме.
В-аз он рӯдборе равон гашта буд,
Ки чарх аз зулолаш ҷавон гашта буд.
Заминро на монанди он гӯшае,
Фалакро на ҳамхони[2] он тӯшае,
Шукӯҳ аз бару дӯшаш ангехта,
Шаҳомат ба болош овехта.
Мақоми шаҳидони хунҷомаӣ,
Мақарри далерони «Шаҳнома»-ӣ,
Диёри асотирии ишқу ҷанг,
Мазори бузургони номусу нанг...
Ба Кичкин мусаммо шуда некном,
Пуровоза то Чину то Руму Шом.
Палангони афсонаӣ мардумаш,
Сикандар чи, Дорову Рустам гумаш,
Ба фарҳанг Фирдавсию Мавлавӣ,
Ба эъҷоз Шаҳномаву Маснавӣ,
На марде ҳамоварди мардони он,
На кӯҳе ҳамовои гурдони он,
Кару сим бар сина андӯхта,

[1] Водӣ дар ибтидои дараи Панҷшер.
[2] Ҳаммонанд.

Қабои зумуррад ба тан дӯхта...
Зи хуршед шамшер бигдохта,
Алам бар фарози фалак охта.
Пару боли Ҷабрил ойинааш,
Суруди Аҳуро сару синааш.

Қазо рафта буду дар он марзу бум
Ҷаҳаннам ба по кард ошӯби шум.
Чунон ки нафасҳои макрӯҳро
Дамонид мар сангу мар кӯҳро.
Фиристод он сӯ яке аждаҳо,
Гурусна ба ҷону тан он вило.
Чунон аждаҳое, ки аз сар ба дум
Даҳон буду ғоратгаре ёлу сум.
На серобиаш буд аз хуни халқ,
На ёдеш аз чанду аз чуни халқ.
Инон сӯи Кичкин кашид аждаҳо,
Бару дӯш-офат, сару по-бало.
Чунон қасд кард аждаҳои палид,
Ки созад ҳама дарраро нопадид.
Магар дарраро паҳлавон зода буд,
Қаландарписар сарви озода буд.
Ки аз ҳайбаташ мор муре шудӣ,
Ки аз ҳимматаш шаҳр гӯре шудӣ.
Ба тан пилу бо бозувон оҳанин,
Ба имон фалак, бо салобат замин.
Худованди шамшеру гурзу камар,
Худованди майдони ҷангу ҳунар –
Фаро хонд модар варо назди хеш,
Кашондаш ба паҳлӯш, наздик беш.
Бибасташ камар, рози ҷангаш бигуфт,
Сухан з-ин ҳунар, ранг-рангаш бигуфт.
Бигуфташ, ки эй тоҷи фахри сарам!
Бирав, дасти холӣ наёӣ барам.
Бирав, хасми обоиятро бубин,
Бимагзор аз ӯ нақши по дар замин.
Бирав, то ки шамшердорони род

Ба некит фардо биёранд ёд.
Туро баҳри ин рӯз зоидаам,
Барои чунин арса, поидаам...

Ҷавон бо фалохун камар баста рафт
Суви аждаҳои саропо шигафт.
Вале аждаҳо, мардро то бидид,
Таконе ба худ хурд, рангаш парид.
Чунон ҳайбатолуд меомадаш,
Ки пиндоштӣ, ки меошомадаш.
Ғуруре кӯҳу хашми обоияш
Бурун мезад аз чашми ғавғоияш.

Бихонд аз ҷабинаш ҳадиси набард,
Бидидаш тановар, аз ӯ бим кард.
Сари роҳи рустамписар дом чид,
Хиёле бизад хому ройе гузид.
Ки аввал, ба ранге ба дом орамаш,
Сипас хору зораш кунам, бикшамаш.
Чӣ бо ҳиллаҳо захми корӣ хӯрад,
Дами теғи найранг хуштар барад...
Ки номардҳо беш аз ин кардаанд,
Ба ин шева бисёр кин кардаанд.
Ял аз дур шамшер берун кашид,
Забони адолат пайи хун кашид.
Бигуфто ба шамшер, к-эй ёри ман,
Аниси шабу рӯзи душвори ман!
Бурунат биёвардаам, то ки дод
Нагардад гум аз оламу кам мабод!
Бурунат биёвардаам, то зи ҳақ
Дили тираёрон бигирад сабақ!
Бурунат биёвардаам, то ба ҷой
Тариқе кунам рост аз ақлу рой!
Бурунат биёвардаам, то Худо
Ба ҳангом гардад маро раҳнамо...
Маро нест чашми тамошоие,
Дили беғаму хотироройе,

Ки нобуд гардад деҳам, дарраам
Ки оташ фитад бар сару бар раҳам...

Ба ногоҳ бо ҳиллааш аждаҳо
Баромад сари роҳи Ял аз даға.
Садо зад ба Ял аждаҳои забун,
Ки тадбир беҳтар шавад раҳнамун.
Биё, то ба ҷонат амоне диҳем,
Баояндагонат замоне диҳем.
Харидор гардам ҳама Кичкинат,
Деҳу дарраву қалъаву масканат.
Бигӯ қимати Кичкини хешро,
Бигӯ байъи ин гавҳари хушбаҳо.
Деҳатро бигӯ, хонаатро бигӯ,
Бигӯ қимати дарраро мӯ ба мӯ.
Сару пот аз симу зар мекунем,
Туро шоҳи шаҳри гуҳар мекунем.
Чӣ меҳоҳӣ аз зиндагӣ ҷуз шукӯҳ
Ва он ҳам аз ин сангзорону кӯҳ?
Чӣ бо туту талхон ба сар мебарӣ?
Ғами дарра, шоҳак, ба ҷон мехарӣ?
Вагарна ситонем онро ба зӯр,
Ҳамон беҳ, ки худ менаафтӣ ба гӯр.
Вагарна зи чанголи мо ҳеҷ кас
Наёрад баровардани як нафас.
Биандеш аз зарби бозуи мо,
Маёмез бо оташи хӯи мо.
Ялаш гуфт, к-ин дарраро сангу хок
Ба хунам бувад нисбате сахт пок.
Ба ҳар сахра, ки ҷилва бинӣ, манам,
Зи ҳар кӯҳ нақше гузинӣ, манам!
Манам, ки равонам ба рагҳои деҳ,
Манам, ки ту бинӣ сару пои деҳ.
Дарахти булуту хадангаш мананд,
Ҳама гургу шеру палангаш мананд.
Уқоби сари дарраву ман якест,
Дар ин ҷо саре гар ду шуд, тан якест.

Агар гург биниву гар рӯбаҳаш,
Ба як обхӯр мефарояд раҳаш.
Худам Кичкини хешаму даррааш,
Худам кӯҳи Кичкин, худам заррааш.
На танҳо баёни ман аст инчунин,
Дарахтони ин дарра гӯяд ҳамин.
Наям ман дукондори кошонаам,
Наям ман фурӯшандаи хонаам.
Ҳамон беҳ, ки раҳ чап кунӣ з-ин Ватан,
Вагарна саломат набинӣ зи ман!..

Дили аждаҳоро хушунат кафонд,
Барояш тавону таҳаммул намонд.
Пайи куштани Ял тапидан гирифт,
Сари ҳамлаву сар буридан гирифт.
Яли номвар гуфт: ё моми кӯҳ,
Амонам бидеҳ з-ин газанди шукӯҳ!..
Ҳамин гуфту аз ҷо париду бизад
Ба шамшер бар фарқи он зодбад.
Ду нимаш намуду ду қошаш фиганд,
Хамӯш кардаш аз қиссаи чуну чанд...

Бале, родмардон чунин кардаанд,
Чунин бо фурӯмоя кин кардаанд.
Худо кам насозад Ялеро, ки ӯ
Намеафганад гӯри худ дар гуру.[1]
Худо кам насозад яке тори мӯй,
Ҳар он кас, ки маҳфузаш аст обрӯй...
Ҷаҳон боду мардони додовараш,
Худовандгорони шону фараш!

*Абдулқаҳҳори Осӣ,*
*20 ҳути 1366.*

[1] Гарав.

# МАСЪУДШИНОСӢ

Аҳмадшоҳи Масъуд дар 2 сентябри соли 1953 дар деҳкадаи Ҷангалаки Панҷшер дида ба ҷаҳон кушуд. Падараш Дӯстмуҳаммад афсари низомӣ буд ва падаркалонаш Яҳёхон аз бузургони қавм дар Панҷшер маҳсуб мешуд, ки дар ҳукумати подшоҳи озодихоҳи Афғонистон Шоҳ Амонуллоҳ вазифаи хазинадорӣ дошт. Ҳамин мавқеъият ба Яҳёхон имкон дод, то писараш Дӯстмуҳаммад-падари Масъудро ба таълимоти афсарӣ шомил гардонад. Дар он замон шомил шудан дар муассисоти таълимии олӣ ва афсарӣ ба касоне муяссар буд, ки роҳ ба радаҳои болоии салтанат доштанд ва Яҳёхон аз чунин мавқеъияте бархӯрдор буд.

Модари Масъуд духтари Мирзомуҳаммад Ҳошимхон низ аз як хонаводаи соҳибном ва таҳсилкарда ва аз Рухаи Панҷшер буд. Аз назари иқтисодӣ Масъуд аз тарафи падару модар ба як хонаводаи мутавассит тааллуқ дошт.

Дӯстмуҳаммад – падари Масъуд се бор издивоҷ кард. Ду издивоҷи ахир ба тартиб пас аз фавти ҳамсари аввал ва дувумӣ сурат гирифт. Ҳосили се издивоҷ ёздаҳ фарзанд буд. Шаш писару панҷ духтар. Аз издивоҷи аввал ду фарзанд, яке писару дигарӣ духтар. Аз издивоҷи дувум ҳафт фарзанд, чаҳор писару се духтар. Аз издивоҷи севум ду фарзанд, яке писару дигарӣ духтар.

Дӯстмуҳаммадхон – падари Масъуд аз издивоҷи аввал як духтар дошт ва як писар. Писараш Динмуҳаммад, ки афсар буд, ҳангоми муҳоҷират дар Покистон дар соли 1988 террор шуд.

Аз издивоҷи севумаш як духтар ва як писар дорад. Номи писараш Шуъайб мебошад.

Аз издивоҷи дувум ҳафт фарзанд дорад, ки Аҳмадшоҳи Масъуд фарзанди севум аз хонуми дувум аст. Қабл аз Масъуд як хоҳар ва бародари бузургаш Яҳё қарор доранд. Ва баъд аз ӯ бародараш Аҳмадзиё ва Аҳмадвалӣ қарор доранд. Чун падари Аҳмадшоҳи Масъуд бинобар вазифа дар вилоёти мухталиф кор мекард, сойири бародарони Масъуд дар вилоёти дигар таваллуд шудаанд. Масалан, Яҳё – баро-

дари бузургаш дар Бағлон, Аҳмадзиё дар Ғазнӣ ва Аҳмадвалӣ дар Кобул. Аммо Масъуд дар Панҷшер мутаваллид гардид.

Шояд Худованд чунин ирода карда буд, то Аҳмадшоҳи Масъуд аз ҳамон оғоз, яъне таваллуд, бо кӯҳ ошно шавад. Чунонки аввалин бор дар табиат чашми ӯ ба кӯҳ афтод. Аввалин хонаи онҳо дар Кобул дар доманаи кӯҳ буд (Деҳафғонон). Ва аввалин бор муборизаро аз кӯҳ оғоз кард (кудетои 1975). Хонаи дувуми онҳо низ дар доманаи кӯҳ буд (Кортаи Парвон). Ва даври дувуми муборизаро низ аз кӯҳ оғоз кард (1979, Панҷшер). Ва ҳар гоҳ бо сахтиҳо рӯ ба рӯ гардид, ба кӯҳ бозгашт.

Кӯҳ, дар таъбири дигар, ба маънӣ сарсахтӣ, устуворӣ ва сарбаландӣ ва ё, бе ҳеҷ гуна таъбире, ҳамон кӯҳ дар зиндагии Масъуд накши муҳиммеро бозӣ кард.

Дӯстмуҳаммад – падари Масъуд дар давраи хидмати афсариаш дар вилоёти мухталиф чун Нангарҳор, Бадахшон, Бағлон, Ғазнӣ, Ҳирот ва Кобул вазифа иҷро кард. Гоҳе дар пустаҳои (вазифаҳои) марбут ба вазорати дохила ҳам кор карда. Монанди Раёсати девони маҳокими Вазорати дохила ва ё фармондеҳии жандарм ва пулис дар Ҳирот.

Дӯстмуҳаммад дар давраи афсариаш то дараҷаи полковникӣ иртиқо ёфт (боло рафт) ва то пустаҳои фармондеҳии бригадаи жандарм ва пулис кор кард.

Дӯстмуҳаммад шахси бодиёнат буд. Дар хондани намоз мудовимат дошт ва тиловати саҳарии Қуръонро то ахири давраи ҳаёташ идома дод. Боре дар мусобиқаи нишонзанӣ дар Пағмон медал гирифт ва гоҳе дар маросими режаи низомии ҷашни истиқлоли кишвар керч (шамшер) меандохт. Керч андохтан иборат аз иҷрои ҳаракоте тавассути шамшер буд, ки дар маросими режаи низомӣ тавассути як афсари хушқаду қиёфа дар пешопеши сафи пиёда иҷро мегардид.

Модари Масъуд низ зани мӯъминаву парҳезкор ва ҷиддӣ буд. Ӯ ба ахлоқиёти фарзандонаш таваҷҷӯҳи зиёд дошт ва мехост онҳо дорои фазойили нек ва писандида бошанд. Яҳё, ки нигоранда дар моҳи июли 2003 дар Кобул бо ӯ мулоқот кард, ба ман чунин накл кард: ки мо зери назари дақиқи мо-

дар қарор доштем. Дар давраи навҷавонӣ чи ки ҳатто дар давраи булуғи комил ҳам аз ин ки дер ба хона биёем, аз модарамон бим доштем. Ба ёд дорам, як бор, ки ману Масъуд дар имтиҳоноти хатми соли таълимӣ нумароти (баҳои) олӣ ба даст овардем ва натиҷаро ба падарамон хабар додем, то тибқи ваъда барои мо мукофот бидиҳад. Падарам вақте нумароти моро дид, гуфт, ки ман аз натоиҷи имтиҳоноти шумо бисёр-бисёр хушҳолам ва чунон ки ваъда карда будам, бароятон ҷоиза медиҳам. Дар ин асно модарам, ки он ҷо буд гуфт: «Аммо маро ин нумарот он қадар хушҳол намекунад. Ман вақте хушҳол мешавам, ки фарзандонам аспсаворӣ, нишонзанӣ ва суханронӣ биёмӯзанд». Сипас, ба падарам гуфт: «Чанд бор гуфтам, ҳангоми рафтан ба Панҷшер дар масҷиди ҷомеъи Руха бирав ва ба мардум суханронӣ кун ва писаронатро ҳам бо худ бибар, то биёмӯзанд».

Падари Масъуд чӣ қадар муваффақ шуд, ки супориши ҳамсарашро ба ҷо кунад, ҳарфест дигар. Аммо Масъуд баъдҳо орзуҳои модарро бо камоли ҳусн бароварда сохт. Магар умр ба модараш кифоф (кифоят) надод, то хобҳои худро дар воқеъият бубинад.

Масъуд аз падару модар фазойили неку касб кард. Дар зебоии мардона ба падар шабоҳат дошт ва ҳамчунон низомгарӣ ва тирандозиро нахуст аз падар омӯхт. Дар ибодат мумтад (устувор) ва дар парҳезгорӣ мадюни (сипосгузор) модар буд. Ӯ ҳамаи ин сифотро аз падару модар ба ирс бурда буд. Ва то охирин лаҳзаи ҳаёти хеш бар он мудовимат варзид.

## ДАВРАИ КӮДАКӢ ТО СИНФИ АВВАЛ

Масъуд дар давраи кӯдакӣ тифле боҳуш ва бонишот аст. Дар ҳар навъ бозиҳои кӯдакона саҳм дорад ва аз назари ҷисмӣ қавӣ, сабук ва сареъ аст. Дар чаҳорсолагӣ бо бародари бузургаш Яҳё, ки ду сол аз ӯ бузургтар аст, дар синфи аввали мактаби Бозораки Панҷшер шомил мегардад. Аммо ҳанӯз синфи аввалро ба охир нарасонида, ки бо хонаводаашон ба Кобул рафта, дар мактаби «Шоҳи душамшера» шо-

мил мегардад. Ба гуфтаи худаш, Яҳё аввалнумра ва ӯ дувум буд. Инро Яҳё низ тасдиқ мекунад. Хонаашон дар ин вақт Деҳафғонони Кобул, канори масҷиди Ранга, ақиби парки Ҳутал қарор дошт.

## СИНФИ ДУВУМ ТО ЧАҲОРУМ

Падараш дар ин ҳангом ба ҳайси қумондони жандарм дар Ҳирот табдил мегардад ва хонаводаро бо худ ба Ҳирот мебарад. Масъуд ва Яҳё дар ин ҷо дар мактаби «Муваффақ»-и Ҳирот шомил гардида, то синфи чаҳорум ба идомаи таҳсил машғул шуданд. Дар тамоми ин муддат муаллим ва муллои хонагӣ ба таваҷҷӯҳи волидайн ба таълиму тарбияти Масъуд мепардозанд. Дар поёни синфи чаҳорум падараш дубора ба Кобул табдил гардида ва хонаводаро ҳам бо худ ба Кобул мебарад.

## СИНФИ ПАНҶУМ ТО ҲАФТУМ

Дар ин давра аст, ки Масъуд шомили литсейи «Истиқлол»-и Кобул мегардад. Литсейи «Истиқлол» аз ҷумлаи макотиби олии кишвар ба ҳисоб меояд. Ва Масъуд бо алоқа ба дарсҳои хеш идома медиҳад. Ӯ шогирди мумтози синфи худ аст ва тавониста мақоми дувумро баъд аз бародараш Яҳё барои худ ҳифз кунад. Дар мактаби «Истиқлол» муаллимон меҳрубонанд. Аммо дар хона бо муллое, ки наздаш дарс мехонад, муносиботи хубе надорад. Зеро мулло шахси сахтгир аст ва одат ба лату кӯб дорад. Рӯзе ба фикри аксуламал дар баробари мулло афтода, барномае назди худ тарроҳӣ мекунад. Яҳё чунин мегӯяд: «Он рӯз дар хонаи мо касе набуд, ки мулло омад. Тибқи одат чӯб дар даст ва пешонӣ бар сари по уфтода[1]. Маълум буд, ки бе зарбу кӯтак нахоҳад рафт (Ин расм то ҳол боқист). Тоза аз дарсҳои гузашта суоле кард, ки ногаҳон Масъуд ба тарафи дар нигоҳ карда, ба овози ба-

[1] «Пешонӣ бар сари по уфтода!» Зарбулмасалест дар байни мардум ба маънии ғазаболуд будан.

ланд гуфт: «Меоям». Мо садоеро нашунидем, аммо бовар кардем. Масъуд аз мулло иҷоза гирифта, аз утоқ хориҷ шуд. Баъди лаҳзае маро садо карда гуфт: «Биё, туро ҳам кор доранд». Вақте назди ӯ ба утоқи дигар рафтам, ҷуз Масъуд каси дигаре набуд. Масъуд гуфт: «Ин мулло аз ҳадди худ гузаронида». Гуфтам: «Падарам моро хоҳад зад». Гуфт: «Натарс, яке-ду камарбанд зиёд нахоҳад буд».

Он гоҳ дарро боз карда, аз байни дар шурӯъ кард ба дод задан бар мулло ва ин ки чунину чунон аст ва мо дигар наздаш дарс намехонем. Ва дарро маҳкам зада, ба табақаи боло рафтем. Лаҳазоте баъд садои бозу баста шудани дарро шунидем ва фаҳмидем, ки мулло аз хона хориҷ шуд.

Мулло ба падарамон шикоят бурд. Аср буд, ки падарам асабонӣ ва камарбанд дар даст ба утоқи мо дохил шуд. Гуфт: «Ҳоло шумо ба ҷое расидаед, ки аз ин корҳо мекунед?» Ва аввалин камарбандро бар пушти Масъуд навохт. Мехост зарбаи дувумро ворид кунад, ки Масъуд гуфт: «Як лаҳза сабр кунед, ман далел дорам». Падар гуфт: «Бигӯ, чӣ далел дорӣ?» Гуфт: «Дар ин рӯзҳо ҳама ба кулҳои «Истиқлол» ба тамошои футбол меравад ва ин мулло моро дар хона лату кӯб мекунад». Падарам аз ин мантиқи кӯдакона ба ханда уфтод ва аз гуноҳи мо даргузашт (Дар он замон маҷмаъаи варзиширо кул мегуфтанд, ки имкон дорад луғати лотинӣ бошад).

Масъуд дар ин давраи ҳаёт бо бузургони адаби форсӣ чун Саъдиву Ҳофиз ошно мешавад ва ба наққошӣ алоқа пайдо мекунад. Ва дар ин ришта пешрафтҳое мекунад. Чунон ки яке аз тоблуҳои (тасвирҳои) вай ба намоишгоҳе ба Эрон фиристода мешавад, ки бар асоси ҳамкориҳои фарҳангии байни ду кишвар дар Теҳрон баргузор гардида буд. Дар он намоишгоҳ тоблуҳои донишҷӯён ба намоиш гузошта мешуд.

## СИНФИ ҲАФТУМ ВА АЛОИМИ НИЗОМИГАРӢ

Дар ин замон падари Масъуд хонае дар доманаи кӯҳ (Кортаи Парвон) харидорӣ мекунад. Ва хонаводаро ба он ҷо

мунтақил мекунад. Масъуд ба зудӣ бо ҳамсолонаш ошноӣ барқарор карда, миёни онҳо аз эҳтиром ва нуфуз бархурдор мегардад. Чуноне ки тамоми бозиҳо ва фаъолияти бачаҳои кӯчаро раҳбарӣ мекунад ва онҳо аз ӯ итоат мекунанд.

Муҳаммад Амин – дӯсти наздики Масъуд аввалин рӯзи ошноии худ бо Масъудро чунин баён мекунад: «Ман ба хонаи кокоям (амакам), ки дар муқобили хонаи Масъуд буд, рафтам. Дар кӯча бо Масъуд рӯ ба рӯ шудам. Аз ман бо хушунат пурсид: «Дар ин кӯча чӣ кор дорӣ?» Сипас бидуни ин ки мунтазири ҷавоб шавад, кулоҳамро аз сарам дур андохт ва таҳдид кард. Бо подармиёнии чанд тан моҷаро ба ҳамин ҷо хотима ёфт. Чанд рӯз баъд, ки боз ба хонаи кокоям рафтам, бори дигар бо Масъуд рӯ ба рӯ шудам. Ин бор ӯ бо чеҳраи кушода ба тарафи ман омад ва гуфт: «Ман аз бархурди он рӯз маъзарат мехоҳам. Ман дар бораи ту пурсидам ва донистам, ки воқеъан кокоят ин ҷо зиндагӣ мекунад. Бадин тартиб дӯстии мо оғоз шуд».

Аз қадимулайём дар Кобул расм чунин буд, ки агар шахсе аз маҳаллаи худаш ба маҳалли дигаре ба мақсади чашмчаронӣ[1] мерафт, аз тарафи ҷавонони он маҳал мавриди бозпурсӣ ва ҳатто танбеҳ қарор мегирифт. Масъуд як бор ҳамсояи муқобилашонро, ки духтараш либоси муносибе аз дидгоҳи Масъуд надошт, мавриди сарзаниш қарор дод. Бадин тартиб ҳар кӯча ва маҳал аз худ ҷавононе барои муҳофизат дошт, ки дар раъси онҳо як ҷавони шуҷоъ ва ҷасур қарор медошт.

Амин мегӯяд: «Масъуд раҳбарии бачаҳои кӯчаро ба даст дошт. Аммо ҳамбозиҳояшро ба диққат интихоб мекард. Фақат касонеро интихоб мекард, ки ахлоқи хуб медоштанд. Бозиҳои мо иборат буд аз футбол, волейбол ва тамриноти низомӣ. Футбол аксаран дар кӯча сурат мегирифт, аммо дар рӯзҳои ҷумъа ва таътил дар парки Шаҳринав. Волейбол низ дар маҳалли холии хонае дар охири кӯчаи мо баргузор мегардид. Бояд бигӯям, дар майдони волейбол ба ғайр аз мо, бузургсолон ҳам бозӣ мекарданд, ки дар раъси онҳо Наҷиб

[1] Нигоҳи ҳавасолуд ба тарафи духтарон.

қарор дошт. Ӯ баъдҳо раиси Ҷумҳури Афғонистон шуд. Хонаи Наҷиб дар кӯчаи пойинтар ва ҳамҷавори мо қарор дошт. Аммо Миракбари Хайбар – раҳбари коммунистҳо дар ҳамсоягии мо зиндагӣ мекард.

Машқҳои низомии мо ибтидо аз кӯча оғоз шуданд ва баъдҳо ба кӯҳ кашонда шуданд. Машқҳои низомӣ дар кӯча бештар шомили режаи низомӣ мешуданд. Яке аз рӯзҳо Масъуд ба ман дастур дод, то аз қоғази захим (ғавс) кулоҳи афсарӣ ва сарбозӣ ва сойири нишонҳои низомиро, ки бар шона ва сина насб мешаванд, бисозам. Ва ман дастурро иҷро кардам. Бо пӯшидани кӯлоҳҳо ва насби нишонҳои низомӣ гурӯҳи мо таҳти фармондеҳии Масъуд чеҳраи тамошоиро пайдо кард. Ҳеҷ он рӯзро фаромӯш намекунам, ки воҳиди кӯчаки ҳудуди бистнафарии мо бо либоси низомӣ дар кӯча режа мерафт[1] ва ҳамсояҳо аз дару панҷара онро нигоҳ мекарданд.

Чунон ки гуфтам, баъд аз муддате тамриноти мо дар кӯҳи Кортаи Парвон оғоз гардид. Ҳаракат ба тарафи кӯҳ бо суръат сурат мегирифт ва таълимот ҷиддӣ буд. Масъуд моро ба гурӯҳҳои кӯчаки панҷнафарӣ тақсим мекард ва ба ҳар гурӯҳ роҳнамоӣ мекард, ки чӣ кунад. Тактикаҳои мо иборат буд аз камин, ҳамла, дифоъ, муҳосира ва ғайра. Баъзе рӯзҳо ин тамринот аз субҳ то аср идома пайдо мекарданд ва ҳар кас маводи хӯрокии лозимро бо худ медошт. Аҳмадзиё – бародари Масъуд ҳам ҷузъи гурӯҳи мо буд.

Дар рӯзҳои зимистон яхмолакбозӣ дар доманаи кӯҳи Кортаи Парвон, он ҳам ба шакли рақобатӣ ва гурӯҳвор низ шомили бозиҳои мо мегардид. Аз ин бозиҳо, ки ҳудуди дуву ним сол идома дошт ва нисбатан сахт ҳам буд, касе хаста намешуд ва иллати он таъсири шахсияти гарму самимии Масъуд буд.

Гурӯҳи мо баъдҳо гоҳ-гоҳе вориди бархурдҳои ҷиддӣ бо бачаҳои кӯчаҳои дигар ҳам мешуд. Як бор бачаҳои кӯчаи болоии мо Масъудро, ки ба танҳоӣ аз он ҷо убур мекард, мавриди лату кӯб қарор доданд. Ҷолиб ин ки писари амакаш

[1] Гузаштани қатор (сафи низомиён) аз баробари фармондеҳ, парад.

Восеъ ҳам дар ҷумлаи ҳамлакунандагон буд. Ва табъан halfметавонист аз урфу одати маҳал хориҷ шавад. Чун мо аз мавзӯъ мутталеъ гардидем, бачаҳоро ҷамъ карда, интиқоми Масъудро аз онҳо гирифтем.

Масъуд одатҳои хуб дошт. Ашхоси лоуболиро (бемаъни̅, сабук) намеписандид. Ман калимоти зишт ва кӯчаиро ҳаргиз аз забони ӯ нашунидам. Вақте бар касе бисёр қаҳр мешуд, ӯро ғул меномид. Ба мутолиаи зиёд алоқа дошт. Ибтидо новелла мехондем. Ман китобҳои «Бенавоён»-и Виктор Гюго, «Духтари ятим»-и Максим Горкий ва баъдҳо китобҳои равоншиносии Дейли Корнигиро ба ёд дорам. Алоқаи ӯ ба китоб хондан ба андозае буд, ки як китобро ба ман медод ва якеро худаш мехонд. Баъд мегуфт, ки ҳар як бардоштҳои худро ба якдигар нақл диҳем. Бад-ин тартиб метавонем дар як замон ду китоб бихонем. Ба мусиқии ором алоқа дошт ва аз ҳунармандони афғонӣ оҳангҳои Ношинос ва Сорбонро дӯст дошт. Рангҳои равшанро дӯст дошт ва зебописанд буд».

## МУШКИЛОТ ДАР МАЗМУНИ РИЁЗӢ

Дар синфҳои нӯҳум то ёздаҳум Масъуд ба тадриҷ ва оҳиста дар мазмуни риёзӣ ба мушкил мувоҷиҳ мешуд. Дар натиҷа аз дараҷаи дувумӣ дар синф то дувоздаҳумӣ танзил менамояд (пойин мефарояд). Аммо таслим намешавад ва дар садади (кӯшиши) пайдо кардани иллат мебарояд. Яҳё дар ин бора мегӯяд: «Ман рӯзе аз ӯ иллати онро пурсидам. Дар ҷавоб гуфт: «Ман фикр мекунам, иллат ин аст, ки мазмуни риёзӣ ба забони фаронсавӣ тадрис мешавад ва ман ҳама истилоҳоти онро намедонам. Сипас, ман китоби риёзии Ғафури Парвониро ба ӯ додам. Ва Масъуд шурӯъ кард ба дарс хондан. Гоҳе то нимаҳои шаб мехонд ва кӯшиш мекард бар мушкил ғалаба кунад».

Билохира Масъуд дар ин мубориза пирӯз гардид. Аммо хост таҷрибаи худро ба дигарон интиқол диҳад ва онҳоро ҳам кӯмак намояд. Ибтидо курсе дар хона боз кард. Ва шогирдони синфҳои мухталифро, ки бештар шомили давраи

ибтидоӣ буданд, тадрис мекард. Чун теъдоди шогирдон бештар мешавад, хонае дар ҳамон маҳал иҷора мекунад. Ҳадаф аз эҷоди курс кӯмак ба онҳое аст, ки дар мавқеъияти чанде пеши Масъуд қарор доранд. Лиҳозо, онҳое, ки тавони пардохти пул надоранд, ройгон меомӯзанд ва ононе, ки тавони камтар доранд, камтар мепардозанд. Ҳатто ҳангоми таътилоти тобистонӣ, ки Масъуд бо теъдоде аз дӯстонаш ғолибан ба Панҷшер мераванд, низ аз фурсат истифода карда, ба тадриси ҷавонони маҳал мепардозад.

## СИНФИ ЁЗДАҲ ВА ДУВОЗДАҲ

Дар ин давра Масъуд оҳиста-оҳиста сафи худро равшан ва ҷудо мекунад. Ӯ дар миёни дӯстон ва ақориб ба мусалмони мутамассик (бисёр побанд) шӯҳрат пайдо карда ва гоҳе бо коммунистҳои афғонӣ баҳсу мушоҷара мепардохт. Тафсир ва қироати Қуръонро назди имоми масҷиди Кортаи Парвон Мавлавӣ Сайид Яъқуби Ҳошимӣ, ки дар айни замон раиси Дорулҳифози Кобул низ аст, ба таври муназзам мехонд.

## ХАТМИ МАКТАБ ВА АЛОҚА БА ДОНИШГОҲИ НИЗОМӢ

Бо хатми давраи мактаб Масъуд мехоҳад ба Донишгоҳи низомӣ шомил гардад. Албатта, ин алоқамандии ӯ комилан қобили дарк аст. Магар ин тасмими ӯ бо мухолифати хонавода, аз ҷумла падар мувоҷеҳ мегардад. Баръакс, ӯро ба рафтан ба таҳсил дар Фаронса, ки аз тарафи мактаб ба он номзад шуда буд, ташвиқ мекунанд. Аммо Масъуд ба он тан намедиҳад. Бе он ки бихоҳад ба Институти политехники Кобул, ки конуни пахш ва нашри коммунизм ҳисоб меомад, шомил мегардад. Гарчи шумулияти ӯ дар Институти политехникӣ хилофи майли ботинии ӯ сурат мегирад, аммо ба зудӣ ба риштаи муҳандисӣ алоқаманд мегардад. Чунон ки то ахири давраи ҳаёт истеъдоди худро дар он ришта ба кор мебаст.

## ОШНОӢ БО САБУР

Ба гуфтаи Солеҳмуҳаммади Замонӣ – бародари зани Сабур дар соли 1972 дар замони ҳукумати Зоҳиршоҳ филме дар Политехники Кобул ба намоиш гузошта шуд, ки аз назари муҳассилини мусалмон куфрӣ қаламдод гардид. Ва сабаби эътирози шадид ва тазоҳурот бар зидди ҳукумат дар дохили донишгоҳ гардид. Пулис атрофи тазоҳуркунандагонро муҳосира кард ва кӯшиш кард, аз инкишофи тазоҳурот ба сойири нуқот ҷилавгарӣ намояд. Ҳамин филм сабаби таҳрики эҳсосоти бисёре аз муҳассилини мусалмон шуд, ки ҳеҷ навъ иртиботе бо мусалмонони созмонӣ надоштанд. Мо, Сабур ва теъдоди дигар ҳаминтаврӣ бо инженер Ҳабибурраҳмон ошно шудем.

Сабур худ муҳассили политехник буд. Аммо ошноии Сабур ва Масъуд, ба гуфтаи Амин – дӯсти Масъуд дар парки маҳал сурат гирифт. Масъуд гоҳ-гоҳ асри рӯз бо Амин ба парк мерафтанд ва дар он ҷо варзиш мекарданд. Дар ҳамин парк буд, ки Масъуд бо Сабур ошно шуд. Ва Сабур Масъудро баъдҳо, яъне замоне, ки Масъуд донишҷӯи соли аввали политехник буд, бо инженер Ҳабибурраҳмон муаррифӣ кард ва шарҳи он ба қаламн худи Масъуд хоҳад омад.

## СИНФИ АВВАЛИ ПОЛИТЕХНИК

Масъуд дар синфи дувоздаҳум бо калимаи «ихвониҳо» ошно мешавад. Дар ёддоштҳои худ менависад: «Синфи дувоздаҳ будам, ки исми «ихвониҳо»-ро шунидам». Чун мусалмонони муборизи Афғонистон аз назари фикрӣ аз наҳзати «Ихвонулмуслимин»-и Миср илҳом мегирифтанд, дар Афғонистон ҳам бо номи «ихвониҳо» шӯҳрат ёфтанд.

Масъуд ҳангоме ки ба синфи аввали Донишкадаи политехник шомил мегардад, бо ихвониҳо бештар ошно мегардад. Худаш дар ин бора мегӯяд: «Бори аввал дар Донишгоҳ бо ихвониҳо сар хӯрдам. Чун шавқи зиёде дар синфи аввал ба таълим доштам ва аз ҷонибе дақиқан ихвониҳоро

шиносӣ накарда будам ва ба хусус тавсияи як бародарон бор-бор ба ман гуфт, ки дар давраи таҳсил набояд дунболи масоили сиёсӣ бигардам ва беҳтар аст аввал худ мутолиъа кунам. Баъд мавқифгирии сиёсӣ сабаб шуд, то бо вуҷуди он ки намозҳоямро қазо намекардам ва сахт зидди коммунизм будам, дафъатан бо ихвониҳо хеле наздик нашавам. Ман пеши худ чунин фикр мекардам, вале сойири ҳамсинфиҳо ва бародарони ихвонӣ маро ихвонӣ медонистанд, чи намоз мехондам, аз ислом дифоъ мекардам ва бо ихвониҳо пойину боло мерафтам.

Дар авохири синфи аввал ва авоили синфи дувум тақрибан ихвонӣ шуда будам. Вале шавқи мостарӣ ва дуктурро гирифтан ва таҳсилоти олӣ доштан маро намегузошт, ки ба куллӣ дар корҳои сиёсӣ ғарқ шавам.

Моҳи саратони соли панҷоҳу дувум (1973) буд, ки Довуд кудето (табаддулоти ҳукуматӣ) кард ва ман якбора роҳи худро тағйир додам ва тасмими худро гирифтам».

## КУДЕТОИ ДОВУДХОН, 1973

Соли 1973 аст. Муҳаммад Довуд бо кудетои сафед[1] ва кӯмаки коммунистҳои афғонӣ ба қудрат мерасад. Ҳанӯз маълум нест, ки Муҳаммад Довуд – раиси Ҷумҳури Афғонистон дар кадом сатҳ бо коммунистҳо канор омада буд. Аммо баъдан маълум шуд, ки наздикии ӯ бо коммунистҳо тактикӣ буд ва ҳар ду дар талоши нобудии якдигар буданд. Муҳаммад Довуд, ки бо эътилофи муваққатӣ бо ҷиноҳи чапи кишвар хост ҷиноҳи ростро бикӯбад, дар нимароҳ мутаваҷҷеҳ шуд, ки ҷиноҳи чап дар фикри нобудии ӯ ва низомаш ҳастанд. Қоидатан бояд дар ин ҳол бо ҷиноҳи рост канор омада, чапро мекӯбид. Аммо ин корро накард ва ҷон бар сари ин иштибоҳ гузошт.

Шадидтарин конунҳои (марказ) зидди Довуд Донишгоҳи Кобул ва Политехниканд. Масъуд таҳти раҳбарии Хабибураҳмон, ки ду синф болотар аз Масъуд қарор дорад, вори-

[1] Табаддулот бидуни хунрезӣ.

ди майдони мубориза гардидааст. Масъуд кудетои Довуд ва ангезаи худ барои муборизаро дар ёддоштҳояш чунин шарҳ медиҳад: «Ба ёд дорам. Ҳама бо хонавода дар хона нишаста будем, ки чӣ хабар аст. Радио мусалсал мусиқии аскарӣ менавохт ва то ҳанӯз чизе маълум набуд. Билохира садои Довудхон аз амвоҷи радио танин андохт ва аз кудето хабар шудем. Падарам дар ҳамон лаҳза гуфт, ки Афғонистон халос шуд ва ба коми коммунизм ва Русия суқут кард.

Ранҷу азоб ва хашм дар вуҷудам ҳаддеро намешинохт.

Рӯзи дувум бо эълони Довуд (кобинаро тавассути Довуд, ки коммунистҳои машҳур чун Муҳаммадхон Ҷалолар – Вазири тиҷорат, Абдулқодир – қумондони қувои ҳавоӣ, баъдан вазири дифоъ, Файз Муҳаммад – вазири дохила, Ҳасани Шарқ – муовини Довуд, Почогул – вазири сарҳадот дар он узвият доштанд) назди ҳамсинфи ихвонии худ Хоҷа Абдулсабур рафтам. Ман ва Абдулсабур байни худ самимӣ будем ва ӯ бо бародарони бузурги ихвонӣ равобите дошт. Дар аввалин нигоҳ аз чеҳрааш хондам, ки монанди ман сахт ғамгин аст. Вале хост тазоҳур кунад ва ба ман бигӯяд, ки ташвиш накун.

Баъд аз сӯҳбатҳо қарор шуд, як шаб баъд бо инженер Ҳабибурраҳмон бубинам. Чи ман ба Абдулсабур гуфта будам, ки метавонам дар қисмати ҷалбу ҷазби баъзе соҳибмансабон (афсарон) коре кунам».

## ОШНОӢ БО ИНЖЕНЕР ҲАБИБУРРАҲМОН ВА ТАРҲИ КУДЕТОИ АВВАЛ

Ҳабибурраҳмон бахши ҷавонони Наҳзати исломии Афғонистонро, ки теъдоде аз устодони Донишгоҳи Кобул дар ақиби он қарор доштанд, раҳбарӣ мекард. Масъуд дар синфи аввали политехник буд, ки тавассути Сабур бо Ҳабибурраҳмон муаррифӣ гардид ва ин оғози як таҳаввули муҳим дар зиндагии сиёсии ӯ буд. Фикр мекунам, ӯ ягона шахсияти мусалмон аст, ки Масъуд дар тамоми давраи ҳаёташ таҳти таъсири шахсияташ қарор дошт.

Масъуд ҳамеша аз тақво, шуҷоат ва хирадмандии ӯ ёд

мекард. Ҳар гоҳ аз ӯ сухан мерафт, калимоти «Он муборак» ва «Он бузургвор»-ро дар мавридаш ба кор мебурд. Ва ӯро устод Ҳабибурраҳмон хитоб мекард.

Ҳабибурраҳмон тарафдори муборизаи мантиқӣ бар асоси дарки дуруст аз авзоъи мавҷуд буд. Иқдомоти эҳсосотӣ ва тундро намеписандид ва ба ақлоният дар корҳо такя ва таъкид бисёр дошт. Масъуд ҷараёни ошноии худро бо Ҳабибурраҳмон чунин шарҳ медиҳад: «Шаби мавъуд дар боғи умумии Кортаи Парвон бо Ҳабибурраҳмон дидан кардам. Ӯро дар тазоҳурот дида будам ва мешинохтам. Каме сӯҳбат кардем ва ба ман вазифа дод, то бо соҳибмансабон бубинам ва корро аз тариқи Сабур барояш бирасонам. Фавран даст ба кор шудам. Ва аввалин бор ҷагран (майор) Муҳаммад Ғавс, ки узви хонаводаи мо буд (баъдҳо раиси кумитаи низомии Ҷамъият) ва бо ман ҳамфикр буд, масъаларо матраҳ кардам. Ӯ қабул кард ва ҳозир шуд бо чанд тан аз руфақои худ бубинад.

Чанд рӯз баъд бо Ҳабибурраҳмон, ҷагран Муҳаммад Ғавс, Зоҳирхони пилот, Миранҷомуддинхони пилот дар манзиламон ҷамъ шудем, сӯҳбат ва қарору мадор сурат гирифт».

Масъуд аз калимаи қарору мадор кудетоеро дар назар дорад, ки ба иҷрои он муддати каме монда буд. Дар ҳамин ҷо мегӯяд: «Корҳо хеле пеш рафта буд ва тақрибан бояд дар ҳамон шабу рӯз кудето сурат мегирифт».

Аммо кудето ифшо шуд ва ба гуфтаи Масъуд, дар асари бетаҷрибагии яке аз мубориэин, ки ба дигараш ба овози баланд мегӯяд: «Шаби ҷумъа, шаби ҷумъаро фаромӯш накунӣ!» Тасодуф як нафар аз истихбороти Довуд дар маҳал буда, бар ин ҷумла машкук мешавад. Масъуд идома медиҳад:

«Ба ҳамин нахв кор идома пайдо кард то рӯзе, ки устод Ҳабибурраҳмон дастгир шуд ва ману Абдулсабур маҷбур фирорӣ шудем».

Ҳабибурраҳмон ғайр аз мушкилоти мубориза бо Довуд дар дохили Наҳзат бо дарди сари ҷавонони тундрав, ки Ҳикматёр дар раъси онҳо қарор дошт, низ мувоҷеҳ буд. Ва

наметавонист ҷилави эҳсосоти Гулбиддини Ҳикматёр ва Сайфиддини Нусратёрро бигирад. Гӯё аз ҳамон оғоз ҷиноҳи тундрав дар дохили Наҳзат дар ҳоли ба вуҷуд омадан буд. Масалан, дар соли 1972 Сайдол – як тан аз муҳассилини Донишгоҳи Кобул кушта шуд ва Ҳикматёр муттаҳам ба қатли ӯ гардид. Инҷенер Ҳабибурраҳмон, доктор Умар, Мавлавӣ Ҳабибурраҳмон ва Нусратёр ҳам дастгир гардиданд. Баъд аз муддате дигарон бароат (авф) ёфтанд, аммо Ҳикматёр ва доктор Умар то кудетои Муҳаммад Довуд дар соли 1973 дар зиндон монданд ва танҳо пас аз кудетои Довуд раҳо шуданд.

Масъуд мегуфт: «Устод Ҳабибурраҳмон аз корҳои хушунатомези Ҳикматёр ва Нусратёр норозӣ буд. Хуб ба хотир дорам, як бор ба устод Ҳабибурраҳмон иттилоъ доданд, ки Ҳикматёр ва Нусратёрро пулис дастгир кард. Устод Ҳабибурраҳмон гуфт: «Чӣ қадар хуб шуд, ки ин ду нафарро пулис гирифт, то мо чанд рӯз ба фикри ором кор кунем».

Аммо Довудхон – Раиси Ҷумҳури вақт ба Ҳабибурраҳмон ва дигарон фурсат надод, ки бо фикри ором кор кунанд. Ӯ муътақид ба аз байн бурдани мухолифини худ буд. Пулиси ҳукумат дар марти 1974 Кортаи Парвонро муҳосира кард, то Ҳабибурраҳмон ва сойири пайравони ӯро дастгир кунад.

Солеҳ Замонӣ мегӯяд: «Бештари мулоқотҳо дар хонаи мо, инҷенер Сабур ва Масъуд сурат мегирифт. Он рӯз ҳеҷ кас дар хонаи мо ва Сабур, ки дар ҳамсоягии мо қарор дошт, набуд. Қабл аз муҳосира Ҳикматёр ва доктор Умар ба хонаи мо омаданд ва гуфтанд, ба инҷенер Ҳабибурраҳмон бигӯед, ҳукумат қасди дастгирии ӯро дорад, мутаваҷҷеҳ бошад. Мавзӯъро ба ӯ хабар додем, аммо мисли ин ки онро бисёр ҷиддӣ нагирифт ва фардои ҳамон рӯз ӯро дастгир карданд».

Бо дастгирии инҷенер Ҳабибурраҳмон муборизин парокanda шуданд ва ҳар кас дар ҷое пинҳон шуд. Хонаи Мирсафӣ дар Фарза (шимоли Кобул) яке аз ин паноҳгоҳҳо буд (Мирсафӣ шахси бодиёнат, фидокор ва шуҷоъ буд, ки чанде пеш аз навиштани ин сутур вафот кард ва ман ба дидораш муваффақ нашудам, то хотироташро аз он рӯзҳои сахт ба таҳрир меовардам).

## ШАҲОДАТИ ИНҶЕНЕР ҲАБИБУРРАҲМОН

Чунон ки дар боло омад, дастгирии инҷенер Ҳабибурраҳмон барои Наҳзат такони ҷиддӣ буд. Ба гуфтаи Солеҳ Замонӣ ба дунболи Ҳабибурраҳмон дар ҳамон соли 1974 Сабур, доктор Умар, Насим ва Аҳмадшоҳи писари мулло Мавло низ дастгир шуданд.

Ба гуфтаи Аҳмадшоҳи Масъуд, устод Ҳабибурраҳмонро дар сохтмони Вазорати умури дохила зери таҳқиқ қарор доданд. Аз ӯ мехостанд номи аъзои Наҳзатро ифшо кунад. Барои гирифтани эътироф ӯро шиканҷаҳои ҳавлнок медоданд. Аммо он муборак барояшон дар аввал гуфта буд, ки маҳол аст аз даҳонаш ҷуз номи «Аллоҳ» чизи дигаре бишнаванд. Рӯзҳо ӯро шиканҷа медоданд ва шабҳо ӯро дар ҳавои сарди моҳи ҳути Кобул ба берун мекашиданд, то азоби бештар бикашад. Аммо он бузургвор дар ҳамон ҳол низ ба ибодат мепардохт.

Масъуд ҷараёни ҳабс ва шиканҷаи ӯро бисёр бо ҷузъиёт нақл мекард, ки бояд ҷудогона ба он пардохт. Билохира дар зимистони соли 1974 радиои Кобул хабари қатли инженер Ҳабибурраҳмонро пахш кард. Мегӯянд: Файз Муҳаммад – Вазири дохилаи вақт исрор бар эъдоми ӯ дошт. Аммо Довуд ба қатли ӯ вақте дастур дод, ки Ҳабибурраҳмон аз тавба кардан дар ҳузури Довуд сарпечӣ кард ва хитоб ба Довуд, ки асабонӣ шуда буд, гуфт: «Тавба барои чӣ? Тавба аз гуноҳе, ки накардаам?»

Дар ҳоле ки фишор рӯз ба рӯз ба мусалмонон бештар мегардид, коммунистҳо, душмани аслии мусалмонони мубориз, ки дар ақиби Муҳаммад Довуд сангар гирифта буданд, нафъи аслиро аз ин кашмакаш кам мебурданд.

## ФИРОР БА ПОКИСТОН

Баъд аз сипарӣ кардани ҳашт моҳ дар Панҷшер Масъуд тасмим мегирад, ба Покистон биравад. Қабл аз ӯ теъдоде аз муборизин ба он ҷо рафтааст. Устод Раббонӣ ҳам дар По-

кистон аст. Равобити Раиси Ҷумҳур Муҳаммад Довуд бо Покистон бар сари масъалаи сарҳадот бисёр сард аст. Ва ҳар ду тараф аз мухолифини якдигар ба гармӣ истиқбол мекунанд.

Масъуд махфиёна ба Кобул омада, дар баси (автобуси) шаҳрӣ ва бо тағйири қиёфа бо дӯсташ Амин муқобил мешавад. Аз ҳоли ӯ ва хонавода мепурсад ва аз ӯ мехоҳад дар ин бора ба модараш чизе нагӯяд. Аммо ҳадс мезанад, ки Амин наметавонад модарашро, ки аз ғами ӯ, инак, ба маразі саратон мубтало шуд, чизе нагӯяд. Биноан дар нимаҳои шаб ба дидани модар меравад. Ин охирин дидори Масъуд бо модараш аст.

Ҷонмуҳаммад – дӯсти дигари Масъуд, ки қабл аз ӯ ба Покистон рафта, ба Кобул меояд, то Масъудро ба Покистон раҳнамоӣ кунад. Масъуд ба кӯмаки ӯ ба Покистон меравад.

## ДАР ПОКИСТОН

Аз замони таваллуд Покистон дар 1947 ин кишвар бо Афғонистон равобити пурнавасоне (болову пойин) доштааст. Гоҳе ин равобит то марзи эҳтимоли бархурди низомӣ сард шуда ва замоне ҳам ба илали мухталифе гарм. Он чӣ вазоҳат дорад, ин аст ки Покистон ҳамеша нисбат ба Афғонистон як диди стратегӣ дошта, аммо раҳбарони афғон баръакси он.

Фақат Раиси Ҷумҳур Муҳаммад Довуд (1973-1978) ва Аҳмадшоҳи Масъуд ду шахсияте буданд, ки нисбат ба ҳаракоти Покистон ва аҳдофи ин ҳамсоя, ҳассос ва дақиқ буданд. Ҳамсояе, ки то чашм ба ҷаҳон кушуда, чашм ба ҳамсоягони худ дорад.

Овора шудани муборизини мусалмони афғонӣ барои ҳукумати Покистон тӯҳфаи худодод шуд. Зулфиқор Алӣ Буту – нахуствазири вақти Покистон, ки аз мудохилоти ҳукумати Муҳаммад Довуд ба ҷон омада буд, вуруди меҳмонони тозаворидро ба фоли нек гирифт. Аммо ҳамаро ба як чашм нигоҳ намекард. Барои стратегияи Покистон дар қадами аввал тундтарин шахс дар миёни ин маҷмӯъа ба кор

буд. Зеро Покистон фақат бар рӯи шахсияти оштинопазир бо Довуд метавонист сармоягузорӣ кунад. Ва Ҳикматёр дорои чунин авсоф буд. Дар Покистон ин муборизин таҳти таълимоти низомӣ гирифта шуданд. Масъуд низ дар ин таълимот иштирок дошт. Қадами баъдӣ тарҳи кудето буд бар зидди ҳукумати Муҳаммад Довуд. Бояд ба хотир дошт, аз соли 1973, ки Масъуд аввалин бор ба Покистон рафт, то соли 1979, ки ҷиҳодро оғоз кард, байни Афғонистону Покистон дар рафту омад буд. Ва барои иҷрои кудетои аввали асади 1974 бар зидди ҳукумати Муҳаммад Довуд муқаддамоти зиёде чида шуд. Инженер Муҳаммад Исҳоқ аз ёрони собиқадори Масъуд дар ин бора мегӯяд: «Бори аввал Масъуд моро ба дидани дараҳои фаръӣ ба Панҷшер фиристод. Вай ҳангоми мулоқот бо мо гуфт, ки Дастагири Панҷшерӣ ва сойири коммунистҳо дар назар доранд Панҷшерро ба як пойгоҳи коммунистӣ табдил кунанд ва аз тарафи дигар фишори ҳукумат бар мусалмонон дар ҳоли зиёд шудан аст. Имкон дорад, рӯзе маҷбур ба паноҳ бурдан ба кӯҳ шавем. Бо истифода аз таътилот фалон дараҳоро аз наздик бубинед. Зимнан, имкони фиристодани маводи ғизоӣ барои рӯзҳои мабодоро низ мутолиа кунед. Сипас, барои ҳар кадом дараҳоеро, ки наздик ба хонаҳои мо дар Панҷшер буд, мушаххас кард. Фикр мекунам, ин муқаддимаи кудето буд».

## КУДЕТОИ ДУВУМ, 1974

Зоҳиран мубтакири (ташаббускори) кудето Ҳикматёр буд. Аммо возеҳ аст: чунин иқдоме бидуни мувофиқат ва пуштибонии Покистон мумкин набуд. Дар ҳукумати Покистон аз ҳамон оғоз созмони истихбороти низомии он кишвар ӯҳдадори сиёсати афғонии Покистон будааст ва сиёсатмадорон нақши зоҳирӣ ва таблиғотӣ доштанд.

Кудето чунин тарҳрезӣ шуда буд, ки ҳамалоте аз Пактиё, Кунар, Лағмон, Бадахшон ва Панҷшер оғоз шуда, чанд вилоят ишғол гардад. Пас аз он қиёми аслӣ дар дохили Кобул сурат гирад. Ин як кудетои низомӣ буд, ки ба кӯмаки Аб-

дулкарими Мустағнӣ – Раиси ситоди кулли қувои мусаллаҳ анҷом мегирифт. Мустағнӣ бояд дар рӯзи ҷашн танкҳои худро зоҳиран барои маросими режа (расми гузашт) ба шаҳр берун мекард. Ва ногаҳон барои сарнагунии ҳукумат ба кор меандохт.

Дар ин тарҳ ба Масъуд масъулияти ишғоли идороти ҳукуматӣ дар зодгоҳаш Панҷшер супурда шуд. Ҷонмуҳаммад раҳбарии амалиёт дар Кунар, Мавлавӣ Ҳабибурраҳмон дар Лағмон ва Абдулхолиқ дар Пактиё, доктор Умар дар Бадахшонро ба дӯш доштанд. Чунон ки дар боло гуфтем, Масъуд ибтидо иддаеро фиристод, то дараҳои фаръиро мутолиа намоянд. Ҷое, ки ӯ инженер Исҳоқ ва бародараш Кифоятуллоҳро фиристода буд, дараҳоеанд, ки дар шимол ва шимоли ғарби Руха – маркази идории ҳукумат қарор доранд. Қадами баъдӣ фиристодани аслиҳа, муҳиммот ва афрод буд. Барои фиристодан ҳудуди сад нафар мубориз баҳонае ба кор буд ва маҳалли иқомат, интиқоли муҳиммот ва аслиҳа ва ҷо ба ҷо кардани онҳо ҳам кори осоне набуд. Масъуд афродро, ки аз манотиқи мухталифи Афғонистон буданд, ба баҳонаи гузаштондани таътилоти тобистонӣ назди дӯстони панҷшерии онҳо мефиристад. Ва ин қобили дарк ҳам буд, зеро аксарият муҳассилини донишгоҳ буданд. Аслиҳа ва муҳиммот ҳам дар миёни ҷомадонҳои либос, ки дар сафар маъмуланд, фиристода мешаванд. Тамоми афрод то қабл аз амалиёт дар ду ҷиноҳи ноҳияи Руха ҷо ба ҷо мегарданд. Ҳангоми наздик шудани амалиёт Масъуд ҳамаро ба чаҳор даста тақсим мекунад. Се даста барои ишғоли се маркази идории давлат ва дастаи чаҳорумӣ барои қатъи тангӣ дар даромадгоҳи дара, ки мо онро роҳи танг мегӯем. Ин аввалин амалиёти низомӣ буд, ки Масъуд анҷом медод. Амалиёте, ки шояд аз ҳамон синфи ҳафтум интизори онро мекашид.

Рӯзи мавъуд фаро расид ва Масъуд истеъдоди низомии худро ба озмоиш гузошт. Ӯ дар ин вақт (1975) бисту яксола аст. Амалиёт дар аввалин равшании субҳ оғоз шуд ва бисёр ғофилгирона буд. Зарфи як соат марокизи идории ҳукумат дар дасти Масъуд буд, бе талафот ва хунрезӣ, Панҷшер озод

ва Масъуд пирӯз. Аммо пирӯзии Масъуд дер напойид. Тақдир мехост таъми ширини пирӯзӣ ва маззаи талхи шикастро дар ҳамон як рӯз ба ӯ бичашонад.

Инак, ӯ мунтазири хабари пирӯзӣ аз Кобул буд. Аммо аз Кобул ба ҷои пайки пирӯзӣ қувои давлат ба номи қувои зарба ба саркӯбии онҳо расид. Муқобила бо ин қуво ба маслиҳат набуд. Лиҳозо Масъуд фармони ақибнишинӣ дод. Овоза гардид, ки инон покистониҳоанд. Он гоҳ мардум, ки то он дам нозир буданд, бо нияти саркӯбии покистониҳо вориди маърака гардиданд. Дар натиҷа теъдоде аз беҳтарин дӯстони Масъуд тавассути мардум, на давлат, ба таври фоҷеъабор кушта шуданд. Масъуд, инженер Исҳоқ, Кифоятуллоҳ (дар соли 1980 дар Панҷшер шаҳид шуд), Шеван ва Насруллоҳ (Ҳар ду шаҳид шуданд. Таърихи шаҳодаташон бо таассуф ба хотирам нест) ба Ҷимолварда – дарае, ки қаблан инженер Исҳоқ ва Кифоятуллоҳ бародараш онро мутолиа карда буданд ва шарҳи он пештар рафт, ақибнишинӣ карданд.

Инженер Исҳоқ дар ин бора мегӯяд: «Ба тарафи болои дараи Ҷимолварда мерафтем. Ҳангоми убур аз дарёча кафши Шеван ба дарё уфтод. Аз шахсе хостем кафше ба мо бифурӯшад. Аммо ӯ ба фикри таслим додани мо ба давлат шуд. Чун дид аслиҳа дорем, тарсид ва ба фурӯхтани кафш тан дод ва аз ин хатар раҳоӣ ёфтем. Шаб дар баландтарин қисмати кӯҳ мондем. Ман ба шиддат сардард шудам. Инро ҳеҷ фаромӯш намекунам. Масъуд то субҳ сарамро дар бағал гирифт. Чун рӯз шуд, ба тарафи дараи Орзу пойин шудем ва баъди гузаштан аз иртифоъи дигар ба қисмати болоии дараи Кишнободи Андароб расидем. Дар он ҷо мардуми айлоқнишин гумон бурданд, ки мо фирорӣ ҳастем ва аз чизе бимнок. Моро мутаваққиф карданд. Якеро фиристоданд, то асокири ҳукуматро биёварад. Гир уфтода будем.

Силоҳро ҳам қабл аз он дар қисмате болотар пинҳон карда будем. Теъдоде аз мардони айлоқ моро аз ин тараф ба он тараф ва аз он тараф ба ин тараф мебурданд ва меоварданд. Фикр мекардем, ҳар лаҳза мумкин аст асокири ҳукумат би-

расанд ва моро дастгир кунанд.

Билохира ба ғорати мо оғоз карданд. Ҳар чи пул ва ашёи гаронбаҳо аз назари онҳо назди мо буд, гирифтанд. Ба ёд дорам, вақте соати Масъудро аз дасташ мегирифтанд, ба онҳо гуфт, ки соат ёдгори падараш аст, аз гирифтани он парҳез кунанд. Аммо шунида нашуд. Баъдан фаҳмидем, ки саҳнаҳо ҳама сохтагӣ буда ва хабар ба ҳукумат ва таслимдиҳии мо дар кор набуд. Рузи бисёр талхе буд. Аммо бадӣ бувад беҳтар аз бадтар. Дубора ба тарафи Панҷшер ва дараи Порандеҳ баргаштем. Роҳи тӯлонӣ дар пеш буд... Хаста, гурусна ва шикастхӯрда. Ҳангоми ворид шудан ба дараи Порандеҳ аз мардум мепурсидем: «Дар поён чӣ хабар аст? Мегуфтанд: иддайе кудето карда буданд ва саркӯб шуданд».

Дар Кунар, Пактиё ва Лағмон чӣ гузашт?

Дар Пактиё Абдулхолиқ муваффақ ба иқдом нагардид. Дар Кунар инженер Ҷонмуҳаммад муваффақ гардид чанд нафар коммунистро ба қатл расонад. Аммо дар Лағмон Мавлавӣ Ҳабибурраҳмон тавассути неруҳои ҳукумат дастгир шуд ва баъд аз тавҳин ва шиканҷаи бисёр ба шакли бераҳмонае ба шаҳодат расид. Доктор Умар ҳам баъд аз муддате дар Бадахшон дастгир шуд».

## МАСЪУД ДАР МАХФИГОҲ

### Инженер Исҳоқ идома медиҳад

Дар Порандеҳ тасмим гирифтем: ҳар кас ба минтақаи худаш рафта, дар ҷое пинҳон шавад. Сафармуҳаммади Шеван ва Насруллоҳ бо Масъуд ба қаряашон Ҷангалак рафтанд ва ман бо бародарам Кифоятуллоҳ (машҳур ба Мустафо) ба дараи Қарбошӣ – назди ақорибӣ падаримон.

Инҷенер Исҳоқ идома медиҳад: «Дар дараи Қарбошӣ чанд рӯзе намонда будем, ки модарамон омад ва гуфт, ки биёед, таваккалатонро ба Худо кунед ва ба хонаи худамон биравем, ҳамон ҷо махфӣ шавед. Мо хаста ҳам будем. Машварати модарро пазируфта, ба хона омадем ва муддати зиё-

де дар хифо (пинҳонӣ) зиндагӣ мекардем. То Масъуд устод Форуқ – бародари устод Берангро назди мо фиристод ва ӯ моро ба Покистон бурд. Масъуд қабл аз мо ба Покистон рафта буд ва фавран ба фикри интиқоли мо шуда буд».

Ва аммо бар Масъуд ва ҳамроҳонаш Шеван ва Насруллоҳ чӣ гузашт?

Чунон ки гуфта омадем, дараи Порандеҳ маҳалли ҷудоии Масъуд, Шеван ва Насруллоҳ, аз як тараф ва инженер Исҳоқ ва Мустафо, аз ҷониби дигар буд. Даҳани дараи Порандеҳ то қаряи Ҷангалак – хонаи Масъуд беш аз ду километр фосила надорад. Аммо Масъуд наметавонад аз ин минтақа убур кунад. Зеро он ҷо бозори кӯчаке аст, ки ба ҳамон сабаб ин минтақа Бозорак номида мешавад. Ва ҳамчунон аҳолӣ гуфта буданд, афсарони давлат ҳам дар он ҷо мустақар шуда буданд. Пас мунтазири торик шудани ҳаво мемонанд.

Масъуд дар торикии шаб ва бо истифода аз ҷӯе, ки аз Порандеҳ оғоз шуда ва мувозӣ (расми гузашт) бо ҷода ба қаряшон рафтааст, вориди деҳкадааш гардида, аммо аз рафтан ба хона худдорӣ мекунад. Ва фақат боғбонашон Фарҳодро аз омадан хабар мекунад. Шаб дар қаря намонда ва ба ғоре, ки дар баландии пушти хонаашон аст, пинҳон мегардад.

Аз паноҳгоҳи ӯ ҷуз боғбони сиёҳчардаашон Фарҳод каси дигаре иттилоъ надошт. Фарҳод шабона барои Масъуд ғизо мебурд ва рӯзона, дар ҳоле ки бо дастони пинабастааш (обилабастааш) дар боғ кор мекард, бо чашмон ва гӯшҳояш авзои деҳ ва Масъудро муроқибат мекард.

Ҳоло ки солҳо аз он вақоеъ мегузарад, Фарҳод ганҷинаи розҳост. Ӯ ба бардаи (ғуломи) сиёҳи ҳабашии вафодор ба арбоби хеш мемонд, ки вақте аз ӯ чизе дар бораи нагуфтаниҳо пурсӣ, ҳа-ҳа ба тарафат механдад, чашмонаш медурахшад ва дандонҳои сафедаш намоён мешавад ва ҳамин. Чизи зиёдтаре наметавонӣ аз ӯ берун биёварӣ.

Солҳо баъд аз он дар замони ҷанг бар зидди Шӯравӣ бо Масъуд аз ҳамон наздики паноҳгоҳаш мегузаштем, ки бо-рони шадиде боридан гирифт. Масъуд гуфт: «Биравем ба

махфигоҳи ман. Аҷиб он ки ман чӣ тавр то он вақт он ҷоро надида будам, дар ҳоле ки аз ҳамон маҳалам». Дохили махфигоҳ шуда, ҳудуди як соат дар он ҷо мондем.

Масъуд аз замоне, ки дар он ҷо паноҳанда буд, ёд карду гуфт: «Аз тарафи рӯз бисёр кам ҳаракат мекардем ва дар ҳаракаоти худ бисёр боэҳтиёт будем. Як рӯз ба об мӯҳтоҷ шудем ва қарор шуд Шеван биравад, аз чашма (чашмаи Бедак) об биёварад. Ман барояш гуфтам, ки бисёр боэҳтиёт биравад ва ҳама тарафро мутаваҷҷеҳ бошад. Ҳанӯз чанд қадам аз мо дур нашуда буд, ки пояш ба санг хӯрд ва сатл аз дасташ уфтод ва монанди тӯби футбол шурӯъ ба паридан ба пойин кард. Ва садояш чунон дар дара печид, ки ман фикр кардам: касе намонд, ки садоро нашунида бошад. Аммо аз лутфи Парвардигор ҳеҷ ҳодисае нашуд».

Дар ахир ин нуктаро ҳам изофа намоям, ки Масъуд дар солҳои баъдии ҳаёти худ кудето бар зидди Довудро як иштибоҳ медонист.

## ИХТИЛОФ БО ҲИКМАТЁР

Шикасти кудето сабаби ихтилофи шадид байни Масъуд ва Ҳикматёр гардид. Ихтилофоте, ки баъдҳо мунҷар (саранҷом) ба ҷангҳои хунине байни пайравони онҳо шуданд. Ихтилофоте, ки асароти амиқе бар таҳаввулоти баъдӣ дар Афғонистон гузошт.

Ҳикматёр танҳо бо Масъуд мушкил надошт. Балки заъомати (роҳбарии) Устод Раббониро ҳам намепазируфт ва ба зудӣ созмони ҷадиде ба номи «Ҳизби исломии Афғонистон»-ро эҷод кард ва роҳи худро пеш гирифт. Масъуд дар ёддоштҳояш дар ин бора менависад: «Шикасти амалиёти 1974 дар Панҷшер сабаб шуд, то «Ҷамъият» таҷзия шавад (порча). Иттиҳоди муҷаддад коре аз пеш набурд. Чи иттиҳоди муҷаддад, ки дар соли баъдиаш ба сарпарастии Қозӣ Амин сурат гирифт, боз ба бероҳа рафт. Саранҷом дар «Ҷамъият» иншиъобе (ҷудоӣ) рух дод. Ва

инҷенер Гулбиддин, ки зотан мехост ҷудо аз Устод[1] амал кунад, Ҳизби исломиро ба кӯмак ва ташвиқи покистониҳо таъсис кард».

Ихтилофи Масъуд ва Ҳикматёрро метавон як ихтилофи амиқ ва ҳамаҷониба ном ниҳод. Ин ихтилоф дар ҳама бахшҳо ошкор буд. Бо вуҷуди ин ки ҳар ду тарафдори таъсиси як ҳукумати исломӣ буданд ва дар ин роҳ мубориза мекарданд, аммо таъбири онҳо аз ислом, ҳукумати исломӣ, муҳимтар аз ҳама, шеваҳои расидан ба ин ҳадаф, яъне таъсиси ҳукумати исломӣ мутафовит буданд. Аз ҳамин ҷост, ки баъдҳо Масъуд дар Афғонистон ва ҷаҳон ба унвони мусалмони миёнарав ва Ҳикматёр ба унвони як мусалмони тундрав шуҳрат ёфтанд. Нуктаи дигар ин ки одат ва рафтори онҳо барои якдигарашон қобили таҳаммул набуд.

Масъуд дар ин бора мегуфт: «Ҳикматёр ҳирси аҷибе барои расидан ба қудрат дошт. То ҷое, ки ба хобҳо ва тахайюлот дил мебаст. Дар Покистон мо дар ду-се ҳавлӣ зиндагӣ мекардем. Ҳикматёр рӯзона баъд аз намози субҳ аз ҳавлие, ки дар он иқомат дошт, ба ҳавлии мо омада, ҳамаро ҷамъ мекард ва мепурсид: дишаб чӣ хоб дидаанд? Сипас, ҳар кас агар хобе дида буд, нақл мекард ва навбат ба нафари баъдӣ мерасид. Ӯ аз хобҳое, ки ба иртиботи ӯ ва расидани ӯ ба қудрат буд, бисёр хурсанд мешуд. Бачаҳо ҳам аз ин навъ хобҳо барояш месохтанд. Масалан, яке мегуфт: «Ман хоб дидам, ки шумо дар аспи сафед савор ҳастед ва мо ҳама пиёда дар маъиятатон (ҳамроҳатон) ба сӯи шаҳре равон ҳастем, дурахшаи чароғҳояш аз дур намоён аст».

Ин корҳо ҳар рӯз идома дошт ва ҳавсалаи ҳама ба охир расида буд. Рӯзе яке аз дӯстони мо ба номи Қорӣ Зоҳир – ӯ алъон зинда аст, гуфт: «Ман фикре кардам ва иншоаллоҳ шуморо аз ин ғам халос мекунам». Чун рӯзи дигар боз навбат ба таърифи хобҳо расид, Қорӣ Зоҳир хитоб ба Ҳикматёр гуфт: «Ман хоби аҷибе дар бораи шумо дидам». Ҳикматёр гуфт: «Нақл кунед!» Қорӣ Зоҳир гуфт:

[1] Манзур Раббонӣ.

«Хоб дидам, ки ду бӯчка дар канори якдигаранд. Яке пур аз асал ва дувумӣ пур аз касофот. Шумо то гулӯ дар бӯчкаи асал нишастаед ва ман то гулӯ дар бӯчкаи касофот. Ногаҳон Шумо аз бӯчкаи асал берун мешавед ва ман аз бӯчкаи касофот. Ҳар ду ҳамдигарро дар оғӯш мегирем, ман Шуморо мелесам ва Шумо маро!»

Бо нақли ин достон шиллики (садо баланди) ханда фазои утоқро пур кард. Ҳикматёр бо ғазаб аз утоқ хориҷ шуд ва мо барои ҳамеша аз он масхарабозӣ наҷот ёфтем.

## ҚАТЛИ ИНҶЕНЕР ҶОНМУҲАММАД

Ҷонмуҳаммад аз дӯстони наздики Масъуд буд. Ӯ буд, ки Масъудро то Покистон ҳамроҳӣ кард. Ӯ монанди Масъуд аз иродатмандони Ҳабибурраҳмон буд ва мухолифи одоти Ҳикматёр. Аз тарафи дигар, ӯ дар зодгоҳи худаш вилояти Кунар борҳо муваффақ ба амалиётҳои партизанӣ шуда буд ва шахси муваффақе дар миёни муборизини паноҳанда ба ҳисоб меомад. Дар соли 1974 Устод Раббонӣ муддати дарозе, ҳудуди шаш моҳ дар Арабистони Саудӣ монд. Дар ҳамин айём Ҳикматёр мавзӯъи байъат (итоати ихтиёрӣ) барои худашро дар миёни муборизин матраҳ кард. Ғайбати Устод Раббонӣ ҳам баҳонаи маъқуле барояш буд. Ин иқдоми ӯ бо нафрати теъдоди зиёде аз миёни ононе, ки дар он ҷо буданд, рӯ ба рӯ гардид. Аз ҷумла, инҷенер Ҷонмуҳаммад. Аммо ихтилофи аслӣ бар сари ин нукта буд: Ҳикматёр мехост Мавлавӣ Ҷамилурраҳмонро, ки низ аз Кунар буд, ба унвони масъули ҷиҳод дар вилояти Кунар муқаррар кунад. Ҷонмуҳаммад дар ин миён монеъи ин барномаи Ҳикматёр буд. Бинобар ин, хост ӯро аз сари роҳ бардорад.

Шахсияти ояндаи Ҳикматёр бо ҳамин иқдомот шакл мегирад ва ин маврид худ нишон медиҳад, ки ӯ дар масири мубориза ба мавонеъ (монеаҳо) чӣ гуна бархӯрд мекунад.

Яке аз рӯзҳо хабаре дар миёни муборизин пахш гардид,

ки инчҷенер Ҷонмуҳаммад тавассути ISI[1] дастгир гардидааст. Ин хабар сабаби тааҷҷуби ҳамагон гардид. Ҳайратовар он ки иллати дастгирии ӯро ҷосусӣ ба суди ҳукумати Довуд унвон карданд. Ҷонмуҳаммадро дар яке аз марокизи низомии марбути ISI зери таҳқиқ қарор доданд. Таҳқиқ тавассути тарафдорони Ҳикматёр дар маркази ISI сурат мегирифт. Равобити Ҳикматёр бо созмони истихборотии (амнияти) Покистонро аз ҳамин ҳамкории муштарак метавон дарк кард. Натиҷаи таҳқиқот ба зудӣ маълум шуд. Қозӣ Амин Виқод муборизинро ба шунидани эътирофоти Ҷонмуҳаммад, ки дар наворе сабт гардида буд, даъват кард. Дар он навор зоҳиран Ҷонмуҳаммад ба ҷосусӣ барои режими Довуд эътироф карда буд. Эътироф ба ҷосусӣ – тавассути шахсе, ки ҳамин чанде қабл дар кудето бар зидди Довуд иштирок дошт.

Баъд аз шунидани навор Қозӣ Амин Масъудро мухотаб қарор дода мегӯяд: «Ҷонмуҳаммад куҷост? Мехоҳам ӯро аз наздик бубинам». Қарор мешавад: Масъуд бо Ҷонмуҳаммад рӯ ба рӯ шавад.

## ТАВТЕА БАРОИ ҚАТЛИ МАСЪУД ТАВАССУТИ ҲИКМАТЁР ВА ISI

**Масъуд мегӯяд:**

«Як нафари дигарро ҳам бо Ҷонмуҳаммад дастгир карда буданд, ки чанд рӯз дар он ҷо монда буд. Ӯ махфиёна назди ман омад ва тавзеҳ дод, ки чӣ гуна Ҷонмуҳаммадро ба сурати ваҳшиёна шиканҷа кардаанд, то ба ҷосусӣ барои Довуд эътироф кунад.

Рӯзи муайян фаро расид ва ман барои мулоқот омода шудам. Ман медонистам ин бор навбати ман аст. Ба ҳамин далел ду туфангча бо худ гирифтам. Якеро дар камар гузоштам ва дувумро дар банди поям бастам. Инчҷенер Айюб-баъдҳо раиси кумитаи низомии «Ҷамъият» – низ бо ман буд. Ба яке

[1] ISI – дастгоҳи амниятии Покистон.

аз дафотири ISI рафтем. Он ҷо ба ҷои ин ки Ҷонмуҳаммадро бубинем, моро бо Ҳикматёр рӯ ба рӯ карданд. Ба муҷарради нишастан Ҳикматёр шурӯъ кард ба иттиҳом бӯҳтон бастан ба ман – ба ҷосусӣ барои режими Довуд ва ин ки Ҷонмуҳаммад ба ҳама чиз эътироф кардааст. Ман гуфтам: «Бузургтарин хидматро ба Довуд ту кардӣ, ки беҳтарин ҷавонони мусалмонро бо он кудетои масхараат ба куштан додӣ!» Мушоҷара байни мо тундтар шуд. Ҳикматёр ногаҳон даст ба бағал бурд ва туфангчаи худро берун кард. Аммо қабл аз ӯ ман, ки омодагии қаблӣ доштам, туфангчаи худро берун кардам ва ӯро нишона гирифтам. Инҷенер Айюб низ ба пуштибонии ман туфангчаи худро берун кард. Ман мардонагии ӯро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам. Афсари ISI, ки то он лаҳза зоҳиран хомӯш ва нозир буд, мутаваҷҷеҳ шуд, ки кор хилофи барнома шакл гирифта, биноан, мудохила кард ва бо асабоният гуфт: «Ин ҷо даргирӣ накунед, аз ин ҷо хориҷ шавед, аз ин ҷо хориҷ шавед!» Мо аз он ҷо хориҷ шудем ва Ҷонмуҳаммадро дигар надидем. Баъд аз чанд ҳафта Ҷонмуҳаммадро ба шаҳодат расонданд. Ин аввалин мусалмоне буд, ки тавассути Ҳикматёр ба қатл расонида шуд».

Қатли Ҷонмуҳаммад нуқтаи авҷи ихтилофи Масъуд ва Ҳикматёр ва ISI гардид. Қабл аз Ҷонмуҳаммад Ҳикматёр Сайдоли муҳассилро ба иттиҳоми коммунист будан дар Донишгоҳи Кобул ба қатл расонида буд ва инак: Ҷонмуҳаммади муборизи мусалмонро. Ба дунболи он Ҳикматёр аз Наҳзат ҷудо шуд ва созмони ҷадидеро ба номи «Ҳизби исломии Афғонистон» асос гузошт. Созмоне, ки баъдҳо хуни мусалмонон ва кофирони бисёреро рехт ва бидуни шак, мунтазири подоши бузурге аз тарафи Бори таъоло аст.

Равобити Ҳикматёр бо ISI аз соли 1974 то 1994, яъне ду даҳа бисёр наздик буд. Авҷи ин муносибот дар замони таҷовузи Шӯравӣ буд. Ҳикматёр бештарин кӯмакҳоро дарёфт мекард. Бо хурӯҷи қувои Шӯравӣ аз Афғонистон хобҳои ISI барои ба қудрат расондани Ҳикматёр ба воқеият наздик мешуданд. Ва ҷенеролони истихбороти покистонӣ

мерафтанд, ки аз мақомоти сиёсии давлаташон мукофоти олиро ҳам дар сиёсат ва ҳам дар кори истихборот дарёфт кунанд. Аммо ногаҳон ҳодисаи дигаре рух дод, ки метавон онро кобуси (хоби даҳшатноки) ISI номид: Масъуд вориди Кобул гардид. Ҷенеролони покистонӣ бояд мутаассир бошанд. Онҳо бояд ҷавоби ин саволро биёбанд, ки бо вуҷуди тамоми таъзирот (ҷазодиҳӣ) ва таҳримоте, ки ISI алайҳи Масъуд дар даврони ҷиҳод ба зидди Шӯравӣ эъмол (истифода) кард, то аз пайдо шудани неруи дигар дар баробари Ҳикматёр ҷилавгарӣ карда бошад, Масъуд чӣ гуна тавонист аз ин ҳама мавонеъ убур кунад?

Ман худ ба посухи ин савол хоҳам пардохт, аммо дар китоби дигар.

## КУДЕТОИ КОММУНИСТӢ, АПРЕЛИ 1978

Кудето бо қиёми афсарони пойинрутбаи коммунисти афғонӣ оғоз гардид. Иқдоми Раиси Ҷумҳур Муҳаммад Довуд дар дастгирии сарони коммунист дар чанд рӯз қабл аз кудето натавонист аз вуқӯъи ҳодисайе ҷилавгирӣ кунад, ки баъдан ба як бӯҳрони бузурги байналмилалӣ табдил шуд ва садамаи аслии онро то ҳол кишвари мо мебинад.

Раиси Ҷумҳур Муҳаммад Довуд сарфи назар аз иштибоҳоташ шахси мусалмону ватандӯст буд – Тараққихоҳ, баландпарвоз, шуҷоъ ва асабимизоҷ. Коммунистҳои Афғонистон ҳар чӣ корҳои баде аз коммунистҳои Шӯравӣ буд, тақлид ва пиёда карданд: аввалин кор – кудето, яъне як роҳи шитобзада барои ҳалли як муаззилаи (душвории) амиқи иҷтимоӣ ва дувум қатли Раиси Ҷумҳур ва тамоми аъзои хонаводаи ӯ.

Ба дунболи он: мурда боду зинда бод ва бурутҳои кашоли пойинтар аз лабҳо ва ҳуро (урра) ва Ленину Маркс ва Худо несту Қуръон афсона аст ва намоз варзиш ва мулло муртаҷеъ ва Муҳаммад мӯйсафеде аз қабилаи қурайш.

Қадами баъдӣ чанд фармони масхара бароиислоҳоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. Ва ранги сурх аломати ҷавоби ҳар са-

вол: бар дару девор ва панҷараву либосу пешонӣ ва байрақ. Ва ҳанӯз ҳисобҳои қаблии байни онҳо ва мардум тасфия нашуда, ки оташи ҷанг шӯълавар шуд ва то навиштани ин китоб бо номҳо ва унвонҳои мухталиф идома дорад.

## МАСЪУД ВА ОҒОЗИ ҶИҲОД, 1979

Дар тобистони соли 1979 Масъуд бо ҳудуди сӣ тан муҷоҳидини ҳамразмаш вориди зодгоҳаш – Панҷшер гардид. Аҳмадзиё – бародараш ҳам бо ӯ буд. Ин гурӯҳ ба ду даста тақсим шуданд. Масъуд бо ҳудуди бист тани дигар дар Панҷшер монданд ва сойирин ба вилоёти дигар рафтанд.

Масъуд ба зудӣ даст ба кор шуд ва шурӯъ ба даъвати ҷиҳод кард. Ба истилоҳи низомӣ, ба сарбозгирӣ оғоз кард. Довталабон аз ҳар тараф даври ӯ ҷамъ шуданд ва ӯ мисли ҳамеша фурсати фикр карданро ба давлат надод ва ба ҳамла оғоз кард. Зарфи муддати кӯтоҳе се маркази давлатӣ дар Панҷшерро ишғол кард. Сипас, тасмим ба қатъ кардани роҳи шимолу ҷануби Афғонистон гирифт, ки аз иртифоъоте ба номи Соланг мегузарад ва тавассути туннели тӯлонӣ ба ҳам васл мешавад.

Соланг дар даврони ҷанг шоҳраги ҳаётии давлатҳои муқим дар Кобул ҳисоб мешуд. Масъуд муваффақ шуд ҳудуди шаш ҳафта роҳи шимол ба ҷанубро дар Соланг масдуд кунад. Дар ин муддат задухурд байни неруҳои давлати коммунистӣ ва муҷоҳидин идома дошт, бидуни ин ки натиҷаи он тағйири муҳимме дар вазъияти хутути ду ҷониб ворид карда бошад. Дар авохири ҳафтаи шашум давлат ҳамлаи шадидеро алайҳи неруҳои Масъуд оғоз кард. Масъуд бо додани талафот шикаст хӯрд ва ба Панҷшер ақибнишинӣ кард. Аммо неруҳои давлатӣ ӯро таъқиб карданд. Неруҳои Масъуд бо туфангҳо ва шикамҳои холӣ қадам ба қадам ақаб мерафтанд ва душман дараро ишғол мекард. Масъуд, дар ҳоле ки аз пой маҷрӯҳ шуда буд, барои бори дувум дар зодгоҳаш Панҷшер шикаст мехӯрад. Магар

ин бор бо соли 1974 тафовути зиёде мавҷуд буд. Он бор кудето буд ва ин бор ҷиҳод. Дар он ҳангом мардум ӯро намешинохтанд. Аммо ин бор медонистанд, ки ин ҷавони 26-сола сари пуршӯре дорад.

Масъуд ба қисмати болои дара ақиб нишаст ва неруҳои давлатӣ тамоми манотиқи аздастрафтаро ба даст оварданд. Масъуд пирӯзиҳояшро ҳамеша пас аз шикаст ба даст меовард. Шикаст ӯро маъюс намекард. Худ дар яке аз ёддоштҳояш ба таърихи июни 1984 дар мавриди ҳамон шикаст менависад: «Шикаст чизи баде ва талхе аст. Шояд ҳеҷ талхие ба андозаи шикаст ранҷовар набошад. Махсусан шикаст дар ҷанги мусаллаҳона дар баробари душмани оштинопазир. Шикаст бо ҳама андӯҳ ва бадбахтие, ки бо худ дорад, барои баъзеҳо сароғози пирӯзиҳои бузурге буда, ки аслан қабл аз он тасаввураш ҳам барояш номумкин будааст. Ман чандин бор дар зиндагӣ бо чунин масъалае рӯ ба рӯ шудам. Пирӯзиҳоям ҳама баъд аз чашидани заҳри талхи шикастҳо будааст. Ба ёд меоварам, ки қувваҳоямон дар соли 1979 дар баробари асокири давлатӣ шикаст хӯрд ва тақрибан муталошӣ (пароканда) шудем. Аксари мардум ба назари нафрат ба мо медиданд ва омили (сабаб) бадбахтии худ моро медонистанд. Дар зарфи камтар аз ду-се рӯз аксари мардуме, ки дар ҳамроҳи мо ифтихор менамуданд, ҳама бар алайҳи мо қад алам карда ва ба назари ҳақорат ба мо менигаристанд. Ту гӯйӣ коммунистам ва бо мо солҳо бегона будаанд.

Оҳ! Чӣ заҷрҳо, чӣ таклифҳо, ки аслан қалам аз шарҳаш кӯтоҳӣ мекунад!

Магар ин бадбахтӣ ва шикаст сароғози пирӯзиҳои бузурге буд, ки ҷабҳаамонро бо вуҷуди кӯчакӣ ва мушкилоти беш аз ҳад ба авҷи ифтихор ва шӯҳрат расонид ва аз он сумбули (рамзи) муқовимати муҷоҳидини мусалмони Афғонистон дар баробари абарқудрати Рус сохт».

Масъуд тасмим ба таҷдиди қуво гирифт. Аммо ин бор намехост иштибоҳи гузаштаро такрор кунад. Дар ҷараёни ҷанг дар Соланг ӯро аз ақиб зарба заданд. Масъуд дар ин бора касеро на маломат кард ва на дастгир. Ӯ медонист, ки

лашкари ношинохтаро ба ҷанги душмани шинохта бурда аст. Ба иборате дигар, ғофилгириро ба қиммати шикаст харида аст. Пас корро аз интихоб оғоз кард. Барои ин кор ба тадбири ҷолибе даст зад ва он ин ки гуфт: «Ба теъдоди довталаби шаҳодат зарурат дорад. Ҳар кӣ барои шаҳодат омода аст, дасташро баланд кунад». Ҳудуди чиҳил тан даст баланд карданд. Ва Масъуд кори худро бо ин чиҳил нафар довталаб оғоз кард.

Пас аз қадами аввал, ки ҳамон ташхис ва интихоб буд, гоми дувумро бардошт, ки таълиму тарбияи афрод буд. Таълиму тарбия рукни муҳимме дар муборизаи Масъуд буд. Ва то охири давраи ҳаёташ ба он таваҷҷӯҳи ҷиддӣ дошт. Масъуд шахсан ба бахши таълиму тарбия расидагӣ мекард ва дар тадрис саҳм мегирифт. Муаллими хубе буд. Ва неруи ифодаи қавӣ дошт. Ба ёд доред, ки курси риёзӣ дошт ва муаллимиро дар он ҷо таҷриба карда буд.

Нигоранда солҳои зиёде дар паҳлӯи умури ҷанг ҳирфаи муаллимӣ дошт ва масъулияти тамоми марокизи таълимии Масъуд ба дӯшаш будааст. Хуб аст каме дар ин бора равшанӣ андохт.

Неруҳои мо ба се даста тақсим мешуданд. Қитаъоти марказӣ, мутаҳаррик ва маҳаллӣ. Таълимот барои ҳар се неру иҷборӣ буд. Ҳеҷ муҷоҳиде бидуни таъаҳҳуд (аҳду паймон) ва таълим пазируфта намешуд. Таълимот ба се даста тақсим мешуданд, ки мо онро курси аввал то севум мегуфтем. Ба неруҳои маҳаллӣ фақат курси аввал дода мешуд ва ба қитаъоти мутаҳаррик ду курс ва ба қитаъоти марказӣ ҳар се тадрис мешуд.

Курси аввал шомили асосоти ибтидоии ҷанги партизанӣ бо шинохти аслиҳаи дастдошта ва истеъмоли он мешуд ва фармондеҳии як гурӯҳи даҳнафарӣ. Курси дувум ба изофаи он чӣ дар курси аввал буд, фармондеҳии як гурӯҳи синафарӣ ва ҳамоҳангии се гурӯҳи даҳнафарӣ байни худашон дар ҷанг.

Курси севум фармондеҳии сад нафар ва зиёдтар аз онро шомил мегардид ва бештар ҳунари фармондеҳӣ ва тарроҳии ҷанг мадди назар буд. Ҳамчунон дар курси севум стратеги-

яи низомӣ ва сиёсӣ тадрис мегардид. Дар ҳар се курс масоили исломӣ, низ гунҷонида шуда буданд, чи таълим бидуни тарбия ноқис аст.

Стратегияро Масъуд худ тадрис мекард ва дар тадриси тактик ман ҳам саҳм мегирифтам. Ҳадаф аз зикри ин ҳама ҷузъииёт он аст, ки неруҳои мо дар соли 1991 вақте вориди Кобул шуданд, ки теъдоди қитаъоти марказии мо ба маротиб камтар аз тақозои шароит буд ва иллат дар он нуҳуфта буд, ки хурӯҷи шӯравиҳо дар соли 1989 хилофи интизории Масъуд буд. Зеро ӯ фикр мекард: ҷанг бо шӯравиҳо ҳудуди 15 то 25 сол идома хоҳад ёфт. Ва то он вақт кори қитаъоти марказӣ, ки асоси артишиояндаи Афғонистон аст, мутобиқи барномаи Масъуд такмил мегардад. Аммо шӯравиҳо ҳадди ақал даҳ сол қабл аз пешбинии Масъуд хориҷ шуданд. Ба ҳамон сабаб Масъуд боре гуфт: «Шӯравиҳо моро ғофилгир карданд».

Масъуд бунёнгузори ҷанги партизании Афғонистон аст. Аз ин ҳайс ӯ аввалин шахсияте аст, ки тиюрии назарияи дифоъ дар баробари таҷовузро асос гузошт. Барои насли имрӯзу фардои кишвар зарураст, то онро биёмӯзанд ва барои дифоъ аз кишварамон ба кор банданд. Ман бад-ин боварам, ки қисмати муҳимме аз пайкари урдуи Афғонистонро бояд бахши партизанӣ ташкил диҳад. Аз он ҷо ки таҷриба нишон дода, ҳар бор ки бар кишвари мо ҳамла сурат гирифта, ҷанги партизанӣ сарнавишти онро ба суди озодӣ ва истиқлоли майҳан (ватан) таъйин кардааст. Шояд иддае бо тарҳи масъала ба ин шева мувофиқ набошанд. Магар ман далойили зиёде барои дифоъ аз ин назария дорам.

Масъуд истеъдоди худодод дар ин ришта дошт. Ба ёд доред, ки дар овони навҷавонӣ ба бозиҳои низомӣ хеле дилбаста буд. Ва дар кудетои 1974 бар зидди Муҳаммад Довуд собит кард, ки ӯ аз истеъдоди фавқулъодае дар ин замина бархурдор аст. Ӯ ба тамоми бахшҳои низомӣ алоқамандии зиёде дошт: стратегия, тактик, технология, аслиҳа ва ғайра.

Барои ин ки хонандаи ғайринизомии мо аз ин баҳс хаста нашавад, бо зикри хотирае аз алоқамандии ӯ ба аслиҳа ва

яке-ду нуктаи дигар ин бахшро ба поён мебарам.

Соли 1994 буд. Мо дар Кобул будем. Қарор шуд: дар хонаи ҷенерол Фаҳим-он вақт раиси умумии амнияти миллӣ ва фармондеҳи ҷабаҳоти ҷангии Кобул (инак, маршал ва Вазири дифоъ) ҷаласаи хос дошта бошем. Чаҳор нафар будем: Масъуд, Фаҳим, Гадомуҳаммад қумондони горди Вазорати дифоъ ва нигоранда. Мавзӯи ҷаласа таҳияи барномаи ҳуҷум ба самти ҷануби Кобул буд. Ман дар он вақт Раиси упросюни (зудамали) Шӯрои наззор ва фармондеҳи ҷабҳаи ҷануби Кобул будам. Нақшаҳо ва маълумот бар рӯи замин густурда буданд ва сахт машғули кор будем. Ногаҳон дар зада шуд. Ба ақиб нигоҳ кардем, ҷенерол Латиф, ӯ дар он ҳангом масъули таъминоти низомии тамоми ҷабаҳот буд. Агар касе ғайр аз ӯ мебуд, иҷозаи дохил шудан ба утоқро барояш намедоданд. Аммо Латиф вазифаи ҳассосеро дар он вақт иҷро мекард ва бинобар ин, ҳар он метавонист назди Масъуд биёяд ва ӯро бубинад. Латиф дохил шуд, вале дар наздики дар истод.

Баъд аз салом хитоб ба Масъуд гуфт: – Овардамаш!

Масъуд пурсид: – Овардиш?

Латиф гуфт: – Бале.

Масъуд пурсид: – Куҷост?

Латиф гуфт: – Ҳамин ҷост!

Масъуд гуфт: – Онро биёвар!

Латиф пурсид: – Ҳамин ҷо?

Масъуд гуфт: – Бале, ҳамин ҷо.

Латиф аз утоқ хориҷ шуд. Ва ман сар дарнаёвардам, ки чӣ чизеро меоваранд. Тасаввур кардам, муҷримеро дастгир кардаанд. Интизории мо ба дарозо накашид. Садои кашондани чизе дар даҳлез ба гӯш омад. Чунин бармеомад, ки чанд нафар чизеро кашон-кашон меоварданд. Чун садо ба дарвозаи утоқ наздик шуд, овози яке аз онҳо ба гӯш мерасид, ки мегуфт: «Пойҳояш, пойҳояшро баланд кунед!» Дигарӣ мегуфт: «Эҳтиёт, оҳиста!» Ва ҳамҳамае дар даҳлез барпо буд. Чӣ фикр мекунед, киро меоварданд? Кадом шахси муҷримро? Хайр, як мошиндор ДШК-и бегуноҳро! Ба заҳмат онро дохили утоқ карданд. Яқинан заҳмате, ки барои

овардани он то табақаи дувум кашида буданд, бештар аз заҳмати дохил кардани он ба утоқ буд. Касоне, ки ин мошиндори 12,7 миллиметриро дидаанд, медонанд, чӣ мегӯям. Аммо чаро Масъуд ин силоҳро дар чунон вақту чунон маҳал хоста буд? Иллат он буд, ки мо дар минтақаҳои кӯҳистонӣ истифодаи васеъе аз ин мошиндор мекардем. Аммо айбе, ки дошт, сангинии он буд ва Масъуд дастур дода буд, талош кунанд, як навъ сабуки онро пайдо кунанд.

Инак, ҷенерол Латиф баъд аз талоши зиёд муваффақ ба таҳияи он шуда буд. Масъуд бо дидани мошиндор аз ҷо бархост ва ба нигоҳ кардани он машғул шуд. Қумондон Гадомуҳаммад, ки аз собиқадортарин фармондеҳони мо чи аз назари син ва чи аз ҳайси собиқа аст ва дар айни замон шахси матин ва зариф аст, нигоҳи маънидоре ба ман кард. Маънои нигоҳаш ин буд, ки ҷаласа дар ҳамин ҷо хотима ёфта ва чунин ҳам шуд.

Фардо соати 9-и субҳ, ки вориди маҳалли мулоқот шудам, Масъудро дар даҳлез нишаста дидам. Ва дар канораш Ҳоҷӣ Баҳлул, яке аз фармондеҳони хуби дигари мо ҳам буд. Ҳамин ки чашми Масъуд ба ман уфтод, пурсид: «ДШК-и навро дидӣ, чӣ қадар сабуку зебост?» Фаромӯш карда буд, ки дирӯз дидамаш. Гуфтам: «Бале, дирӯз дидам». Масъуд гуфт: «Мо ҳам бо Ҳоҷӣ Баҳлул чанд лаҳзае пеш онро ба қадри кофӣ тамошо кардем!» Маълум буд, ки дидани рӯзе қабл кофӣ набуда аст. Аз ин хотира метавонед алоқамандии ӯро ба аслиҳа қиёс кунед.

Масъуд тамоми анвоъи аслиҳаеро, ки мо дар замони ҷанг бар зидди Шӯравӣ ба кор мебурдем, метавонист ба кор гирад. Ҳар аслиҳае, ки ба тозагӣ ба даст меомад, аввалин шахсе, ки онро меомӯхт, Масъуд буд. Баъдҳо, ки соҳиби тӯпхонаи сангин ва қувои зиреҳӣ шудем ҳам, онҳоро омӯхт. Аз он ҳам пештар рафта, халабонии чархболро низ омӯхт ва гоҳе дар парвоз саҳм мегирифт. Ин дуруст аст, ки ҳар фармондеҳ кам аз кам то ҳадде, ки ба кори тасмимгарии ӯ иртибот мегирад, дар мавриди аслиҳаи худ ва дигарон бояд бидонад. Ба каломи дигар, донистани аслиҳа як зарурат аст. Аммо алоқа ба чизе барои расидан ба он неру эҷод мекунад.

Масъуд мегуфт: «Ҷанг ҳам илм аст ва ҳам ҳунар». Аммо фармондеҳиро фақат ҳунар медонист. Асоси кори ӯ дар низом таълиму тарбият буд ва ба ин кор чунон таваҷҷӯҳ дошт, ки дар тамоми бахши таълиму тарбия шахсан иштирок мекард. Барои фаҳмондани мавзӯи мавриди назари худ бисёр ба мисолҳо такя мекард ва ин мисолҳоро то вақте ба кор мебурд ва тағйир медод, ки шогирд бифаҳмад. Ҳам стратегия дарс медод, ҳам тактик.

Таъсиси як урдуи (артиши) исломӣ яке аз орзуҳои деринаи Масъуд буд. Ӯ андешаашро дар ин маврид дар соли 1984 барои аввалин бор матраҳ кард. Он ҳам дар чӣ шароите! Ҷолиб аст дар замина тавзеҳ диҳам. Баъд аз оташбас бузургтарин ҳамлаи артиши сурх дар баҳори соли 1984 оғоз шуд. Ба ҳисоби мо ин ҳафтумин ва бузургтарин ҳамлаи онҳо буд. Мо бо Масъуд дар дараи Порандеҳ– зодгоҳи нигоранда будем. Порандеҳ яке аз дараҳои фаръии Панҷшер аст, ки ба доштани беҳтарин об шӯҳрат дорад. Ҷанг дар дохили дара ба шиддат ҷараён дошт ва қувои пиёдаи онҳо дар дохили дара то охирин қаря пешравӣ карда буданд. Мо каме болотар аз охирин қаря дар минтақае ба номи Ҳазорчашма дар зери санге бузург қарор доштем. Аз дур монандаи як санги бузург менамояд. Аммо буридагии канори онро тавассути девори сангӣ иҳота карда буданд, ки дар натиҷа утоқе ба вуҷуд омада буд. Дар зери ин санг камтар аз даҳ тан ҷамъ омада буданд. Ва Масъуд дар бораи артиши исломии Афғонистон сухан мегуфт. Ӯ дар шароите ин мавзӯъро матраҳ мекард, ки садои инфиҷорҳои муҳиби тайёроти ҷангии душман ба вузӯҳ ба гӯш мерасид. Ин садоҳо ҳар гоҳе бо садои оташбории сангини тӯпхонаи онҳо меомехт. Бисёре аз мо чашм ба Масъуд ва гӯш ба садоҳои берун аз маҷлис доштем. Чӣ касе метавонист нигарон набошад? Охир қувои пиёдаи душман аз мо фосилаи чандоне надошт. Аммо Масъуд бе таваҷҷӯҳ ба ҳол чунон дар оянда ғарқ буд, ки гӯйӣ ин орзуҳо соли оянда муҳаққақ хоҳанд шуд.

Масъуд як стратегияи чаҳормарҳалаӣ барои ҷанг бар зидди Шӯравӣ поягузорӣ кард. Ин стартегия аз марҳилаи ҷанги партизанӣ то пирӯзӣ ва чигунагии расидан ба онро

дар бар мегирифт. Дар таърихи қадим ва муосири Афғонистон ҷангҳои партизании зиёде сурат гирифтаанд. Ба каломи дигар, истифода аз ин навъ тактик ҷузъи фарҳанги ҷангии мардуми мо шудааст. Аммо Масъуд аввалин касест, ки барои ин навъ ҷанг дар кишвари мо асоси илмӣ гузошт ва онро амалӣ кард.

Масъуд дар арсаи тактик ҳам навовариҳое кард, ки ибтикори ҷадиде дар арсаи ҷанги партизанӣ ба ҳисоб меравад. Масъуд фикр мекард, ҷанг ҳудуди бист то бисту панҷ сол идома хоҳад ёфт. Ва дар ин муддат ӯ муваффақ хоҳад шуд артиши номуназзами худро ба артиши нимамуназзам инкишоф диҳад. Аммо артиши Шӯравӣ қабл аз он аз Афғонистон ақибнишинӣ кард, яъне қабл аз он ки ҷанг ба пухтагии худ бирасад. Ба ҳамин хотир буд, ки пас аз хурӯҷи қувои Шӯравӣ аз Афғонистон ҳамагон умри ҳукумати коммунистии Наҷибро чанд ҳафта ва чанд моҳ тахмин мекарданд. Аммо Масъуд мегуфт: «Ҳанӯз зуд аст, режим суқут кунад». Ӯ медонист ҳанӯз муҷоҳидин ба марҳилаи таъаррузи стратегӣ, ки ӯ онро марҳилаи севуми ҷанги партизанӣ тарҳ карда буд, нарасидаанд.

Масъуд аз оғози мубориза то охири ҳаёташ ҳифзи неруҳои худиро, ки як асли муҳим дар ҷанги партизанӣ аст, муроъот кард. Ӯ аз додани талафот безор буд. Ман, ки то соли 1996 ӯҳдадори бахши амалиёт ё уперосюн будам, дар ин қисмат бо ӯ ба мушкил дучор будам. Зеро умуман аҳдоф барои амалиёти ҳуҷумӣ тавассути як шӯрои низомӣ аз қабл таъйин мешуданд. Аз ин марҳала ба баъд кори ман оғоз мегардид. Аввалин қадам кашф ва мутолиаи ҳадаф аз наздик буд, ки аксаран нигоранда шахсан дар он ширкат мекард, коре буд душвор ва пурхатар. Махфикорӣ ҳам маҳдудияти дигаре буд, ки дар ҳар қадам монанди минаҳо сари роҳи мо қарор дошт. Ҳамаи ин корҳо агар дуруст анҷом мешуданд, ҳангоми таҳияи барнома бо Масъуд мушкил оғоз мегардид. Ба муҷарраде, ки ҳис мекард, ишғоли як нуқта бо талафот ҳамроҳ аст, мегуфт, ки аз ин барнома сарфи назар кунед. Ё дастур медод кашф ва мутолиаи ҳадаф дубора анҷом шавад

ва роҳҳои беталафот суроғ гардад. Фикр мекунед, тамоми амалиётҳои Масъуд беталафот буда ва ӯ намедонист, ки ҷанги беталафот бисёр кам иттифоқ меуфтад? Хайр, ӯ хуб медонист, аммо мехост талафоти неруҳои таҳти фармони худро то ҳадди мумкин пойин биёварад ва муваффақ ҳам буд. Ӯ ба хотири ҷилавгирӣ аз талафоти мардум ва неруҳояш фармони ақибнишинӣ дод ва неруҳои худро ҳифз кард.

Яке аз барҷастагиҳои низомии Масъуд дар ҷанг ин буд, ки метавонист ба шикаст ранги ақибнишинӣ бидиҳад ва аз асароти манфии равонии он бар неруҳои худ бикоҳад.

Аз одоти хуби дигараш қабули шикаст буд. Ин аломати саломати ақл ва эътидоли нафси ӯ буд. Ин воқеъбинӣ сабаб мешуд, ки аз савобҳо ва хатоҳояш хуб биёмӯзад.

## ЧАҲОР ОРМОНИ МАСЪУД

### 1. ИСЛОМ

Масъуд як шахси мусалмон ва ботақво буд. Дар як хонаводаи мусалмон ба дунё омад ва парвариш ёфт. Оғози ин парвариш ба шеваи ҳамагонӣ ва мураввач дар Афғонистон сурат гирифт ва дар қадами аввал омӯзиши ибтидоиёти диниро назди мударрисини динӣ оғоз кард ва дар асари таваҷҷӯҳи волидайн барои таълиму тарбият омӯзгороне истихдом гардиданд, ки ҷараёни он қаблан гузашт. Албатта, он омӯзиши динӣ дар давраи кӯдакӣ ҳеҷ касеро қодир ба фаҳми як дини бузург намекунад, балки фақат ӯро омода месозад, то дар синфҳои болотар ба дарки он иҳтимом (саъю талош) варзад. Чунон ки қаблан ҳам гуфтем, Масъуд дар синфи ёздаҳуми мактаб буд, ки худро дар миёни ҷавонони давру бар ва хонавода ва ақорибаш ба унвони як ҷавони мусалмон тасбит кард.

Яҳё – бародараш аз хотироти ҳамин давраи ҳаёти Масъуд мегӯяд:

«Рӯзе дар хонаи мо теъдоде аз ақориби мо, ки бархе аз

онҳо коммунист буданд, ба меҳмонӣ омада буданд. Дастагири Панҷшерӣ (аз аъзои Ҳизби демократики халқ) низ буд. Ҳангоми паҳн кардани суфра яке аз ақорибии коммунисти мо бо садои баланду тамасхуромез гуфт: «Назди Аҳмадшоҳ қошуқу панҷа (вилка) нагузоред. Ӯ мусалмон аст ва бо даст ғизо мехӯрад». Масъуд ба ӯ нигоҳе кард, аммо чизе нагуфт. Ман бисёр нигарон будам, накунад Масъуд аксуламале нишон диҳад. Аввалин бор буд ман медидам дар муқобили иҳонат ба эътиқодаш хомӯш монда буд. Боварӣ доштам, ки ин шакибоӣ фақат ба хотири меҳмон будани онҳо буд. Баъд аз сарфи ғизо бидуни таваҷҷӯҳ ба шахси иҳонаткунанда Дастагири Панҷшериро мухотаб қарор доду гуфт: «Дар коммунизм фазилате, ки ин ҷавонон биёмӯзанд, вуҷуд надорад. Инҳоро гумроҳ накунед».

## АВВАЛИН УСТОДОНИ МАСЪУД

Дар наздики хонаи Масъуд масҷиде ба номи масҷиди Ҳоҷӣ Мираҳмад буд. Ин масҷид то ҳол вуҷуд дорад. Имоми он Сайид Яъқуби Ҳошимӣ то навиштани ин сутур ҳаёт дошт. Масъуд аввалин дарсҳои исломиро дар ин масҷид омӯхт. Дар он ҷо ҳамроҳ бо Мавлоно Сайид Яъқуби Ҳошимӣ теъдоди дигаре аз уламои машҳури вақти Кобул тадрис мекарданд, ки вазоифи дигаре низ доштанд. Инак, ба муаррафии онҳо мепардозам:

Мавлоно Сайид Яъқуби Ҳошимӣ – раиси дорулҳифози Кобул. Имоми масҷид ва устоди таҷвид ва қироати Қуръон.

Мавлавӣ Абдурраҳмон – вакили шӯро, устоди тафсир.

Мавлавӣ Башшор – муовини Раёсати авқоф, устоди тафсир.

Мавлавӣ Абдулқодири Шаҳоб – мудири таблиғоти исломии Вазорати иттилооту култур, устоди тафсир.

Инон аввалин устодони Масъуданд.

Мавлоно Ҳошимӣ мегӯяд: «Боҳуш ва боистеъдод буд. Дарси тафсирро бодиққат мешунид. Ва саволоти дақиқе мекард». Мавлавӣ Абдурраҳмон ҳам мутаваҷҷеҳи истеъдоди ӯ шуда буд.

Ман чанд бор аз Масъуд дар бораи илмияти Мавлавӣ

Абдурраҳмон дар илми тафсир шунида будам. Мавлавӣ Абдурраҳмон баъдҳо ҳангоми адои маносиқи (ба ҷо овардани русумот) ҳаҷ дар Маккаи Мукаррама дар асари як ҳодисаи тарофикӣ (садамаи нақлиёт) даргузашт (Мавлоно Ҳошимӣ ҳам як ҳафта баъд аз дидоре, ки ман бо ӯ доштам, дар ҷулои 2003 вафот кард. Рӯҳаш шод бод).

## УЛУМИ ИСЛОМИЕ, КИ МАСЪУД МЕДОНИСТ

### САРФУ НАҲВ

Дар соли 1981, дар севумин ҳамлаи шӯравиҳо ба дараи Панҷшер, ки ҷанги шадиде ҷараён дошт, ман мутаваҷҷеҳ шудам: Масъуд бо устод Халилурраҳмони Ҳаннонӣ, ки алъон сафири Афғонистон дар Судон аст, рӯи як мавзӯъи сарфӣ сухан мегӯянд. Баъдан фаҳмидам, ки назди вай шурӯъ карда аст ба омӯхтани сарфу наҳв. Ин ду илмро хуб омӯхта буд ва дар баҳсҳои динӣ ба кор мебурд.

### ТАҶВИД

Таҷвид ва қироатро дар шонздаҳсолагӣ аввал назди Мавлоно Сайид Яъқуби Ҳошимӣ омӯхт. Баъдҳо дар даврони ҷиҳод назди Мавлавӣ Ғуломнабӣ–машҳур ба Мавлавӣ, машҳур ба Мавлавӣ Қорӣ ба дарсҳояш идома дод.

Масъуд ҳамеша Қуръонро бо муроъоти қавоъиди (усул) қироат мехонд. Ба нудрат тиловати Қуръони баъди намози субҳро тарк мекард. Қуръонро бо муроoти усули таҷвид мехонд ва ба ҷаҳр ва тафхим (овози ғафс).

### ТАФСИР

Тафсирро, тавре ки гуфта омад, аввал назди устодоне: чун Мавлавӣ Башшор, Шаҳоб ва Абдурраҳмон омӯхт. Баъд дар Покистон дар солҳои 1974 – 1978 идома дод. Ба гуфтаи худаш: «Дар Покистон ман аз давраи тафсир, ки тавассути уламои машҳур дар моҳи муборaки рамазон тадрис мешуд,

истифодаи зиёд бурдам». Дар даврони ҷиҳод Масъуд ба таҳсил назди уламо ва мутолиа назди худ дар тафсир идома дод. Дар мавриди ҳирси Масъуд барои омӯхтан баъдан хоҳам гуфт. Дар ин ҷо мехоҳам ба ду нукта ишора кунам. Аввал ин ки Масъуд дар миёни улуми исломӣ ба тафсир ва сират бештар алоқа дошт ва онро бештар медонист. Аз ин ду манбаъ зиёдтар илҳом мегирифт ва бештар нақли қавл мекард. Дар мавриди сирати Расуллулоҳ салаллоҳу алайҳи васаллам мегуфт: «Сират исломи амалӣ аст».

Нуктаи дигар ин ки шояд назди хонанда савол пайдо шавад, ки Масъуд чӣ гуна дар шароити ҷанг фурсате барои мутолиаи улум ва мутолиа дар кулл пайдо мекард. Дар ҷавоб бояд бигӯям, дар ҷаҳон ҳанӯз чунин қудрате вуҷуд надорад, ки битавонад як ҷангро чандин сол шабу рӯз идома диҳад. Ва то он ҷо ки ман инсонро ва заъфҳои ӯро мешиносам, ҳамчу коре фаротар аз тоқати башарист. Пас ҳар қадар ҷанг шадид ҳам бошад, боз фурсатҳое барои корҳои дигар пайдо мешавад. Аз ин гузашта, дар даврони ҷиҳод ғолибан зимистонҳо манотиқи таҳти сайтараи (ҳукумронии) мо пӯшида аз барф мешуданд ва он гоҳ буд, ки ҷанг ба таври табиъӣ камтар мешуд. Масъуд аз ин фурсат на танҳо барои худаш истифода мекард, ки бештар мутаваҷҷеҳи мо буд. Ман солҳои зиёде масъулияти тадриси муҷоҳидини таҳти фармони Масъудро ба дӯш доштам. Ҳеҷ зимистонеро ба ёд надорам, ки мо масруфи омӯзиш набуда бошем. Таълимоти мо масойили низомӣ, сиёсӣ ва исломиро дар бар мегирифтанд. Ва омӯзиш баъд аз таъаҳҳуд барои ҳар муҷоҳид иҷборӣ буд. Таъаҳҳуд ҳам аз чаҳор асли умда иборат буд: мудовимат[1] дар ҷиҳод фисабилиллоҳ, вафодорӣ ба созмон то вақте дар роҳи Худост, итоат аз раҳбарӣ ва парҳез аз манҳиёт.

## ФИҚҲ

Дар Афғонистон омӯхтани ин илм тақрибан ҳамагир аст

[1] Ҳузур ва иштироки пайваста.

монанди кишварҳои исломии дигар. Ҳар кӣ мусалмон аст, бояд каму беш аз он чизе бидонад. Зеро як бахши умдаи он ба ибодот иртибот мегирад ва мусалмон аз донистани он ногузир аст.

Масъуд ин илмро назди устодони мухталиф ва албатта, бештар Мавлавӣ Қорӣ, ки дар сафар ва ҳазар бо ӯ мебуд, фаро гирифт. Илми фиқҳ бештар амалӣ ҳам ҳаст, зеро ду бахши умдаи он, яъне ибодот ва муомилот дар зиндагии рӯзмарраи ҳар мусалмон корбурд дорад.

Масъуд шахси бисёр пуркор, боэнержӣ ва машғул буд. Рӯзона 16 то 18 соат кор мекард. Нигоранда дар муддати 21 сол, ки бо ӯ кор кардам, ба ёд надорам, ки қабл аз соати 12-и шаб хобида бошад. Бо вуҷуди масруфиятҳои зиёд (серкорӣ) ба устоди улуми динияш Мавлавӣ Қорӣ гуфта буд, ки ҳангоми фаро расидани вақти дарс дар ҳар ҳолате ки бошад, мудохила кунад ва ба дарс оғоз кунад. Устоди ӯ ин суфоришро бе каму кост иҷро мекард, то ҷойе, ки сабаби асабонияти мо мешуд. Боре байни мо файсала шуд: Мавлавиро тайи қасидае ҳаҷв (бадгӯӣ) намоем. Ба тартибе, ки ҳар кас як байт дар маврид бигӯяд. Қасида суруда шуд, аммо қарор набуд Масъуд ҳам аз вуҷуди он бохабар шавад, ки шуд. Масъуд аз шунидани он асабонӣ шуд ва сарояндагонро дар ҳар куҷо ёфту дид, мавриди маломате ва накӯҳиш қарор дод (Нигоранда ҳам бо як байт шарики ҷурм буд). Устод ва шогирд бар қарори хеш содиқ монданд ва дарс идома ёфт.

## СИРАТИ ПАЁМБАРИ ИСЛОМ САЛАЛЛОҲУ …АЛАЙҲИ ВАСАЛЛАМ

Мутолиаи Масъуд дар сирати Паёмбари ислом салаллоҳу ъалайҳи васаллам ва хулафои рошидин[1] бепоён буд. Ӯ сиратро, чунон ки гуфтем, исломи амалӣ медонист ва дар бисёре маворид аз он нақли қавл мекард. Кутуби қадими таърихи ислом ва ҷадидро мутолиъа карда буд ва ба гуфтаи худаш, ҳар боре, ки сирати Пайғамбар салаллоҳу алайҳи ва-

[1] Чор ҷонишини пайғамбар: Абубакр, Умар, Усмон ва Алӣ.

салламро мутолиъа мекард, ҳикмате нав дар он меёфт. Моро ҳам ташвиқ мекард сиратро бор-бор бихонем.

## УСУЛ

Намедонам алоқаи Масъуд дар он шароит ба ин ки мо ҳам ин илмро биёмӯзем, то чӣ андоза буд. Худаш муддатҳо буд, ки ин илмро меомӯхт. Соли 1988 буд ва мо дар вилояти Тахор-пойгоҳи муҳимми мо дар шимоли Афғонистон– будем. Боре Сайид Носир яке аз устодони мо гуфт: «Масъуд ҳидоят дода, то курсе таъсис шавад ва усули фиқҳ тадрис гардад. Албатта, ин курс дар сатҳи кадрҳо тадрис гардид. Фикр мекунам, ҳадафи Масъуд баланд бурдани сатҳи маълумоти раисони идораҳо буд. Гарчи курс то ахир идома наёфт, аммо ман, ки низ дар он курс иштирок доштам, донистам, ки дар ислом чӣ гуна аҳком аз нусус истихроҷ мегардад.

## АҚОЙИД Ё КАЛОМ

Дар ин илм Масъуд аз устодонаш розӣ набуд. Аз як тараф, ин илм бо фалсафа робитаи танготанг дошт. Ва Масъуд ба он дастрасии чандоне надошт ва, аз тарафи дигар, заковати баланди ӯ саволотеро ба миён мекашид, ки устодони он вақти Масъуд тавоноии ҷавоб додан ба онро надоштанд. Ман борҳо шоҳиди мунозироти ӯ бо уламои мухталиф будаам.

Ба ёд дорам, рӯзе дар мавриди нуфузи салафиҳо (ваҳобиҳо) дар вилояти Кунар ба раҳбарии марҳум Мавлавӣ Ҷамилурраҳмон аз Масъуд пурсиданд. Ин ҳамон шахсе аст, ки дар ҳодисаи қатли инженер Ҷонмуҳаммад аз ӯ ном бурдем ва гуфтем, ки Ҳикматёр мехост ӯро ба ҷои Ҷонмуҳаммад дар вилояти Кунар таъин кунад. Ҷамилурраҳмон раҳбарии наҳзати салафиҳоро дар Кунар ба даст гирифт ва Ҳикматёр бо ӯ душман гардид. Билохира байни неруҳои ӯ ва Ҳикматёр даргириҳои шадиде ба сари контроли вилояти Кунар сурат гирифт, ки чанд сол идома ёфт.

Оқибат Мавлавӣ Ҷамилурраҳмон ҳам тавассути чанд араби тарафдори Ҳикматёр террор гардид (Яке аз қотилҳо Абдуллоҳи Румӣ ном дошт). Зоҳиран иллати даргирӣ ихтилофи мазҳабӣ вонамуд гардид. Ва ҳатто теъдоде аз уламои ҳанафӣ нигарониашонро дар мавриди ихтилофҳои мазҳабӣ иброз карданд. Масъуд гуфт: «Аввалан, мушкили Кунар сиёсӣ аст, на мазҳабӣ. Сониян, ин ки роҳи муқобила бо он ҷанг нест, балки пайравони ҳанафӣ ҳурофотеро, ки ба номи дин дар мазҳабашон дохил шуда, бояд пок кунанд».

Масъуд ҷиддан бо хуруфот мухолиф буд.

## ҲАДИС ВА УСУЛИ ҲАДИС

Нигоранда намедонад Масъуд дар ин ду бахш аз улуми исломӣ чӣ қадр пешрафт кард. Фақат ба хотир дорад, ки назди Мавлоно Афқар ва Мавлоно Абдуззоҳир ба омӯхтан оғоз карда буд.

## МАСЪУД ВА ТАҚВО

**Намоз.** Масъуд рӯзона чандин бор таҳорат мекард. Касеро наметавон ёфт, ки дида бошад, Масъуд як бор ҳам намозашро тарк карда бошад. Бар хондани намоз сахт мудовимат дошт. Касоне, ки монанди Масъуд бисту чанд соли умри худро дар бухрон сипарӣ карда бошанд, метавонанд дарк кунанд, ки ин мудовимат чӣ қадр мушкил буда аст. Беҳтар аст яке-ду хотираамро аз миёни намунаҳои фаровон дар ин замина нақл кунам. Дар соли 1987 аз кӯтали Ховок бо Масъуд мегузаштем. Ховок иртифотест миёни дараи Панҷшер ва шимоли Афғонистон. Ин кӯтал ҳарчанд камиртифоътарин нуқта байни Панҷшер ва шимоли Афғонистон аст, аммо дар тӯли зимистон бисёр сард аст. Ва дар ҷараёни солҳои ҷиҳод ҳар сол яке-ду тан дар асари тӯфонӣ шудани ҳаво талаф мешуданд. Албатта, талафоти ҳайвонот бештар аз он мебуд. Мо ҳам дар зимистон аз он ҷо убур мекардем.

Ховок дар зимистон ҳар лаҳза метавонад, тӯфонӣ шавад. Фосилаи байни ду ободӣ дар ду тарафи кӯтал панҷ соат

пиёдаравӣ аст. Агар дар васати роҳ тӯфон оғоз шавад, имкони фирор ва ё зинда мондан бисёр кам аст. Мо он рӯз аз фосилаи дур ҳаракат карда будем ва ҳангоме, ки ба доманаи иртифоъ расидем, наздики ғуруб буд ва ҳаво бисёр сард, мо ҳам бисёр хаста аз роҳпаймоии рӯз. То он ҷо ки бими тӯфон ҳам наметавонист бар суръати мо биафзояд, зеро сардӣ ва барфи зиёд монеъ аз тез рафтан мешуд. Сардӣ ба ҳадде буд, ки нафас бар ришҳои мо ях мебаст. Дар ин ҳангом яке аз қатори мо барои адои намози мағриб ҷудо шуд.

Дақиқ шудем, Масъуд буд. Чун аз роҳ берун шуд, то камар дар миёни барф фурӯ рафт. Ба мо ишора кард, ки ба рафтан идома диҳем. Аммо мо на тавони хондани намоз доштем ва на метавонистем Масъудро танҳо бигузорем. Ночор истодем, то Масъуд намозро тамом кунад. Масъуд шолеро аз Тоҷиддин–ёвараш гирифт ва аввал барфҳоро бо пояш ҳамвор кард. Зеро он ҷо ба андозаи намоз хондани як нафар ҳам ҷо набуд. Сипас ба намоз истод. Фақат ошиқони Худо метавонанд дар ҳамчу ҳолат чунон ба ибодат бипардозанд. Мо аз сардӣ чун бед меларзидем, дар ҳоле ки ҳар кадом даҳ сол аз Масъуд ҷавонтар будем.

Парвардигор он намозҳои ошиқонаи Масъудро қабуд фармояд.

Масъуд ҷудо аз намозҳои панҷгона навофил ва таҳаҷҷуд (бедорӣ) низ мехонд. Чун аксаран то нимаҳои шаб кор мекард, намози таҳаҷҷудро дар поёни кор адо мекард ва баъд мехобид. Гоҳе миқдоре аз шабро хобида, баъд ба намози таҳаҷҷуд бармехост. Ба хотири ин ки касеро азият накунад, дар поёни утоқ мехобид. Ё ҷое то ҳангоми бархостан барои таҳаҷҷуд касеро азият накунад.

## ЗИКР ВА ТАСМИЯ[1]

Зикри бори Таъоло вирди забони Масъуд буд. Ғолибан баъд аз намози фаҷр ва ъишо ба зикри тӯлонӣ мепардохт.

[1] Бисмиллоҳирраҳмонирраҳим гуфтан.

Дар ғайри ин вақтҳо ҳамеша зикр мегуфт ва одат дошт, ҳангоми зикр тасбеҳи худро берун кунад ва дар даст гирад. Зикрро ба сурати хуфйа мегуфт ва зикри ҷаҳрро (баланд) бидъат медонист.

Дар оғози ҳар коре тасмияро фаромӯш намекард. Хусусан ҳангоми сухан гуфтан. Ин танҳо дар аввали маҷлис ва сухан гуфтан набуд, балки ҳар бор, ки ба мавзӯи нав мепардохт, ногаҳон чашмони худро, чунон ки одати ӯ буд, андаке пойин меандохт ва ба овозе, ки ба сахтӣ шунида мешуд, мегуфт: «Бисмиллоҳи Раҳмони Раҳим».

Номи бори Таъоло дар ҳар маврид сари забони Масъуд буд. Бештар калимаи «Парвардигор»-ро ба кор мебурд.

## МАСЪУД, МАНҲИЁТ ВА МАКРУҲОТ

Масъуд ҳассосияти аҷибе дар муқобили сигор ва насвор дошт. Дар авойили ҷиҳод масъулини молӣ дар канори маводди ғизоӣ барои муҷоҳидин сигор ва насвор низ таҳия мекарданд. Хуб ба ёд дорам, вақте Ҳоҷӣ Шодулло–масъули молии қароргоҳи Мола феҳристи масорифашонро ба Масъуд пеш кард, ӯ аз дидани номи сигор ва насвор дар он феҳрист асабонӣ шуд ва гуфт: «Сар аз ҳамин таърих ҳамчу масориф манзур намегардад». Ва харидории онро мамнӯъ қарор дод. Бисёр кам иттифоқ меафтод, ки сигорро дар дасти касе бубинад ва аксуламал нишон надиҳад. Як рӯз дар соли 1992, ки тоза неруҳои мо вориди Кобул шуда буд, бо Масъуд дар мошини ӯ савор аз чорроҳии Ансорӣ дар маркази шаҳр мегузаштем. Дар васати чорроҳӣ пустае буд ва сарбозе сигор дар даст истода. Вақте ки чашми Масъуд ба ӯ афтод, ба ронанда дастур дод, таваққуф кунад. Дарвозаи мошинро боз кард ва ба сарбоз гуфт: «Наздик биёяд». Чун чашми сарбоз ба Масъуд афтод, бо хушҳолии зиёде наздаш омад. Албатта, сабаби хушҳолии ӯ маълум буд, зеро Масъуд шахсияти афсонавӣ дар байни мардум буд ва дар бораи ӯ ва корномаҳояш достонҳои иғроқомезе таъриф мекарданд. Биноан, сарбоз ҳақ дошт, хушҳол бошад, ки Масъудро меби-

над. Басо касо, ки орзу доштанд то ӯро як бор дар зиндагии худ бубинанд. Ман дар ин бора баъдан достонҳои бештар нақл хоҳам кард. Баргардем ба идомаи моҷаро. Сарбоз наздики дарвозаи мошин расида буд, ки Масъуд ногаҳон силлии маҳкаме ба рӯи ӯ зад. Сарбоз, ки гуноҳи худро надониста буд, ба ақиб рафта, боз сигор дар даст ба ҳолати омодабош истод. Ман дидам ҳанӯз ҷурмашро дарнаёфта, бидуни ин ки Масъуд мутаваҷҷеҳ шавад, ба ӯ ишора кардам, сигори худро биандозад. Сарбоз мутаваҷҷеҳ шуд ва сигорро зери по андохт ва ба Масъуд саломи низомӣ дод.

Ҳатман дар зеҳни шумо таноқузе хутур мекунад.[1] Қаблан гуфта будем, Масъуд дастур дода буд, то ба рӯи касе зада нашавад ва инак, худ чунин амалеро анҷом медод. Бояд такрор кунам, ки Масъуд дар баробари манҳиёт (манъшуда) бисёр ҳассос буд ва барафрӯхта мегардид, чунон ки шарҳи он гузашт. Ӯ инсон буд бо авотифи инсонӣ ва хусусиёти башарӣ. Гоҳе хашмгин ҳам мешуд. Аммо эътидол дар рафтору кирдори ӯ ғолибан ҳоким буд ва бештар ба афв тамойул дошт, ки шарҳи он дар ҷоҳои мухталиф дар ин китоб омадааст. Пас чунин ваҳоеъро набояд ҳамл бар хушунати табъи ӯ кард.

## ҲАШИШ ДАР МИЁНИ МУҶОҲИДИН

Яке аз одати бисёр бадунописандида, ки дар миёни муҷоҳидини Афғонистон ба шакли васеъе ривоҷ пайдо карда буд, истеъмоли ҳашиш ё чарс буд. Наметавонам дар ин маврид омор ва дарсадӣ ироа кунам. Аммо дар бисёре аз манотиқи Афғонистон, ки ҷабаҳоти муназзам ва раҳбарии солим надоштанд, теъдоди мӯътодон ба ҳашиш[2] қобили таваҷҷӯҳ буд. Аҷаб он ки раҳбарони ҷиҳодӣ барои мубориза бо ин фасод ҳеҷ икдоме накарданд, ки ман ба ёд дошта бошам ё каси дигаре. Дар ҳоле ки хуб медонистанд, ки дар қароргоҳи иддае аз фармондеҳони онҳо ҳашиш бо одоб ва маросими хос истеъмол мегардад. Аз ҳамин рӯ буд, ки

[1] Тазоде гузар мекунад.

раҳбарони ҷиҳод раҳбарони Пешовар ном гирифтанд. Зеро онҳо ба нудрат ба дохили кишвар меомаданд ва гоҳе ҳам, ки меомаданд, борашон аз корашон бештар мебуд.

Масъуд муборизаи сахтеро алайҳи ин офат оғоз кард. Аввалин қадам фатвои уламо дар мавриди таҳрими (манъ кардан) он буд ва барҳазар доштани ҳамагон аз ҳар навъ тааллуқ ба он. Аз заръ то фурӯш, интиқол ва истеъмол. Қадами баъдӣ шабакаҳои иттилоотии Масъуд буд, ки ба кор афтоданд, то мутахаллифинро шиносоӣ кунанд. Қадами севум муҷозот кардан буд. Масъуд гоҳе ки ба ин вазъ бармехӯрд, худаш аксуламал нишон медод. Ман ба ёд надорам, Масъуд касеро ба иртикоби ин ҷурм (чарсу тарёк) назди бозпурсу қозӣ фиристода бошад. Ва ин маънии беэътиноӣ ба маҳоким[2] нест, зеро маҳоким ва таъсиси идороти қонунӣ яке аз муваффақиятҳои чашмгири Масъуд ба ҳисоб меояд.

Мудохилаи Масъуд дар ин ҷо ба ҳайси амири ҷиҳод ба ӯ ин салоҳиятро медод, ки мустақиман дар ҷилавгирӣ аз паҳн шудани мусибате иқдом намояд, ки имрӯз садамаи ҷиддӣ ба ҳайсияти кишвари мо расонда аст. Ӯ худ ҳашишкашро дар маҳзари ом чӯб мезад. Сипас, мутахаллиф бояд дар ҳузури ҳама бар ҳаром будани он эътироф ва аз такрори ҷурм тавба мекард. Ҷанги равонӣ ва таблиғотии Масъуд ҳам дар канори он давомдор буд. Ӯ борҳо ин ҷумларо дар миёни муҷоҳидин такрор мекард: муҷоҳиде, ки дорои ахлоқи исломӣ нест, монанди гови шохзан аст. Ва ҳамчунон буд дар баъзе мавориди дигар. Бояд дар ҳар бахш аз ин китоб ин нуктаи муҳимро фаромӯш нафармоед, ки Масъуд ин ҳама таваҷҷӯҳи бисёр мавориддро дар сахттарин ҳолати ҷанг анҷом медод.

Рӯзе ба ҳамин ҷурм касеро наздаш оварданд. Гуфт, ки чӯб биёваранд ва тибқи маъмул ӯро ба рӯ хобонданд ва чаҳор нафар аз чаҳор дасту по ӯро баланд карданд. Масъуд ду-се зарбаи маҳкам бар пушти ӯ навохт ва дид, ки хомӯш аст ва оҳ намекашад. Аз ӯ пурсид: «Чӣ тур аст, дард намекунад?» Муҷрим гуфт: «Омир соҳиб! Шумо падар ҳастед ва задани шумо давост, дард надорад». Масъуд аз гуфтаи ӯ ба ханда афтод ва аз гуноҳаш даргузашт. Ин яке аз авсофи би-

сёр зебо ва мардонаи Масъуд буд, ки дар айни ғазаб ва қаҳр ногаҳон метавонист хашми худро фурӯ хӯрад, ором шавад ва бихандад.

## ПАРҲЕЗ ВА ЭҲТИЁТ ДАР БАЙТУЛМОЛ

Дар масрафи пул ва сойири чизҳое, ки ба байтулмол (хазина) тааллуқ дошт, ба сахтгирӣ ва эҳтиёт шуҳрат дошт. Ба назари ман дар баъзе мавორид дар сахтгирӣ зиёдаравӣ ҳам мекард. Ҳаргиз пули байтулмолро барои худ ва хонаводааш масраф намекард. Гоҳе, ки дафъатан барои хонаводаи худ чизе мехарид, дастур медод, онро ёддошт бигиранд ва баъд онро мепардохт.

Ҳатто гоҳе ки садақа медод, мегуфт: «Инро дар ҷамъи ман ҳисоб кунед». Фикр мекунам, дар ин маврид ҳатто душманонаш низ эроде надоранд.

## ЗИДДИЯТ БО ЗУЛМУ ФАСОД

Дар ин ҷо манзурам аз фасод мамнуъоти шаръӣ аст. Худованд ба Масъуд рӯҳи бузург ва дар айни ҳол бисёр ҳассосе дода буд. Ҳеҷ чиз ӯро ба андозаи дидани фасод ва зулм мутаассир намекард. Ин ду падида дар ӯ ба ҳадде таъсир доштанд, ки шунидан ва дидан дар мавриди он барои ӯ яксон буд. Дар соли 1994, ки ҷанг байни неруҳои мо ва Ҳикматёр вориди севумин соли худ мешуд ва шаҳри Кобул зери ракетборони шадиде қарор дошт, як афғони муқими Амрико ба номи Сафиуллоҳ Субот ҳангоми мулоқот бо Масъуд аз рӯи дилсӯзӣ аз фасод миёни неруҳои давлатӣ ёд кард. Масъуд пурсид: «Масалан, метавонед яке аз онро ба ман нишон бидиҳед?» Субот гуфт: «Бале». Ва постҳои марбут ба матбааи Вазорати дифоъро ном гирифт. Ва ин ки ҳамин лаҳза дар он ҷо чунину чунон идома дорад. Масъуд бо асабоният аз ҷо бархост ва Суботро ҳам бо худ гирифт, то ба ӯ нишон диҳад, чӣ гуна бо фасод бархӯрд мекунад. Чунон сареъ ва ногаҳонӣ аз меҳмонхонаи шумораи як дар

Вазир Акбархон хориҷ шуд, ки ҷуз қумондон Муслим ва як нафари дигар, он ҳам бо як аслиҳа, каси дигаре муваффақ нашуд, онҳоро ҳамроҳӣ кунад. Масъуд дар торикии шаби зери ракетборони куркӯронаи Ҳикматёр дар наздики пост пойин шуд ва мустақиман ба тарафи сарбозе, ки ӯро нашинохта буд, ҳаракат кард.

Нигаҳбон фармони «Ист!» ба Масъуд дод ва агар қумондон Муслим худро ҷилави нигаҳбон қарор намедод ва бо садои баланд намегуфт, ки «Кист!» сарбоз Масъудро, ки бетаваҷҷӯҳ ба фармони «Ист!» ба ӯ наздик мешуд, ба гулӯла мебаст.

Масъуд аз сарбоз мепурсад: дар он ҷо чанд нафар ҳастанд. Вай, ки инак Масъудро шинохта, мегӯяд, панҷ нафар. Мепурсад: «Дигарон куҷо ҳастанд?» Мегӯяд: «Дар утоқи дигар хобанд». Ба ӯ мегӯяд: «Дар ҷои худ бимонад». Ва худ ба тарафи утоқ меравад. Дигарон ҳам ба дунболаш мераванд. Вориди утоқ мешавад ва мебинад, ки ду нафар дар он ҷо хобанд. Ба утоқи дигар дохил мешавад, ки ду нафари дигар ҳам хобанд. Аз он ҷо хориҷ шуда, нигаҳбонро ба хотири вазифашиносӣ тақдир мекунад ва ба иқоматгоҳи хеш бармегардад. Ман чанд лаҳза баъд аз бозгашти Масъуд ба он ҷо расидам ва дидам, ки муҳофизини ӯ бар Субот асабонианд. Муслим ҷараёнро ба тафсил таъриф кард ва ин ки чизе намонда буд, Масъуд ба қатл расад.

Дар мубориза бо фасод аз мавориди кӯчак то бузург арсаи таваҷҷӯҳи ӯ буд. Муҷоҳидинро дар мондани мӯйҳои дароз сарзаниш мекард ва гоҳе то ҳадде пеш мерафт, ки худ қайчӣ дар даст мегирифт ва қисмате аз мӯйҳои дарози онҳоро қайчӣ мекард. Ин корро вақте мекард, ки шахсе набудани салмонро (сартарошро) баҳона меовард.

Бояд ин нуктаро ҳам ёдоварӣ кунам, ки шарҳи достони фавқ мисоле буд, дар мавриди ҳасоссият ва зиддияти Масъуд бо фасод. Ва ин бад-ин маънӣ нест, ки даврони тасаллути вай бар Кобул 1992-1996 ҳеҷ зулм ва фасоде сурат нагирифт. Баръакс, дар он давра зулм ва фасод ба ҳадде сурат гирифт, ки Масъуд баъд аз ақибнишинии неруҳояш дар

муқобили толибон аз Кобул, ки ҳама ҷаҳон онро ақибнишинии тактикӣ номиданд, худи Масъуд онро шикаст хонд ва иллаташро заъфи маънавият номид.

Аммо ин ки Масъуд чиро натавонист ҷилави норавоиҳоро бигирад, баҳсест муфассал ва ҷудо, ки дар китоби оянда ба он хоҳам пардохт. Фақат ҳамин қадар мехоҳам бигӯям, ки Масъуд дар он давра ранҷи бисёр бурд.

## МАСЪУД ВА УЛАМОИ ДИН

Як бахши умдаи кори Масъудро дар робита ба назмоварӣ дар манотиқи таҳти сайтараи ӯ машварат бо уламо ташкил медод. Дар ташкилоте, ки Масъуд барои манотиқ сохта буд, яке ҳам Шӯрои уламо буд. Шӯрои уламо ҳамоҳанг бо Шӯрои мардум ва Шурои фармондеҳон се ниҳоди асосии тасмимгирии идораи Масъуд буданд. Ин се Шӯро дар умури асосӣ, ки марбут ба сарнавишти ҳамагон мешуд, бо ҳам як ҷо шуда, тасмим мегирифтанд ва машварат медоданд. Маҷлиси шӯроҳо ҳам ба пешниҳоди аъзо ва ҳам назар ба лузумдиди Маъсуд фаро хонда мешуд. Дар ҳақиқат Масъуд пояҳои асосии ҳукумати худро бар табақоти муҳими ҷомеъа гузошт ва тавре ки мебинем, фармондеҳон, яъне дар воқеъияти амр намонядагони муҷоҳидин, дар ин шуроҳо ҳузур доранд ва ҳам ба унвони як табақаи ҷадид дар ҷомеъа арзи андом кардаанд. Ҳангоми навиштани ин сатрҳо (ҷуни 2003, Кобул) талоши зиёде аз тарафи ҷиноҳҳои мухталиф дар кишвари мо ба харҷ меравад, то муҷоҳидинро аз саҳнаи сиёсӣ ва низомии кишвар ҳазф кунанд ва ин як муҳосибаи хатост. Зеро муҷоҳидин дар Афғонистон як табақаи иҷтимоъианд, на як гурӯҳи низомӣ. Коммунистҳои мо ҳам дар шинохти табақоти ҷомеъа иштибоҳ карданд. Онҳо пояҳои ҳукумати хешро ба тақлид аз Шӯравӣ бар ақаллияте ба номи коргар гузоштанд, ки дар кишвари мо дар сатҳи ибтидоийи як табақа набуданд ва муборизаро ҳам бо душмане эълон карданд ба номи феодал, ки дар ҷомеъаи мо ангуштшумор буданд. Аз назари ман, Афғонистон то ҳол дорои

шаш табақаи иҷтимоъӣ аст: деҳқонон, донишҷӯён-донишомӯзон, уламо, равшанфикрон, бозаргонон ва муҷоҳидон. Ҳукумате дар Афғонистон ба муваффақият мерасад, ки бар ин шаш сутун ва хостҳои маъқулашон бино гузошта шавад.

Ба ҳамин далел Масъуд табақаи уламоро мавриди таваҷҷӯҳи зиёд қарор медод ва онҳо амалан дар таҳаввулоти авзоъ нақши қобили мулоҳиза доштанд. Се шӯрое, ки қаблан ном бурдам, ҷудо аз мавориде, ки Масъуд онҳоро даъват мекард, аз худ ҷаласоте доштанд, ки ба вазоифашон иртибот мегирифт ва гоҳе Масъудро ҳам даъват мекарданд, то дар ҷаласоташон иштирок намояд.

Ҳама он чи гуфта омадем, ғайр аз алоқамандии Масъуд ба нишаст ва мубоҳиса бо уламо буд ва чун худ ҳамеша толибилм буд, ҷаласоти ҷолибе бо уламо баргузор мекард, ки дар он мунозироти муфассале сурат мегирифтанд.

Хуб ба ёд дорам, соли 1980 буд ва ман тоза ба ҷабҳа рафта будам, ки Масъуд Шӯрои уламоро даъват кард. Мавзӯъи ҷаласа ҳукми шариъат дар мавриди моли ғанимат, ба хусус аслиҳа буд. Дар авохири тобистони соли 1980 шӯравиҳо дувумин ҳамла ба Панҷшерро иҷро карданд. Ҷанг се ҳафта идома ёфт ва дар ин ҷанг муҷоҳидин теъдоди аслиҳа аз шӯравиҳо ва асокири афғонӣ ба ғанимат гирифтанд. Муҷоҳидин ҳукми шаръ интизор доштанд, амволи ғанимат тақсим шавад ва саҳми онҳо пардохта шавад. Аммо Масъуд дар ин маврид мулоҳизоте дошт. Аз ҷумла ин ки аслиҳаи афғонӣ қабл аз кудетои коммунистҳо дар соли 1977 тавассути пули байтулмол дар замони ҳукумати Раиси Ҷумҳур Муҳаммад Довуд харидорӣ шуда ва коммунистҳои Афғонистон бо як кудето ҳукуматро дар қабза гирифтаанд. Ҳоло ки муҷоҳидин дар ҷанг он аслиҳаро ба даст меоваранд, ба кадом асос метавон онро ғанимат номид?

Шӯро дойир гардид ва баъд аз баҳсу баррасии мавзӯъ, файсала шуд, ки моли ғанимат марбути ҷабҳа аст.

Зоҳиран далойили уламо дар ин маврид чунин буд:

«Амволи марбути давлати коммунистии Афғонистон аз пули Афғонистон харида шуда. Лиҳозо моли ғанимат шу-

мурда намешаванд.

Амволи марбут ба асокири Шӯравӣ моли ғанимат аст. Аммо чун тамоми масорифи муҷоҳидин аз тарафи ҷабҳа пардохта мешавад, биноан, моли ғанимат ба ҷабҳа тааллуқ мегирад (Гӯё дар садри ислом, ки моли ғанимат тақсим мешуда, масорифи муҷоҳидинро худашон таъмин мекарданд).

Адами тааллуқи моли ғанимат ба муҷоҳидин сабаб мешавад, аслиҳаи бадастомада ба фурӯш нарасад ва дар натиҷа боиси тақвияти ҷабаҳоти муҷоҳидин мешавад.

Адами тааллуқи моли ғанимат ба муҷоҳид сабаби адами тасарруфи муҷоҳидин дар он шуда, дар натиҷа муҷоҳидин бо нияти холиси маҳзи ризои Худо ба ҷиҳод меравад, на гирифтани моли ғанимат».

Ин фатво ба интизори Масъуд мувофиқ афтод. Ӯ аз ҳамон сол шурӯъ кард ба тавзеъи аслиҳа ба манотиқи дигар ва дар қадами аввал ба вилояти Парвон, шимоли Кобул ва баъдан ба шимоли Афғонистон.

Ман дар ҳамон вақт ва то ҳол аз фатвойе, ки чунон бо насси (ҳукм) сареҳи Қуръони Карим, ки моли ғаниматро пок ва ҳалол гуфтааст, сирати Пайғамбар салаллоҳу ъалайҳи ва – салам ва кирдори асҳоби киром ризвонуллоҳи ъалайҳим аҷмаъин муғойират дорад, мутаъаҷҷибам. Дар айни ҳол, ки мункири асароти хуби он дар тақвияи ҷиҳод ва ҷабаҳоти дигар нестам, мехоҳам ба ин нукта ишора кунам, ки агар моли ғанимат комилан ё қисман тақсим мешуд, ҳангоми пирӯзии муҷоҳидин дар соли 1992 амволи давлатӣ чунон мавриди дастбурд қарор намегирифт. Бояд бипазирам, ки тақсими моли ғанимат метавонист то ҳадди зиёде шиками он хонаводаҳои бадбахтеро пур кунад, ки бе ҳеҷ гуноҳе ба муҷоҳидин тааллуқ доштанд ва то имрӯз камтарин имтиёзе надоранд.

Дувумин мавриди татбиқи шариъат дар соли 1983 пеш омад. Ҳангоме ки як муҷоҳид муҷоҳиди дигарро дар асари як пархошҷӯйи ба қатл расонд ва маҳкама ҳукм ба қасос кард, аввалин бор буд, ки ҳудуд иҷро мешуд. Қотил ҷавони 21-солаи муҷоҳид буд ва аз кардаи хеш нодим (пушаймон).

Мардуми зиёде дар майдони мусаммо ба «Шоҳид» ҷамъ шуда буданд. Ҳама нисбат ба қотилу мақтул эҳсоси тараҳҳум доштанд. Ва таваққӯъ доштанд, ки падари мақтул қотилро афв кунад. Биноан ашхоси мухталифе бархостанд ва ба намояндагӣ аз худу дигарон аз падари мақтул тақозои бузургворӣ ва афв карданд. Аммо ӯ дар ҳоле ки гиря мекард, аз қабули хоҳиши ҳамагон сар боз мезад. Саҳнаи пурҳаяҷоне буд. Барои бисёре аз мо дидани манзараи қатли як дӯсти мо бисёр мушкил буд. Ҳама нигоҳҳо мутаваҷҷеҳи Масъуд буд, ки коре кунад. Масъуд барои ҳар ду тараф Масъуд буд. Падари мақтул таваққӯъ дошт, ки аз ҳаққи писари бегуноҳаш, ки ҳукми қасос бегуноҳии ӯро собит карда буд, дифоъ гардад. Ва қотилу падараш аз Масъуд таваққӯъ доштанд коре кунад, ки марги писарро дар баробари чашмони худ набинанд. Ҳамҳама дар миёни муҷоҳидин ва мардум бештар мешуд.

Ногаҳон сару садо хомӯш шуд. Бале, Масъуд мехост сухан бигӯяд. Масъуд баъд аз ҳамду дуруд рӯ ба тарафи падари мақтул карда, суханони кӯтоҳе гуфт: «Парвардигор имрӯз ихтиёри маргу зиндагии ӯро ба дасти ту додааст. Қасос ҳаққи туст. Аммо Худованд афвро дӯст дорад. Ман аз ту мехоҳам коре кунӣ, ки ҳам Худо ва ҳам мардум хуш шаванд». Ва ба ҷои худ баргашт. Ҳеҷ кас намедонист чӣ хоҳад шуд.

Дар ин лаҳза падари мақтул бархост ва дар ҳоле ки мегирист, гуфт: «Омир соҳиб! Ба Худо қасам, ба хотири интиқоми писарам ба ин майдон омада будам. Аммо ба хотири Худо ва баъд аз ӯ ба хотири гули рӯят ӯро мебахшам». Мардум бо шунидани ин суханон наъраи такбир сар доданд ва бисёрӣ бо чашмони пури об ба тарафи падари мақтул рафтанд ва рӯи ӯро бӯсиданд.

## МАСЪУД ВА АФВ

Рамзи муваффақияти Масъуд дар даврони ҷиҳод дар ҳамин нукта буд. Карам, бузургворӣ ва ҷавонмардӣ дар ху-

ни ӯ омехта буд. Ба нудрат (бисёр кам) интиқом мегирифт. Ин одати ӯро дар афви асирони ҷангӣ метавон ба вазоҳат дид. Асокири давлат, ки ба ҷанг ба Панҷшер фиристода мешуданд, дар аввалин фурсат таслим мешуданд. Ман наметавонам теъдоди касонеро, ки таслим шудаанд, бигӯям. Фақат гуфта метавонам, ки онҳо ҳазорҳо нафар буданд. Ин амр дар гарави рафтори нек ва афви асирони ҷангӣ буд.

Масъуд бо афви асирони ҷангӣ тавонист шабакаи васеъе аз истихбороти хешро дар сафи душман эҷод кунад ва ин нукта бисёр омӯзанда аст.

Соли 1982 буд, ки як асири русиро наздаш оварданд. Ҷавони 18-сола буд. Аз ӯ пурсид:

– Барои чӣ ба Афғонистон омадаӣ?

– Ба мо гуфтанд, ин ҷо амрикоиҳо ва чиниҳо ҳастанд!

– Кадом амрикоӣ ё чиниро то ҳол дар байни мо дидӣ?

– Не.

– Ба ту як мил силоҳ медиҳам, ҳар гоҳ дар сафи мо онҳоро дидӣ, маро бизан!

Бад-ин тартиб аслиҳае ба ӯ дода шуд ва ин сарбоз 12 сол аз наздиктарин муҳофизини ӯ буд. Номашро гузошт Исломиддин.

Шояд дар таърихи муъосири ҷаҳон чунин иқдоме кам иттифоқ уфтода бошад. Борҳо аз Масъуд хостанд, ки аз ин эътимод сарфи назар кунад ва ҷониби эҳтиётро дар назар гирад. Аммо ҳар бор мегуфт: «Нигарон набошед, ӯ писари хубест». Мо он гоҳ намедонистем Масъуд бо қабули чунин хатаре, ки мо онро ҳатмӣ медонистем, чӣ мехост. Вале имрӯз медонам: ӯ таърих месохт!

Масъуд чанд бор мавриди сӯиқасд қарор гирифт. Аз ҷумла ду бор сӯиқасдкунанда дастгир гардид ва Масъуд хилофи хоҳиши ҳамагон ба ин далел, ки ин ҳаққи худи ӯст, онҳоро афв кард. Каме дар бораи ин ду воқеъа рӯшанӣ меандозам.

Аввалин иқдом тавассути як муҳофизи зиндон сурат гирифт. Ин шахс ҳудуди чиҳилсола буд ва аз назари асабӣ ҳам як миқдор ғайриоддӣ. Ӯ арӯсӣ накарда буд, аммо бисёр ме-

хост соҳиби зану фарзанд шавад. Аз бахти бад шароити домод шуданро, ки дар бисёр ҷойҳо маъмул аст, надошт. Яъне на хонаву на сармоя ва на таҳсилу қиёфа. Ва аз он мушкилтар, ки ошиқи духтари зебо ҳам шуда буд. Дастгоҳи истихбороти давлат аз ин мавзӯъ хабар шуда, ба ӯ тамос барқарор мекунад. Ошиқи бечораро итминон медиҳанд, ки агар Масъудро ба қатл расонад, духтар ба ақди ӯ дар хоҳад омад. Дар таърих ва асотири мо ҳам шоҳкорҳои ишқу ошиқ, ки чиҳо кардаанд, кам наёмадаанд. Мегӯянд, байни ошиқ ва Маҷнун аз назари зоҳирӣ, ки аслан фарқе вуҷуд надорад, сирф тафовуте, ки ҳаст, ин аст, ки ошиқ ҳадаф дорад ва Маҷнун беҳадаф аст. Пас ошиқи достони мо тасмим ба қатли Масъуд мегирад ва ин дар соли 1980 буд.

Шак дорам, ки тариқу навъи иқдомро ба ӯ таълим дода бошанд. Аммо як рӯз субҳ, ки ин шахс ба тарафи нонвойӣ мерафт, то барои маъмурини зиндон нон биёварад, чашмаш ба мутари (мошини) Масъуд меафтад, ки ба ӯ наздик мешавад. Пас, фурсатро аз даст надода, туфангро бар сари зону гузошта ва се тир ба тарафи мутари Масъуд шиллик мекунад. Ду тир ба шишаи пешрӯи мутар исобат ва аз миёни Масъуду ронанда мегузарад ва касеро кушта ё маҷрӯҳ намекунад. Зориб мехоҳад фирор кунад, аммо муҳофизини Масъуд ба сӯи ӯ тирандозӣ карда, маҷоли фирор барояш намедиҳанд. Ва ӯро дастгир мекунанд. Ин шахс муддате зери таҳқиқ қарор дошт. Ва баъд Масъуд ӯро мавриди афв қарор дод. Чанд сол баъд ба иллати маризӣ вафот намуд.

Шахси дувумӣ як тан аз муҷоҳидин буд, ки зобит[1] Ночор ном дошт. Масъуд гоҳ-гоҳ ба хонаи зобит Ночор мерафт. Яке аз одатҳои Масъуд дар даврони ҷиҳод ин буд, ки барои фикр кардан ва тарроҳии барномаҳояш гоҳ-гоҳ муддати дусе рӯз дар ҷойе махфӣ мегардид, ки ҷуз яке-ду нафар аз ҳамкоронаш ҳеҷ кас аз маҳалли иқоматаш намедонист. Ғолибан фақат коко Тоҷиддини ёвараш медонист. Яке аз ҳамин махфигоҳҳои Масъуд хонаи зобит Ночор буд. Ин ки дастгоҳи истихборот чӣ гуна дар хонаи Ночор роҳ ёфта буд ва ё ангезаи зобит Ночор барои ин кор чӣ буд, баъд маълум

мешавад. Ҳар чӣ буд, Масъуд аз тамоми ҷараён иттилоъ дошт. Барномаи қатли Масъуд чунин тарроҳӣ шуда буд: ҳангоме ки Масъуд ба хонаи Ночор меояд, тавассути як мил туфангчаи бесадо, ё додани заҳр ба қатл расонда шавад. Масъуд, ки аз тамоми ин ҷараён огоҳ аст, то замоне ки туфангча ва заҳр ба зобит Ночор нарасида, ҳеҷ аксулъамале аз худ нишон намедиҳад.

Нигоранда қисмати ахири ин моҷароро аз забони худи Масъуд чунин ба хотир дорад: «Вақте хабар шудам, заҳру туфангча ба зобит Ночор расида, монанди гузашта ба хонааш рафта, тибқи одат каме варзиш кардам. Баъд шир хостам. Вақте Ночор пиёлаи ширро наздам гузошт, аз ӯ пурсидам: «Дар шир чизе наандохта бошӣ!» Худро гӯл зада гуфт: «Шири тоза ва хуб аст». Бори дигар такрор кардам: «Дар шир чизе наандохтаӣ?» Каме ворхато шуд. Гуфтам: «Бирав, туфангча ва заҳреро, ки бароят доданд, биёвар!» Рангаш сафед гашт ва худро ба дасту пойи ман андохт.

Нигоранда инро ҳам аз Масъуд ба хотир дорад, ки гуфт: «Агар ман чигунагии бохабар шудан аз ин тавтеаро (сӯиқасд) бинависам, шоҳкори корҳои иттилоъотӣ хоҳад буд».

Ба ҳар ҳол Масъуд ин шахсро ҳам мавриди афв қарор дод ва ӯ то навиштани ин китоб зинда аст.

Он чӣ боиси тааҷҷуби ман гардид, ин буд, ки дар дувумин солгарди шаҳодати Аҳмадшоҳи Масъуд, ки конфронсе дар ҳутали «Континентал»-и Кобул ба ибтикори бунёди «Шаҳиди Масъуд» баргузор гардида буд, китобе ба нигоранда доданд ба номи «Уқобҳои Помир», навиштаи оқои Аҳмадшоҳи Фарзон. Нигоранда оқои Фарзонро як бор дар соли 2000 дар Тоҷикистон дид, ки руйи таҳияи китоби «Марде устувор ва...» кор мекард. Оқои Фарзон аз нависандагони хуб ва заҳматкаши кишвари мост, ки чандин рисола ва китоб дорад.

Оқои Аҳмадшоҳ Фарзон дар «Уқобҳои Помир» дар сафаҳоти 504 ба баъд ҷараёни болоро ба шакли як гуфтугӯ зикр мекунад ва ин ки Масъуд барои дастгирии зобит Но-

чор–Фаҳим (инак, Вазири дифоъ), Бисмиллоҳ (инак, раиси Ситоди кулл), доктор Абдуллоҳ (инак, Вазири хориҷа), Қонунӣ (инак, Вазири маориф) ва нигорандаи ин сутурро муваззаф мекунад. Сипас, ҷараёни дастгирии зобит Ночорро, тавре ки қаблан гуфтем, баён мекунад. Ҷолиб ин ки дар ин ҷо ҳам пойи як духтар ба номи Билқис ва як ошиқ дар миён аст.

Паноҳ ба Худо аз ин ишқ.

Бояд бигӯям, ғайр аз Бисмиллоҳхон, ки бисёр мутмаин нестам, иштироки ашхоси дигар, ки нависандаи китоби «Уқобҳои Помир» ном бурда, дар дастгирии зобит Ночор комилан дур аз воқеъият аст. Кош бо худи Ночор сӯҳбат мекарданд ва ҳақоиқро менавиштанд, ки иншоаллоҳ ин корро хоҳанд кард.

Ҳанӯз, ки мо зиндаем, дар бораи мо чунин менависанд, Худо медонад, пас аз мо чӣ хоҳад шуд.

## ШӮРО

Яке аз рамзҳои муваффақияти Масъуд дар шӯро буд. Қаблан аз се шӯро– Шӯрои мардум, уламо ва фармондеҳон ном гирифтам. Аъзои ду шӯрои аввал бештар тавассути худашон интихоб мегардид. Аммо аъзои шӯрои фармондеҳонро ғолибан худаш интихоб мекард. Кӯшиш мекард, касонеро дар ин шӯроҳо ҷамъ кунад, ки соҳиби назар бошанд. Бо тавсеъаи манотиқи таҳти контролаш бар теъдоди шӯроҳо афзуда мешуд. Чунон ки бо озодии вилоёт шӯрои вилоёт ба вуҷуд омад. Маҷмӯъаи ин шӯроҳоро тавассути як шӯрои дигар ба номи шӯрои наззор раҳбарӣ ва идора мекард. Шӯрои наззор органи раҳбарии манотиқи таҳти кантроли Масъуд буд. Вале аз ҳамон оғоз бо бадгумонии раҳбарии Ҷамъияти Исломӣ, созмоне, ки Масъуд ба он таалluқ дошт, мувоҷеҳ шуд. Фикр мекунам, Масъуд дар ташкили Шӯрои наззор бо Устод Раббонӣ дақиқ машвара накарда буд. Аз назари ман ташкили чунин Шурое як зарурат буд. Зеро марокизи раҳбарии ҳама дар беруни

Афғонистон буд. Ва камбуди раҳбарӣ дар дохил ҷиддан ҳис мешуд. Аммо номи ин шӯро ба таври табиӣ ин гумонро, ки Масъуд дар фикри ба вуҷуд овардани як созмони ҷадид аст, тақвият мекард, дар ҳоле ки номи мукаммали ин Шуро чунин буд: «Шӯрои наззори Ҷамъияти исломии Афғонистон». Ба ҳар ҳол Шӯрои наззор дастовардҳои муҳимме дошт.

Шӯро муваффақ гардид: неруҳои Ҷамъияти Исломӣ дар шимол, шарқ, шимолу шарқ ва шимоли Кобулро фаъолтар ва ҳамоҳангтар кунад ва як соҳаи васеъи якдастро ба вуҷуд биёварад, ки барои стратегияи Масъуд як зарурат буд.

## МАСЪУД ВА ТАСАВВУФ

Ман аввалин бор назари Масъудро дар мавриди тасаввуф замоне фаҳмидам, ки писари Мавлоно Файзонӣ–Боқӣ Биллоҳ (машҳур ба Абдуллоҳи Мазҳабӣ) дар соли 1986 ҳайате дунафарӣ назди Масъуд фиристода буд, то таваҷҷӯҳи Масъудро ба фаъолиятҳояшон ҷалб кунад. Мавлоно Файзонӣ аз муборизини зидди ҳукумат дар замони шоҳ буд, ки баъдҳо дастгир шуд ва тавассути ҳукумати коммунистӣ ба шаҳодат расид. Машраби сӯфигарӣ дошт ва навиштаҳо ва осоре ҳам аз ӯ боқӣ мондаанд.

Масъуд баъд аз таъоруфи маъмул аз фаъолиятҳои онҳо пурсид.

Ҳайат гуфт: «Дар ду арсаи ҷиҳоди асғар ва акбар[1] фаъолият доранд. Дар дохили Афғонистон теъдоде муҷоҳидин доранд, ки бо шӯравиҳо дар ҷиҳоди асғар машғуланд ва иддае ҳам дар Пешовари Покистон дар маконе ба номи «Мадрасаи Қуръон» машғули ҷиҳоди акбар, яъне тазкияи нафс ва мубориза бо шайтонанд. Масъуд гуфт: «Шунидам, ки дар мадрасаатон намозро ба забони форсӣ мехонед, ин чӣ иллат дорад?» Гуфтанд: «Қуръон дорои маъонӣ аст ба забони арабӣ ва чун форсизабонон онро намедонанд, дар тағйири

[1] Пайғамбари ислом ҷанг бо кофиронро ҷиҳоди асғар (кӯчак) номид ва ҷанг бо нафси худро ҷиҳоди акбар (бузург) номид.

нафсашон таъсир надорад». Ва далел овард, ки Худованд фармуда, намоз инсонро аз фаҳшо ва мункар боз медорад. Пас чӣ сабаб аст, ки мусалмононе дорем, ки ҳам намоз мегузоранд ва ҳам мункарро анҷом медиҳанд. Изофа кард, ки мазҳаби ҳанафӣ ҳам онро иҷоза додааст. Масъуд гуфт: «Мазҳаби ҳанафӣ дар мавриди касе, ки тоза мусалмон шуда ва намоз бар ӯ фарз гардида ва фурсате барои омӯхтани намоз ба нисбати тангии вақт надошта, гуфта, ки агар намозро ба забони аҷамӣ (ғайри арабӣ) бихонад, намоз– дуруст аст, на ин ки ин ҳукми шаръ аст, ки барои фаҳми беҳтари ҳикмати намоз–ҳар кӣ намозро ба забони бумии худаш бихонад. Тасаввур кунед, агар намоз дар ислом ба садҳо забони мухталиф хонда мешуд, аз ислом чӣ сохта мешуд?» Сипас, Масъуд пурсид: «Дар мадрасаатон Қуръонро тадрис мекунед?» Гуфтанд: «Қуръонро тадрис намекунем, аммо китобҳоеро тадрис мекунем, ки маъониеро аз Қуръон гирифтаанд ва муъодили Қуръонанд!» Масъуд пурсид: «Кадом китобҳо?» Гуфтанд: «Масалан, «Маснавӣ»-и Мавлоно Ҷалолиддин». Масъуд ҳангоми ғазаб гулгун мешуд ва рагҳои пешониаш барҷаста мешуданд. Дар ҳоле, ки аз суханони онҳо бисёр ба ғазаб омада буд, гуфт: «Агар меҳмон набудед, ба хотири ин гуфтатон ба шумо чизҳои сахте мегуфтам. Аввалан аз Худованд ба хотири ин суханонатон талаби мағфират кунед, зеро Қуръон каломи Худованд аст ва калом сифати бори Таъолост. Ва сифоташ мутлақанд ва муъодил надоранд. Ва сониян, саломи маро ба калонатон бирасонед ва бо ӯ бигӯед, ман ба зудӣ ду нафар намояндаи худро наздаш мефиристам, то бо ӯ сӯҳбат кунанд. Ман ба шумо тавсия мекунам, ки аввал улуми шаръиро хуб биёмӯзед, баъд ба тариқат бипардозед».

Баъд аз муддате нигоранда ва Ҳусайнро ба Покистон фиристод ва гуфт: «Се нуктаро аз онҳо бипурсед: аввал ин ки чаро намозро ба забони форсӣ мехонанд? Дувум ин ки дар бораи рӯҳ назарашон чист ва ин рисолае, ки мунташир кардаанд, навиштаи кист, ки бештар аз Пайғамбари Худо салаллоҳу ъалайҳи васаллам дар бораи рӯҳ медонад? Ва

саволи ахир ин ки писари Мавлоно иддаъо дорад, ки падараш Маҳдии охирзамон аст, далоилаш чист?»

Бо Масъуд худоҳофизӣ кардем. Дар зимистоне сард ва аз тариқи кӯҳҳо ҷониби Покистон ҳаракат кардем. Баъд аз таҳаммули машаққатҳои роҳ ба шаҳри Пешовар расидем. Ногуфта намонад, Ҳусайн, ки бо ман ҳамсафар буд, ҳудуди чанд моҳро дар ҳамин мадраса сипарӣ карда буд ва фақат чанде қабл ба далоили мушобиҳе он ҷоро тарк карда буд.

Ҳусайн рӯзи мулоқотро танзим кард ва ба дидани «Мадрасаи Қуръон» ва Боқӣ Биллоҳ – муршиди он рафтем. Моро ба утоқе раҳнамоӣ карданд, ки дар он чанд тан аз иродатмандон он ҷо нишаста буданд. Муддате мунтазир мондем, то писари Мавлоно дохил шуд. Ҳама ба эҳтиром бархостанд ва мо низ бархостем. Нишаст ва таъоруф кард. Ҷавоне ҳудуди сӣ сол, қадбаланд, айнакҳои сиёҳ, либосҳои сиёҳ бо андоме лоғар.

Ман билофосила ба сухан оғоз кардам ва саломи Масъудро ба ӯ расондам ва ин ки Масъуд бо падари Мавлоно ошно аст ва чанд сухани дигар, ки ҳукми муқаддимаро дошт. Ба дунболи он гуфтам, ки Масъуд аз шумо се савол дорад. Саволи аввалро матраҳ кардам: «Чаро шумо дар ин ҷо намозро ба забони форсӣ мехонед?»

Шурӯъ кард ба сухан гуфтан ва шогирдон ҳама саропо гӯш шуданд, то аз ин сарчашмаи «Илми ладунӣ»[1] сероб шаванд. Аммо дарвоқеъ кадом нуктаи тозайе ғайр аз он чӣ намояндагонаш гуфтанд, надошт. Саволи дувумро тарҳ кардам ва он ин ки Пайғамбари Худованд салавотуллоҳ ва саломъалайҳ, чунон ки дар нассу ҳадис ҳам вароҳат дорад,[2] худи эшон дар бораи рӯҳ илми андаке доштанд, шумо аз куҷо дар бораи рӯҳ ин қадар бо ҷузъиёт медонед, ки рисолае навиштаед ва дар он тамоми ҷанбаҳо ва кайфу кони рӯҳ сухан гуфтаед? Дар ҷавоб аз илми ладун, ки Худованд онро ба бандагони хеш бидуни касб ва танҳо ба воситаи

---

[1] Илме, ки Худованд ба сабаби парҳезгорӣ ба мардум медиҳад.
[2] Возеҳу равшан аст.

тазкияи нафс ато мефармояд, сухан гуфт ва ин ки соҳибони илми ладун ба иҷозаи Худованд зиёдтар аз паёмбарон медонанд ва достони Мӯсо ъалайҳиссалом ва ба гуфтаи худаш, ҳазрати Хизрро мисол овард. Лозим набуд, ки дигар вақти худро барои шунидани далойили заъифи ӯ зоеъ мекардам. Саволи севвумро пурсидам: «Қарори иттилоъ, шумо иддаъо доред, ки падари шумо Маҳдии охирзамон аст ва ба ҳамин зудиҳо зуҳур хоҳад кард. Дар рамазони имсол ва соли гузашта шогирдонатонро водор мекардед чанд рӯз ҷилави дари мадраса биистанд, ки падаратон Маҳдӣ аст ва зуҳур хоҳад кард. То ҷое, ки ман медонам, имом Маҳдӣ дар наздикии охируззамон зуҳур хоҳад кард ва бисёр шабоҳатҳо ба расули Худо салаллоҳу ъалайҳи вассалам дорад: номаш Муҳаммад аст, ибни Абдуллоҳ, қурайшӣ, ҳошимӣ, чеҳрааш ба Пайғамбари мо саллаллоҳу ъалайҳи васаллам шабоҳат дорад ва аз Макка зуҳур хоҳад кард. Аммо номи падари шумо Муҳаммадатоуллоҳи Файзонӣ аст: аз Ҳирот, на қурайшӣ, на ҳошимӣ ва на чеҳрааш бо он риши мукаммал сафед ба Расулуллоҳ салаллоҳу ъалайҳи васаллам шабоҳат мерасонад. Тоза ин ки зуҳурашро ҳам дар Пешовари Покистон интизор доштед, далоили шумо чист? Ҳангоме ки ман саволи севумро тарҳ кардам, шогирдони устод, ки то ин лаҳза сарҳо ва чашмҳоро ба ҳолати эҳтиром ба пойин андохта буданд, оҳиста-оҳиста сарҳоро баланд карданд ва ман фикр мекунам дар зеҳнашон саволҳое эҷод шуданд, ки ба усули мадраса, ки ихлосро таъкид мекард, фарқ доштанд.

Муршиди мадраса шурӯъ кард ба ҷавоб додан: ва аввал ин ки дар бораи насаби мо шумо бештар маълумот бигиред (яъне мо содотем ва ҳошиминажод, аммо ин ки чаро ин вазифаро ба мо супурд ва дар ҳузури шогирдон тавзеҳе надод, намедонам). Баъд дар мавриди ном: нн ки агар шумо мутаваҷҷеҳ шуда бошед, номи падарам бо Муҳаммад оғоз шудааст. Ва далойиле аз ҳамин қабил, ки қаноъатбахш набуд. Сӯҳбатро дар ҳамин ҷо тамом кардем ва сипас моро ба маҷлиси зикри ҷаҳр (баланд) даъват карданд. Дар рӯи

ҳавлӣ бӯрё ва баландгӯҳо бар сари девор, ки шурӯъ шуд – чашмҳо баста ва даҳон боз. Аммо ман баръакс. Даҳон баста ва чашмҳо боз саҳнаро тамошо мекардам. Билохира тамом шуд ва худоҳофизӣ кардем ва муршид, ки огоҳи ҳол буданд, ҳангоми худоҳофизӣ фармуданд: «Дил монанди ойина аст, ки дар асари содир кардани гуноҳ зангбор мешавад ва ба воситаи зикр пок мегардад, аммо на дар як бор, балки ба такрор».

Муршиди коргоҳ мисли ин ки аз ақиби айнакҳои сиёҳ маро мепойида аст ва мутаваҷҷеҳ шуда, ки чандон шӯру ҳоле надорад!

Ба Афғонистон баргаштам ва ҷараёнро ба Масъуд гуфтам. Медонед, чӣ гуфт: «Мавлоно Файзонӣ аз мубориздини зидди ҳукумати шоҳӣ ва Довуд буд. Афкори сӯфигароёна дошт ва аҷибу ғариб. Китобхонае дар ақиби масҷиди Пули Хиштии Кобул дошт ва китобҳои худро аз он тариқ пахш мекард. Яке аз корҳои хубе, ки Ҳикматёр кард, ҳамин буд, ки як рӯз дар ҷамъ ба ҳамаи мо гуфт, ки «Ин афкор ва китобҳои Мавлоно Файзонӣ бо рӯҳияи ислом тафовути зиёде дорад ва вуҷудашон ба зарари мусалмонон аст. Биёед, коре кунем, ки ин китобҳоро ба тариқе ҷамъ кунем. Назари ман ин аст, ки ҳар як аз бародарон аз вай чанд китоб бигирад ва барнагардонад». Ҳама мувофиқат карданд. Ҳар кас рафту чанд ҷилд китоб аз ӯ гирифт ва мутобиқи қарор, барнагардондем, то китобхонааш сукут кард».

Ҳангоме ки ин достонро нақл мекард, аз худ пурсидам: дар сурате, ки Масъуд ин қадар шинохт дар бораи ӯ дошт, пас чаро моро ба ин сафари дуру пурмашаққат дастур дод? Аз ӯ напурсидам: чаро? Ин аз печидагиҳои шахсияти Масъуд буд.

Аммо Масъуд сӯфиёни соф ва нософро аз ҳам бозмешинохт ва бо онҳо тамос дошт. Аз ҷумла метавонам аз Маланги Дарбанд ва Маланги Парён ном бибарам. Маланги Дарбанд аз муридони сӯфии машҳур ба Сӯхта Маланг аст, ки зиёрати ӯ дар Гулбаҳор дар даҳанаи Панҷшер қарор дорад. Маланги Парён (Парён охирин қаряи Панҷшер), сӯфии

обиде аст, ки 25 сол мешавад, дар миёни қабре дар қабристони маҳал хонагаке дорад ва дар он ҷо зиндагӣ мекунад. Гоҳ-гоҳ аз он ҷо берун мешавад. Ӯ бо Масъуд иртиботи давомдор дошт ва онҳо мулоқотҳои ду ба ду доштанд.

Масъуд иртиботи хешро бо ин навъ сӯфиён махфӣ медошт ва гоҳ-гоҳ аз онҳо нақли қавлҳое мекард.

Бояд ин нуктаро ҳам ёдоварӣ кунам, ки иддайе аз ҳамин сӯфиён Масъудро муршиди худ медонистанд ва умедворам касоне, ки дар ин бора бештар медонанд, қалам бардоранд ва бинависанд.

## ОМӮХТАН

*Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,*
*Ҳеҷ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.*

Арсаи омӯзиши ӯ ва ҳирси ӯ барои омӯхтан ҳеҷ ҳадду марзе намешинохт. Иштиҳои аҷибе барои омӯхтан дошт. Ҳангоме ки сухан дар бораи улуми ҷадиде мерафт, алоқаи ӯ чанд баробар мешуд. Ағлаб бо касоне, ки аз хориҷи кишвар ба мулоқоти ӯ меомаданд, соатҳо ба баҳсу гуфтугӯ мепардохт. Ва аз охирин пешрафтҳои башарият мутталеъ мегардид. Иттилоотро фурӯ мебурд ва ба он зиёдтарин аҳамиятро медод. Шабакаҳои иттилоотии ӯ васеъ буд ва барои шунидани иттилоъот ҳамеша омода буд. Ва мегуфт: «Вақте иттилоъ нодуруст ва нокомил бошад, қазовати қозӣ ҳам нодуруст ва нокомил хоҳад буд». Ба ҷузъиёт алоқаманд буд ва то ҷое ба он расидагӣ мекард, ки мо фикр мекардем, аз корҳои куллӣ боз мемонад ва гоҳе ҳам чунин мешуд.

Масъуд донишҷӯи ҳамешагии мактаби зиндагӣ ва ё ба таъбири Рӯдакӣ «гузашти рӯзгор» буд. Ӯ муътақид буд, инсон бар муҳит таъсир меандозад ва таъсир мепазирад. Интиқоли таҷрубро ташвиқ мекард ва ба таҷруби дигарон диққат мекард. Ин дар арсаи низомӣ танҳо набуд, балки тамоми бахшҳои ҳаётро дар бар мегирифт. Иштирок дар маҷлиси ӯ омӯзанда буд ва рангоранг. Зеро аз ҳар дарс сухане ба миён меовард ва ба мавзӯъот амиқ мепардохт. Иҷоза

диҳед бо зикри хотирае ин баҳсро ба поён барам.

Дар солҳои 85 то 87 ман фармондеҳи як гурӯҳи аслиҳаи сангин будам. Албатта, вақте аслиҳаи сангин мегӯям, манзур он силоҳҳое аст, ки мо дар ҷанги партизанӣ истифода мекардем. Ин силоҳҳо дарвоқеъ чандон ҳам сангин нестанд ва мешавад онҳоро бар шона ё тавассути ҳайвонот ҳамл кард. Мо ҳангоми сафарҳои дур ё амалиётҳо то наздикии мавзеъ аслиҳаи сангинро тавассути ҳайвонот, ки ғолибан улоғ (хар) мебуд, интиқол медодем. Дар амалиёти фатҳи Толиқон–маркази вилояти Тахор, ки дар соли 1988 сурат гирифт ман ба мушкиле бархӯрдам, ки бароям тозагӣ дошт. Ҷараён аз ин қарор буд, ки мо ба қатори тӯлоние аз улоғҳо, ки бар онҳо аслиҳаи сангин бор буд, бояд шабона дар наздикии пустаҳои душман ҷо ба ҷо мешудем ва то асри рӯзи дигар, ки амалиёт оғоз мегардид, мунтазир мемондем. Коре буд пурхатар ва кӯчактарин иштибоҳ на танҳо амалиётро ифшо ва ба нокомӣ мувоҷеҳ мекард, балки ҷони ҳамаро ба хатар низ меандохт. Шабҳангом буд ва мо қаторе аз улоғ бо худ доштем. Теъдоди улоғҳо ба беш аз яксадто мерасид ва аслиҳаи мо бар рӯи онҳо бор буд. Масъулини ҳар силоҳ мувваззаф буд, то бо силоҳашон, ки бар рӯи чанд улоғ бор буд, як ҷо ҳаракат намоянд. Барои идораи умумӣ Иброҳими муовини ман дар аввали қатор қарор дошт ва ман дар охири он. Қатор ба оромӣ дар ҳоли ҳаракат буд. Ва ҳар чанд гоҳ сактагиҳое дар ҳаракат рух медод ва ин иллати каҷ шудани бор мебуд, ки дар сарошебии роҳҳои кӯҳистонӣ бештар иттифоқ меуфтад. Идораи як қатори тӯлонӣ дар торикии як шаби оддӣ кори бисёр мушкиле нест, аммо вақте аз соҳаи душман убур сурат мегирад ва муҳимтар аз он дар наздикии душман бояд ҷо ба ҷо шавад ва то лаҳзаи ҳуҷум ифшо нагардад, корест бисёр душвору ҳассос. Ҳар навъ сактагӣ дар бахше аз қатор сабаб мешуд, ки ҳама қаторро мутаваққиф созем. Зеро ақиб мондани як қисмат эҷоб мекард, ки як нафар роҳнамои изофӣ бо он мувваззаф гардад. Аввалан мо ба ин теъдод раҳнамо надоштем ва дувум ин ки идораи ҳамчу коре бисёр мушкил мебуд. Қатор ба оҳистагӣ дар ҳаракат буд ва мо дар ҳассостарин нуқта расида будем. Ҷое, ки бо душман ҳудуди шашсад метр

фосила доштем. Дар ҷанг осебпазиртарин замон барои як гурӯҳи ҷангӣ замонест, ки дар ҳолати сафарбарӣ бошад. Корвонҳои зиреҳӣ бо тамоми ҳимояти ҳавоӣ ва ғайра дар чунин ҳолат осебпазиранд, чи расад ба қатори мо, ки муташаккил буд чанд улоғи безабону аслиҳа ва мармӣ бидуни ҳеҷ навъ пӯшиш. Инак, аз муқобили душмане, ки дохили мавзеъҳои мустаҳкаме қарор доштанд, мегузаштем. Кӯчактарин иштибоҳ паёмадҳои ғайриқобили пешбинӣ дошт.

Одам сангинии як масъулиятро дар ҳамчу ҳолат дарк мекунад. Нафас дар синаҳо ҳабс буд ва садои зарабони қалби худро мешунидем. Ман тамоми энержӣ ва таваҷҷӯҳи худро дар чашмҳо ва гӯшҳоям мутамаркиз карда будам, то ҳодисае рух надиҳад, ки ногаҳон садои пойи яке аз бачаҳоро, ки бо суръат ба ман наздик мешуд, шунидам. Аҳмақона буд, агар фикр мекардам, хабари хуше бароям дорад. Дар ҳоле ки барои ёфтани ман чашмҳои худро то ҳадди мумкин боз карда буд, сарашро пеш оварда гуфт:

– Қумондон соҳиб, қумондон соҳиб! Хари мо мехост ҳанг бизанад, бо заҳмат тавонистем ҷилавашро бигирем.

Пурсидам:

– Чӣ тавр?

Гуфт:

– Аввал даҳонашро маҳкам гирифтем, нашуд, ночор ӯро бо қундоқи туфанг задем.

Баъд пурсид:

– Мо чораи хари худро кардем, аммо агар харони дигар ҳанг заданро сар кунанд, чӣ кунем?

Гиҷ шуда будам. Чунон ки баъзеҳо мегӯянд, ин ҷояшро дигар нахонда будам.

Гуфтам:

– Биравед, биравед, як коре кунед!

Аз он лаҳза нигаронии зиёде маро фаро гирифт. Ҳар лаҳза фикр мекардам: яке аз ин харҳои лаънатӣ даҳани берехти худро ба ҳаво баланд мекунад ва биёву тамошо кун. Барои хонандагоне, ки дар ин бора маълумот надоранд, бояд бигӯям, ки дар урфу одати харон чунин аст, ки агар ду миллион хар дар ҷое ҷамъ бошанд ва яке аз онҳо шурӯъ ба

ъар задан кунад, ҳамаи онҳо аз аввалӣ пайравӣ хоҳанд кард. Агар чандтое ҳам пайравӣ накунад, дар хар буданашон бояд шак кард. Ба ҳар ҳол он ҳолат бидуни ҳеҷ ҳодисае, ки ҳатто фикр кардан дар бораи он мӯ бар андомам рост мекард, гузашт ва баъд аз хатми амалиёт рӯзи натиҷагирӣ фаро расид.

Дар кори Масъуд ин қоидаи билотағйир буд, ки баъд аз ҳар амалиёт ҷаласаи натиҷагирӣ баргузор мешуд ва тамоми ҷанбаҳои амалиётро ба баррасӣ мегирифт. Таҷоруб интиқол меёфтанд ва нукоти мусбату манфӣ ёдоварӣ мегардиданд.

Дар ҷаласаи натиҷагирии баъд аз ҳамин амалиёт буд, ки мавзӯи ҳанг задании харҳо матраҳ гардид ва ин ки чӣ гуна аз он боист ҷилавгирӣ кард.

Масъуд ба назархоҳӣ пардохт ва назариёти мухталифе дода шуд. Дар ин асно яке аз афроди гурӯҳам иҷозаи сухан гуфтан хост. Номаш Ҳабибуллоҳ ва як толиби мадраса буд, ки тоза ба гурӯҳ узвият ёфта буд. Як писари рустоии содадил, ки ағлаб суханони содалавҳона мегуфт ва сабаби хандаи бачаҳо мегардид.

Инак, ки дар ҳузури Масъуд даст баланд кард, то иҷозаи сухан гуфтан бигирад. Аз чанд ҷо дастури «Ба ҷоят бишин» баланд шуд. Масъуд фавран мутаваҷҷеҳ шуд ва гуфт:

– Бигузоред, бигӯяд!

Ӯ аз ҷо баланд шуд ва гуфт:

– Омир соҳиб! Ба хотири ҷилавгирӣ аз ҳанг задании харҳо мо бояд аз харони мода истифода кунем!

Ҳарфҳои дигараш миёни шиллики хандаи бачаҳо гум шуданд. Масъуд дар ҳоле, ки чеҳрааш аз табассум гулгун шуда буд, гуфт:

– Хомӯш бошед!

Сипас пурсид:

– Чаро хари мода?

Дар посух гуфт:

– Ҷаноб, ба хотире, ки хари мода ҳанг намезанад!

Ва бори дигар шиллики ханда бар маҷлис ҳукмфармо гардид. Масъуд дар ҳоле, ки худ низ ба ханда уфтода буд, ҳамаро ба хомӯшӣ даъват кард ва пурсид:

– Яъне чӣ? Хари мода ҳанг зада наметавонад ё

намехоҳад?

Мулло гуфт:

– Ҷаноб! Хари мода аз рӯи хилқат ва асосан ҳанг зада наметавонад!

Он гоҳ Масъуд рӯ ба дигарон карду гуфт:

–Ҳеҷ гоҳ касеро дасти кам нагиред. Ҳавсалаи шунидан дошта бошед. Ӯ дарси муҳимме ба мо дод.

Ва дар ҳоле, ки ҳанӯз механдид, онро ёддошт кард.

Масъуд рост мегуфт. Ӯ дарси бузурге ба мо дод: хари мода ҳанг намезанад.

## 2. АФҒОНИСТОН

Масъуд тасвири воқеъии Афғонистони навин буд. Ба гуфтаи худаш: Афғонистони қавӣ, муттаҳид, озод, дорои як ҳукумати марказӣ ва мунтахаб.

Ӯ кишварашро сахт дӯст дошт ва ба он меандешид. Ононе, ки бо Масъуд як бор мулоқот карда бошанд, ин гуфтаи маро тасдиқ мекунанд. Ӯ муътақид буд, Афғонистон аз нуқтаи назарҳои мухталиф қобилият ва зарфияти онро дорад, ки кишваре мураффаҳ бошад: таърих, миллат, сарзамин, мавқеъияти ҷуғрофиёии муносиб ва манобеи табиӣ. Он чӣ ҳамеша Афғонистон аз надоштани он ранҷ бурда, як ҳукумати миллӣ ва одил аст. Ба назари Масъуд: Афғонистон аз дидгоҳи хориҷӣ борҳо фидои мавқеъияти ҷуғрофиёии худ гардид ва дар дидгоҳи дохилӣ фидои ҳукуматҳои ғайримиллӣ.

Ӯ мегуфт: «Афғонистон як кишвари чандқавмӣ аст ва ҳама ақаллиятҳо бояд нақши мутаносиб бо дарсадии нуфузи аҳолии худ дар таъйини сарнавишти кишвар дошта бошанд. Роҳи расидан ба чунин ҳукуматеро демукросӣ медонист. Бояд ин нуктаро ҳам тазаккур диҳам, ки Масъуд то он ҷое демукросиро меписандид, ки бо ислом таноқуз (мухолифат) надошта бошад. Зеро ӯ тарафдори як низоми исломии мӯътадил буд. Ва албатта, байни ин ду навъ низом як тафовути асосӣ вуҷуд дорад ва он ин ки дар демукросӣ ва

низомҳои демукротик манбаи қонунгузорӣ мардум аст. Аммо дар низоми исломӣ манбаи қонунгузорӣ шариъат аст. Таври мисол, дар як низоми демукротик мешавад нӯшидани нӯшобаҳои алкулиро ба ҳамапурсӣ гузошт. Ва бинобар раъйи аксарият онро муҷоз ё мамнӯъ кард. Аммо дар низоми исломӣ давлат ҳаққи ҳамапурсиро дар ин мавриd надорад. Зеро ин қонун ва басо қавонини дигар дар ислом қобили тағйир нест. Ба иборати дигар: дар низоми демукротик инсон қонунро вазъ (ҷорӣ) мекунад ва дар низоми исломӣ Худо. Албатта, қавонине дар ислом вуҷуд дорад, ки демукросӣ бо он мутобиқат мекунад.

Масъуд тарафдори иқтисоди мубтанӣ бар бозори озод буд. Ӯ эътиқод дошт, ки мудохилаи тамомиёри давлат дар бозор ҷилави талош ва ибтикоротро мегирад. Ва коммунизмро мисол медод. Худи ӯ дар соҳаи таҳти кантролаш. ҳарчанд ба иллати ҷанг ҳам чандон такопӯи иқтисодӣ ва тиҷоратӣ надошт, ҳеҷ гоҳ мудохила накард. Вале ҳамеша мутаваҷҷеҳи он мебуд.

Бар манобеъи ъойидотӣ (даромад) як дарсадии муайяне аз маҳсул вазъ карда буд, дар ҳусули (дарёфти) он сахтгирӣ намекард. Таври мисол, аз авойиди зумуррад, ки дар дараи Панҷшер қарор дошт, даҳ дарсад маҳсул ахз мегардид (гирифта мешуд), ки он ҳам баъд аз фурӯш дар маҳал буд. Аммо бисёре аз соҳибони ин сангҳо пардохти маҳсулро ба шакли қарза мегузоштанд, ки баъдан агар пардохта ҳам намешуд, мутахаллиф таҳти кадом пайгарди (таъқиб) шадид қарор намегирифт ва кумитаи мувazzаф ба ҷамъоварии даромад ба додани огоҳинома басанда мекард. Ин ки баъзеҳо тасаввур мекунанд, ки Масъуд масрафи ҷангро аз фурӯши сангҳои қиматбаҳо ба даст меовард, комилан беасос аст. Зеро то соли 2000 мелодӣ даромад бар тавре буд, ки гузашт ва ман ҳатто як бор ҳам ёд надорам, ки даромади маҳсули зумуррад дар бахши низомӣ ба масраф расида бошад. Ҷабҳа масорифи дигаре дар бахшҳои ғайринизомӣ дошт, ки ин даромад дар он ҷо ба харҷ мерасиданд. Фақат дар соли 2000 буд, ки Масъуд бо як ширкати пуландӣ (полякӣ) қарор гузошт зумуррадро ба фурӯш бирасонад. Он ҳам аз мардум

бояд харидорӣ мешуд ва ба онҳо ба фурӯш мерасид. Нафъи бештари ин муомила ба мардум буд. Зеро бо тасаллути толибон бар ҷануби кишвар роҳи интиқоли сангҳои қиматӣ, ки дар ду даҳаи ахир аз тариқи Покистон сурат мегирифт, масдуд шуд ва Масъуд муваффақ гардид, то роҳи дигаре барои мардум боз кунад. Аммо ин муъомила ҳам беш аз як сол давом накард ва ба зудӣ ба бунбаст анҷомид. Зеро ширкати мазкур аз идомаи харидорӣ даст кашид ва узр овард, ки мутахассиси онҳо ҳангоми харидорӣ дар таъйини нарх иштибоҳ кардааст.

Яке аз манобеи авойид (даромад) дар Афғонистон гандум аст, ки мутобиқи қавонини исломӣ ҳар соҳибзамин даҳ дарсади онро ба ҳукумат бояд бипардозад. Дар даврони ҷиҳод, ки ҳокимияти давлатӣ вуҷуд надошт ва ҳокимиятҳои маҳаллӣ ба раҳбарии фармондеҳон арзи вуҷуд карданд, андозаи пардохти ин маҳсул ҳам марбут мешуд ба ин ки як фармондеҳ чӣ қадар соҳаро метавонад дифоъ ва ҳаросат намояд. Мутобиқи соҳаи нуфузи фармондеҳон даҳяки гандум ва сойири ғалладонаро ҷамъоварӣ мекарданд. Ба идомаи ҷанг садамаи шадиде ба зироат, системаи обёрӣ, нақлу интиқолот ва муносибати бозаргонӣ расид. Муҳоҷирати мардум аз як ҷо ба ҷои дигар ва дур шудан аз сарзамин, ба иловаи таҳриби майдонҳои кишт, ки тавассути шӯравиҳо ва неруҳои давлатӣ ба интиқоми ҳамкории деҳқонон бо муҷоҳидин сурат мегирифт, ба таври васее тавлиди гандумро коҳиш дод. Дар чунин ҳолат Масъуд аз ҷамъоварии даҳяки гандум чашмпӯшӣ кард, то кӯмаке ба мардум карда бошад. Бар иловаи он Масъуд бо вуҷуди машғулияти ҷангӣ ба сохтани ҷодаҳо, клиникҳо, мактабҳо ва тармиму бозсозии ҷӯйҳо ва каналҳо ва ғайра мепардохт. Дар ин бахшҳо корҳои ӯ қобили таваҷҷӯҳанд. Ва ҳамин акнун клиникҳо ва макотибе, ки дар манотиқи зери контролаш ба дастури ӯ таъсис шуда буданд, мавриди истифодабарӣ қарор доранд.

Масъуд аз он ҳам пештар рафта, ба ҳифзи муҳити зист таваҷҷӯҳ дошт ва ин дар шароите буд, ки ҷанг ба ҳарчӣ зист мекард, дар душманӣ буд. Масъуд қатъи дарахтони мевадору тоза, писта ва ҷангалоти ваҳшӣ ва сайди моҳиёнро бо ис-

тифода аз норинҷак ва сойири маводи тарканда мамнӯъ қарор дода буд. Боз бояд таъкид кунам, ки Масъуд дар сахттарин ҳолоти ҷанг ба ин умур расидагӣ мекард ва шабакаҳои иттилоотии ӯ тахаллуфотро ба зудтарин фурсат ба иттилоаш мерасонданд. Зикри хотирае дар поёнии ин баҳс беҷо нахоҳад буд.

Дар дараи Фархори Афғонистон, ки марбути вилояти Тахор аст, дарёе ҷорист, ки сарчашмааш бо кӯҳҳои Бадахшон ва Панҷшер ҳамсоягӣ дорад. Дар ин дарё моҳие ба номи моҳии холдор зиндагӣ мекунад. Алҳақ ин моҳӣ аз лазизтарин моҳиҳои олам аст. Шояд иддайе, ки кишварашон бо баҳр робита дорад ва анвои моҳӣ доранд, ин суханро газофае беш надонанд ва ё ҳамл бар ноогоҳии ман аз анвои моҳӣ кунанд, ки албатта, то ҷойе инро ҳам мепазирам. Магар бисёре аз меҳмонони хориҷии мо ҳам, ки аз он моҳӣ хӯрдаанд, ин иддаъои маро тасдиқ кардаанд. Моҳии холдор моҳии нисбатан кӯчаке аст, ки ранги тақрибан сиёҳ бо синаи сафед дорад. Ин моҳӣ ба хотири холҳои зебо ва кӯчаки доиравӣ ба ранги сурх, ки дар пушту паҳлӯяш қарор доранд, ба моҳии холдор мусаммо шуда аст ва фақат дар ду вилояти Афғонистон-Тахор ва Бадахшон ёфт мешавад. Масъуд шикори онро монанди сойири моҳиёни дигар бо истифода аз норинҷак ва сойири маводи тарканда манъ карда буд. Ӯ ин корро қатли оми моҳиён ва биноан, золимона медонист. Чунин мамнуъот дар кишваре, ки шикор ва аспсаворӣ ва нишонзанӣ ҷузъи фарҳанги мардум аст, як миқдор ғайриоддӣ ба назар мерасад. Шикор дар кишвари мо бо навъе хушунат ҳамроҳ аст ва дилсузӣ ба сайд ҳанӯз маъмул нашудааст. Шикор дар кишвари мо аз кӯдакӣ оғоз мегардад, агар дақиқтар бигӯем, аз синни ҳафт ба баъд. Дар ин солҳо бачаҳо гунҷишкро бо тиркаш мезананд ва гарданашро бо санги тез мебуранд. Каме, ки бузургтар шуданд, ҷойи тиркашро туфанг мегирад ва ҷойи сангро теғ. Ва инак, шикори моҳӣ бояд тибқи фармони Масъуд сирф бо шасту кирм, тӯр ва ғайра сурат мегирифт. Фикр мекунед, чунин равиши мутамаддинона, он ҳам дар шароити ҷангӣ, чӣ қадар метавонист тарафдор дошта бошад? Аммо Масъуд ба ин умур

тавадҷӯҳи ҷиддӣ дошт ва мо имрӯз медонем, ки ӯ асоси фардоро мегузошт.

Мо дар дараи Фархор–зодгоҳи моҳиёни хушмаззаи холдор як маркази таълимӣ доштем. Масъулияти он ба дӯши ман буд. Ду-се сад метр пойинтар аз маркази таълимӣ дафотири Масъуд қарор доштанд. Он ҷоро Чамани Хустдеҳ[1] меномиданд. Ин маҳал бо маркази вилояти Тахор, яъне Толиқон ҳудуди 70 километр фосила дорад. Яке аз рӯзҳо, ки Масъуд ба Толиқон рафта буд, иддайе аз муҷоҳидин наздам омаданд ва гуфтанд, ки ҳавои хӯрдани моҳии холдор ба сарашон зада ва мехоҳанд дар маросими шикор ман ҳам бо эшон иштирок кунам. Албатта, мехоҳанд бо норинҷак моҳӣ бигиранд ва гуфтанд, иттилоъ доранд, ки Масъуд ба Толиқон рафта ва ба зудӣ барнахоҳад гашт. Аз қиёфаашон маълум буд, ки тасмими росих доранд ва имкони мутталеъ шудани Масъуд ва паёмадҳои онро ба гардан гирифтаанд. Ва инак, мехоҳанд бо шарик сохтани ман дар ин ҷурм фишорро бар худ камтар кунанд. Дар муқобили як «Ҳал ман мубориз» қарор гирифта будам, зеро даъваткунандагон ҳама дӯстонам буданд, на афроди одӣ. Пас маро ҳам шӯри ҷавонӣ ва моҷароҷӯӣ ба сар заду ба тарафи тангии Варсач, ки тибқи иттилои бачаҳо моҳиён дар он ҷо ҷамъ шуда буданд, бо миқдори маводи тарканда ҳаракат кардем. Амалиёт бояд бо суръат сурат мегирифт ва таҷрибаи мо дар амалиётҳои барқосо бад набуд. Тангии Варсач тангное буд, ки дарё дар он ҷо ба оромӣ ва арзи кам убур мекард. Ғайр аз ман ҳама либосҳоро аз тан дар оварда ва мунтазири андохтани маводи тарканда буданд. Қоидатан инфиҷори мавод садойе намедошт ва сирф як хези об дар маҳалли инфиҷор нишонаи ин буд, ки бояд ба дарё парид ва моҳӣ гирифт. Дар ғайри он моҳиҳоро об бо худ пойин мебурд ва он гоҳ ба даст овардани онҳо коре душвор ва гоҳе ҳатто хатарнок буд.

Масъули инфиҷор ба дарё наздик шуд ва ба оҳистагӣ

---

[1] Ҷойе, ки аввалин музокироти сулҳи тоҷикон бо иштироки Аҳмадшоҳи Масъуд ва Эмомалӣ Раҳмонов – Раиси Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Саид Абдуллоҳи Нурӣ – раҳбари Наҳзати исломӣ доир гардид.

бамбро дар васати дарё партоб кард. Чанд лаҳза мунтазир мондем, то оташи пилта ба маводи тарканда бирасад. Бо баланд шудани об дар васати дарё бачаҳо чанд сонияи дигар ҳам интизор кашиданд, ки аввалин моҳиҳо бар рӯи об зоҳир шаванд. Зеро гоҳе иттифоқ меуфтод, ки чизе ба даст намеомад. Вале ин бор тир дақиқ ба ҳадаф хӯрда буд. Ногаҳон рӯи об пур аз моҳӣ шуд. Росташ, аввалин бор буд, ки ман ҳам чунин моҳии зиёдеро медидам. Бачаҳо бо хурсандӣ ба дарё парида, ба моҳӣ гирифтан оғоз карданд. Маълум мешуд, моҳиҳои бадбахт, ки аз ҳимояти Масъуд мутмаин буданд, ин эҳтимолро, ки рӯзе пайравони ӯ даст ба чунин тахаллуфе бизананд, дар назар нагирифта буданд. Ба ҳамин лиҳоз чунин дар як маҳал ҷамъ шуда, худро ба дом андохта буданд. Бачаҳо аз миёни дарё моҳиҳоро гирифта ва ба тарафи ман, ки дар канори дарё будам, партоб мекарданд. Ва ман аз бозгаштани дубораашон ба дарё ҷилавгирӣ мекардам.

Амалиёт ба суръат ҷараён дошт ва ҳар қадар зудтар ба поён мерасид, имкони хабар расидан ба Масъуд коҳиш меёфт. Имкони ин ки як раҳгузар ҳам боиси ифшо шудани қазия гардад, вуҷуд дошт. Ман ҳар чандгоҳ чашм ба роҳ доштам, то касе моро набинад ва дар дил дуъо мекардам, ки кор ба хубӣ ба поён бирасад. Ман ҳақ доштам, нигарон бошам, зеро масъули маркази таълиму тарбия будам. Ва набояд дар як тахаллуф аз фармони Масъуд иштирок мекардам. Баръакс, ман бояд онҳоро аз ин кор бозмедоштам. Аммо ба ҷойи он инак, худам дар ин амал ширкат мекардам. Бачаҳо дар ҳоли лаззат бурдан аз оббозӣ ва моҳигирӣ буданд. Ва ҷӯшу хурӯши хубе дар миёни тангии дара идома дошт, ки садои он дар деворҳои сангии кӯҳ мепечид ва инъикоси ҷолибе мекард. Ногаҳон чашми ман ба як мутари ҷипи русӣ уфтод, ки аз пойин ба тарафи мо меомад. Инашро ҳаргиз тасаввур намекардам. Чаро Масъуд баргашта буд? Ҳатман кадом тағйире дар барнома омада буд. Чанд сонияе хостам худро қаноъат диҳам, ки на бояд Масъуд бошад. Зеро чанде аз фармондеҳони Толиқон ҳам аз ҳамин навъ чип доштанд. Магар эҳтимоли ин ки Масъуд дар Толиқон бошад ва

фармондеҳон ба дараи Фархор биёянд, бисёр кам буд. Барои фикр кардан ва таҳлили кори огоҳона вақти зиёд надоштам. Бояд коре анҷом медодам.

Ростӣ, тасмим гирифтан ҳангоме, ки ғофилгир шудаӣ, кори бисёр мушкиле аст. Ҳам ба далели камбуди вақт ва ҳам ба хотири саросемагӣ, ки тамаркузи фикриро таҳти таъсир қарор медиҳад. Ба мушкил тавонистам бачаҳоро мутаваҷҷеҳи наздик шудани мутари ҷип кунам. Возеҳ аст, ҳама якбора мутаваҷҷеҳ нашуданд, зеро садои дарё ва хушҳолии онҳо монеъ аз иттилоърасонии якбора мешуд. Аммо ба ҳар ҳол аксулъамал зуд буд ва ҷолибтар, ки яксон. Фикр намекунам, касе дастур дода бошад, ки худро зери об пинҳон кунед. Аммо шароит танҳо ҳамин амалро маъқул ҷилва медод.

Дар ҷанг ҳам чунин аст. Бисёре авқот шароит ба ту ҳукм мекунад, ки чӣ кунӣ, на фармондеҳ. Дар чанд лаҳза саҳна баръакси чанд лаҳзаи қабл дигаргун шуд. Яъне бачаҳо ба ҷойи моҳиҳо ба таҳи об рафтанд ва моҳиҳо ба ҷойи бачаҳо рӯйи об. Ман ҳам пушт ба тарафи ҷодда ба санге такя кардам, қисме, ки мутари Масъуд ҳангоми гузаштан маро набинад. Ҳамаи ин корҳо зуд сурат гирифт. Аммо оё ин метавонист аз чашми тезбини Масъуд ғофил бимонад?

Гоҳе, ки инсон дар тангно қарор мегирад, ба хаёлоти воҳӣ (хому холӣ) дил мебандад. Ё шояд хаёлот ҳангоме ҳуҷум меоваранд, ки одамӣ дар тангно қарор дорад. Ва ман дар чунин ҳолате қарор доштам. Дар ҳоле, ки ба санги бузурге пушт ба тарафи ҷодда такя зада будам, беҳуда умедвор будам, ки Масъуд моро надида аст. Магар чи чизе монеъ мешуд, ки моро набинад? Ҷодда дар канори дарё қарор дошт ва тангӣ ҳам фосилаи онро камтар карда буд.

Садои таваққуфи мутар дуруст дар ақиби ман ва он гоҳ бозу баста шудани дар, ки нишонаи пойин шудани савора буд, ба хаёлоти ман пойин дод. Он чиро иттифоқ меуфтад, ҳамон тавре, ки ҳаст, бояд дид, на он тавр, ки мехоҳем. Пинҳон шудан ақиби санг дигар чӣ суде дошт, дар ҳоле, ки садои таппиши қалбамро ба вузӯҳ мешунидам. Аз ҷо баланд шудам, то бо Масъуд муқобил шавам. Аммо аҷаб! Ба ҷои

Масъуд бо Мавлавӣ Абдураҳим–ҳокими минтақа, ки тоза таъйин шуда буд, рӯ ба рӯ шудам. Ҷипро ҳам муддати каме буд, барояш дода будаанд. Каме роҳат шудам. Ӯ аз дур дида, ки бачаҳо моҳӣ мегиранд. Ва монанди мо шавқи моҳӣ хӯрдан ба сараш зада ва хоста дар ивази сукут дар муқобили ин таҳаллуф аз фармони Масъуд бо мо дар ҷурми моҳихӯрӣ шарик гардад. Аммо бехабар аз ин ки бар сари мо дар чанд лаҳза чӣ овардааст. Ӯ бо кушодарӯи салом дод ва пурсид, ки: ӯ ҳам дар моҳиҳо саҳм дорад ё на? Гуфтам: «Дорад, чаро не».

Бачаҳо ҳам бо фурӯ рафтани зери об каме поёнтар аз мо рафта буданд. Онҳо аз об берун шуданд. Ва аз ин ки гирифтори Масъуд нашуда буданд, чандон хушҳол ба назар намерасиданд. Зеро аксар моҳиҳо аз даст рафта буд. Дар ин вақт яке аз онҳо, ки мутаваҷҷеҳи гуфтугӯи мо буд, бо овози баланд ва киноя пурсид:

– Шаҳзода чӣ мехоҳад?

Гуфтам:

– Моҳӣ.

Гуфт:

– Заҳри мор!

Мавлавӣ, хушбахтона, нашунид ва ман гуфтам:

– Бачаҳо мегӯянд, чаро не. Ҳар қадар мехоҳед, бардоред.

## 3. МАРДУМ

Масъуд амиқан мардуми кишварашро дӯст дошт. Ба сарнавишт, тарзи фикр, эҳсосот, вазъи зиндагии имрӯзу ояндаи онҳо таваҷҷӯҳ дошт ва ба он бисёр аҳамият медод. Сарсахтӣ ва сабурии мардум дар солҳои душвори ҷанг ҳамеша мояи ҳайрати ӯ буд. Мардумро қаҳрамонони воқеъӣ дар мубориза барои ба даст овардан ва ҳифзи истиқлоли кишвар медонист.

Мегуфт: «Чӣ мардуме дорем, озодагӣ дар хуни онҳо ҷорист». Ӯ аз оғози мубориза аҳамияти мардумро дарёфта буд. Кудетои соли 1975-и ӯ бар зидди ҳукумати Муҳаммад Довудро, ки ба шикаст мувоҷеҳ шуд, ба ёд доред. Руфақои Масъудро он кудето тавассути мардум дастгир ва ё ба қатл расиданд. Чунон ки дар ҳамон ҷо гуфтем, Масъуд як илла-

ти шикасти кудеторо адами кори лозим дар байни мардум медонист. Масъуд аз аввалин амалиёт дарси хубе омӯхт. Ӯ инро то ахири ҳаёти хеш ба кор баст. Дар даврони ҷиҳод дар шимоли Афғонистон қоидае ба номи «Шикан» вазъ гардида буд. Масъуд муборизаи шадидеро бар зидди ин офат оғоз кард. Ва дар соҳоти таҳти кантроли худаш муваффақ ҳам гардид.

Ҷараён аз ин қарор буд, ки ҷанг бар зидди ҳукумати коммунистии Афғонистон дар ҳамон соли 1978 бо фатвои ҷиҳод тавассути теъдоде аз уламо ва раҳбарони ҷиҳод, аз ҷумла Сибғатуллоҳи Муҷаддадӣ, Устод Раббонӣ, Пир Миёгулҷон, Мавлавӣ Муҳаммаднабӣ ва дигарон оғоз гардид. Аммо дар оғоз ҳамагонӣ набуд ва миқёси васеъе надошт. Бо ворид шудани Артиши сурх ба Афғонистон дар десомбри 1979 ҷанг сартосарӣ гардид.

Мардум дар оғоз бо силоҳҳои дастдоштаашон, ки дар Афғонистон маъмул буд, ба ҷанг оғоз карданд ва масорифи ҳар ҷангҷӯ ҳам ба дӯши худаш буд. Гурӯҳбандиҳои мушаххас ҳанӯз ба вуҷуд наёмада буд ва фармондеҳон арзи вуҷуд накарда буданд. Раҳбарии ҷангҷӯёнро бештар уламо ва сарони ақвом ва қаряҳо ба дӯш доштанд. Аммо оҳиста-оҳиста ҷанг ба тарафи тӯлонӣ шудан рафт ва як табақаи ҷадид ба номи «муҷоҳидин» по ба арсаи вуҷуд ниҳод. Дар раъси муҷоҳидин ағлаб фармондеҳони онҳо қарор доштанд. Ва дар маҷмӯъ теъдоде аз ин фармондеҳон ба яке аз созмонҳои сиёсӣ иртибот доштанд, ки раҳбарони онҳо дар хориҷ аз кишвар дар Эрон ва Покистон муқим буданд.

Муҷоҳидин аз табақаи пойин, аммо асосии кишвар, яъне деҳқон бархоста буданд ва тайи ду даҳа ба як табақаи ҷадид табдил шуданд. Ҳамин табақа, гарчи аз миёни деҳқонон бархостанд, аммо пешбурди масъулияти сангин дифоъ аз кишвар борҳоеро бар деҳқонон гузоштанд, ки басо сангин буд ва боиси ранҷи бисёри онҳо мегардид. Дар ҳақиқат як табақаи ҳокими ҷадид ба ҳукми шароити ҷадид ба вуҷуд омад, ки равишаш бо мардум яксон набуд. Муҷоҳидин ба кӯмаки ҳамаҷонибаи мардум эҳтиёҷ доштанд. Аммо андозаи ин кӯмак, ки бояд аз тарафи мардум пардохт мешуд, қоидаи со-

бит надошт ва бастагӣ ба инсофи фармондеҳ дошт. Чунон ки гуфта омадем, дар асари давоми ҷанг он эҳсосоти аввалия ҷои худро ба воқеъият ва воқеъбинӣ дод ва сангинии бори ҷанг бар дӯши мардум ба тадриҷ маҳсус (эҳсос) гардид. Ба каломи дигар, ин мардум буд, ки бори аслии ҷангро бар дӯш мекашид. Муҳоҷирати панҷ миллион мардум, ки сеяки аҳолии Афғонистонро дар он вақт ташкил медод, намунае аз умқи трожедӣ буд, ки ҷараён дошт. Онҳое, ки ба хориҷи кишвар паноҳанда шуданд, зиндагии беҳтар аз онҳое надоштанд, ки дар дохил монда буданд. Фақат шаклу рехти ранҷҳо буд, ки иваз мегардид, на моҳияти он. Агар дар Пешовар пулиси покистонӣ буд, дар дохили Афғонистон шикан. Ва чи исме бо мусаммойе бар он гузошта буданд: шикан, яъне шикананда, яъне камаршикан (миёншикан).

Муҷоҳидин барои ба даст овардани аслиҳа ва мармӣ бояд ба Покистон сафар мекарданд ва барои расидан ба Покистон бояд фосилаи тӯлониро пиёда мепаймуданд. Ин сафари тӯлонӣ масорифе дошт ва фармондеҳон бояд ин масорифро аз мардум мегирифтанд. Мардум ҳам, ки ҳамон кишоварзон бошанд, бояд ин хироҷро мепардохтанд ва мепардохтанд. Сангинии ин бор вақте бар шонаҳои мардум қарор мегирифт, ки тавони пардохти онро надоштанд. Ва иддае аз фармондеҳон онҳоро маҷбур ба пардохт мекард. Фикр мекунам, аз ҳамин ҷост, ки кӯмак ва ё пуштибонии молӣ номи «шикан»-ро ба худ мегирад.

Хуб ба ёд дорам, вақте аввалин бор дар бораи шикан ба Масъуд қисса карданд, чеҳрааш гулгун шуд ва сар ба зер андохт ва ғарқи андеша шуд. Рӯҳи ӯ дар муқобили зулм сахт азоб мекашид. Дар ин маворид шуниданаш назди ӯ монанди дидан буд. Чунон ҳассос буд, ки наметавонист малолати хотири худро пинҳон кунад. Сар ба зер меандохт ва ба фикр фурӯ мерафт. Ин одати ҳамешагиаш буд. Ман ҳамон рӯз донистам, ки ин расмро рӯзе бархоҳад андохт.

Бо оташбаси соли 83-84, ки шарҳи он дар баҳси дигар гузашт, Масъуд фурсат ёфт ба шимоли кишвар сафар кунад.

Аввалин иқдоми ӯ барои назмоварии ташкили шӯроҳо буд. Ӯ тамоми табақоти муассири ҷомеъаро дар он вақт дар

се шӯро гунҷонид: Шӯрои уламо, Шӯрои мардум ва Шӯрои фармондеҳон. Шӯрои уламо маҷмӯае аз уламои нухбаи (барҷастаи) минтақа буд. Вазифаи умдаи эшон назорат ва машварат дар умури қазоӣ ва сойири масоили муҳими минтақа буд. Раисони маҳоким ба машварати ҳаминҳо ва гоҳе аз миёни ҳаминҳо муаррафӣ мегардиданд. Вазифаи дигари ин шӯро назорат бар татбиқи шариъат ва сойири қавонини марбут ба умури мардум буд. шӯро мудохилаи мустақим дар идораи умур надошт ва ин кор тавассути иҷрокунандагон сурат мегирифт. Аммо нозири авзоъ буд ва дар мавриди вазъият ба Масъуд гузориш ироъа мекард ва барои беҳбуди корҳо машварат медод. Шӯрои дувумӣ Шӯрои мардум буд. Ин шӯро воситаи аслӣ ва асосии байни Масъуд ва мардум буд, ки ӯро дар ҷараёни мустақими вазъи аҳолӣ аз куллиёт то ҷузъиёт қарор медод. Корҳои марбут ба хадамоти омма монанди таъсиси макотиб, клиникҳои сиҳӣ, таъмири роҳҳо, таъйини ҳокимон ва волиҳо, таъйини фармондеҳони маҳаллӣ ва бисёре аз масойили дигар, ки марбут ба ҳаёти мардум мешуд, ба машварат ва пешниҳоди ҳамин шӯро сурат мегирифт.

Шӯрои севумӣ Шӯрои фармондеҳон буд, ки он ҳам танҳо ба умури низомӣ намепардохт, балки масъулиятҳои мардумӣ ҳам доштанд. Зеро ағлаби масъулин умури мулкиро низомиҳо ташкил медоданд ва ин табиъи ҳам буд. Зеро шароит мавҷуд низомӣ буд ва умури мулкӣ ва низомӣ таҳти ҷабри шароит бо ҳам омезиш ёфта буданд. Масалан, вақте як минтақа мавриди таҳоҷуми неруҳои душман қарор мегирифт, ҳама кас бояд ба дифоъ мепардохт. Таври мисол, як шаҳр наметавонист ҳангоме, ки вилояти ӯ мавриди ҳуҷум қарор мегирифт, ҳеҷ нақше дар дифоъ аз маҳалли хеш надошта бошад ва ҳангоми осоиш иддиъои вилоят намояд. Пас волӣ ба ҳукми шароит ё бояд низомӣ мебуд ва ё бояд низомӣ мешуд.

Лозим аст каме дар бораи чигунагии интихоби аъзои ин шӯроҳо тавзеҳ диҳам. Масъуд дар таъйини аъзои ин шӯроҳо аз як таркиби бисёр ҷолибе, аз интихобу интисоб (таъйинотӣ) кор мегирифт, ки ба назари ман, метавонад

раҳнамои муассире барои касоне бошад, ки мехоҳанд аз таҷоруби бузургон биёмӯзанд.

Аъзои Шӯрои уламо: аввал чанд олими машҳури минтақаро, ки ба илму амал шӯҳрат дошта бошанд, ба машварат мехост ва ба раъю машварати онҳо теъдоди дигарро интихоб мекард. Ин шакли кор таркибе аз интихоб ва интисоб буд, ки интихоби онҳо ба пешниҳоди маҷмӯъаи аввалӣ буд. Аммо таъйини онҳо дар шӯро ба фармони Масъуд сурат мегирифт. Баъд аз ташкили аввалин иҷлоси он худи аъзои мавҷуд дар сурати зарурат сойири аъзоро интихоб мекарданд. Ҳамчунон таъйини вазоиф, масъулиятҳо ва салоҳиятҳо аз сӯи худи онҳо мушаххас мегардид.

## ШӮРОИ ФАРМОНДЕҲОН

Аъзои Шӯрои фармондеҳон аксаран интисобӣ (таъйинотӣ) буд, гарчи Масъуд дар таъйини онҳо ҳам машвара мекард. Аммо бештар аъзои ин шӯро тавассути Масъуд таъйин мегардиданд. Зеро ӯ дар ин маврид аз ҳама бештар соҳибраъй буд. Аммо ин нуктаро бояд ёдоварӣ кард, ки фармондеҳони маҳаллӣ, ки масъулияти идораи қароргоҳҳоро доштанд, интихобӣ буданд ва мардум ва муҷоҳидини маҳаллӣ онҳоро интихоб мекарданд.

## ШӮРОИ МАРДУМ

Тарзи интихоби аъзои ин Шӯро бисёр ҷолиб аст: аз ҳар масҷид, имоми он ва як нафар аз ҷамъи аҳолӣ. Ин шахс тавассути мардум интихоб мегардид ва ғолибан аз ашхоси бонуфузи қавм мебуд. Чун эҳтимоли ин ки дар асари ин навъ интихоб баъзе ашхоси бонуфуз берун монанд, Масъуд ба машварати аъзои интихобӣ теъдодеро ба шакли интисобӣ шомили шӯро мекард. Бад-ин тартиб Масъуд дар тамоми арсаҳои кори худ асли шӯро ва интихобро ба унвони пояҳои асосии кор бо мардум эҷод кард ва муваффақияти ӯ вобаста ба шӯроҳои муассире буд, ки гоҳ барои ӯ тарроҳӣ мекарданд ва замоне тарҳи ӯро таъйид ва пуштибонӣ мекарданд.

Бояд ин нуктаро ёдоварӣ намоям, ки Масъуд нақши

қавмҳоро дар кори раҳбарии хеш ҷиддан дар назар дошт. Аммо ҳеҷ гоҳ онро ба расмият нашинохт ва бар асоси он икдоме накард. Тамоми шӯроҳои ӯ бар тарикe, ки баён шуд, қарор дошт ва ҳаргиз ном аз фулон намояндаи қавм набурд. Зеро, аввал, ин навъ биниш бо эътиқодоти Масъуд ба унвони як мусалмон фарқ дошт ва, аз тарафи дигар, ӯ ба хубӣ медонист, ки ақвом дар Афғонистон дар сатҳи боло ба чандто мерасанд. Аммо дар қадамҳои пойин ҳар кадом аз ин ақвом ба ҳазорон шохаи дигар тақсим мешаванд, ки таҷзияву таҳлили он тавассути пешрафтатарин барномаҳои кампютерии асри мо мумкин нест. Тоза агар мумкин ҳам бошад, ҳар кадом аз ин шохаҳои кӯчак, ки теъдоди аъзои он ба чанд хонавода ҳам намерасид, чунон ифтихороте ба худ доранд, ки ҳангоми ёдоварии онҳо мехоҳад ба ҳаво парвоз кунад.

Дар раъси ин се шӯро як шӯрои бузургтар қарор дошт, ки Шӯрои наззор номида мешуд. Шӯрои наззор органи раҳбарикунандаи неруҳои Ҷамъияти исломии Афғонистон дар дохили кишвар буд. Ҳавзаи кори ин шӯроро шимол, шимолу шарқ ва Кобул ташкил медод. Шӯрои наззор дар соли 1984 таъсис гардид ва аз ҳамон оғоз ба унвони як созмони сиёсӣ ва роҳи ҳаракати мустақилонаи Масъуд аз Ҷамъияти исломии Афғонистон ба раҳбарии Устод Бурҳониддини Раббонӣ талаққӣ гардид. Аммо ин воқеъият надошт ва Масъуд баъд аз пирӯзӣ онро мунҳал (бекор) кард.

Ман то соли 1997 Раиси уперосюни (бахши амалиётӣ) ҳамин шӯро будам. Ин шӯро дорои кумитаҳову дафотир ва идороти мухталиф буд, ки ба тамоми бахшҳои мубориза ва зиндагии мардум тааллуқ дошт. Ба иборати дигар, Масъуд аз тариқи ин шӯро тамос ва робитаи хешро бо мардум, ки ба гуфтаи худаш, ҳайсияти об барои моҳиро дорад, эҷод ва то ахири ҳаёти хеш онро ҳифз кард.

Яке аз ибтикороти хуби Масъуд дар арсаи хадамоти омма-ин таҷриба инак, дар сатҳи васеътаре метавонад ба кор гирифта шавад – ин буд, ки ӯ аз худи мардум мепурсид, ки чӣ эҳтиёҷе доранд ва ин ба кӯмаки шӯроҳои мардумӣ сурат мегирифт. Шӯроҳо илова бар он бар кори бозсозиву навсозӣ

назорат мекарданд ва ҷараёнро ба Масъуд гузориш медоданд.

Ҷараёни ин шӯроҳо дар фазои бисёр бозу беолоиш сурат мегирифт. Ва ин яке аз муваффақиятҳои Масъуд дар кори ёфтани ҳақоиқ буд. Аз ҷаласоти ташрифотӣ ва дугм (догма) безор буд ва худ фазоро барои дарду дилгуфтанҳо мусоид мекард. Интиқодро дар ҳама маворид мешунид ва аҳамият медод. Хусусан дар мавриди худаш. Дар яке аз ҳамин ҷаласот марди мӯйсафеде баланд шуд ва гуфт:

– Ман интиқоде бар худи Шумо дорам?

Масъуд гуфт:

– Бифармоед.

Мард гуфт:

– Дар замони мо, яъне дар ҳукуматҳои гузашта, ашхоси муҳим дар ақиби мошин менишастанд. Аммо Шуморо мебинам, ки паҳлӯи ронанда менишинед. Нашавад ҳарифон моро нодида фикр кунанд. Ман пешниҳод мекунам, дар ақиби мошин биншинед!

Масъуд, дар ҳоле, ки механдид, онро ёддошт кард.

Ва аммо сарнавишти «шикан» ба куҷо анҷомид? Тасаввур накунед, фаромӯшаш кардам. Аввалин дастоварди махсуси сафари Масъуд ба шимол, ки дар зиндагии мардум таъсири мустақим дошт, барандохтани «шикан» буд. Масъуд аз Шӯрои мардум ҳукми золимона будани онро гирифт ва аз Шӯрои уламо фатвои нораво будани онро ва дар Шӯрои фармондеҳон дастури аз байн бурдани онро содир кард. Ҳамчунон дастур дод, аз манотиқи осебрасида маҳсулоти ғаллотро ҷамъоварӣ накунанд. Ва ба қитаъоти марказии худ амр дод, то аз мардум ба ройгон ғизо нахӯранд ва ҳамеша дар ивази ғизойе, ки мехӯранд, пул бипардозанд.

Табъан, аз ин иқдомоти Масъуд мардум ва фармондеҳони мардумӣ истиқбол карданд, на онҳое, ки манофеъи худ ва созмонашонро бартар аз манофеъи мардум медонистанд. Фармондеҳоне, ки дар баробари сиёсати назмоварии Масъуд қарор гирифтанд, ба суръат манотиқи худро аз даст доданд. Ҳизби исломии Ҳикматёр тақрибан тамоми манотиқи хешро дар шимолу шарқ аз даст дод. Фармон-

деҳони умдаи Ҳикматёр аз ӯ рӯ гардон шуданд ва то охир равиши Масъудро дар идораи хеш ба кор гирифтанд.

## МАСЪУД ВА СУЛҲ

Яке аз орзуҳои бузурги Масъуд сулҳ буд. Сулҳ барои мардум, сулҳ барои кишвараш. Гоҳе дар шадидтарин ҳолоти ҷангӣ аз сулҳ ёд мекард, ёдоварӣ аз сулҳ бо орзумандии бисёр амиқ. Ин натиҷаи фишори шароит набуд. Чи ӯ дар баробари сахтиҳо бисёр сабур ва матин буд, балки ин баёни орзуҳои қалбии ӯ буд. Дар ин ҷо ба ин савол, ки чӣ гуна ду алоқамандии мутазод дар ӯ ҷамъ шуда буданд, яъне, аз як тараф, алоқамандӣ ба низомигарӣ ва ҷанг ва, аз тарафи дигар, орзумандӣ барои сулҳ, метавон чунин посух дод. Алоқамандии ӯ ба ҷанг хислати дифоӣ дошт. Ӯ ба як Афғонистони қавӣ меандешид. Кишваре, ки битавонад дар баробари таҷовузҳо ва мудохилоти хориҷӣ аз худ дифоъ кунад. Ва ин метавонист замонати сулҳе бошад, ки Масъуд барои мардумаш орзу мекард.

Масъуд борҳо ба хотири сулҳ худро ба хатар андохт. Ин хатарҳо се бор хеле ҷиддӣ буданд. Бори аввал дар соли 1988, ки шӯравиҳо муқаддимаи хурӯҷашон аз Афғонистонро таҳия медиданд. Ҷенерол Варенников ба асоси ҳамин барнома тақозои мулоқотро бо Масъуд кард. Ҳадафи онҳо аз ин мулоқот заминасозӣ барои хурӯҷи беталафоти асокирашон аз Афғонистон буд.

Масъуд мулоқотро пазируфт. Аммо маҳалли музокира ба шиддат бомбаборон гардид. Ва хушбахтона, ки Масъуд машварати дӯстонро пазируфта буд ва бо риъояти ҷониби эҳтиёт аз маҳал дур буд.

Ҷенерол Варенников дар шашуми августи 2003, яъне понздаҳ сол баъд, ҳангоме ки ба даъвати мо ба сафорати Афғонистон дар Маскав омада буд, дар ин бора гуфт: «Ҳангоме ки аввалин бор фикри мулоқот бо Масъудро бо сафирамон Варонтсов матраҳ кардам, ӯ гуфт: «Ман ҳам меравам». Ман гуфтам: «Агар эҳтимолан Масъуд маро дастгир кунад, ним мусибат хоҳад буд. Аммо агар сафири

Шӯравиро ҳам дастгир кунад, ин дигар мусибати комил хоҳад буд». Аммо сафир ба рафтан исрор кард ва қарор шуд бо ҳам биравем. Табъан бояд Раиси Ҷумҳур Наҷибро мутталеъ (огоҳ) мекардем. Ҳангоме ки мавзӯъро ба Наҷиб гуфтем, зоҳиран аз он истиқбол кард, аммо аз чеҳрааш комилан пайдо буд, ки ризоят надорад. Ҳамон буд, ки маҳалли музокира тавассути неруҳои афғонӣ бомбаборон гардид. Мо ҷараёнро ба Наҷиб хабар додем. Ва ӯ дар ҳоле, ки аз он изҳори беиттилоӣ мекард, ваъда супурд гунаҳкоронро ҷазо диҳад. Мо дар талоши мулоқоти дувум шудем. Аммо бори дувум ҳам маҳалли мулоқот мавриди ҳамлаи ҳавоӣ қарор гирифт ва бори севум ҳам».

Ҳарчанд ман фақат аз як бор бомбаборон иттилоъ дорам, аммо се борро ҳам метавон бовар кард. Зеро Масъуд чандин бор тақозои Наҷибро барои мулоқот рад кард ва Наҷиб аз ин нигоҳ нисбат ба Масъуд уқдаманд буд. Хуб ба ёд дорам: вақте аввалин номаи Наҷиб ба Масъуд расид ва он нома то ҳол мавҷуд аст, Масъуд номаро дар иҷлоси фармондеҳон қироат кард ва гуфт:

– Ин нома аломати заволи қатъии як ҳукумати дастнишонда аст.

Бори дувум соли 1992 Масъуд ба хотири сулҳ ба истиқболи хатар рафт. Ин замоне буд, ки неруҳои Масъуд бидуни хунрезӣ ва пирӯзмандона вориди Кобул шуданд. Аммо натавонистанд, ҷилави ракетборони шаҳрро тавассути нерӯҳои Ҳикматёр, ки аз шаҳр қаҳран ронда буданд, бигиранд. Иҷоза диҳед, каме ба ақиб биравем ва гӯшае аз муқаддимоти ҷанги дохилиро, ки заминасози мудохилаи хориҷӣ гардид, мурур кунем.

Дар ҷои дигар ҳам гуфтем, ки хурӯҷи қувои Шӯравӣ дар 1989 Масъудро ғофилгир кард. Чи ӯ фикр мекард, ҳадди ақал даҳ соли дигар фурсат барои такмили барномаҳои худ дорад. Шӯравиҳо замоне аз Афғонистон хориҷ мешуданд, ки яке аз муназзамтарин ҷабаҳоти Афғонистон барои таҳоҷуми васеъ, он ҳам то пойтахт, омодагӣ надошт. Ҷӣ расад ба ҷабаҳоти дигар. Аз назари сиёсӣ ҳам, раҳбарони сиёсӣ дар хориҷи кишвар буданд ва мутафарриқ. Дар сатҳи

байналмилалӣ ҳам аз ба қудрат расидани муҷоҳидин ба унвони гурӯҳҳои бунёдгаро нигаронӣ эҷод шуда буд. Ва бештар Амрико ин дағдағаро дошт. Амрико ҳангоми ҳамлаи аввал бар Ироқ дар соли 1991 аз муҷоҳидини афғон хост, то дар ҷанги алайҳи Ироқ бо Амрико ҳамкорӣ кунанд. Аммо ин тақозо рад гардид. Сирф Раиси Ҳукумати муваққатии муҷоҳидин – Сибғатуллоҳи Муҷаддадӣ барои ҳифзи амокини муқаддаса дар Саъудӣ, ки намедонам аз ҷониби кӣ дар хатар буд, як неруи маҳдуд фиристод.

Покистон, ки бештарин нафъро аз ҷанги Афғонистон бурда буд, низ нисбат ба навъи ҳукумати баъд аз Шӯравӣ дар Кобул назари мушаххаси худро дошт. Ба сухани дигар, назариёти Покистон, Эрон, Шӯравӣ, Масъуд дар мавриди чигунагии ҳукумат баъд аз Шӯравӣ дар Афғонистон комилан мутафовит буд. Ҷолибтар ин ки ҳар як аз ин маҷмӯъае, ки ном бурдам, бар ҳасби муассирияти худ дар қазоё (воқеа) ва ҳақдор будани худ дар таъйини сохтори низоми баъдӣ талошҳое ба роҳ андохтанд, ки оқибати хатарноке ба бор овард. Агар тарзи тафаккури он вақти ҷиноҳҳои мухталифро хулоса кунем, чунин мешавад: Шӯравӣ тарафдори боқӣ мондани ҳукумати Наҷиб дар як эътилоф бо Масъуд ва сойири фармондеҳони Ҷамъият буд. Шӯравиҳо кадом алоқамандии хос нисбат ба Масъуд надоштанд. Онҳо нигарони марзҳои ҷанубии худ баъд аз хурӯҷ аз Афғонистон буданд, ки Масъуд дар он ҷо ҳузур дошт.

Амрикоиҳо тарафдори як ҳукумати эътилофӣ байни коммунистҳои ғайрисаршинос ва ҷиноҳи мӯътадили муҷоҳидин машҳур ба танзимҳои сегона буданд. Амрико ҳам кадом алоқамандии хос ба коммунистҳо надошт. Аммо як ҳукумати муташаккил аз коммунистҳои шикастхӯрда ва муҷоҳидини мӯътадил барои Амрико ҳазор мартаба беҳтар буд аз ба қудрат расидани се созмони, ба гумони онҳо: бунёдгаро ба раҳбарии Устод Раббонӣ, Устод Сайёф ва Ҳикматёр.

Созмони Милали Муттаҳид тарафдори як ҳукумати интиқолӣ буд, ки дар онҳо ҳама гурӯҳҳо иштирок дошта бошанд ва Бинин Сивон зоҳиран дар охирин рӯзҳои ҳукумати Наҷиб мувофиқати бисёре аз ҷиноҳоро гирифта

буд, ғайр аз Устод Раббонӣ, ки Масъуд дам ба дам ба ӯ итминон медод, ки ҳукумати Наҷиб суқут хоҳад кард. Тарҳи Бинин Сивон – намояндаи Милали Муттаҳид барои Афғонистон бо хости Амрико мутобиқат дошт, мунтаҳо бо ҳамон тактикҳое, ки имрӯз маъмул аст ва авомуннос (мардумони сода) бипиндоранд, ки Созмони мустақили Милали Муттаҳид худ онро кашф кардааст.

Эрон тарафдори ҳар ҳукумате буд, ки ба танзимҳои (гурӯҳҳои) ҳафтгонаи шиъа имтиёзи бештар медод.

Покистон тарафдори ба қудрат расидани Ҳикматёр буду бас. Мурғи ISI як линг дошт.

Масъуд тарафдори ҳукумати ҳамаи муҷоҳидин.

Аммо ҳукумати Наҷиб дар чӣ ҳол буд?

Аз замони шурӯъи хурӯҷи қувои Шӯравӣ аз Афғонистон коммунистҳои афғонӣ ба фикри ояндаи худ ва фарзандони худ уфтоданд. Шӯравӣ муваффақ нагардида буд, душманони онҳоро аз байн бибарад. Инак, мехост онҳоро ба дасти сарнавишти номаълум бисупорад ва биравад. Шӯравӣ бо додани ракетҳои «Скад» ва эҷоди пули ҳавоии таъминотӣ дар гӯши онҳо инро замзама мекард, ки шумо тавоноии дифоъи мустақилро пайдо кардаед. Яъне чӣ? Тавоноии дифоъи мустақилро пайдо кардаанд, ки чӣ кунанд?

Шӯравиҳо то ахир дар Афғонистон иштибоҳ карданд, на танҳо то марҳилаи хурӯҷашон. Онҳо ба ҷои овардани як коммунисти камгуноҳтар ё як бетараф Наҷибро дастгирӣ карданд. Касе, ки кушторҳои ҷудогона ва дастаҷамъии ӯ дар замоне, ки раиси дастгоҳи ХОД буд, ба ёди ҳама зинда буд ва ҳаст. Шиканҷаҳои ҳавлнок ва ваҳшиёнаи ӯ дар таърихи Афғонистон ба унвони ёдгори даврони Шӯравӣ дарҷ хоҳад монд. Ва инак, Шӯравӣ ракетҳои «Скад»-ро ба дасти ӯ медод, то дифоъи мустақилонаро анҷом диҳад.

Бо хурӯҷи шӯравиҳо коммунистҳои афғонӣ, ки бештар ба ду ҷиноҳ – Халқ ва Парчам тақсим мешуданд, ба паймонаи васеъе бо муҷоҳидин тамос гирифтанд. Рақобати Халқ ва Парчам, ки шӯравиҳо дар се даҳа, ҳатто дар замони ҳузури мустақимашон дар Афғонистон онро натавонистанд ҳал кунанд, дар тамос гирифтан бо муҷоҳидин ҳам идома дошт.

Аксари халқиҳо бо Ҳикматёр дар тамос шуданд ва ағлаб парчамиҳо бо Масъуд. Ҳар ҷиноҳ мехост режими Наҷибро ба нафъи ҷинохе, ки тамос дошт, сукут диҳад.

Аммо Наҷиб беҳуда интизор дошт, ки тарҳи масхараи ӯ ба номи Оштии миллӣ, ки мубтакири он шӯравиҳо ё мушовири шӯравии ӯ Маҳмуд Қориев буд, боиси бақои ӯ ва таъмини мунофеъи Шӯравӣ гардад. Хандадортар ин ки вақте ман бо Маҳмуд Қориев дар соли 2003 дар Маскав дидам, дар мавриди Оштии миллӣ гуфт: «Агар ҷиноҳҳои мушаххасе тарҳи Оштии миллиро тахриб намекарданд, Аҳмадшоҳи Масъуд ҳам ба он мепайваст!!»

Мушовирине, ки тамоми тарҳҳои онҳо барои бақои Наҷиб ва ҳукумати коммунистӣ бо тамоми заҳамоти як низоми бузурги ҷаҳонии он вақт ба номи Шӯравӣ натавонист аз сукути Наҷиб ҷилавгирӣ кунад, инак, баъди 12 сол дил ба «агарҳо» хуш мекунанд, ки қарори маълум дар сафаҳоти таърих ҷойе барои он «агарҳо» нест.

Билохира рақобати ҷиноҳҳо кори сукути Наҷибро суръат бахшид. Рафеъ – Вазири дифоъи вақт бо Ҳикматёр мулоқот кард ва неруҳои ӯро аз ҷануб вориди Кобул кард. Аммо ин неруҳо фақат он қисматҳое аз Кобулро ишғол карданд, ки ба дасти «Халқиҳо» буд. «Парчамиҳо» ба раҳбарии Вакил – Вазири хориҷа неруҳои Масъудро аз шимол вориди Кобул карданд. Ва ҷанг байни ду ҷиноҳ оғоз гардид. Дар ин ҷанг «Халқиҳо» ва Ҳикматёр бозанда шуданд. Аз маркази шаҳр ронда шуданд. Аммо дар атрофи шаҳр сангар гирифта ва ба ракетборони шаҳр оғоз карданд. Ҷолиб он ки Ҳикматёр иллати ҷанг бар зидди давлатро эътилофи Масъуд бо коммунистҳо мегуфт. Ӯ бо ин иддиъо мункири пирӯзии ҷиҳод ва муҷоҳиддин гардид. Ҳақиқат ки худи Шӯравӣ ҳам онро пазируфта буд. Аммо Ҳикматёр фақат пирӯзиро дар тасвири худаш бар девори арки (қасри) Кобул медид.

Бояд ин нуқтаро изофа кунам. Ҳангоме ки неруҳои мо аз шимол ба Кобул наздик шуданд, Масъуд ба Кобул ворид нашуд ва аз раҳбарони созмонҳои муҷоҳидин хост, то ҳукумате ташкил диҳанд, ки қудратро дар Кобул ба даст гирад. Раҳбарон дар Покистон ҳукумати муваққат таъйин кар-

данд, ки Ҳикматёр онро напазируфт ва онро ҳукумати эътилофӣ бо коммунистҳо хонд ва ҷанг алайҳи онро оғоз кард. Барои осудагии хотир номашро ҷиҳод гузошт. Дар муддати шаш моҳи аввали «ҷиҳод» Ҳикматёр, ки раиси давлат ба тартиб Сибғатуллоҳи Муҷаддадӣ ва баъд Устод Раббонӣ буд, ҳазорон нафар мардуми Кобул кушта шуданд ва даҳҳо ҳазор нафар бехонумон. Дар воқеъияти амр, ин Ҳикматёр буд, ки огоҳона ё ноогоҳона бар рӯи ислом ва Афғонистон туф меандохт.

Бозигари аслии саҳна Покистон буд. Ракетро Ҳикматёр мезад ва миёнҷигариро ҷенероли покистонӣ Ҳамидгул мекард.

Ғайр аз Ҳамидгул теъдоде аз мусалмонони хориҷиву дохилии дигар ҳам талошҳое барои хотимаи ҷанг карданд, аммо натиҷа манфӣ буд. Дар асари ҳамин талошҳо буд, ки қарор шуд Масъуд ва Ҳикматёр дар атрофи Кобул мулоқот кунанд ва ба ҷанг хотима дода шавад. Маҳалли музокира наздики теппаи Шина дар ҷануби Кобул интихоб гардид. Ин маҳал соҳаи таҳти контроли Ҳикматёр ба ҳисоб меомад. Фазои беэътимоди миёни тарафайн дар болотарин ҳадди худ буд. Вақте Масъуд бо мушовирини худ дар мавриди маҳалли музокира суҳбат кард, ҳама онро рад карданд ва ӯро аз рафтан ба он ҷо боздоштанд. Аммо ӯ ба ин далел, ки ради ин пешниҳод баҳонаҷӯӣ барои ҷанг ва беалоқагӣ ба сулҳ қаламдод хоҳад шуд, тан ба хатаре дод, ки ҳатмӣ пешбинӣ мегардид. Билохира рӯзи мулоқот фаро расид ва талошҳои мушовирини Масъуд барои бозгардондани ӯ ба ҷойе нарасид. Ҳар ду раҳбар дар миёни даҳҳо нафар муҳофизи мусаллаҳ дар зери хаймае мулоқот карданд. Кӯчактарин ҳаракати як фарди мусаллаҳ метавонист ҷӯйи хунро ҷорӣ кунад. Музокира ду соат давом кард ва зоҳиран тавофуқҳое сурат гирифт. Масъуд баргашт ва кадом ҳодисае сурат нагирифт. Дарвоқеъ кадом алойиме, ки нишон диҳад Ҳикматёр нияти баде нисбат ба ҷони Масъуд дошт, ба мулоҳиза нарасид. Ва ҳатто агар чунин ҳам мебуд,Масъуд ба хотири сулҳ мерафт ва барои сулҳ қурбонӣ мешуд.

Ин нишаст кадом натоиҷи амалӣ надошт, ракетборони

шаҳр идома пайдо кард. Ин бор Ҳикматёр баҳонаи ҷадиде пеш кард ва он ин ки Масъуд аз мансаби Вазорати дифоъ канор равад. Боз ҳам ҷаласае дар Ҷалолобод сурат гирифт ва Раиси Ҷумҳур Устод Раббонӣ баъд аз бидуни машварат бо Масъуд ӯро аз мансаби Вазорати дифоъ канор гузошт. Масъуд ба хотири сулҳ онро пазируфт. Аммо кӣ дар амал метавонист аз Кобул дифоъ кунад ва бар нерӯҳои Масъуд фармон биронад? Масъуд амалан Вазири дифоъ буд. Ин бор ҷанг шиддати бештар пайдо кард ва муттаҳиддини Масъуд, аз ҷумла ҷенерол Дӯстум, ки Ҳикматёр ҷиҳоди худро ба иллати мавҷудияташ дар канори Масъуд сабаб меовард, ҷониби Ҳикматёрро мегирифт. Аммо ба покии ҷиҳод зиёне ворид нагардид. Ва ҳамчунон ин ҷиҳод дар шакли ракетборони кӯр-кӯронаи шаҳри Кобул идома дошт. Ин бор ҷенерол Ҳамидгул ибтикори дигаре барои сулҳ ба харҷ дод. Ва он ин ки як неруи бетараф дар миёни тарафайн ҷо ба ҷо шавад, то аз ҷанг ҷилавгирӣ гардад.

Масъуд боз ҳам ба хотири сулҳ онро пазируфт. Ва қарор шуд, ки мо хутути аввали худро дар рӯи харита ба Ҳамидгул тарсим кунем, то ӯ бо ҷиноҳи муқобил сӯҳбат кунад. Чун банда Раиси уперосюн будам, табъан ин кор ба ман супурда шуд. Ва ин дар соли 1994 буд. Дар мулоқоти аввалӣ, ки Масъуд бо Ҳамидгул рӯи сулҳ сӯҳбат дошт, нигоранда ҳозир буд. Масъуд дар ҷараёни сӯҳбат аз ҷенерол Ҳамидгул пурсид: «Ба назари Шумо, Ҳикматёр дақиқан чӣ мехоҳад?» Ҳамидгул гуфт: «Барҳам додани артиши Афғонистонро, чун ӯ онро артиши коммунистӣ медонад». Масъуд гуфт: «Аввалан, коммунизм бо он мӯҳтавои гузашта дигар вуҷуд надорад. Сониян, асокир ва афсарони боқимонда аз режими гузашта ба масрафи Афғонистон таҳсил карда ва таҷриба омӯхтаанд. Шӯравӣ ҳам ҳангоми хурӯҷи неруҳояш як бори сангини дигар бар дӯши Афғонистон гузошт. Ва он ин ки ҳазорон дастгоҳ танк, тӯпхона ва сойири таҷҳизоти низомиро ба Афғонистон фурӯхт ва аз ин ноҳия садҳо миллион доллари дигар ба Афғонистон қарз бор кард. Ман барои ҳифз, нигаҳдорӣ ва истеъмоли ин таҷҳизот ба ин афроди маслакӣ зарурат до-

рам. Агар артишро барҳам диҳем, аз куҷо метавонем ин ҳама мутахассис пайдо кунем?» Ҷенерол Ҳамидгул гуфт:

– Инҳоро мо барои Шумо тарбия ва омода мекунем.

Ниятҳои Покистонро аз ҳамин ҷумла метавон дарёфт. Стратегияи Масъуд комилан дар нуқтаи муқобили он қарор дошт. Масъуд дар робита ба артиши Афғонистон дар назар дошт: аз маҷмӯи муҷоҳидин ва ашхоси муносиби артиши гузашта артиши ҷадиди Афғонистонро поягузорӣ кунад. Ба фикри мо, понздаҳ дарсади мутахассиси гузашта бо ҳаштоду панҷ дарсади муҷоҳидине, ки аз тарбияи ҷадид мегузаштанд, метавонист таркиби артиши навро ташкил диҳанд.

Бар ҳар ҳол неруи зоҳиран бетараф аз танзимҳои мухталифи вилояти Нангарҳор ба фармондеҳии қумондони шимолӣ оварда шуд ва дар манотиқи таҳти кантроли мо, на манотиқи марбути Ҳикматёр, ҷо ба ҷо гардид. Вале ин ҳам ҷойеро нагирифт ва ракетборони шаҳр идома ёфт. Ҷолибтар ин ки дар тамоми ин давраи ҷанг Ҳикматёр нахуствазири кишвар буд. Ва ҳайратовар он ки мансаби нахуствазириро дар ҳукумате рад накард, ки алайҳи он «Ҷиҳод!» мекард.

Бо зуҳури толибон ҷиҳоди Ҳикматёр алайҳи давлати Устод Раббонӣ ва Масъуд идома дошт. Ва ду ҳафта қабл аз ин ки ӯ аз маркази ракетпарокании хеш дар 25 километрии ҷануби Кобул ронда шавад, эълон кард, ки то 25 соли дигар ба ин «ҷиҳод» идома хоҳад дод. Аммо бехабар аз ин ки Покистон вазифаи идомаи ҷиҳодро ба гурӯҳи дигаре ба номи толиб супурда буд, ки на танҳо бар зидди ватани худ, балки бар зидди ҳама олам эълони ҷиҳод доданд. Ва дунболаи моҷароро ҳама медонанд.

Инак, ҷиҳоди Ҳикматёр поён ёфта буд. Ӯ бо камоли эҳтиром ба Кобул оварда шуд ва дар мансаби нахуствазирӣ қарор гирифт.

Толибон бо шиори сулҳ ва қонуният ба саҳна омаданд. Фикр мекунам, на худашон ва на модарашон – Покистон ин ҳама пешравии сареъи онҳоро пешбинӣ мекарданд. Аммо моҳияти ин гурӯҳи ногаҳонӣ барои худашон ҳам чандон маълум набуд, чи расад ба мардум ва дигарон. Аз тарафи дигар, истиқболи мардуми хаста аз ҷанг сабаби пешравии

низомии сареъи онҳо гардид, ки ин ҳам монеъи ошкор шудани тасвири ҳақиқии онҳо мегардид. Дардмандона бояд эътироф кард, ки муҷоҳидин дар овардани назм ва истиқрори субот дар кишвар ноком буданд ва умдатарин иллати он ихтилофи раҳбарони ҷиҳод ва бекифоятии онҳо дар амри идораи кишвар буд.

Толибон ба суръат ҷанубу ғарби Афғонистонро тасхир карданд ва ба дарвозаҳои Кобул расиданд. То расидан ба атрофи пойтахт шиори толибон ҷамъоварии аслиҳа, аз байн бурдани беназмиҳо, татбиқи шариъат ва рафъи ситам аз мардум буд. Аммо ҳангоме бӯи пойтахт ба машомашон зад, иддиъои қудрати сиёсиро карданд. Масъуд як бори дигар хост, то фурсате барои сулҳ пайдо шавад. Ин бор боз ҳам маҳалли музокира соҳаи таҳти контроли толибон таъин гардид. Монанди замони мулоқот бо Ҳикматёр фазои куштору хун ва ниҳояти беэътимодӣ дар миёни тарафайн ҳукмфармо буд. Фарқи дигар ҳам ин буд, ки бар хилофи мулоқот бо Ҳикматёр, ки дар он ҳар ду якдигарро бо ҷузъиёти бисёр ва аз гузашта мешинохтанд, Масъуд ҳеҷ як аз толибонро намешинохт.

Маҳалли музокира боз аз тарафи мушовирини Масъуд ба шиддат рад гардид. Аммо ӯ тасмим гирифта буд хатарро бипазирад. Маҳалли музокира майдони шаҳр ва се километр дар дохили соҳаи толибон қарор дошт. Масъуд ба тарафи маҳал ҳаракат кард ва ҳангоми убур аз ҷабҳаи давлат ба ҷабҳаи толибон доктор Абдулло – секретари хеш (инак, Вазири хориҷа)-ро дар он ҷо монд. Чун аз хат ба тарафи соҳаи толибон убур мекард, пурсид:

– Касе туфангча надорад?

Пас як туфангчаро аз қумондон Муслим мегирад ва ба тарафи маҳалли музокира ҳаракат мекунад.

Толибон дар майдоне ҷамъ шудаанд ва аз ин ки душман бо пойи худаш ва чанд нафари маҳдуд ба дом омада, мутааҷҷиб мешаванд. Музокира оғоз мегардад ва Масъуд дар аввал аз онҳо мепурсад, ки онҳо чӣ мехоҳанд. Толибон мегӯянд, мо чаҳор чиз мехоҳем:

1. Ҳукумати исломӣ.

2. Татбиқи шариъат.
3. Таслимдиҳии аслиҳа.
4. Аморати Мулло Умар.

Маъсуд дар ҷавоб мегӯяд:

1. Ҳукумати исломӣ ҳамин алъон мавҷуд аст.
2. Ман ҳам тарафдори татбиқи шариъат ҳастам. Аммо ба таъбирҳои шахсӣ аз шариъат мухолифам.
3. Ман ҳам тарафдори ҷамъоварии аслиҳа ҳастам. Аммо аслиҳаро он ҳукумате метавонад ҷамъ кунад, ки мунтахаби мардум бошад.
4. Ман касеро, ки нашиносам, бо унвони Амиралмӯъминин қабул надорам.

Толибон барои машварат кардан аз Масъуд каме дур мешаванд.

Аммо дар маҷлиси онҳо машварат дар бораи дастгирии Масъуд аст, на баҳс рӯи гуфтаҳои Масъуд. Ҳама иттифоқи назар доранд, ки Масъуд дастгир шавад. Ва чунин фурсате дигар ба даст нахоҳад омад. Далели онҳо ин аст, ки бо гирифтани Масъуд Кобул ба осонӣ фатҳ мешавад ва нерӯҳояш пароканда мегарданд. Қаблан толибон дар мавриди устод Мазорӣ ин корро карда ва натиҷа гирифта буданд. Онҳо устод Мазорӣ – раҳбари Ҳизби ваҳдати исломиро амон доданд, аммо баъд дастгир карда, ба шакли фоҷиъабор ба қатл расонданд (11 марти 1995). Ва инак, мехостанд чунин сарнавиштеро барои Масъуд низ таъин кунанд.

Дар миёни он маҷмӯъа фақат як нафар бо дастгирии Масъуд мухолифат мекунад ва он мулло Раббонӣ – муовини мулло Умар аст. Ин ҳамон мулло Раббонӣ аст, ки баъдҳо ба номи раҳбари ҷиноҳи мӯътадили толибон машҳур гардид. Мулло Раббонӣ баъдҳо бо Масъуд тамос дошт ва мегӯянд, марги ӯ ҳам дар асари як тавтеъа тавассути толибон сурат гирифт.

Ба ҳар ҳол мулло Раббонӣ бо дастгирии Масъуд мухолифат мекунад ва истидлолаш ин буда: дастгирии Масъуд боиси хунрезии бештар мегардад. Ва набояд чунин кард. Аммо толибон дигар исрор мекунанд ва натиҷа ин мешавад, ки аз мулло Умар дастур бигиранд. То гирифтани тамос бо

мулло Умар назди Масъуд бармегарданд ва зоҳиран ба музокира идома медиҳанд. Музокира тӯлонӣ мегардад ва натиҷаи мушаххасе ойид намегардад. Масъуд бехабар аз нияти онҳо намехоҳад, бо пайғоми ҷанг назди мардуми Кобул, ки чаҳор соли мутавотир зери ракетҳои Ҳикматёр қоматашон хам шуда, баргардад. Ӯ амиқан мехоҳад сулҳ таъмин шавад. Вале толибон чашм ба Масъуду гӯш ба дастури мулло Умар доранд. Аммо ҳанӯз тамос барқарор нашудааст. Билохира Масъуд пешниҳод мекунад: ҳар ду тараф ихтиёри худро ба як Шӯрои уламо, ки муташаккил аз чиҳил нафар бошад, вогузоранд. Ва он шӯро ҳар чӣ файсала кард, амалӣ гардад. Бори дигар толибон аз Масъуд иҷозаи машварат хоста, каме дуртар мераванд. Аммо боз ҳам тамос бо мулло Умар барқарор нашуда ва мулло Раббонӣ ҳам розӣ намешавад.

Ночор назди Масъуд бозгашта, ба пешниҳоди ӯ ҷавоби мусбат медиҳанд. Ташкили Шӯрои уламо дар Кобул: аз ҳар ҷиноҳ бист нафар олим. Ҳар ду тараф ихтиёрро ба ин шӯро вогузор мекунанд, то онҳо мутобиқи ҳукми Худо ва Расул файсала намоянд. Ҳар чи онҳо файсала карданд, барои ҳар ду тараф қобили иҷро мебошад. Иҷлос қарор шуд, то як моҳи дигар сурат гирад. Тарафайн аз ҳам ҷудо мешаванд. Ва Масъуд аз як тавтеаи хатарнок ҷони солим бадар мебарад. Масъуд бо рафтан ба соҳаи душман ва пешниҳоде, ки кард, собит намуд, ки ӯ барои мардум ва кишвараш сулҳ мехоҳад.

Як моҳ гузашт. Аммо ба ҷои шӯро боз ҳам ракетҳои кӯр бар сари мардуми Кобул фуруд омаданд. Боз ҳам номаш «ҷиҳод» ва муҷриёнаш муҷоҳидин! Бояд тазаккур диҳам, ки толибон дар авойил неруҳои худро «талабаи киром» мегуфтанд. Аммо ба зудӣ номи муҷоҳидинро бар онҳо гузоштанд. Охир, онҳо ва Ҳикматёр огоҳона ё ноогоҳона як барномаро пеш мебурданд ва он: зарба задан ба ислом ва Афғонистон буд! Ва оё магар натиҷа ғайр аз ин буд?

Ҳамлаи толибон бар Кобул оғоз гардид ва онҳо баъд аз ду соли ракетборон ва ҳамалоти пайиҳам вориди Кобул шуданд. Ва Масъуд ба кӯҳҳо бозгашт.

Солҳои 92 то 96 душвортарин солҳои зиндагии Масъуд буд. Қаҳрамони афсонавии ҷанг бар зидди Иттиҳоди Шӯравӣ дар ин солҳои сахт иштибоҳоти зиёдеро муртакиб шуд. Ва чӣ корҳо, ки метавонисту накард ва чӣ корҳо, ки намехосту мешуданд. Аммо Покистон ҳар рӯз ба ҳадафи худ наздиктар мешуд: касби умқи истротежик ва як ҳукумати дастнишонда.

Барои иҷрои ин кор ҷангу диплумосиро ба хубӣ пеш мебурд. Миёнҷигарон фақат ному нишон иваз карда буданд, на маъниву муҳтаво: дирӯз ҷенерол Ҳамидгул, имрӯз Мавлавӣ Фазлраҳмон, ҳайатҳо аз пешу асокир аз ақиб, китоб дар ҷилав ва шамшер аз қафо. Ҳар гоҳ ҳуҷум ба бунбаст мекашид, диплумосӣ ба додашон мерасид. Ва ҳар гоҳ пешравӣ оғоз мегардид, диплумотҳо нопадид мегардиданд.

Баъдҳо ҳам сулҳхоҳони зиёде миёни тарафайн рафту омад карданд, ки шарҳи он муфассал аст. Аммо нияти бисёре аз онҳо содиқона набуд. Бо вуҷуди он, ҳар бор нидои сулҳ баланд шуд, лаббайки аввал тавассути Масъуд гуфта мешуд. Аммо Масъуд фурсатҳои зиёдеро аз даст дода буд.

## 4. ОЗОДӢ

Масъуд байрақи озодиро бар фарози Ҳиндукуш кӯфт ва дар пойи он хуни худро рехт. Масъуд самбули (рамзи) озодӣ буд.

Дар соли 2002 ба Масъуд лақаби Қаҳрамони миллӣ дода шуд. Ба назари ман, бояд ба ӯ лақаби «Шаҳиди Ислом ва Озодӣ» дода мешуд, беҳтар буд. Касоне, ки ӯро аз наздик мешиносанд, медонанд, ки фақат ин лақаб метавонад, рӯҳи ӯро ором кунад ва ин орзуи ӯ буд.

Ӯ ойинаи тамомнамои озодманишӣ, озодагӣ ва озода будан буд. Ман ҳам озодӣ ва озода буданро сахт дӯст дорам ва шояд як далели он ин бошад, ки дар рӯзи бомайманати (шодиву нишот) озодии Афғонистон – 19 август таваллуд шудаам. Аммо тафсири онро аз Масъуд ёд гирифтаам. Ҳар касе дар аввалин нишаст бо Масъуд фақат дар чанд лаҳза ин ду нуктаро дар шахсияти ӯ мутаваҷҷеҳ мешуд: одоб ва

озодагӣ.

Рӯҳи ӯ дар баробари ин падида он қадар ҳассос буд, ки ман наметавонам онро дар калимот бигунҷонам. Ҳатто агар ба шӯхӣ ҳам касе ба ин ҳарим нигоҳи ғаразолуд меандохт, аксуламали Масъуд сареъ ва фаврӣ буд. Гӯйи озодӣ ғизоли ваҳшие буд, ки Масъуд ӯро ба сахтӣ дар оғӯш гирифта буд. Ва ҳар кӯтоҳие метавонист сабаб шавад, ки ин ҳайвони поку зеборӯй биҷаҳад ва дар саҳрои бекарон нопадид гардад.

Масъуд аз оғози рӯзи мубориза барои озодӣ ба баҳо пардохтан оғоз кард. Аввалин мушкили ӯ бо Покистон буд. Масъуд дар давраи ҳаёти хеш чанд бор хост, то мушкили худро бо Покистон аз тариқи музокира ҳал кунад. Аммо созмони истихборотии Покистон дар миёна монеъ буд ва роҳи расидан ба сиёсатмадорони Покистон баста. Ҳатто худи роҳбарони Покистон то ҳол муваффақ нагардидаанд барои сиёсати афғонии Покистонро аз дасти низомиҳо берун кунанд.

Беназир Буҳутто ва Навоз Шариф дар замони нахуствазириашон талошҳое дар ин замина карданд, аммо ноком буданд. Дарвоқеъ ҷенеролони покистонӣ, яъне идоракунандагони аслии кишвар ҳар ҳукуматеро, ки дар Исломобод мустақар шавад, аз рӯи андозаи мухолифати онҳо нисбат ба ду қазияи Кашмир ва Афғонистон пуштибонӣ мекунанд. Масъуд ҳам ҳар бор, ки мехост бо Покистон мушкили худро ҳал кунад, сару каллаи як Карнай (полковник) ва Чарнайи (генерал) покистонӣ пайдо мешуд. Ва чун Масъуд ба шикоят оғоз мекард, ҷавоб ҳамеша яксон буд. Ва он ин ки «Шумо комилан ҳақ ба ҷониб ҳастед, биёед, гузаштаро фаромӯш мекунем ва як сафҳаи ҷадид дар муносибот боз мекунем». Ва бар ҳамин асл тавофуқ мегардид. Аммо дар амал ҳамон ош буду ҳамон коса.

Ман ҳадди ақал чаҳор бор шоҳиди ин мулоқотҳо бо ҳамин мӯҳтаво ва натиҷа будаам. Хандадор ин ки то ҳамин ҳол айни тактика, ҳатто айни ҷумлаҳо ба кор бурда мешавад.

Ёд дорам: вақте марҳум Абдурраҳими Ғафурзай дар соли 1998 қарор буд нахуствазир шавад, Масъуд аз ӯ пурсид:

-Дар арсаи сиёсати хориҷӣ чӣ фикрҳое доред?

Ғафурзай гуфт:

– Ман назариёте дорам, ки ба Шумо хоҳам гуфт. Аммо мехоҳам қабл аз он аз Шумо бишнавам, ки мақоми аввал ба кадом корҳо дода шавад?

Масъуд гуфт:

– Агар битавонӣ, мушкили моро бо Покистон ҳал кунӣ, бузургтарин хидматро барои Афғонистон кардаӣ.

Ғафурзай гуфт:

– Ман бо Худои худ аҳд кардам, ки зиндагиамро вақфи кишварам мекунам ва ба Шумо ваъда медиҳам, ки аз ҳеҷ талоше дар ин роҳ дареғ нахоҳам кард. Аммо аз ҷониби мо кадом пешниҳоди мушаххасе вуҷуд дорад?

Масъуд гуфт: – Ба покистониҳо бигӯед: ҳалли мушкил байни мову шумо аз андозаи салоҳияти ин давлат ва ҳар давлати дигар хориҷ аст. Ва сирф як порлумони мунтахаб, ки тавассути мардуми Афғонистон интихоб шуда бошад, метавонад онро ҳал кунад. Аммо ман ба Шумо ваъда медиҳам, ки мо ин тарҳро ба порлумон пеш мекунем ва аз он ҳимоят ҳам мекунем, ки «Ҳар мушкиле бо Покистон аз тариқи мусолиматомез ҳал гардад».

Ба назари ман: гуфтаи Масъуд метавонад асоси як стратегия барои ҳалли мушкили Афғонистон ва Покистон қарор гирад. Ва бар Покистон аст, ки онҳо ҳам чунин сиёсатеро дар пеш гиранд. Аммо созмони истихборотии Покистон ISI, ки аз соли 1975 ба фикри аз байн бурдани Масъуд буд ва шарҳи он қаблан гузашт, дар 9 септомбри соли 2001, яъне баъд аз 25 сол муваффақ гардид, ӯро ба қатл бирасонад.

Аз ёддоштҳои ӯ:

«Ман ҳеҷ гоҳ иддиъои раҳбар шуданро надоштаам ва надорам. Вале хоҳони салоҳият дар корҳо ва пиёда кардани чизе, ки фикр мекардам, будам ва ҳастам. Ман наметавонам ва абадан нахоҳам кард кореро, ки бифаҳмам ғалат аст ва сирф онро аз сабаби хурсандӣ ё ҳидояти Аҳмаду Маҳмуд пиёда кунам».

Дар ин гуфтор Масъуд аз Ахмаду Маҳмуд Покистон ва раҳбаронро дар назар дорад. Зеро Покистон ва раҳбарон ду монеъи умда дар сари роҳи Масъуд буданд. Чунон ки

Масъуд дар ҷойи дигар менависад:

«Ман аз муддатҳо қабл мехостам заминае барои кор пайдо кунам, то дар он ҷо битавонам ба сурати мустақил чизеро, ки ба хайру салоҳи наҳзат медонам, пиёда намоям ва ин амр таҳти назари раҳбарон мумкин набуд».

Дар тӯли даврони ҷиҳод фишорҳои Покистон бар Масъуд идома дошт ва бо вуҷуде, ки Панҷшер саҳнаи шадидтарин даргириҳо бо қувои Шӯравӣ буд, аслиҳа ва муҳимотро ба даст меовард. Дар ҳақиқат Масъуд аз тарафи покистониҳо зери навъе маън карданҳо қарор дошт ва онҳо тарафдори тақвияти ин ҷабҳа набуданд. Агар умр боқӣ буд ва Парвардигор тавфиқ дод, банда дар китоби дигар дар ин бора тафсили бештар хоҳам дод. Фақат ҳамин қадар ин ҷо мехоҳам бигӯям, ки дар тӯли 25 соли мубориза Масъуд ҳатто як бор ҳам муваффақ нашуд ба афроди худ дар тӯли як сол, шаш моҳ маъош бидиҳад. Тангдастӣ дар ҳама арсаҳо ҳамеша ӯро фишор медод. Аммо ӯ сахт муқовим ва сабур буд. Ӯ гарон будани баҳои озодиро ба некӯӣ медонист.

Масъуд дар буҳронитарин давраи таърихи Афғонистон ба дифоъи кишвараш бархост. Дар ҳеҷ даврае аз таърихи Афғонистон ин ҳама ҷафо ва ин ҳама мудохила дар умури кишвари мо сурат нагирифтааст. Дар ҳеҷ замоне аз таърихи Афғонистон ин ҳама афғон бар афғон ситам накардааст. Магар артише, ки ҳамроҳ бо қувои Шӯравӣ бар зидди мардум меҷангид, ғайриафғон буд? Магар аксарияти неруҳои толибонро афғонҳо ташкил намедоданд? Толибон, ки ба номи сулҳ ва бо байрақи сафед бархостанд, доғи нанге бузург бар пешонии таърихи Афғонистон гузоштанд. Онҳо ба номи «ҷиҳод» аз манотиқи дуртарини олам ҳар чӣ номард буд, ҷамъ карданд ва ба кишвари худ дохил карданд. Ва мардуми худро ба ину он ном тавассути онҳо ба қатл расонданд. Ва гуфтанд, ки «Ислом марз намешиносад». Исломи толиб, ки марз намешиносад, ҳудуди хона ва боғ ва ҳавливу замин ва номуси мардумро ҳам намешиносад?

Аз ҳамин сабаб буд, ки Масъуд гуфт: «Агар дирӯз барои дифоъ аз кишварам дар муқобили лашкари сурх меҷангидам, имрӯз боз ҳам ба хотири дифоъ аз кишварам дар баробари

лашкари сиёҳ меҷангам». Ва дар сахтиҳои мубориза бо лашкари сиёҳ ҳар рӯз атрофи ӯ холӣ мегардид. Донишмандон, сиёсатмадорон, сиёсатдонон, чизфаҳмон ва нуктадонон, олимони ҷаҳони ислом, сулҳталабон ва миёнҷигарон, мудофиъони ҳуқуқи башар, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақаӣ ва фармондеҳони бо ному нишон ва ҳатто иддайе аз дӯстони наздикаш ӯро дар сангари мубориза бар зидди ин лашкари сиёҳ танҳо гузоштанд. Аммо ӯ байрақи Озодӣ бар даст бар баландиҳои Ҳиндукуш баромад, то мардумаш ӯро бубинад, ки Масъуд онҳоро танҳо нагузошта аст.

Оре, дар як ҷумлаи кӯтоҳ: Масъуд як мусалмони озодихоҳ буд.

## ШУҶОАТИ АХЛОҚӢ

Яке аз сифоти хуби Масъуд эътироф бар хатоҳо ва иштибоҳот буд. Дар ин робита ҳадди аълои шуҷоъатро дошт ва аз баёни мукаррари як иштибоҳ, он ҳам дар иҷтимооти хурду бузург, эҳсоси хиҷолат намекард. Баръакс, бо ин кор мехост бар худ ва дигарон ҳушдор диҳад, ки он иштибоҳотро такрор накунем. Ин нуктаи зиндагии ӯ бисёр омӯзанда аст. Зеро эътироф бар иштибоҳ ва хато бар касе, ки қасди рафтан ба сӯйи дурустро дорад, кӯмак мекунад, то ба мақсад бирасад. Илова бар он, шахсияти инсонро камол мебахшад, таъсироти манфии хаторо бар хатокунанда ва дигарон коҳиш медиҳад ва аз такрори он ҷилавгирӣ мекунад.

Дар ин бахш ман ба бархе аз иштибоҳоти Масъуд ишора мекунам, ки худаш баён мекард ва бархе дигар, ки, ба назари ман, иштибоҳ будааст. Албатта, ман он бахш иштибоҳоти Масъудро, ки худ баён мекард, дар ҳар ҷо мушаххас мекунам ва боқӣ назариёти худи ман аст, ки албатта, иддиъо надорам, ҳама дуруст бошанд ва ҳама бо ман ҳамназар.

Барои фаҳми дурусти мавзӯъ иштибоҳоти Масъудро дар се давраи зиндагии ӯ баррасӣ мекунем. Ва, ба назари ман, ин ки зиндагии Масъудро ба се давра тақсим кардаанд, кори ба ҷо кардаанд.

Яъне:

Давраи мубориза ва ҷиҳод (1972-1991).

Давраи пирӯзӣ (1991-1996).

Давраи муқовимат (1996-2001).

Мехоҳам ҳар се давраи зиндагии Масъудро дар ин ҷо мурури кунем. Албатта, ман дар ин ҷо барои иштибоҳоти ӯ таваҷҷӯҳ дорам, зеро бисёр омӯзандаанд. Ва чунон ки мақсади ин китоб аст, мехоҳам шахсияти ӯро муаррифӣ намоям ва ин ки аз корномаҳои ӯ дар ин бахш камтар сухан меравад, на бад-ин хотир аст, ки аҳамият надорад, балки китоби ҷудогона мехоҳад ва иншоаллоҳ ба он ҳам хоҳам пардохт.

Дар давраи оғози мубориза Масъуд мутаваҷҷеҳ мешавад, ки аз дунболаравии роҳбарии муқим дар Покистон кори муҳимме сурат нахоҳад гирифт. Бинобар ин, маъқултарин тасмимро мегирад ва он ин ки дар аввалин лаҳзаи мумкин ба кори мустақил бипардозад ва ин корро анҷом медиҳад.

Худаш дар ин бора менависад: «Аз солҳои аввали мубориза халои роҳбарӣ (манзур раҳбар нест, зеро Устод Раббонӣ мавҷуд буд)-ро дар Ҷамъият эҳсос мекардам. Мефаҳмидам, ки бузургони мо дар корҳо хатоҳои зиёде мекунанд. Вале чӣ мешуд кард, на илму на қудрат ва на тавонойии онро доштам, ки дар раванди кор дигаргунӣ эҷод кунам». Баъд аз ташреҳи таҳаввулот ва ҷудоӣ дар Ҷамъият менависад: «Инҷенер Гулбиддин, ки зотан мехост ҷудо аз Устод амал кунад, Ҳизби исломиро ба кӯмак ва ташвиқи покистониҳо таъсис кард».

Масъуд, чунон ки дар боло ҳам омадааст, дар интизори фурсат мемонад, то ба кори мустақил оғоз кунад. Ва кудетои коммунистҳои афғонӣ дар соли 1978 ин фурсатро барояш муяссар мекунад. Аз Покистон барои ҳамеша худоҳофизӣ карда, дар соли 1979 вориди зодгоҳаш-Панҷшер мегардад. Дар ин бора менависад: «Худованд лутф кард ва соли 1979 дохили Афғонистон шудам ва ба сурати мустақил даст ба кор гардидам. Чун ният поку нек буд, Худованд мутобиқи ояи «Валлазина ҷоҳаду фино

ланаҳдияннаҳум субулано…» маро ҳидоят ва тавфиқ насиб кард, то роҳ аз чоҳ бозшиносам ва роҳ ва машии дурустеро дар муборизаи мусаллаҳона дунбол кунам».

Масъуд бо дарки бебарномагӣ дар созмони худаш тасмими маъқуле мегирад ва он ин ки мустақилона кор кунад. Вале ин нуктаро бояд дар назар дошт, ки кори мустақилонаи Масъуд монанди Ҳикматёр ҷудоӣ аз Ҷамъият набуд, балки истиқлол дар тасмимгириҳое буд, ки ба амри пешбурди ҷанг ва идораи мардум тааллуқ мегирифт. Масъуд ҳеҷ гоҳ ва расман аз танзими худ ҷудо нашуд. Ба ин мавзӯъ боз ҳам мепардозем.

Дар ин давра Масъуд иштибоҳоти қобили мулоҳизае муртакиб нашуд ва муваффақ гардид як ҷанги нобаробарро дар муқобили қувои Шӯравӣ то хурӯҷи онҳо бо пирӯзиҳои чашмгир ба пеш бурд. Ӯ аз ҳама душвориҳои низомӣ бомуваффақият убур кард ва ба унвони як фармондеҳи шуҷоъ ва хирадманд шӯҳрати ҷаҳонӣ касб кард. Бо оғози хурӯҷи қувои Шӯравӯ аз Афғонистон дар десомбри 1989 вазъияти ҷадиде пеш омад.

Масъуд дар ин бора менависад:

«Ва аммо ҳол? Ҳоло марҳилае ҷадиде пеш омада, русҳо аз Афғонистон дар ҳоли хориҷ шудан ҳастанд. Ва баъд аз ин танҳо муҷоҳидин дар баробари коммунистҳо, ки ҳар ду афғонанд, қарор хоҳад гирифт».

Ин як тарафи қазия буд, ки Масъуд аз идомаи хунрезӣ нигаронӣ дошт ва дар аъмоли баъдии худ ҳам нишон дод, ки аз коммунистҳо интиқом нагирифт ва бидуни хунрезӣ вориди Кобул гардид. Аммо хунрезӣ ба шакли дигаре идома пайдо кард. Ҷониби дигари қазия Милали Муттаҳид буд, зоҳиран онҳо ҳам ба хотири ҷилавгирӣ аз хунрезӣ ва интиқоли мусолиматомези қудрат тарҳи як ҳукумати эътилофӣ аз маҷмӯаи неруҳои мавҷуд ба шумули коммунистҳои ғайримашҳурро доштанд ва дар ин робита корҳои намояндаи хоси сармуншии Милали Муттаҳид барои Афғонистон Бенин Сивон то ҳадде пеш рафта буд, ки таҳдид кард: қатор дар ҳаракат аст ва ҳар кӣ бозмонд, ме-

монад. Албатта, ин ихтор (огоҳӣ) мутаваҷҷеҳи Устод Раббонӣ буд, ки ба тақозои Масъуд аз додани номи чанд вазир, ки дар кабина ончунонӣ дурӣ меҷуст, зеро Масъуд ба Устод Раббонӣ итминон медод, ки Кобул таслим хоҳад шуд. Аммо Устод Раббонӣ таҳти фишор қарор дошт ва таҳаммули он осон набуд.

Устод дар номае, ки ба таърихи 25.7.1991, яъне нӯҳ моҳ қабл аз сукути Кобул (28 апрели 1992) тавассути муҷоҳидин, ба калами худаш навишта шудааст, авзои сиёсиро ба Масъуд чунин тавзеҳ мекунад:

«Бародар инҷенер Масъуд Ҳифзуллоҳу ва риъоҳу!

Умедворам бо умуми бародарони муҷоҳид дар паноҳи лутфу риъояти Парвардигори тавоно қарор дошта бошед. Фатҳи Зебок ва Ишкошимро[1] бори дигар ба Шумо ва ҳамаи бародарон табрик мегӯям. Тайи сӯҳбати телефонӣ дар мавриди вазъи сиёсӣ сӯҳбат карда будам. Бори дигар мутазаккир мешавам: ҳама кишварҳои мусалмон ва ғайримусалмон, чунончи иттилоъ доред, хоҳони қатъи ҷанг ва ҳалли қазия бар асоси тарҳи Милали Муттаҳиданд. Чи онҳо фикр мекунанд, дигар аз роҳи низомӣ масъала ҳал намешавад. Бақои Наҷибро баъд аз хурӯҷи қувои русӣ ва ҳуҷуми қувои муздурро ба баъзе ҷойҳо далели қуввати ӯ хонда ва ҳатто онҳо, ки дар ҷумлаи низомиёни Покистон тарафдори ҳалли низомӣ буданд, ахиран изҳор медоранд: чӣ мешавад, ки баъд аз тағйири асосномаи ҳизби халқ ба маншури исломӣ барояшон ҳақ бидиҳед, дар интихобот шомил шаванд. Акрам Закӣ – Вазири хориҷаи Покистон мегуфт, ки танҳо Покистон монда, ки аз муҷоҳидин ҳимоят мекунад ва мо ҳам баъд аз ин қодир ба идомаи ин сиёсат нестем».

Дар поёни нома Устод Раббонӣ тарҳе эҳтиёткорона пешниҳод мекунад ва он ин ки: «Ба ҳар ҳол назари мо ин аст: дар ҳоле, ки ба корҳои низомӣ ҷиддан таваҷҷӯҳ сурат бигирад, дар фаъолиятҳои сиёсӣ низ на бояд бетаваҷҷӯҳ бошем».

Аммо нерӯҳои Масъуд бе таваҷҷӯҳ ба талошҳои Милали

[1] Ноҳия дар вилояти Бадахшони Афғонистон.

Муттаҳид вориди Кобул гардиданд. Зеро неруҳои Ҳикматёр дар ҳамоҳангӣ бо Вазири дифоъи вақт Муҳаммад Рафеъ вориди Кобул гардиданд. Билохира Кобул таслим шуд, аммо ними он ба Ҳикматёр ва ним ба Масъуд. Ва он гоҳ ҷанг байни ин ду неру оғоз гардид.

Иштибоҳи Масъуд дар ин буд, ки ба Милали Муттаҳид ва тарҳи он ҳеҷ аҳамияте қойил нагардид. Ӯ нияти бад нисбат ба Милали Муттаҳид надошт. Аммо мехост суннатшикание дар таърихи Афғонистон кунад, ки ҳар бор ба Афғонистон бегонагон таҷовуз кардаанд, мардум ба дифоъ аз он бархостаанд. Ва чун ба остонаи пирӯзӣ расидаанд, самараи заҳамоти онҳоро дигарон рабудаанд. Ин дуруст аст, ки тарҳи ҳукумати эътилофӣ бо коммунистҳо ғайриамалӣ буд ва ё ҳамон такрори таърихи ғамбори Афғонистон. Аммо замоне, ки неруҳои Масъуд ба дарвозаҳои Кобул расиданд ва Масъуд аз роҳбарон хост, то ҳукумате, ки қудратро дар Кобул ба даст гирад, ташкил диҳанд. Дар ташкили ҳукумат ҳеҷ нақше ба Милали Муттаҳид қойил нашуданд. Дар натиҷа Милали Муттаҳид озурда шуд, аммо ба рӯи худ наёвард. Ва ин оғози инзивои сиёсии ҳукумати навпои исломӣ буд. Баръакс, дар ташкили ҳукумати ҷадид нақши Покистон даҳ бор бештар аз Милали Муттаҳид буд.

Иштибоҳи дувуми Масъуд, ки худ ба такрор онро ёд мекард, пешбинӣ накардани андозаи мудохилаи Покистон буд. Ӯ мегуфт: «Ҳаргиз фикр намекардам, Покистон то ин ҳад аз Ҳикматёр барои расидан ба қудрат пуштибонӣ кунад». Аммо Масъуд баъдҳо ин мавзӯъро дарк кард ё метавон гуфт: «дастрасӣ ба умқи стратегии» Покистонро бовар кард.

Иштибоҳи севуми Масъуд дар адами тақсими[1] қудрат бо муттаҳидини худ буд. Чун давлати исломӣ дар соли 92 ташкил гардид, Ҳикматёр бо он аз дари мухолифат ва ҷанг пеш омад ва дар ибтидо дар ин мавқиф танҳо буд. Ба ибораи дигар, Ҳикматёр бо ин мавзеъгирӣ садамаи шадиде ба худ ва созмони худ ва он ҳам ба дасти худ зада буд ва ин аз ҳар нигоҳ ба нафъи Масъуд буд. Ҳикматёр солҳо ин сухани ми-

[1] Тақсим накардан.

ёнхолиро ба гӯши пайравони худ таблиғ мекард, ки фақат Ҳизби исломӣ аст, ки метавонад дар Афғонистон ҳукумат ташкил диҳад. Пирӯзии Ҳикматёр, бешубҳа, пирӯзии як созмони тундрав дар Афғонистон буд ва ин навъи тафаккур ҷуз чанд харидор шумори бештаре надошт.

Дар чунин авзоъе, ки Ҳикматёр ҷанг алайҳи як давлати исломӣ ва қонуниро бо баҳонаҳои заъиф оғоз карда буд ва ин иқдом ҷуз ба заъиф шудани ӯ намеанҷомид, Масъуд дар дохили шаҳри Кобул бо муттаҳидини худ даргир шуд. Иллати даргирӣ дар оғоз бар сари масойили амниятии шаҳр ва таваҷҷӯҳ накардани неруҳои муттаҳиди Масъуд ба муқаррароте буд, ки ӯ вазъ мекард. Бояд ба хотир дошта бошем, ки Масъуд дар он вақт Вазири дифоъ ва раиси Комиссюни амниятии шаҳри Кобул буд. Ва мутобиқи файсалаи Шӯрои ҷиҳодӣ ва давлати ҷадид мувazзаф ба таъмини амният дар Кобул буд. Аммо неруҳои воридшуда дар Кобул ба фармондеҳон ва созмонҳои худашон тааллуқ ва одат доштанд ва аз Масъуд фармон намебурданд. Ва ин табиъӣ ҳам буд. Талошҳои Масъуд барои мӯътақид сохтани гурӯҳҳои мухталиф, ки шаҳрро тахлия ва ба қароргоҳҳои низомӣ бираванд, натиҷаи амалӣ надод ва ӯ тасмим ба иқдом гирифт. Дар ин иқдом як неруи чандсаднафарии муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти зиреҳӣ ба ҳар гурӯҳи ғайримасъул, ки дар хонаҳои мардум ва ниҳодҳои ғайринизомӣ ҷо гирифта буданд, фақат чанд соат фурсат медод, то маҳалро тарк кунад, дар ғайри он бо зӯр ихроҷ мегардид.

Дар натиҷаи ин иқдом дар яке – ду маврид теъдоде аз афроди ҷенерол Дӯстум, ки аз ҳама бебанду бортар буданд, кушта шуданд. Муттаҳиддини Масъуд ба шиддат озурда шуд, шурӯъ ба аксуламал карданд. Дар қадами аввал ва бо таассуф иқдоми Масъуд аз тарафи муттаҳиддини ӯ тақдир нагардид, балки онро навъе имтиёзхоҳии як гурӯҳ ва баъд як қавм ба номи панҷшериҳо таъбир карданд.

Қадами баъдӣ мавзеъгириҳои муштарак дар баробари ҳар иқдоми созандаи дигар буд, ки мекарданд ва билохира, дар сафи муқобили Масъуд қарор гирифтаанд ва ба сафи Ҳикматёр, ки танҳо буд, пайвастанд.

Агар ҳар қадар Масъуд дар даргир шудан бо муттаҳидини худ барҳақ буда бошад, ин нуктаро набояд фаромӯш кард, ки ҳеҷ аз муттаҳидини Масъуд, ки бо ӯ даргир шуданд, монанди Ҳикматёр бо ӯ душманӣ надоштанд. Пас тақсими қудрат ба шикасти Ҳикматёр меарзид ва шикасти ӯ сабаби тақвияти дубораи Масъуд мегардид. Бояд ин нуктаро дар хотир дошт, ки иштибоҳоти Масъуд дар мавриди муттаҳидинаш ба ҳеҷ сурат ба маънии ин ки онҳо дар баробари Масъуд иштибоҳ накарданд, намебошад. Умедворам мутаҳиддини мо ҳам қалами инсоф бардоранд ва иштибоҳоташонро бинависанд, то наслҳои баъдӣ аз хатоҳо ва савобҳои мо хуб биёмӯзанд. Масъуд нисбат ба муттаҳидини худ нияти баде надошт. Назарияи ӯ дар идораи мамлакат ин буд, ки ҳарфи охирро яке бояд бигӯяд. Биноан, як созмон бояд пештоз шавад ва дигарон ба дунболи он ҳаракат кунанд. Ба иборати дигар, Масъуд мустабид (худкома) набуд. Аммо иқтидоргаро буд. Ҳоло ин иқтидоргарои ба қимати танҳо мондан ва дар чанд ҷабҳа ҷангидан меарзид ва ё шароити он вақт иҷозаи амалӣ кардани онро медод? Ҳаводиси баъдӣ нишон доданд, ки не.

Қабл аз пайвастани муттаҳидини Масъуд ба Ҳикматёр ва ташкили як ҷабҳаи воҳид ба номи Шӯрои олии ҳамоҳангӣ, ки ҳадафи он шикаст додани Масъуд буд, талошҳое аз тарафи баъзе хайрхоҳон сурат гирифтанд, то байни Масъуд ва муттаҳидини ӯ ҷӯромаде сурат гирад. Аммо ин талошҳо натиҷа надоданд. Зеро шароити онҳо барои Масъуд қобили пазириш набуданд. Таври мисол, ҷенерол Дӯстум тақозо дошт, ки чанд ҳазор неруи дигар аз шимол вориди Кобул намояд. Ба иборaи дигар, муттаҳиддини Масъуд иштирок дар қудратро танҳо дар тақсими вазоратхонаҳо на, балки дар тавозуни неруҳои низомӣ ва ҳузури мусовиёнаи онҳо дар Кобул медиданд. Ва ин барои Масъуд дар шароите, ки фазои эътимод тақрибан аз байн рафта буд, қобили пазириш набуд.

Таваҷҷӯҳ намоед, фақат чанд сол баъд аз он пайравони мактаби Масъуд айни иштибоҳи ӯро дар иҷлоси Бонн такрор карданд (ноябри 2001) ва заҳамоти Масъудро, ки баъд

аз шикасти Кобул тавонист як ҷабҳаи муттаҳид ба вуҷуд биёварад ва гузаштаҳоро ҷуброн кунад, барбод доданд.

Дар ҷаласаи таърихии Бонн пайравони Масъуд чаҳор пости калидии дохила, амният, дифоъ ва хориҷаро барои худ гирифтанд ва сабаби озурдагии муттаҳидинашон гардиданд. Ҳанӯз оқои Қонунӣ дар Бонн буд, ки муттаҳидини мо аз натоиҷ ва беҳтар бигӯем, аз тақсими мансабҳо изҳори норозиятӣ карданд. Дар натиҷа Ҷабҳаи муттаҳид дарз бардошт ва асароти он бар таҳаввулоти Афғонистон мусбат нахоҳад буд.

Дар ин ҷо агар хонандагони муҳтарам ин эътирозро ворид кунанд, ки тақсими қудрат тақсими чанд вазоратхонаро намегӯянд, балки иштироки неруҳои мухталиф ба сари як барномаи миллӣ ва воҳидро гӯянд, ки дар он тарафҳо мақсадҳои ягонаро дунбол мекунанд. Нигоранда ба эшон мувофиқ аст. Аммо шароити кишвари мо ва аҳзоби онро дар назар дошта бошед.

Боз ба каломи дигар: Масъуд ҳамеша тавсияи Бисмарк – нахуствазири машҳури Олмонро ба мо тазаккур медод, ки ҳеҷ гоҳ на бояд дар ду ҷабҳа даргир шуд. Инак, худ дар чандин ҷабҳа даргир буд. Таваҷҷӯҳ кунед: дар сатҳи дохили Афғонистон бо Ҳизби исломӣ (раҳбар Ҳикматёр), Ҳизби ваҳдати исломӣ (раҳбар устод Мазорӣ), Ҷунбиши миллӣ (раҳбар ҷенерол Дӯстум) ва таҳрики толибон (раҳбар мулло Умар), дар сатҳи минтақа бо Покистон, Эрон, Ӯзбакистон ва Тоҷикистон, дар сатҳи ҷаҳон бо Шӯравӣ, ки қаблан даргир шуда буд ва инак, бо Амрико.

Албатта, манзури ман аз даргирӣ дар ин ҷо дар дохил ҷанг аст ва дар хориҷ надоштани муносиботи дуруст бо кишварҳои берунӣ, ба хусус онҳое, ки ба қазияи Афғонистон алоқаманд буданд. Масалан, муносиботи Масъуд бо Эрон зоҳиран ба хотири пуштибонии онҳо аз Ҳизби ваҳдат, бо Ӯзбакистон ба хотири пуштибонии онҳо аз Дӯстум, бо Тоҷикистон аз сабаби пуштибонии худаш аз мухолифини ҳукумати Тоҷикистон, бо Русия ба хотире, ки ворисӣ Шӯравӣ ҳисоб мешуд ва наметавонист якбора ҳамаи гузаштаҳо ба фаромӯшӣ супурда шаванд, бо Амрико, ки гӯё

қазяи Афғонистонро ба фаромӯшӣ супурда буд, дар сатҳи бисёр пойин ва сард қарор дошт.

Давлати навпойи исломӣ, ки Масъуд дар он ҳаркора ба ҳисоб меомад, бо ин ҳама даргирӣ ба сеяки шимол ва сеяки Афғонистон ҳукумат меронд ва шояд умеди пирӯзӣ ба ин ҳама ҷабҳаро ҳам дошт.

Аз назари мантиқи низомӣ ва сиёсӣ ин давлат маҳкум ба шикаст буд. Ва ин яке аз ибтикороти қобили таҳсини Масъуд буд, ки басо авқот шикасти худро ранги ақибнишинӣ медод ва аз таъсироти манфии он бар рӯҳияи афроди худ мекост ва метавонист дубора ба таҷдиди қуво бипардозад.

Ба ҳар ҳол, иштибоҳи чаҳоруми Масъуд ин буд, ки аз назари низомӣ дар чанд ҷабҳа даргир шуд. Бо зуҳури толибон ва пешравии сареъи низомии онҳо то дарвозаҳои Кобул аксари кишварҳое, ки дар боло аз он ном бурдем, якбора ба пуштибонӣ аз Масъуд пардохтанд. Аммо ин ҳимоят бидуни муқаддамоти қаблӣ ва аҷулона (шитобзада) буд ва наметавонист аз суқути Кобул ҷилавгирӣ кунад.

Натиҷагирӣ ин мешавад, ки Масъуд дар даври дувуми мубориза худ (92-96) ба муносиботи хориҷӣ кам аҳамият дод ва ин иштибоҳи панҷуми ӯ буд.

Масъуд шикаст хурд. Кобул ба тасарруфи толибон даромад ва хунрезии тоза оғоз гардид. Хунрезие, ки аз Кобул оғоз гардид ва то Ню-Йорк идома ёфт ва ҳамчунон идома дорад ва дигар ҳеҷ кас ҷуз Худо намедонад, ки то кай давом хоҳад кард.

Масъуд дар ин даври муборизаи худ чанд иштибоҳи дигар низ кард. Яке аз онҳо барҳам додани Шӯрои наззор буд. Худи Масъуд ҳам ин иқдомро як иштибоҳ медонист. Иллат ин буд, ки аз ҳамон оғози таъсиси Шӯрои наззор дар дохили Ҷамъият ва хориҷи он Шӯрои наззор ҳизби ҷадиде ба раҳбарии Масъуд талаққӣ гардид. Бештар дар дохили Ҷамъият ин зеҳният тавассути ҳарифони Масъуд ва ҳар он ки бо ӯ ҳисобе дошт, таблиғ мегардид.

Табъан, Устод Раббонӣ ҳам ба ин ҳарфҳо гӯш медод. Аммо дар амал кадом аксуламале аз худ нишон намедод. Ва инсофан бояд гуфт, ки Устод таҳаммули зиёд дошт. Дар

Кобул Масъуд бо ин савол рӯ ба рӯ гардид, ки агар иллати таъсиси Шӯрои наззор дар замони ҷиҳод ба хотири дур будани роҳбарӣ буд, инак, иллати мавҷудияти он чист? Аз тарафи дигар, дар асари даргириҳо дохили шӯро ҳам он чеҳраи давраи ҷиҳодро надошт. Биноан, Масъуд ба хотири ҳифзи ваҳдат ва исботи ҳусни нияти худ иқдом ба барҳам додани он кард. Аммо натиҷаи ин кори ӯ мусбат набуд. Зеро Масъуд бо камбуди созмон ва ё беҳтар бигӯям, як шӯро рӯ ба рӯ шуд. Агар чи ман шак дорам, ҳадафи Масъуд аз ташкили Шӯрои наззор таъсиси як созмони сиёсӣ буда бошад.

Ба назари ман, иштибоҳи дигари Масъуд дар шакли идора буд. Ӯ хоҳони салоҳияти як Раиси Ҷумҳур буд, бидуни ин ки бихоҳад Раиси Ҷумҳур бошад. Ӯ хоҳони салоҳиятҳои раҳбарӣ буд, бидуни ин ки иродаи раҳбар шуданро дошта бошад. Чунон ки дар боло ба қалами худи ӯ дидем ва ин мумкин набуд.

Масъуд эътимоди бидуни кантрол бар ҳамкорони худро низ яке аз иштибоҳоти он давраи худ медонист. Дар ин давра теъдоде аз ҳамкорони наздики Масъуд аз хатте, ки ӯ барои чӣ гуна зиндагӣ кардан таъйин карда буд, бероҳа рафтанд ва Масъуд онро заъфи маънавият номид. Ба иборати дигар, як навъ ашрофият дар ақиби ҷабаҳоти ҷанг дар ҳоли ба вуҷуд омадан буд, ки аз назари равоншиносӣ аз уқдаҳои (мушкилоти) маҳрумияти иҷтимоъӣ ва иқтисодии иддае маншаъ мегирифт ва бо шароити ҷангии мо ҳеҷ навъ ҳамхонӣ надошт. Баръакс, сабаби маъюсии сангардорон низ мешуд. Аммо бар ҳар ҳол ин хатоҳо сурат гирифтанд ва Масъуд ба ҷои ин ки аз тавсеаи он ба воситаи амру фармону танбеҳ ҷилавгирӣ кунад, ба тавсия ва ниҳоятан ҳушдор иктифо кард. Бояд ин нуктаро, ки дар он Масъуд маломат нест, изофа кунам, ки ҳангоми ворид шудани неруҳои мо ба Кобул теъдоди қитаъоти муназзами мо камтар аз тақозои шароит буд. Чун неруҳои муназзам ба хотири ҷанг ба хутути ҷанг рафтанд. Пас, амнияти шаҳр ва ҳифозат аз таъсисоти давлатӣ ва ғайра ба дӯши як теъдод неруҳо ба номи муҷоҳидини ҷадид, ки аз кӯчаҳо ҷамъ шуда буданд, тааллуқ гирифт ва гоҳе моро, ки аз ҷабаҳоти ҷанг ба шаҳр меома-

дем, мутаваққиф сохта мепурсиданд, ки шумо муҷоҳид ҳастед?

Ба назари ман, заъфи маънавият ба худи ҳар шахс тааллуқ мегирад, то раҳбар. Чӣ тавр мумкин аст ҳар фардро кантрол кард, то хато накунад? Масъулияти раҳбар, ба назари ман, эҷоди фазои муносиб барои рушди ахлоқии ҷомеъа ва ҳифзи он ва ниҳоятан, бархурди қонунӣ бо мутахаллифин аст. Интихоби роҳ ба худи шахс тааллуқ дорад.

Даври дувуми ҳаёти сиёсии Масъуд (91-96) бисёр пурмоҷаро ва омӯзанда аст. Масъуд дар ин давра, ҳамчунон, ки одати ӯ буд, бо тамоми неру кор мекард. Аммо кор мекард, ки кадом як аз ин мушкилотро ҳал кунад: ҷанги афғон бо афғон, ғорати амволи мардум ва мулкиятҳои омма, муҳоҷирати бебизоаттарин мардум, ташкили ҳукуматҳои кӯчак бар синаи захмии кишвар, беамнии роҳҳо, ғорати амволи мусофирон, касоди бозору тиҷорат, болоравии нархҳо, зиёд намудани бекорон ва ҷинояткорон, масдуд шудани макотиб ва муассисоти таълимӣ ва мудохилаи хориҷӣ ва…

Умдатарин иштибоҳи Масъуд дар ин давра, ба назари ман, ин буд, ки ӯ бар хилофи гузашта дар тасмимгириҳои муҳим ба раъйи ҳамкорон ва дӯстони худ амал накард ва ё аслан машвара накард. Бояд ин нуктаро ҳам изофа кунам, дар гузашта ҳам мавориде меомад, ки шӯро ба Масъуд салоҳият медод, ки ба назари худ амал кунад ва ё гоҳе шароит ҳукм мекард, ки Масъуд ба назари худ амал намояд ва баъд шӯроро мутталеъ созад ва ин комилан табиист, зеро роҳбарони воқеӣ касонанд, ки ба истилоҳ, як сару гардан аз дигарон баландтаранд. Пас ҳақ доранд, ки гоҳ-гоҳ фаросати хешро ба кор баранд, аммо интиқод аз Масъуд дар ин ҷо ҷанбаи дигар дорад ва он ин ки Масъуд ба ҳушдорҳои шӯро кам таваҷҷӯҳ кард.

Дар ин маврид зикри як мисолро кофӣ медонам. Аз замоне, ки муттаҳидини Масъуд аз ҷумла Ҳизби ваҳдат ва Ҷунбиш ба Ҳикматёр пайвастанд, дар сафи марбут ба худи Масъуд ин назария ба вуҷуд омад, ки ба тақозоҳои онҳо ҷавоби мусбат дода шуда ва дубора ба сафи давлат баргардонда шавад. Возеҳ буд, ки тақозоҳои онҳо бештар мегар-

дид. Аммо аъзои Шӯрои наззор, ки барҳам шуда буд, аммо дар амал вуҷуд доштанд, ҳамназар буданд, ки ба ҳар қимат, ки мешавад, Ҳизби ваҳдат ва Ҷунбиш баргардонда шаванд. Дар ин маврид фақат як нафар мухолиф буд ва он худи Масъуд буд. Борҳо дар ҷаласоти шӯро аз ӯ тақозо гардид, то роҳи ҳалле барои ин мушкил биёбад, аммо Масъуд возеҳ канора мерафт.

Соли 1995, ки банда масъули ҷабҳаи ҷануби Кобул будам, муваффақ гардидам толибонро, ки дар он вақт то дарвозаҳои Кобул расида буданд, 35 километр ақиб биронем ва Кобулро аз тирраси ракетҳои кӯр, ки инак, ба ҷойи Ҳикматёр толибон партоб мекарданд, дур созем. Бо ба вуҷуд омадани вазъияти ҷадид теъдоде аз фармондеҳон ва аъзои шӯрои тасмим гирифтанд, то ҷаласае дойир намуда, аз Масъуд хоҳиш намоянд, то муттаҳидини қаблии худро ба саф бозгардонад. Бояд тазаккур диҳам: ин замоне аст, ки толибон то дарвозаҳои Кобул аз ду ҷиноҳи ғарбу ҷануб расидаанд. Ва ҳар се неруи мухолифи Масъуд марбут ба Ҳикматёр, Мазорӣ ва Дӯстумро аз атрофи Кобул шикаст додаанд ва танҳо бо Масъуд даргиранд. Дар чунин фазое амалиёти Чаҳоросиёб дар ҷануби Кобул анҷом гирифт ва толибон шикасти сахте хӯрданд. Бо шикасти толибон аъзои шӯро ва фармондеҳон тасмим гирифтанд аз Масъуд тақозо намоянд, то бо муттаҳидини қаблии худ мусолиҳа намояд. Аъзои шӯро ба ин бовар буданд, ки чун Масъуд дар гузашта дар мавқифи заъиф қарор дошт, биноан, ба тақозояшон ҷавоби мусбат намедод ва инак, ки ӯ ба танҳоӣ ва бидуни муттаҳидини қаблӣ тавонистааст толибонро то Лугар ақаб биронад, далеле барои радди пешниҳоди онҳо вуҷуд надорад. Пешниҳоди шӯро барои Масъуд, ки муттаҳидини худро ба саф баргардонад, бар ин мантиқ устувор буд, ки «мо ба танҳоӣ наметавонем аз Кобул дифоъ кунем».

Қарор шуд: ҷаласа дар маҳалли кори Омири Панҷшер– Маҳмудхон, дар Боғи Боло сурат гирад. Қарор буд аз ҷониби фармондеҳон: нигоранда сӯҳбат кунад, зеро аз ҳама бештар нигоранда бар ин назария таъкид доштам. Рӯзи ҷаласа фаро расид, ки банда ба иллати ҷанг дар ҷабҳаи

ғарби Кобул дар ҷаласа иштирок карда натавонистам. Аммо натоиҷи ҷаласаро фармондеҳон бароям нақл карданд.

Ибтидо Масъуд (чунон ки одати ӯ буд) авзои дохил ва хориҷи кишварро аз нуқтаи назарҳои мухталиф тавзеҳ намуда ва барномаҳои баъдиро шарҳ дод. Сипас, аз музокирот бо Ҳизби исломии Ҳикматёр ёд кард, ки Абдулалии Донишёр ва теъдоди дигар масруфи онанд, аммо дар мавриди музокира бо Ҷунбиш гуфт, ки ҷенерол Дӯстум падарашро назди ман ба Ҷабалуссироҷ фиристода буд, то бо ҳам бубинем, аммо ман онро қотеъона рад кардам.

Фармондеҳон гуфтанд, ки мо баъд аз ин тавзеҳоташ лозим надидем ба пешниҳоди худ таъкиди зиёд намоем. Дар амал ҳам ҳамон тавр шуд. Ҳанӯз бо муттаҳидини қаблӣ, ки соҳа ва қуввати низомӣ доштанд, ҳеҷ наздикӣ сурат нагирифта буд, ки бо Ҳикматёри шикастхӯрда тавофуқ сурат гирифт ва ӯ ба сифати нахуствазири кишвар вориди Кобул гардид.

Аз нахуствазирии Хикматёр замони зиёде нагузашта буд, ки толибон аз шарқи Кобул ҳамла карданд ва неруҳои Ҳикматёр қадам ба қадам манотиқро барои толибон вогузоштанд. Теъдоде аз фармондеҳони бисёр боэътимодаш чун қумондон Қалам ва қумондон Чаман дар Сурубӣ (шасткилометрии шарқи Кобул) бо толибон ҳамнаво шуда, неруҳои моро аз ақиб ханҷар заданд, ки яке аз беҳтарин қумандонони мо Қосим тақрибан бо тамоми афроди худ аз дами теғи ин ду ҷигаргӯшаи Ҳикматёр гузаштанд.

Аммо қумондон Зардод – ҷаллоди дигари Ҳикматёр ҷавонмардӣ кард ва бо неруҳои мо муштарак бар зидди толибон ҷангид. Ӯ инак, дар гарави аъмоли гузаштаи хеш дар Лондон аст. Ва аз садҳо савол дар мавриди ӯ яке ин ки: чӣ гуна инсонҳои зиндаро назди саги даранда меандохт, то аз онҳо пул бигирад?

Шояд бовар накунед, ҳангоме ки неруҳои толибон ба тарафи Сурубӣ, ки таҳти кантроли Ҳикматёр наздик мешуд, ки нахуствазир буд, хост то сангарҳои худро ба нерӯҳои мо бидиҳад, зеро тибқи иттилооти мувассақ (боварибахш) теъдоде аз қумондононаш бо толибон паймони ҳамкорӣ

бастаанд. Ҳикматёр розӣ шуд ва зоҳиран ба неруҳояш дастур дод, то сангарҳояшонро барои мо бидиҳанд. Аммо дар амал ҳамон ош буду ҳамон коса. Хуб ба ёд дорам, ки қумондон Наҷимхон тавассути мухобира ба Масъуд гузориш дод, ки инҳо мегӯянд: ба мо дастур надодаанд, то сангарҳои худро барои шумо бидиҳем ва Масъуд дар ҷавоб мегуфт: «Ҳамин имрӯз Ҳикматёр бори дигар ба ман итминон дод, ки дастур додааст, ин корро бикунанд». Ин гуфтугӯҳо чандин рӯз идома доштанд, то ин ки толибон Сурубиро ба шарҳи мухтасаре, ки гузашт, гирифтанд. Ва дарвозаи Кобул боз шуд.

Манзур аз зикри ин матолиб ин буд, ки Масъуд бояд аввалан бо Ҷунбиш ва Ҳизби ваҳдат як ҷо мегардид, ки дорои қуввати низомӣ буданд, на Ҳикматёр, ки фақат бори дӯш гардид.

Дар миёни мо ҳеҷ кас тарафдори ин набуд, ки Ҳикматёри дар ҳоли мурданро дубора зинда кунанд, балки ҳама таъкид бар наздик сохтани Ҳизби ваҳдат ва Ҷунбиш доштанд. Аммо Масъуд ба тақозои чанд тан аз аъзои Ҷамъият, ки фикр мекарданд: омадани Ҳикматёр бар қуввати давлат меафзояд, посухи мусбат дод ва машварати аъзои шӯроро кам шунид. Вақоеи баъдӣ, ки зикри он дар боло омад, нишон дод, ки кадом маҷмӯа ба Масъуд машварати беҳтар додаанд.

## ДАВРИ СЕВУМИ ҲАЁТИ МАСЪУД (1996-2001)

Бо ишғоли Кобул тавассути толибон дар соли 1996 сафҳаи ҷадиде аз муборизаҳо оғоз гардид. Бисёре аз кишварҳои ғарбӣ, ки аз авзоъи Афғонистон хаста шуда буданд, дил ба ин роҳкор баста буданд, ки сӯҳбат бо як ҳукумати якдаст, агарчи диктатор, ба маротиб беҳтар аст аз музокира бо садҳо гурӯҳ. Ба гумони онҳо: баъд аз пирӯзии толибон бо барқарории муносибот бо онҳо мешуд ба эҳтироми мутақобил дар равобити байни давлатҳо мутақоъидашон сохт. Бад-ин тартиб, ҷомеаи байналмилалӣ, бидуни ин ки маҷбур ба мудохилаи мустақим дар як муш-

кил печида гардад, ба муроди худ, ки ҳамоно халъи силоҳи (бесилоҳсозии) гурӯҳҳои оштинопазир дар ҷанг ва барқарории як низом дар Афғонистон бошад, нойил мегардад. Ин тарзи тафаккур мантиқӣ ҳам ба назар мерасид ва талошҳое ҳам тавассути кишварҳои мухталиф бо унвонҳои мухталиф сурат гирифтанд. Аммо ҳар рӯз бар каллашахии ин гурӯҳ афзуда мешуд. Он чӣ дунёро мутаҳаййир (ҳайрон) карда буд, аъмол ва афкори ин гурӯҳ буд. Ва ин ҳама донишманду ҷомеъашинос ва мутахассис намедонистанд, ки ногаҳон ин афкор аз куҷо пайдо шудаанд, дар ҳоле, ки ин навъи бардошт аз ислом дар ҷомеъаи ақибмондаи Афғонистон ва Покистон вуҷуд дошт ва дорад. Дар бисёре аз атрофу акнофи Афғонистону Покистон ҳамин лаҳза бо сари бараҳна намоз хондан баробари бединӣ аст. Ва дар ҷойҳое, ки каме мутамаддин шуда бошанд, низ намоз хондан бо сари бараҳна ҷавоз надорад (раво нест). Дар Покистон вақте ба масҷид биравед ва бо сари бараҳна шурӯъ ба намоз хондан кунед, ҳатман яке аз намозгузорон бармехезад ва бар сари шумо кулоҳ мегузорад. Кулоҳи худашро? Не, балки дар ҳар масҷид теъдоде кулоҳи бӯрёӣ дар кунҷе уфтода, то бар сари шумо, ки тарки як асли муҳим дар динро кардаед, бигузоранд. Ба ёд дорам: як бор бо дӯстам қумондон Ҳусайн дар Пешовари Покистон ба масҷиде ба намоз хондан рафтем. Ӯ ҳам монанди ман аз ин кулоҳгузорӣ бадаш меомад. Охир ба ибодат истодаӣ, ки чанд лаҳза аз ин ҳама дағдағаҳое, ки фарзандони Одам барои якдигарашон сохтаанд, фориғ гардӣ, ки ногаҳон бар сарат чизе мегузоранд. Даст ба сар мебарӣ ва монанди Ҳусайн он кулоҳи музахрафро дур меандозӣ, ки бори дигар бар сарат мегузоранд. Ва агар муллои масҷид ин саҳнаро бубинад, маълум аст, ки киро баҳо медиҳад ва киро ҷазо. Ҳоло агар туфанге ба дасташ бошад, ба назари шумо, бо мутахаллиф чӣ муомила хоҳад кард?!

Барои муқобила бо афкори толибӣ бояд ба ислоҳи мадориси динӣ пардохт. Ҳадди ақал дар се сол як бор ин имомони мусойидро (тарафдорро) аз атроф ва акнофи мамлакат дар марказ бояд ҷамъ кард ва уламои бузурги олами исломро даъват кард, то ба инҳо бигӯянд, ки мешавад бо сари

барахна намоз хонд!

Чунон ки исломи толибӣ реша дар ақибмондагии ҷомеъа дорад, навъи дигари ислом, яъне исломи мубориз реша дар авомили сиёсии ҷомеъаҳо дорад. Исломи ҳақиқӣ яке аст ва анвоъ надорад, балки таъбирҳои гуногун, ки реша дар авомили гуногун доранд, чунин тасаввуре аз дини бузург ироа мекунанд. На танҳо ислом, балки динҳои дигар, ки манбаи осмонӣ доранд, чун масеҳият ва яҳуд, низ бо чунин мушкилоте рӯ ба рӯянд. Ба назари ман: давлатҳо, уламои дин ҳамроҳ бо сойири муассисоти хидмат ба башар метавонанд нақши муҳимме дар рафъи ин мушкил ифо кунанд.

Ва инак, Масъудро ба танҳоӣ гузошта буданд, то муллоёни туфангбадасти бархоста аз ақибмондатарин гӯшаҳои мамлакатро бифаҳмонанд, ки на он чи шумо мегӯед, шариъат аст ва на он чӣ анҷом медиҳед – ҷиҳод!

Қатлу хунрезӣ тавассути толибон оғоз гардид ва онҳо бар ҳеҷ чизе раҳм накарданд. Вақте мафҳуми шариъат ва ҷиҳод чунин ироа шавад, тавақкӯъ дорем, ки пайравони ин дин чӣ қадар бояд зиёд шаванд ва сарнавишти шариате, ки Пайғамбари ислом саллаллоҳу ъалайҳи вассалам барои беҳтар зиндагӣ кардани башарият ба армуғон оварда, ба куҷо бикашад. Дар замоне, ки ин гурӯҳи ҷоҳил бо шамшерҳои ҷаҳолат бар фарқи ислом мекӯбиданд, курсии Афғонистон дар иҷлоси Конфронси исломӣ ба ҳолати муаллақ даровarda шуд, то чароғи сабзе бошад барои ин гурӯҳи исломкуш.

Аммо барои Масъуд муқобила бо ифротигарӣ чизи тозайе набуд. Тоза аз ҷанги Ҳикматёр, он ҳам ба асари лутфи толибон, ки ӯро шикаст додаанд, халос шуда буд. Ва инак, бо як гурӯҳи тундтар аз Ҳикматёр рӯ ба рӯ мешуд.

Давраи севуми ҳаёти сиёсии Масъуд, ки онро давраи муқовимат мегӯем, аз суқути Кобул дар 1996 оғоз мегардад. Дар ин давра иштибоҳоти Масъуд камтар буд. Беҳтар аст гуфт, ки шароит дигар иҷозаи иштибоҳро намедод. Яъне Масъуд он қадар душворӣ дар он солҳои сахт дида буд, ки медонист чӣ кунад. Дигар ин иштибоҳ ба қимати аз даст рафтани Афғонистон тамом мешуд, ки баргашти он бисёр сангин мебуд.

Чунон ки дар муқаддимаи ин китоб гуфтам, ҳадаф аз навиштани ин бахш муаррафии афкор ва рафтори Масъуд аст ва на корномаҳояш. Бармегардем ба ин нукта, ки Масъуд бунёнгузори тиюрии (назарияи) дифоъ аз кишвар аст. Ва бояд тарзи фикри ӯро барои ҳалли мушкилот ба диққат дар назар гирифт. Ӯ дар ин марҳила назарияи дифоъро чунин асосгузорӣ кард: муқовимат дар дохил ва фишор аз берун.

Чун аҳдофи харакати толибон реша дар берун дошт, ё ба сухани дигар, мудохилаи хориҷӣ бо авомили дохилӣ дасти иттиҳод дода буд, Масъуд ҳам назарияи дифоъи худро мутобиқи ҳамин вазъият асос гузошт, яъне ташкили як ҷабҳаи муттаҳиди дифоъӣ дар дохил ва овардани фишор аз берун.

Ба иборати дигар, Масъуд бо таъсиси Ҷабҳаи муттаҳид, ки матбуоти ғарбӣ қасдан онро Иттиҳоди шимол номиданд, аз пеш бо толибон рӯ ба рӯ шуд. Ва бо назарияи фишор аз берун мехост ақибгоҳи толибонро, ки Покистон буд, мавриди ҳамла қарор диҳад. Аммо қазия ба ҳамин содагӣ набуд ва Масъуд дар ҳар ду ҷабҳа бо даҳҳо душворӣ рӯ ба рӯ буд. Аввалан, Ҷабҳаи муттаҳид ба шакли муттаҳид наметавонист амал кунад. Зеро фақат чанд рӯз пеш аз хунрезӣ байни якдигар, он ҳам таҳти фишори шароит, даст кашида буданд ва ҳанӯз ҳисобҳои тасфияношударо ба ин зудӣ наметавонистанд фаромӯш кунанд. Ба ҳамин лиҳоз дар аввалин зарба муттаҳидини Масъуд дар баробари толибон шикаст хурданд ва ӯ танҳо монд ва рӯзҳои душвору пурмашаққатеро ба танҳоӣ гузаронд. Аммо билохира муваффақ шуд, шикасту рехти ҷабҳаро тармим кунад.

Аммо дар ҷабҳаи берун, ки Масъуд таваққӯъ дошт бар толибон фишор ворид шавад, қазия таври дигаре буд. Покистон, Амороти Муттаҳидаи Арабӣ ва Арабистони Саъудӣ ҳукумати толибонро ба расмият шинохтанд. Конфронси кишварҳои исломӣ узвияти Афғонистонро ба ҳолати муаллақ даровард. Амрико ва Милали Муттаҳид намояндаи толибонро дар Ню-Йорк ҷо доданд. Туркманистон ба миёнҷигарӣ пардохт ва бисёрӣ сукут карданд.

Дар як калом, ҳанӯз ҷаҳон манофеи худро дар вокуниши

нарму дарозмуддат дар баробари гурӯҳе медид, ки бошитоб ба фикри таҳдиди манофеи онҳо буд. Онҳо хатари толибонро, ки дар ақиби он терроризми байналмилалӣ ва ISI сангар гирифта буданд, аз кишварҳои худ ба андозаи фосилаи ҷуғрофиёии он медонистанд, аммо ҳодисаи 11 сентябри соли 2001 нишон дод, ки хатар бисёр наздиктар аз он чӣ буд, ки онҳо мепиндоштанд.

Дар ин давра Масъуд ду иштибоҳ кард. Яке ин ки Ҳикматёрро бо унвони нахуствазир ба ҳукумат шомил кард, ки аз ӯ ҳеҷ хайре ҳам нарасид. Баръакс, ӯ ба ҷои сипосгузорӣ тӯҳмат зад, ки: «Масъуд маро мехост террор кунад». Ва инро нагуфт, ки чаро накард ва ё чӣ монеъе вуҷуд дошт, ки ин корро накунад. Агар чи нахуствазирии Ҳикматёр дер набуд.

Иштибоҳи дувумаш ин буд, ки ба Урупо чанд сол баъд аз он сафар кард, ки бояд дар ҳамон оғоз ин корро мекард.

Ӯ аз ҳамон оғоз, ки Урупо роҳи худро ҷудо аз Амрико кард, бояд мутаваҷҷеҳ мешуд, ки бо ин қутби ҷадид табодули афкор намояд. Масъуд сафар ба Урупоро ду сол ба таъхир андохт. Ва фақат як мулоҳиза дошт ва он ин ки замоне ба Урупо сафар намояд, ки дастоварди низомӣ дошта бошад. Аммо ҷуз худаш ҳамаи мушовирини ӯ таъкид доштанд, ки мунтазири дастоварди низомӣ набошад ва Урупо ҳам интизори пирӯзиҳои низомии ӯро надорад, балки сафари ӯ аз ҷиҳати тавзеҳи умқи фоҷиае, ки дар Афғонистон равон аст, аҳамият дорад. Масъуд дар давраи муқовимат бори дигар шахсияти аслии худро ба исбот расонд ва бар таърихи озодихоҳии мардуми Афғонистон сафҳаи дигар афзуд.

Афсус, ки ӯ ҳама корҳоеро, ки бояд қаблан мекард, дар вопасин соли зиндагии худ анҷом дод. Таъсиси як Ҷабҳаи муттаҳид дар дохил, лағви (бекор кардани) фаъолиятҳои ҳизбӣ дар амри дифоъ аз Ватан, заминасозӣ барои таъсиси як ҳизби сиёсӣ, муаррифии афкори худ ва шахсияти худ дар берун ва аҳамият додан ба равобити хориҷӣ.

## ҚАТЛИ МАСЪУД

Масъуд дар 9 септомбри соли 2001-и мелодӣ ба шаҳодат

расонида шуд.

Қатли ӯ тавассути ду нафар араби марокашӣ сурат гирифт, ки зоҳиран тобеъияти Белгия доштанд. Ин ду нафар араб таҳти пӯшиши хабарнигор ҳангоми мусоҳиба бо Масъуд даст ба як амали интиҳорӣ (худкушӣ) зада, бо инфиҷори камера, ки бомб дар он ҷогузорӣ шуда буд, худ ва Масъудро аз байн бурданд.

Ҳеҷ касе масъулияти ин қатлро ба дӯш нагирифт ва ин ботил будани роҳеро нишон медиҳад, ки иддае дар он равонанд.

Ман таҳти ин унвон бар он нестам: илал (сабабҳо) ва чигунагии қатлро ба баррасӣ гирам. Зеро ҳақоиқ дар мавриди қатли Масъудро охирин нагуфтаниҳо равшан хоҳанд сохт. Ман мехостам ин нуктаро бигӯям, ки дар тавтеъаи қатли Масъуд чанд нафар, чанд созмон ва чанд кишвар иштирок доштанд.

## АҲМАДШОҲИ МАСЪУД ДАР ЯК ХУЛОСА

Аҳмадшоҳи Масъуд дар соли 1953 дар деҳкадаи Ҷангалаки дараи Панҷшер таваллуд шуд. Мактабро дар литсейи «Истиқлол»-и Кобул хонд ва сипас ба Институти политехникии Кобул шомил гардид ва синфи дувумро ниматамом гузошт.

Бо кудетои Довуд дар 1973, ки онро кудетои коммунистӣ медонист, ба сафи муборизони исломӣ пайваст ва бар зидди ҳукумати Довуд ба фаъолият оғоз кард. Довуд коммунистҳоро дар давлати хеш мақомоти баланд дод ва мусалмонони муборизро саркӯб кард. Наҳзати ҷавонони мусалмон тарҳи сарнагунии режим аз тариқи кудеторо рехт. Аммо тарҳ ифшо шуд ва баъзе дастгир ва теъдоде, аз ҷумла Масъуд фирорӣ шуданд. Соли 1974 бори дигар икдом ба кудето карданд ва як пирӯзии нисбӣ сирф дар Панҷшер, ки Масъуд онро роҳбарӣ мекард, ба даст оварданд. Аммо дар натиҷа бори дигар шикаст хӯрданд. Аз соли 1974-1978 Масъуд, ки асосан дар Покистон иқомат дошт, мубориза бар

зидди Довудро идома дод. Ва бо кудетои каммунистҳо дар соли 1978 дигар нигаронии ӯ ба воқеъият пайваст ва коммунистҳо қудратро мутлақан дар даст гирифтанд. Масъуд муборизаи мусаллаҳона бар зидди ҳукумат ва коммунистиро оғоз кард.

Дар соли 1979 қувои Шӯравӣ вориди хоки Афғонистон гардид ва ҷиҳод барои дафъи таҷовуз оғоз шуд. Масъуд ҷанг бар зидди қувои Шӯравиро оғоз кард ва Панҷшерро пойгоҳи хеш қарор дод.

Масъуд дар замони ҷиҳод шӯҳрати ҷаҳонӣ касб кард ва ба унвони як фармондеҳи шӯҷоъ ва хирадманд шинохта шуд.

Ӯ дар муддати ҳудуди 10 соли ҳузури Шӯравӣ дар Афғонистон ба як ҳисоб ҳафт бор ва ба ҳисоби дигар ёздаҳ бор бо Артиши сурх масоф дод ва пирӯз гардид.

Масъуд асоси илми як ҷанги партизаниро гузошт, ки ҳадафи он дифоъ аз кишвар буд. Ва дуруст будани тиюрии худро дар соли 1991, ки неруҳояш пирӯзмандона вориди Кобул гардиданд, ба исбот расонд.

Бо ташкили аввалин Давлати исломии Афғонистон Масъуд ба унвони Вазири дифоъ таъйин гардид ва даҳ сол, яъне то соли 2001 дар ҳамин мансаб боқӣ монд. Ҷуз як муддати кӯтоҳ, ки ӯро исман канор гузоштанд, аммо дар амал ҳамчунон Вазири дифоъ буд.

Аз соли 1991 то 1996 Масъуд даргири ҷанг бо гурӯҳҳои мухталиф гардид, ки барои мақсадҳои мухталиф меҷангиданд. Ибтидои ин ҷанг тавассути Ҳикматёр оғоз гардид ва ӯ давлати исломиро, ки дар натиҷаи пирӯзии ҷиҳод таъсис шуда буд, муттаҳам ба эътилоф бо коммунистҳо кард ва бар зидди он эълони ҷанг дод ва исми онро ҷиҳод гузошт.

Баъдҳо теъдоди дигар аз неруҳое, ки дар ибтидо муттаҳиди Масъуд ба ҳисоб мерафтанд, ба сафи Ҳикматёр пайвастанд ва ҷанг миқёси васеътар ёфт.

Покистон мисли ҳамеша бо ҳукумат муносиботи сиёсӣ барқарор кард ва бо мухолифинаш равобити ақидатӣ. Аммо

натавонист Ҳикматёрро ба қудрат бирасонад. Пас неруи ҷадиде ба номи толибон ба вуҷуд овард ва захираи ақибии онро бо довталабоне аз тамоми олам пур кард ва неруҳои худро ҳам бар он афзуд.

Соли 1994, ки Масъуд масруфи ҷанг бо чанд ҷабҳа буд, толибон зуҳур карданд ва дар ибтидо бо неруҳои давлатӣ аз дари мудоро даромаданд ва мухолифини давлатро аз сари роҳ бардоштанд. Ҳаракати толибон дар дохил ва хориҷ ба унвони як роҳи ҳал талаққӣ гардид ва ҷаҳон ҳам ба он аз дари мудоро пеш омад.

Толибон то дарвозаҳои Кобул бо байрақи сафед омаданд ва он гоҳ байрақи аслиро берун оварданд, ки бар рӯи он навишта буд: «Ҷаҳолат».

Ҷанге хунинтар аз гузашта оғоз шуд ва Кобул дар соли 1996 ба дасти толибон уфтод. Масъуд аз ҷанг дар даруни шаҳр дурӣ ҷуст ва ба пойгоҳи аслиаш Ҳиндукуш баргашт ва ба таҷдиди қуво пардохт.

Бори дигар рӯзҳои душвор бар Масъуд такрор шуданд, то ҷое, ки ҳама ӯро танҳо гузоштанд. Масъуд бо ақибнишинӣ аз Кобул тиюрии ҷадидеро барои дифоъ аз кишвар тарҳ кард, ки чунин буд: «Муқовимат дар дохил ва фишор аз берун».

Аз ҳамин сабаб ин давр (1996-2001) ба номи давраи муқовимат шинохта шуд.

Барои иҷрои тарҳи дифоии «Муқовимат дар дохил ва фишор аз берун» ибтидо иттиҳоде аз неруҳои муассири дохилӣ ташкил дод, ки номи он «Ҷабҳаи муттаҳиди миллӣ ва исломӣ барои наҷоти Афғонистон» буд. Аммо аъзои ин ҷабҳа иборат буданд аз неруҳое, ки то чанд рӯз қабл дар баробари якдигар меҷангиданд ва ба қадри кофӣ хаста буданд.

Ба ибораи дигар, Масъуд қалъае барои дифоъ сохт, ки фақат дарвозайи маҳкам ба номи Панҷшер дошт, аммо бурҷҳо ва деворҳояш чандин бор ларзиданд ва фурӯ рехтанд. Вале Масъуд тавонист онро таъмир кунад.

Гӯё Масъуд муваффақ гардида буд, мутобиқ ба назарияи ҷабҳаи муқовимат дар дохилро ташкил диҳад. Ташкили ҷабҳаи муқовимат қудрати кори толибонро ба озмоиш ги-

рифт ва ба зудӣ маълум гардид, ки онҳо ба танҳоӣ тавони шикастани муқовиматро надоранд. Пас Покистон неруҳои эҳтиёти ақибиро, ки аз довталабони хориҷӣ ва шаҳрвандони худаш ташкил карда буд, вориди майдон кард. Шояд дар таърихи ҷаҳон то ҳол ин ҳама хориҷӣ барои ҷанг бо миллате ҷамъ нашуда бошанд.

Теъдоде аз кишварҳоро ном мебарам, таваҷҷӯҳ кунед: Русия, Тоҷикистон, Ӯзбакистон, Чин, Ингилистон, Амрико, Кувайт, Миср, Тунис, Алҷазоир, Арабистони Саъудӣ, Филипин, Бирма, Покистон ва теъдоде дигар. Аз ҳамаи ин кишварҳо неру барои кӯмак ба толибон ҳузур дошт.

Ҷолиб ин ки номи ин ҷангро ҷиҳод гузоштанд ва бо теғи ин муҷоҳидини байналмилалӣ каси дигаре ҷуз мусалмон кушта нашуд.

Барои татбиқи бахши дувуми назарияи муқовимат, ки Масъуд онро фишор аз берун ном гузорида буд, душвориҳо бамаротиб бештар буд.

Уламои Покистон (агар битавон онҳоро олим гуфт) барои китоб таблиғ мекарданд ва рӯзи равшан ҳазорҳо нафар ба тарафи Афғонистон фиристода мешуданд. Ва ҷаҳони ислом дар баробари ин мусибат сукут карда буд. Конфронси кишварҳои исломӣ курсии Афғонистонро ба ҳолати муаллақ даровард. Ва Милали Муттаҳид намояндаи толибонро дар Ню-Йорк пазируфт. Давлати Амороти Муттаҳидаи Арабӣ, Арабистони Саъудӣ ва Покистон толибонро ба расмият шинохт. Ва Амрико ҳам қаблан дар соли 1996 аз тариқи намояндааш хонум Робин Рафоел бори аввал дар фурудгоҳи Багром ва бори дувум дар шаҳраки Истолиф ба Масъуд гуфта буд, ки ҷанги шумо бо толибон мушкили дохилии худи шумост ва хориҷиён дар сафи толибон онҳоеанд, ки шуморо дар даврони ҷанг бар зидди Шӯравӣ кӯмак карданд. Ва Покистон ҳам дар умури шумо мудохила надорад.

Пас бахши дувуми тиюрии Масъуд, ки фишор аз берунро тавсия мекард, ҳолати баръакс дошт. Яъне худи Масъуд зери фишор буд.

Аммо Масъуд ба дурустии роҳе, ки мерафт, боварии ко-

мил дошт ва қасам ёд карда буд, ки агар як нафар бимонад, муқовимат хоҳад кард.

Муқовимат шаш сол таҳти раҳбарии Масъуд идома пайдо кард ва дар ҳоле, ки кадом тағйири муҳимме дар ҷабҳаи дохилу хориҷ ба нафъи Масъуд дида намешуд, Покистон ханҷари чиркинро бар қалби ӯ фуруд овард.

Ду рӯз баъд аз шаҳодати ӯ дар 9 септомбри 2001 маълум гардид, ки Масъуд дуруст фикр мекард.

Аҳмадшоҳи Масъуд дар 19-солагӣ ба мубориза оғоз кард ва дар 49 солагӣ ба шаҳодат расид. Ӯ сӣ соли умри худро бо душвориҳо ва мушкилот гузаронд ва ҷуз дар баробари Худо ба чиз ё каси дигаре сар хам накард.

Ҷаҳонбинӣ, ақида, хусусиёти фардӣ ва иҷтимоъии ӯ қобили тааммул аст ва дар хулосае чунин буд: «Масъуд тарафдори як ҷаҳони чандқутбӣ буд. Ӯ ҳангоми фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар иҷтимое аз фармондеҳони худ гуфт, ки низоми якқутбӣ на ба нафъи Афғонистон аст ва на ба нафъи ҷаҳон. Ӯ пешбинӣ кард, ки ба зудӣ байни Ғарб, ба хусус Амрико ва ҷаҳони ислом истикокҳое (бархӯрдҳое) ба вуҷуд хоҳанд омад. Ӯ назми навини ҷаҳонии Амрикоро навъе яккатозӣ ва оқойӣ бар ҷаҳон хонд ва гуфт: «Таърих нишон додааст, ки ҷаҳон якқутбӣ нахоҳад монд».

Ӯ аз бераҳбарии ҷаҳони ислом мутаассиф буд ва тааҷҷуб мекард, ки Урупо бо он ҳама ихтилофоти таърихӣ бар асоси манофеъи муштарак муттаҳид мегардад, аммо дар миёни мусалмонон, ҳатто як ваҷҳи муштарак ҳам вуҷуд надорад, ки бар сари он ҷамъ оянд.

Дар сатҳи минтақа ба равобити нек бо тамоми ҳамсоягон фикр мекард ва ба ҳалли мусолиматомези ихтилофот бо Покистон эътиқод дошт.

Давлати Исроилро як давлати ғосибу золим медонист ва барқарории ҳар навъ тамос бо онро гуноҳ медонист.

Орзуи як Афғонистони қавӣ ва мураффаҳро дошт, ки дорои як низоми исломии мӯътадил ва мунтахаб бошад бо муносиботи нек бо тамоми кишварҳои ҷаҳон.

Масъуд аз назари ақида як мусалмони мутамассик (мӯътақид) буд. Мазҳабаш ҳанафӣ буд ва биниши васеъе

нисбат ба кулли мазоҳиб дошт. Ба ибодат рағбати зиёд дошт ва аз кӯчактарин манҳиёти шаръӣ парҳез мекард.

Бо дӯстон равобити нек дошт, аммо кӯчактарин хатои ахлоқии онҳоро фаромӯш намекард. Бо мардум бо кушодарӯйӣ бархӯрд мекард, аммо дар иҷтимоъот камтар зоҳир мешуд. Бо душманон бо мудоро рафтор мекард ва асиронро намекушт. Аммо бар ҷосусон ҳеҷ гоҳ раҳм накард.

Ҳавсалаи қобили таҳсин дошт ва барои ҳавсала пайдо кардан ҳам тавсияи ҷолибе дошт, ки омӯзанда аст. Мегуфт, ки вақте масъалае пеш меояд, ки шуморо беҳавсала месозад, фавран худро тарғиб кунед, ки ман мехоҳам ҳавсала кунам. Бад-ин тартиб ҳавсаларо тамрин кунед.

Дар сахтиҳо сабур буд ва бо мушкилоту душвориҳо бо таҳаммул ва рӯҳияи қавӣ бархӯрд мекард.

Шуҷоъ буд ва афроди шуҷоъро меписандид. Ҳар касро аз рӯи ахлоқ, истеъдод ва ибтикор баҳо медод. Ва навовариҳоро бисёр ташвиқ мекард ва замина медод.

Бесаводиро айб медонист ва ҳамаи дӯстонашро ба омӯзиш тарғиб мекард. Ба сӯҳбати уламо ва донишмандон алоқаи фаровон дошт ва аз савол кардан ва шунидан хаста намешуд.

Одами сахт ақлонӣ буд ва ҳеҷ чизро то худ қаноъат намекард, намепазируфт.

Диққати бисёр мекард. Тезбин ва ҳассос буд.

Муболиға ва тамаллуқро бад медид ва ин афродро дар сӯҳбат хиҷолат медод.

Дар баробари аз худ кӯчактарон фурӯтан буд ва дар муқобили зӯргӯён ва бузургманишон сахт мағрур ва беэътино.

Шунидан ва дидани зулму фасод ӯро асабонӣ месохт ва дар чунин ҳолат агар бо муҷрим рӯ ба рӯ мешуд, худ ӯро ҷазо медод. Аммо аз задан бар рӯй худдорӣ мекард ва ба фармондеҳонаш дастур содир карда буд, ки муҷоҳидин ҳаққи задан ба рӯйи онҳоро надоранд.

Дар авҷи асабоният метавонист хашми худро фурӯ хӯрад. Кофӣ буд, касе ҷуръат кунад ва пеш шавад аз ӯ тақозо кунад.

Масъуд соҳиби ҳайбату виқор ба тамоми маънӣ буд. Ҳузураш дар маҷлис фавран ҳис мешуд ва аксаран мухотаб-

ро таҳти таъсир қарор медод. Бо вуҷуди он, бархурде бетакаллуф ва сода дошт ва аз ҳар навъ ташрифот безор буд.

Одобро дар ҳама ҷо ва ҳама умур муроъот мекард. Ва ин дар аввалин нишаст бо ӯ барҷастагии худро нишон медод.

Шахсияташ дорои ҷозиба буд ва гармӣ дошт. Ҳар кас худро ба ӯ наздик ҳис мекард ва аз кор кардан ҳамроҳаш қувват мегирифт ва лаззат мебурд.

Метавонист барои ҳар кас чанд шахсият бошад: раҳбар, падар, рафиқ ва бародар.

Бо вуҷуди тамоми ин сифот шахсияти Масъуд омехтае буд аз содагӣ ва печидагӣ, ки баъзе авқот дарки ӯро барои шахс мушкил месохт.

Ҳамеша мутолиъа мекард ва китобе бо худ медошт. Ғолибан, кулоҳ, соъат ва ашёи худро фаромӯш мекард, аммо китобро ҳаргиз. Муҳофизинаш инро медонистанд ва дар як рӯз чанд бор онро аз якдигар мепурсиданд, то ҷо намонда бошад.

Ба варзиш алоқа дошт ва худ варзишгар буд. Бокс, тэквандо, футбол, волейбол, шино ва партоби сангро, ки як варзиши маҳаллӣ аст, ёд дошт.

Гарчи шинорo дӯст дошт, аммо аз бараҳна шудан дар сурате, ки касе ноошно мебуд, ҳаё мекард ва иҷтиноб меварзид.

Ҳангоми хиҷолат аз чизе чеҳрааш гулгун мешуд ва рагҳои амудии пешониаш барҷаста мешуданд.

Ғизои хуб мехӯрд, аммо кам ва аз ҳама зудтар даст мекашид. Ба хӯрдани шӯрбо алоқаманд буд ва кабобро ҳам меписандид. Аз меваҳо ҳамаро мехӯрд, аммо себ ва амро бештар хуш дошт.

Ғолибан чойи сабз менӯшид ва онро чойи мардона мегуфт. Ба шӯрчой, ки навъи нӯшиданӣ дар вилоёти Бадахшон ва Тахор аст, алоқаи фаровон дошт. Шӯрчой аз омехтаи шир, чойи сиёҳ, намак ва баъзан чормағз ва қаймоқ сохта мешавад, ки ҷӯшонда мешавад ва ба далели доштани намак ҳозимаи бисёр қавӣ дорад.

Либосҳои равшан мепӯшид ва бештар ранги кремии мутамойил ба хокӣ ва ранги обии равшанро меписандид.

Ҳамеша пок буд ва либоси пок мепӯшид. Назофатро му-

роъот мекард. Дар ҳама ҷо ва ҳама чиз.

Қиёфаи ҷаззоб дошт: қади мутавассити мойил ба баланд, саре бузург бо мӯйҳои муҷаъад (ҷингила) ва пур, бинии уқобӣ ва рӯйи устухонӣ, пӯсти сафед ва ҳассос, бадане азалотӣ (сермушак) ва моҳичадори бидуни чарбӣ.

## ИСТИЛОҲОТ ДАР ГУФТОР

Масъуд калимоти зиштро ҳаргиз ба забон намеовард ва касе аз ӯ чунин чизе ба ёд надорад. Ҳатто дар замони ҷанг, ки фазои камҳавсалагӣ, хастагӣ ва хушунат ҳукмфармо мешавад, аз Масъуд калимоти зишт ба хотир надорем. Таваҷҷӯҳ бифармоед ба теъдоде аз истилоҳоте, ки ба кор мебурд:

Дар ғазаб: луччак ё истилоҳи панҷшерӣ – бачаатро гӯр кунӣ!

Дар танбеҳи хафиф (сабук): у одам! у одам!

Дар таъоҷҷуб: субҳоналлоҳ!

Барои кантроли хандаи каҳ-каҳа: ло ҳавла ва ло….

Дар интиқод бар коре: мо наҷҷор нестем, аммо медонем тахта каҷ аст.

Дар ташвиқ ва сипосгузорӣ: Худо бароят аҷр диҳад. Моро харидӣ!

Дар шитоб: оҷил ва бидуни як лаҳза маъталӣ!

Дар тавзеҳи иҷрои фармон: ором-ором ва бо диққат!

Ва нававариҳое дар забони дарӣ: хубтартар, беҳтартар.

Каме ҳам дар бораи зиндагии хонаводагиаш бидонем.

Аҳмадшоҳи Масъуд дар соли 1988 бо духтари ёвараш Тоҷиддин издивоҷ кард, ки ҳамаи мо ӯро коко (амак) Тоҷиддин садо мекунем. Коко Тоҷиддин аз замоне, ки Масъуд вориди Панҷшер шуд ва ҷанг бар зидди ҳукумати коммунистиро оғоз кард, бо ӯ ҳамроҳ шуд. Ӯ ёр ва ёвари вафодори Масъуд ба ҳисоб меравад ва дар миёни мо ба чашму сояи Масъуд шӯҳрат дошт. Ин ростӣ буд. Ӯ бо он чашмони тезбин, ки Масъудро ба ҳайрат меандохт, монанди соя Масъудро дунбол мекард ва кам иттифоқ меафтад, ки Масъудро бе ӯ бубинӣ.

Маросими арӯсиаш дар ҳузури чанд тани маҳдуд аз ҳамкорони роздораш сурат гирифт. Ба хотире, ки Масъуд таври давомдор аз тарафи шӯравиҳо ва ҳукумати коммунистӣ мавриди пайгард қарор дошт ва ба ҳамин сабаб буд, ки бисёр мутаҳаррик ва номуназзам амал мекард, то ба душман фурсати ҳамлаи ғофилгирона бар худро надиҳад. Инак, агар душман аз ин мавзӯъ иттилоъ пайдо мекард, маҳалли иқомати хонаводааш метавонист, нуқтаи хубе барои ҳамлайе бошад, ки шӯравиҳо ва ҳукумати коммунистӣ ҳеҷ гоҳ муваффақ ба он нагардиданд.

Аз замони издивоҷ ба баъд хонаводаи Масъуд ҳам ба ҳукми тааллуқ аз дунболи ӯ дар ҳаракат шуданд ва ҳар ҷо ӯ мерафт, бо ҳифзи як фосилаи муайян бо Масъуд буданд.

Масъуд бар хонаводаи худ инзиботи (назму тартиби) хосе эъмол мекард. Таври мисол, занашро номаҳрам надид ва дар ин маврид бисёр ғаюр ва ҳассос.

Дар хонаи ӯ фақат бародарони занаш рафту омад доштанду бас. Албатта, ин ҳукм шомили занон намегардид ва занон, чунон ки мардон назди Масъуд мурочиъа доштанд, назди хонаводааш мерафтанд ва мушкилоти худро мегуфтанд ва дарди дил мекарданд.

Фаромӯш кардам, бигӯям, Масъуд ба умури (корҳои) занон дар давраи ҳаёти хеш таваҷҷӯҳ дошт. Духтарон дар мактаб дарс мехонданд, дар шифохона кор мекарданд. Ва дар соли 1982, ки талафоти ғайринизомиёни мо зиёд буд, ба хусус занон, ӯ бо ҳимоят аз таъсиси як клиника, ки тавассути як хонуми фидокори фаронсавӣ ба номи Луронс асос гузошта шуд, ба ҳоли онҳо таваҷҷӯҳи хос кард, ки қобили ёдоварист.

Ҳосил аз издивоҷи Масъуд шаш фарзанд аст, ки аввалӣ писар аст ва мутобоқӣ духтар. Фарзандонаш ҳама монанди худаш боистеъдоданд. Аммо писараш Аҳмад аз бисёр ҷиҳатҳо ба падараш шабоҳат дорад ва умед, ки битавонад, ҷойи падарро бигирад ва роҳи падарро идома диҳад.

Масъуд дар хонаи гилин ва одӣ, ки аз падараш мебошад, зиндагӣ мекард. Дар соли 2000 хонаи падарашро мутобиқ ба тарҳе, ки худ таҳия карда буд, аз нав сохт. Ва ин ёдгори ху-

бе аз истеъдоди муҳандисии ӯст. Ҳамеша орзу дошт, рӯзе бирасад, ки онро такмил кунад.

Дарвоқеъ, Масъуд дар замони ҳаёти хеш на замин дошт ва на хонаи шахсӣ. Ӯ баъд аз худ ҷуз либосҳо ва китобҳояш чизи дигаре ба мерос нагузошт. Фақат баъд аз шаҳодаташ буд, ки як хона ва як қитъа замин барои хонаводааш таҳия карданд.

Сармояии шахсии ӯ як миқдор пули андак буд, ки масорифи шахсии худро аз он медод ва онро иддайе аз дӯстонаш таври ҳадя ба ӯ дода буданд.

Дар масрафи байтулмол (хазина) ниҳоят муҳтот (боэҳтиёт) буд ва ба сахтгирӣ дар масорифи пулӣ шӯҳрат дошт.

## ОХИРИН РӮЗҲОИ ЗИНДАГИИ МАСЪУД

Асосан Масъуд дар яке-ду соли охири ҳаёти хеш каме хаста ба назар мерасид. Дарди камар гоҳе ӯро ба сахтӣ меозурд, то ҷойе, ки ба мушкил метавонист қомати худро рост кунад.

Аз он замоне, ки ӯ дар нуздаҳсолагӣ мубоpизаро оғоз карда буд, инак, сӣ сол мегузашт ва ӯ ҳамчунонӣ рӯзҳои аввали мубориза мехост шонздаҳ соат кор кунад ва бо каме истироҳат рафъи хастагӣ намояд: аз он рӯзе, ки навҷавони пуршӯр буд, то имрӯз, ки мӯйҳо ва ришҳояш ба тарафи сафедӣ мерафтанд. Аз он рӯз, ки бар зидди коммунизм меҷангид, то имрӯз, ки бар зидди терроризм дар ҷанг буд. Аммо ҷанги имрӯз ба маротиб мушкилтар аз дирӯз буд, зеро коммунизм як таъриф дошт, аммо терроризмро ҳар кӣ мутобиқи майли худ таъриф мекард.

Дуруст, ки ӯ саре пурғавғо дошт. Аммо ҷисми ӯ дар марзи панҷоҳсолагӣ таҳаммули ин ҳама борро надошт ва ба дард меомад: гоҳе камар ва замоне ҳам дандон. Дуктурон ҳам истироҳатро барояш таҷвиз мекарданд, аммо ӯ фурсати каме барои истироҳат дошт.

Ӯ дар охирин солҳои зиндагии худ даст ба иқдомоте зад, ки бояд онро солҳо қабл мекард. Монанди сафар ба Урупо,

ташкили як ҷабҳаи сиёсӣ дар хориҷ, ташкили як ҷабҳаи низомӣ ва як ҳизби сиёсӣ дар дохил, манъи фаъолиятҳои созмонӣ дар амри дифоъ, таваҷҷӯҳ ба муттаҳидин, таваҷҷӯҳ ба равобити хориҷӣ ва ғайра.

Аммо ӯ ба поёни рисолати хеш наздик шуда буд ва бисёр бехабар ҳам набуд. Аввалин бор дар иҷтимоъи чанд дӯст мегӯяд: «Хоб дидам. Он шахс, ки дар аввали ҷиҳод камари маро баста буд, инак, маро хобонд ва занахи (манаҳи) маро баст».

Чанд рӯз баъд дар хона мегӯяд: «Ман шаҳид мешавам». Сипас, рӯ ба писараш Аҳмад мекунад ва мегӯяд:

– Маро ба сари он теппа дафн кунед.

Ва баъд аз ӯ мепурсад:

– Метавонӣ то сари қабри ман бо як давиш биёйӣ?

Ва ҳангоми либос пӯшидан дар хона мегӯяд:

– Ин охирин либос пӯшидани ман дар ин хона аст.

Ва дуруст гуфта буд. Ӯ дигар барнагашт.

Шабакаи дӯстони махфиаш, яъне сӯфиён низ дар охирин рӯзҳо сахт парешону нооромбуданд. Онҳо хабар аз ҳодисае медоданд, ки замон ва чигунагиашро фақат Худо медонист. Сафирҳои ин сӯфиён аз хориҷ ва дохили кишвар ба сӯи Масъуд дар ҳаракат буданд ва бо ин пайғом, ки: хабарҳои баде мерасад ва дилҳоямон бароят мезанад!

Баъзе аз ин қосидон қабл аз шаҳодати ӯ расиданд ва иддайе баъд аз он. Ман намехоҳам дар ин ҷо ба шарҳи он бипардозам. Зеро дунёи сӯфиён чизҳои боварнакарданӣ бештар дорад, то боваркарданӣ.

Ман дар замони ҳодисаи шаҳодати ӯ дар Тоҷикистон будам. Ва тақдир чунон буд, ки як соат баъд аз ҳодиса бар сари пайкари хаста ва хунини ӯ расидам. Ва ин охирин дидори мо буд.

Сухан аз Тоҷикистон рафт, иҷоза диҳед, хотирае аз замони корам дар он ҷоро, ки ба зиндагии Масъуд иртибот мегирад, бароятон нақл кунам.

Муддате хонаводаи Масъуд дар шаҳри Душанбеи Тоҷикистон иқомат доштанд. Ва хонае барояшон иҷора карда будем. Иллати иқомати онҳо ин буд, ки дарди дандон

Масъудро бисёр азоб медод ва дуктур суфориш карда буд, ки агар мехоҳад дандонҳояш тадовии асосӣ шавад, бояд муддати бештаре дар он ҷо бимонад. Бад-ин манзур хонаводаи ӯ дар шаҳри Душанбе буд ва ҳар боре, ки Масъуд фурсат меёфт ба Душанбе биёяд, дар канори хонавода роҳаттар мебуд, то дар меҳмонхонаи мо.

Як рӯз, ки мехост озими Афғонистон гардад, ман тибқи маъмул рафтам ӯро аз хона то фурӯдгоҳ мушойиат (гусел) кунам. Вақте Масъуд аз хона хориҷ шуд, духтараки кӯчакаш (Насрин) ҳам бо ӯ буд. Чун ба мутар савор шудем, пурсидам:

– Ӯ ҳам бо шумо меравад?

Гуфт:

– Не, ӯ то майдони ҳавоӣ бо ман меравад.

Албатта, ин дувумин бор буд, ки духтаракашро бо ӯ медидам. Бори аввал боз ҳам дар Душанбе, вақте бо Масъуд барои адои намози ҷумъа мерафтем, ӯ бо падараш омад ва дар дохили мошин нишаст, то мо намозро тамом кардем. Ба мошин баргаштем. Масъуд дар ҳоле, ки ба тарафи духтаракаш нигоҳ мекард, шурӯъ кард ба сӯҳбат дар бораи ӯ ва гуфт:

– Дар миёни ҳама фарзандонам, ин аз ҳама бештар мутаваҷҷеҳи ман аст. Ва ҳатто аз тарзи либос пӯшиданам медонад, ки ҷойи дур меравам ё наздик.

Ва суханоне аз ин қабил, ки ба фурӯдгоҳ расидем, Масъуд билофосила савори чархбол шуд ва ба тарафи Афғонистон парвоз кард. Ман ҳам баргаштам, то ба тарафи шаҳр биравам, ки чашмам ба духтараки Масъуд уфтод, ки дохили мутар бо чеҳраи мағмум ва гирифта нишаста ва чархболро нигоҳ мекунад. Наздикаш шудам, дидам: ашк дар чашмонаш ҳалқа баста ва роҳи берун рафтан меполад. Фикри шӯхӣ ба сарам зад. Сарро пеш бурда, ба овозе, ки бар ғамаш биафзояд, гуфтам:

– Падаракат рафт!

Ва «рафт»-ро бо лаҳни кашида гуфтам, ки ногаҳон ба гиря оғоз кард ва ман ба суръат дур шудам. Чаро ин шӯхиро бо тифлаки маъсум кардам, намедонам. Фикр мекунам, ҳама

мардҳо чунинанд (ва ё ағлабашон). Ин қиссаро Торикҳи беинсоф – бародари зани Масъуд ба ӯ карда буд ва ман бехабар. Бори дигар, ки Масъуд ба Душанбе омад ва ҳангоми бозгашт ӯро то фурӯдгоҳ мушойиат мекардам, духтаракаш боз ҳам бо ӯ буд. Дар роҳ аз ман пурсид:

– Хуб, Регистонӣ! Қисса кун, ки духтарамро чӣ гуна гирёнда будӣ?

Албатта, ба тариқи гилояомез набуд, балки барояш ҷолиб омад. Ман фавран фаҳмидам, ки касе ҷараёнро барояш нақл карда ва ҷойи инкору фирор боқӣ нест. Ночор ҷараёнро то ахир бидуни каму кост барояш таъриф кардам. Масъуд дар ҳоле, ки механдид ва ба тарафи духтаракаш нигоҳ мекард, гуфт:

– Духтарамро озор надиҳед, ки маро бисёр дӯст дорад!

Дар ин ҷо ман ба хотири ин ки он шӯхии аҳмақонаамро мудаллелтар карда бошам, гуфтам:

– Омир соҳиб! Табиати ин занон чунон аст, ки ҳадди ақал ҳафтае як бор бояд гиря кунанд ва илло ҳаққу ноҳақ пархош мекунанд!

Масъуд ба кашфи файласуфонаи ман хандид ва чизе нагуфт.

Аҳмадшоҳи Масъуд беш аз ними умри худро ба хотири аҳдофи олӣ сарф кард ва ранҷи як миллатро ба танҳоӣ бурд. Ӯ пушаймон набуд, умедвор буд. Ӯ гуфта буд: «Ҳама кас зиндагӣ мекунад. Муҳим аст, ки чӣ гуна зиндагӣ мекунӣ!»

Масъуд сӣ соли умри худро вақфи ин чаҳор ормон кард:

Ислом – Афғонистон – Мардум – ва Озодӣ.

## СУХАНОНЕ БА ҚАЛАМИ МАСЪУД БА УНВОНИ ЁДГОРӢ АЗ РӮЗҲОИ ДУШВОР

«Оё ҳамин ҳоло аз марг метарсам? Ба яқин, на, ба Худованд, на!

Ба шаҳодати худ воқеан хурсандам. Ва имони комил дорам, ки Худованд ба ваъдаи худ вафо мекунад ва аз гуноҳони каму зиёдам ҳам хоҳад гузашт ва ҳаёти ҷовидону роҳати ҷовидониро насибам хоҳад намуд.

Фақат камтар ташвиш дорам, ки баъди марги ман бародарони ҳамсангарам чӣ тавр хоҳанд кард? Ин ташвиш ҳам бароям чандон ранҷовар нест. Чи мардум Худое доранд ва ӯ боқудрат аст ва аз ҳама карда дилсӯзтар. Агар як даре баста гардад, сад дари дигаре боз кунад.

Воқеан, аз зинда дастгир шудан метарсам.

Ин ки коммунистҳо маро бигиранд, тавҳин ва таҳқир кунанд, азобам бидиҳанд ва ман зери фишори онҳо муқовимат карда натавонам ва бародаронеро, ки дар байни душман фаъолият доранд, ифшо кунам.

Худовандо, хайр ба дасти туст. Сад бор шаҳодатро қабул дорам, магар асир шуданро на!

Худоё, манро асири дасти душман насозӣ. Ту холиқӣ. Ба ту ниёз мекунам, ки маро асири дасти душман насозӣ».

19.05.1984. Дараи Хейлоб (Пойгоҳи мо дар шимоли Афғонистон, ки ҳоло номи ӯро гузаргоҳи Нур гузоштаанд).

(Масъуд ин ёддоштҳоро дар замоне, ки як моҳ аз оғози ҳамлаи ҳафтуми шӯравиҳо, ки ба таърихи 21 апрели 1984 гузаштааст, навиштааст).

Дарраи Хейлоб (Пойгоҳи мо дар шимоли Афғонистон).

## ТАНЕ ЧАНД АЗ ЁРОНИ МАСЪУД

**Мирдод Панҷшерӣ** дар соли 1954 дар деҳкадаи Раҳмонхели Панҷшер таваллуд гардид. Синфи дувоздаҳумро дар литсейи Ибни Сино ба поён расонд. Сипас ба Донишкадаи зироати Кобул шомил гардида, аз он ҷо ба хотири фарогирии таҳсилоти олӣ ба Донишгоҳи Фрисно Девиси Иёлати Калифорнияи Амрико шомил гардид. Дар соли 1977 дар риштаи инҷенери генетикаи наботӣ ва зироати умумӣ дуктуриро ба даст овард. Баъд аз фароғат ба Ватан баргашта, дар бахшҳои зироатӣ кор кард. Таъсиси ширкати тухмҳои ислоҳшудаи гандум аз корҳои чашмраси ӯст. Аз назари сиёсӣ узвияти Ҳизби демукротики халқи Афғонистонро дошт. Аммо ба хотири таҳсилоташ дар Амрико дар ҳизб мартабаи баланд наёфт. Дар замони ҳузури шӯравиҳо дар Афғонистон (1979-1989)бо мушовирини зи-

роатии онҳо ихтилоф пайдо кард ва мавриди белутфии мақомоти ҳизбӣ ва давлатӣ қарор гирифт.

Дар соли 1982, чунон ки дар китоб омада, вориди пурусаи оташбас гардид. Аммо ҳанӯз оташбас ба поён нарасида буд, ки тавассути давлати коммунистӣ дар соли 1983 дастгир ва бо хонаводааш ба зиндон андохта шуд. Ибтидо маҳкум ба эъдом (қатл) ва баъд маҳкум ба ҳабси абад гардид. Хонаводааш ба зудӣ озод гардид ва худаш муддати 7 сол дар зиндон монд, то ин ки монанди ду ҳамкори дигараш Гулдод ва Довуд дар замони пирӯзии муҷоҳиддин дар соли 1992 аз зиндон раҳо гардид. Аз соли 1992 то 1996 муовини Вазорати зироати ҳукумати муҷоҳидин буд.

Дар давраи муқовимат (1996-2001) раиси Кумитаи бозсозии ҷабҳа буд ва дар ҳоли ҳозир Вазири мушовир дар Вазорати зироати Афғонистон мебошад.

* * *

**Тоҷиддин** машҳур ба амаки Тоҷиддин – фарзанди мулло Муҳаммаддин дар соли 1940 дар деҳкадаи Бозораки Панҷшер таваллуд гардид. Падараш мударриси улуми динӣ дар маҳал буд. Таълимоти ибтидоиро назди падар омӯхт. Дар айёми ҷавонӣ пешаи озод дошт ва гоҳе дар дӯкони кӯчаки падарӣ кор мекард. Соли 1979, ки Масъуд вориди Панҷшер шуд ва ҷиҳодро оғоз кард, бо ӯ ҳамроҳ шуд. Ба зудӣ наздиктарин ёр ва ёвари Масъуд гардид. Ва ин аз сабаби сифоти писандидаи ӯ дар миёни муҷоҳидин ба амак Тоҷиддин шӯҳрат ёфт. Зеро ӯ ба ҳамагӣ дилсӯзӣ ва таваҷҷӯҳи яксон дошт. Масъуд баъдҳо бо духтари ӯ издивоҷ кард ва пайванди бародарӣ бо ӯро бо васлати ҷадид устувортар кард. Дар соли 1984 дар ҷараёни ҳафтумин ҳамлаи шӯравиҳо бар Панҷшер рӯзе амаки Тоҷиддин ба хотири паст шудани ногаҳонии фишораш беҳуш шуд. Масъуд дар дафтари хотироташ дар ин бора менависад: «Худоё, ӯро аз ман нагир, ман дӯсти наздиктар аз ӯ надорам». Ин ҷумла мавқеияти ӯ назди Масъудро нишон медиҳад.

* * *

**Азмуддин** фарзанди мулло Нуқлиддин дар соли 1953 дар

деҳкадаи Порандеҳи Панҷшер (зодгоҳи нигоранда) чашм ба ҷаҳон кушуд. Таҳсилоти ибтидоиро дар мадориси хусусӣ ба поён расонида, сипас ба хидмати сарбозӣ рафт. Муддате дар пуружаи обёрии вилояти Парвон кор кард. Сипас равонаи Эрон гардид. Вуруди ӯ ба хоки Эрон, якуним сол қабл аз Инқилоби исломӣ дар он ҷо буд. Ҳукумати шоҳии он вақти Эрон ӯро ба ҷурми ҳамкорӣ бо муборизини зидди шоҳӣ дастгир ва зиндонӣ сохт. Якуним сол дар зиндон монд ва бо пирӯзии Инқилоби исломии Эрон аз зиндон раҳо гардида, дар соли 1970 ба ватан баргашта, шомили ҳамкорони Масъуд гардид.

Аз ҳамон оғози кор бо Масъуд дар бахши иттилоот ва истихборот ба кор оғоз намуд ва то Масъуд зинда буд, бахши аз махфитарин корҳои иттилоотиро ба дӯш дошт. Дар айни замон пӯшиши аз корҳои дигарро низ бо худ дошт: монанди Раёсати таҳия ва тадорукоти ҷабҳа, Раёсати техникии Вазорати амнияти миллӣ ва ё вазифаи ҳозира – Раёсати хӯрокаи Вазорати дифоъ.

Азмуддин дар тӯли айёми кор тақдирномаҳо ва мукофот низ ба даст оварда аст. Аз он ҷумла рутбаи ҷенерол лейтенант дар соли 2002.

* * *

**Дуктур Муҳаммад Амин** (машҳур ба дуктур Барӣ) дар соли 1955 дар Кобул таваллуд гардид. Таҳсилоти ибтидоиро дар мактаби Ғозӣ Аюбхон намуд ва давраи баъдиро дар литсейи Нодирия дар соли 1977 ба поён расонд. Баъд аз фароғат ба бахши низомӣ рафта, ба Донишгоҳи низомии Кобул шомил гардид. Аз он ҷо ба хотири таҳсилоти олӣ ба кишвари Ҳиндустон фиристода шуда, ба Донишкадаи тиббии шаҳри Пуна шомил гардид. Баъд аз фароғат аз он ҷо дар соли 1980 ба ватан баргашта, дар Академияи улуми тиббии Вазорати дифоъ адои вазифа намуд. Баъд аз як сол кор дар Академияи улуми тиббӣ ба нисбати беморӣ тақозои бознишастагӣ намуд ва ин дар соли 1989 буд.

Ҷараёни ошноии ӯ бо Масъудро аз китоб ҳатман ба хотир доред. Ӯ аз навҷавонӣ бо Масъуд дӯст шуд ва то охир мав-

риди эътимоди ӯ буд.

Ҳангоми пирӯзии муҷоҳидин дар соли 1992, яъне баъд аз 15 сол бори дигар Масъудро дид ва дар хидмати ӯ қарор гирифт. Масъуд корҳои хоси худро ба ӯ месупурд ва ӯ он корҳоро бо садоқати тамом бо вазифашиносӣ анҷом медод. Баъд аз шаҳодати Масъуд дар бунёде, ки ба номи Аҳмадшоҳи Масъуд таъсис гардида ва «Бунёди шаҳид Масъуд» ном дорад, кор мекунад.

* * *

**Яҳё Масъуд** машҳур ба Ҷоноғо дар соли 1951 дар ноҳияи Наҳрини вилояти Бағлон таваллуд гардид. Давраи ибтидоиро дар литсейи «Истиқлол»-и Кобул бо бародари кӯчакаш Аҳмадшоҳ Масъуд як ҷо хонд ва давраи баъдиро дар литсейи «Нодирия» ба поён расонд.

Ҳангоме ки Масъуд дар дувумин соли ҳукумати Раиси Ҷумҳур Муҳаммад Довуд (1972-1977) Афғонистонро тарк гуфт, Яҳё ва хонаводаашон таҳти таъқиби пулис қарор гирифт. Дар соли 1977, ки ҳукумати коммунистӣ дар Афғонистон ба вуҷуд омад, Яҳё муддате зиндонӣ гардид. Баъд аз озодӣ аз зиндон ба Эрон фирор намуд ва дар он ҷо ба узвияти Ҳизби ҷамъиятии исломии Афғонистон шомил гардид. Муддати як сол дар дафтари фарҳангии Ҷамъияти исломии Афғонистон дар шаҳри Зоҳидони Эрон кор кард. Дар соли 1982 ба ҷабҳаи Панҷшер ворид гардида ва муддати як сол дар Кумитаи даъват ва ҷиҳоди ҷабҳа кор кард. Дар соли 1984 ба Покистон рафта, дар бахши равобити хориҷӣ барои ҷабҳа фаъолият намуд. Дар соли 1993 ба ҳайси дипломот дар Сафорати Афғонистон дар Ҷумҳурии Поланд (Полша) кор кард. Дар ҳоли ҳозир ба фаъолиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ масруф мебошад.

* * *

**Гулдод** фарзанди Мавлодод дар соли 1936 дар деҳкадаи Ҳисораки Панҷшер таваллуд гардид. Улуми диниро дар мадрасаи маҳал омӯхт. Дар навҷавонӣ пешаи деҳқонӣ дошт, аммо баъдҳо ба хотири ёфтани кори беҳтар ба Кобул рафт.

Аз ҳамон оғози вуруд ба Кобул то имрӯз дар ҷодаи Нодир Паштуни Кобул ӯҳдадори нигаҳбонии дӯконҳост. Ин машғулият аз масъулияти ӯ дар деҳкадааш Ҳисорак накостааст ва ӯ ҳамчунон намояндаи мардум ва аз муйсафедони қобили эҳтироми қавми хеш аст.

Чунон чи дар бахши «Оташбас» хондед, Гулдодхон тавонист Муҳаммад Довудро аз тариқи кӯҳҳои душворгузар назди Масъуд бирасонад. Ин нукта мерасонад, ки Гулдодхон робитаи қаблӣ бо Масъуд дошта ва мавриди эътимоди ӯ будааст.

Гулдодхон марди қонеъ, сабур ва роздор аст, ба хотири хадамоташ ҳеҷ мукофоте барояш надоданд ва шикояте ҳам аз ин ноҳия надорад.

Ӯ аз табори мардони воқеист.

* * *

**Муҳаммад Довуд** – фарзанди Саркарда дар соли 1933 дар Деҳкадаи Ҷангалаки Панҷшер таваллуд гардид. Таълимоти ибтидоиро дар маҳал фаро гирифта, сипас дар мактаби низомии Кобул шомил гардид, баъд аз фароғат аз мактаби низомӣ ба Донишгоҳи низомии Кобул шомил ва дар соли 1946 аз он ҷо фориғ шуд. 32 сол дар бахшҳои низомӣ дар вилоёти мухталифи Афғонистон кор карда, дар соли 1978 бознишаста шуд.

Дар соли 1982 ба даъвати раис Мирдод вориди пурусаи Оташбас гардид, чунончи дар китоб хондед. Муҳаммад Довуд аз ақориби Масъуд буд, ба ҳамин хотир дар ибтидои пурусаи Оташбас нақши робитро байни ду тараф бозӣ кард. Баъди барқарории Оташбас ба ҳайси раиси ноҳияи Аъноба ба мувофиқаи ду тараф таъйин гардид.

Дар соли 1984 монанди раис Мирдод ва Гулдодхон ба ҷурми ҳамкорӣ бо Масъуд аз тарафи ҳукумати коммунистӣ ба зиндон андохта шуд ва ба 18 сол ҳабс маҳкум гардид.

Муддати 7 солро дар зиндон монд ва монанди дӯстонаш Мирдод ва Гулдод бо пирӯзии муҷоҳидин дар соли 1992 аз зиндон раҳо гардид, аммо бахт ба ӯ ёрӣ накард ва баъд аз раҳоӣ даргузашт.



# ЗИНДАГИНОМАИ СОЛЕҲМУҲАММАДИ РЕГИСТОНӢ БО ҚАЛАМИ ХУДАШ

Ман, Солеҳмуҳаммади Регистонӣ 19-уми августи соли 1963 дар Панҷшер таваллуд шудам. Нуздаҳуми август баробар аст бо Рӯзи истиқлоли Афғонистон аз Бритониё ва шояд ба ҳамин хотир аст, ки истиқлол ва озодиро бисёр дӯст дорам. Ҷолибтар он ки мактабро ҳам дар литсейи «Истиқлол»-и Кобул, ки ба хотири истиқлоли кишвар ба ин ном ёд мешавад, ба поён расондам. Ва аммо Регистонӣ аз он хотир номи хонаводагии ман аст, ки аҷдоди ман дар асри амир Темури Кӯрагонӣ аз деҳкадаи Даҳбеди Самарқанд ба ҷануби Хуросон, ҷое ки имрӯз Панҷшер номида мешавад, тағйири макон доданд ва чун маркази шаҳри Самарқанд Регистон ном дорад, аз он ҷиҳат ман Регистонӣ тахаллус мекунам.

Ман баъд аз фароғат аз синфи дувоздаҳум дар соли 1980 ба зодгоҳам Панҷшер рафта, дар ҷиҳоди муқобили нерӯҳои Иттиҳоди Шӯравӣ зери раҳбарии шаҳид Аҳмадшоҳи Масъуд иштирок кардам. Дар соли 1982 шомили гурӯҳи кории Аҳмадшоҳи Масъуд шудам. Ин гурӯҳ муташаккил аз як теъдод ҷавонони таҳсилкарда буданд, ки бо худи Аҳмадшоҳи Масъуд кор мекарданд.

Дар соли 1984 ба ҳайси раиси шӯъбаи амалиёти Шӯрои наззор–ургони роҳбарикунандаи нерӯҳои зери роҳбарии Аҳмадшоҳи Масъуд таъйин гардидам ва то соли 1997, ки маро ба ҳайси намояндаи худ ба Тоҷикистон фиристод, ба ҳамин вазифа машғул будам. Дар канори раёсати бахши амалиёт ба ҳайси устоди низомӣ, сиёсӣ ва ақидатӣ низ ифои вазифа кардаам. Таҷриба ва тахассусам дар бахши низомӣ «Ҷангҳои партизанӣ» аст, аммо дар бахшҳои дигар ҳам кор кардаам.

Бо пирӯзии муҷоҳидон дар соли 1992 шомили Донишгоҳи Кобул гардида, аз донишкадаи ҳуқуқ ва улуми сиёсӣ бо дараҷаи лисонс фориғ шудам. Аз соли 1997 то соли 2000 ба ҳайси вобастаи низомӣ ва намояндаи хоси Аҳмадшоҳи Масъуд дар Тоҷикистон кор кардам. Аз соли 2000 то 2003 ба ҳайси вобастаи низомӣ ва намояндаи Аҳмадшоҳи Масъуд дар Федератсияи Русия кор кардам. Дар соли 2004 ба Афғонистон баргашта, дар интихоботи порламонӣ иштирок карда ва ба ҳайси намояндаи мардум аз вилояти Панҷшер ба маҷлиси намояндагон роҳ ёфта, то соли 2008 намояндаи маҷлис будам.

Гарчи нависанда нестам, аммо то ҳол се китоби ман ба номҳои «Масъуд ва озодӣ», «Масъуд дар хотираҳо» ва «Мудохила ба ривояти мудохилагар» ба чоп расидаанд. Ҳамчунон навиштаҳои сиёсиам дар расонаҳои дохилу хориҷ ба нашр расидаанд. Агар умр боқӣ бошад, мехоҳам таърихи муборизоти Аҳмадшоҳи Масъудро дар панҷ ҷилд бинависам.

Ба забонҳои русӣ, арабӣ ва инглисӣ сӯҳбат карда метавонам.

Издивоҷ карда ва дорои ду писару як духтар мебошам.

## ИЗҲОРИ СИПОС ВА ИМТИНОН

Чопи китоби «Масъуд ва озодӣ» ба хатте, ки барои тоҷикзабонон қобили хондан бошад, бидуни ҳамкории ашхосе, ки дар ин ҷо ном мебарам, номумкин буд. Ҳамин дӯстдорони Масъуд ва таърих буданд, ки маро тарғиб намуданд, то китобро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони тоҷикӣ чоп намоям. Оқоён Ҳоҷӣ Абдушукури Саидаҳтам ва Муҳаммадӣ Сафолов китобро ба хатти тоҷикӣ баргардон ва хонум Наргис Риҷо ва Ҳусния онро компютарӣ карданд. Оқоён Нураҳмади Риҷо – Атташеи тиҷоратӣ ва Ҳусайни Саид – Атташеи низомии Сафорати Афгонистон низ бо тамоми имконоташон дар чопи китоб ёрӣ расонданд. Оқои Фурқат Обидов китобро тарроҳӣ ва дизайн намуданд. Зебоии китоб натиҷаи маҳорат ва таваҷҷӯҳи эшон аст.

Аз тамоми ин ҳамкорони гиромӣ аз самими қалб ташаккур менамоям, ба хусус аз хонум Наргис Риҷо, зеро эшон ба чопи китоб бештар аз дигарон таваҷҷӯҳ намуданд.

*Солеҳмуҳаммади Регистонӣ*

## ФЕҲРИСТ

Тасвири бузург дар ойинаҳои кӯчак ..... 3
Муқаддима ..... 7
Пешгуфтор барои чопи дувум ..... 9
Аз ёддоштҳои Масъуд ба қалами худаш ..... 12
Оташбас (1983-1984). Ошноӣ бо Анатолий ..... 13
Бозгашти Анатолий ба Афғонистон ..... 16
Кашонда шудани дубораи ман ба моҷаро ..... 21
Рафтани довталабона ба Афғонистон ..... 24
Мулоқот бо Масъуд ..... 27
Иллати оташбас ..... 30
Вазъи худи мо ..... 37
Тавзеҳи бештар дар бораи оташбас ..... 58
Яли Кечкин ва аждаҳои ҷаҳаннам ..... 76
Масъудшиносӣ ..... 81
Давраи кӯдакӣ то синфи аввал ..... 83
Синфи дувум то чаҳорум ..... 84
Синфи панҷум то ҳафтум ..... 84
Синфи ҳафтум ва алоими низомигарӣ ..... 85
Мушкилот дар мазмуни риёзӣ ..... 88
Синфи ёздаҳ ва дувоздаҳ ..... 89
Хатми мактаб ва алоқа ба Донишгоҳи низомӣ ..... 89
Ошноӣ бо Сабур ..... 90
Синфи аввали политехник ..... 90
Кудетои Довудхон, 1973 ..... 91
Ошноӣ бо инженер Ҳабибурраҳмон ва тарҳи кудетои аввал ..... 92
Шаҳодати инженер Ҳабибурраҳмон ..... 95
Фирор ба Покистон ..... 95
Дар Покистон ..... 96
Кудетои дувум: 1974 ..... 97
Масъуд дар махфигоҳ ..... 100
Ихтилоф бо Ҳикматёр ..... 102
Қатли инженер Ҷонмуҳаммад ..... 104
Тавтиа барои қатли Масъуд тавассути Ҳикматёр ва ISI ..... 105
Кудетои коммунистӣ, апрели 1978 ..... 107
Масъуд ва оғози ҷиҳод, 1979 ..... 108
Чаҳор ормони Масъуд ..... 116
I. ИСЛОМ ..... 116
Аввалин устодони Масъуд ..... 117

Улуми исломие, ки Масъуд медонист ........ 118
Сарфу наҳв ........ 118
Таҷвид ........ 118
Тафсир ........ 118
Фиқҳ ........ 119
Сирати Паёмбари Ислом салаллоҳу ъалайҳи васаллам ........ 120
Усул ........ 120
Ақойид ё калом ........ 121
Ҳадис ва усули ҳадис ........ 122
Масъуд ва тақво ........ 122
Зикр ва тасмия ........ 123
Масъуд, манҳиёт ва макруҳот ........ 124
Ҳашиш дар миёни муҷоҳидин ........ 125
Парҳез ва эҳтиёт дар байтулмол ........ 126
Зиддият бо зулму фасод ........ 127
Масъуд ва уламои дин ........ 129
Масъуд ва афв ........ 132
Шӯро ........ 136
Масъуд ва тасаввуф ........ 137
Омӯхтан ........ 142
II. АФҒОНИСТОН ........ 146
III. МАРДУМ ........ 153
Шӯрои фармондеҳон ........ 157
Шӯрои мардум ........ 157
Масъуд ва сулҳ ........ 159
IV. ОЗОДӢ ........ 171
Шуҷоати ахлоқӣ ........ 175
Даври севуми ҳаёти Масъуд ........ 188
Қатли Масъуд ........ 192
Аҳмадшоҳи Масъуд дар як хулоса ........ 193
Истилоҳот дар гуфтор ........ 199
Охирин рӯзҳои зиндагии Масъуд ........ 202
Суханоне ба қалами Масъуд ба унвони ёдгорӣ
аз рӯзҳои душвор ........ 205
Тане чанд аз ёрони Масъуд ........ 206
Зиндагиномаи Солеҳмуҳаммади Регистонӣ
бо қалами худаш ........ 211
Изҳори сипос ва имтинон ........ 213

**Солеҳмуҳаммади Регистонӣ**

# МАСЪУД ВА ОЗОДӢ

*(Ёддошт аз зиндагию набарди*
*Аҳмадшоҳи Масъуд)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 17.05.2012 супорида шуд.
Чопаш 21.05.2012 ба имзо расид. Андоза 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 15,5. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар чопхонаи ҶДММ «Бебок» ба табъ расидааст.